ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Маҷаллаи илмӣ

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

Научный журнал

№1 (41)
2026

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН
Маҷаллаи илмӣ

№ 1 (41)
2026

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.

Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ

Сармуҳаррир: **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
Муовини сармуҳаррир: **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор**
Котиби масъул: **Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор**

Ҳайати таҳририя:

Насриддинзода Э.С.	**д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Маҳмудзода М.А.	**д. и. ҳ., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Ализода З.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Зоир Ҷ.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Ғаюрзода Ш.К.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. и. ҳ., профессор**
Раҳмон Д.С.	**д. и. ҳ., профессор**
Искандаров З.Ҳ.	**д. и. ҳ., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. и. ҳ., профессор**
Камолзода И.И.	**д. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонзода М.С.	**д. и. ҳ., дотсент**
Маҳмудов И.Т.	**н. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонов Ф.С.	**н. и. ҳ., дотсент**
Қодиров Н.А.	**н. и. ҳ., дотсент**

Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:
Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
Научный журнал

№ 1 (41)
2026

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.

Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет

Главный редактор: **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор**
Заместитель главного редактора: **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор**
Ответственный секретарь: **Миралиzода И.К. – д. ю. н., профессор**

Члены редколлегии:

Насриддинзода Э.С.	**д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана**
Махмудзода М.А.	**д. ю. н., профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистана**
Ализода З.М.	**д. ю. н., профессор**
Зоир Дж.М.	**д. ю. н., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. ю. н., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Гаюрзода Ш.К.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. ю. н., профессор**
Рахмон Д.С.	**д. ю. н., профессор**
Искандаров З.Х.	**д. ю. н., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. ю. н., профессор**
Камолзода И.И.	**д. ю. н., доцент**
Сулаймонзода М.С.	**д. ю. н., доцент**
Махмудов И.Т.	**к. ю. н., доцент**
Сулаймонов Ф.С.	**к. ю. н., доцент**
Кодиров Н.А.	**к. ю. н., доцент**

Научное редактирование и корректура:
Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)

Шарофзода Р.Ш.	Соҳибихтиёрии рақамӣ ва соҳибихтиёрии давлат	**7**
Сафарзода Б.А., **Каландаров И.**	К вопросу об идеологии государства: ценностно-правовой подход	**30**
Азиззода У.А., **Дадобоева З.А.**	К вопросу о соотношении категорий «правонарушение» и «правовая ошибка» в теории права	**45**
Мирализода И.Қ.	Куруши Кабир ва эъломияи ҳуқуқи башари ӯ	**52**
Сафарализода Д.С.	Таҳдидҳои дохилию берунии иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба ҳуқуқи инсон	**59**
Каримҷонзода М.К.	Мафҳум ва моҳияти маърифати ҳуқуқӣ дар шароити муосир	**67**
Zayniddinov S.	Some terminological aspects of the Constitution of the Republic of Tajikistan	**79**
Холмуродов А.М.	Нигоҳи маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун унсури низоми маърифати ҷомеа	**87**
Шарифзод А.Р.	Таърихи пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон	**97**

ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 5.5.3) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.3)

Давлатмандзода Э.Д.	К вопросу последствий недействительности торгов	**106**
Саидова А.	Субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ	**117**
Рачабзода Б.С.	Розигии марду зани никоҳшаванда ва расидан ба синни никоҳӣ ҳамчун шартҳои ҳатмии бастани ақди никоҳ	**123**

ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 5.5.4) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.4)

Далери М.	Баъзе масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии танзими аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**136**

ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 5.5.5) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.5)

Раҳимзода М.З., **Давлатмандзода Э.Д.**	Мафҳуми бокортаъминкунӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ	**147**

ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)

Мирзозода Р.П.	Профилактикаи ҷиноятқорӣ: назария, амал ва нақши он дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ	**159**
Раҳмонзода М.Ҷ.	Баъзе аз масъалаҳои таснифи ҷиноятҳо дар соҳаи бонкӣ	**171**
Исмоилзода Р.И.	Аломатҳои субъективии қаллобӣ бо истифода аз	**181**

воситаҳои пардохти электронӣ
Каримзода Д. Баъзе аз масъалаҳои бандубасти маҷмуи воқеии ҷиноятҳо **192**
Қодирзода Б.Б. Норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ: мафҳум, тасниф ва роҳҳои бартарафсозӣ **202**
Абдуллозода Б.В. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор **214**
Гулзода Н.А. Такмили қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятқорӣ дар миёни занон **225**
Юлдошева Г.М. Предмет незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ **238**
Исматов Р.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) **247**
Рустамзода С.Р. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ **253**
Нажмидинов М.М. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои беморон: таҷриба ва меъёрҳои қонунгузории давлатҳои хориҷӣ оид ба хатогиҳои тиббӣ **265**
Рустамзода С.Р. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ **277**

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)

Шерализода М.Ш. Амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ **289**
Сафиева М.С. Мафҳум ва мавқеи ҳуқуқии шоҳид дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон **298**
Давлатзода М.С. Мафҳуми супоридани шахс дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон **305**
Рузизода Ю.Ё. Анализ законодательства и практики применения заключения под стражу в странах Азии **314**

ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (ИХТИСОС: 5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)

Идизода Ф.Ф. Асосҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии ҳамкории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ **328**
Джураев М.Т. Международное антитеррористическое сотрудничество: от универсальных Конвенций ООН к практическим механизмам Интерпола и региональных структур безопасности **341**

ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ (ИХТИСОС: 5.5.11) – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.11)

Шарифзода Ф.Р., Одиназода А.Ш.	Такмили низоми тайёр кардани кадрҳои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои муқовимат ба таҳдидҳои дохилии амнияти миллии кишвар	**356**

КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 5.5.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.12)

Назаров А.Қ.	Таҳаввулоти таърихӣ ва методологии криминалистика: аз қадим то замони муосир	**371**
Ашуралиева М.Д.	Таҳлили криминалистӣ хусусиятҳои шахсияти занони ҷинояткор	**381**

ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

Маҳмудов И.Т.	Тақриз ба «Ёддоштҳо»-и олими варзидаи тоҷик, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Ятимов С.С. (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. Хуҷанд: «Ношир», 2025. – 672 с.)	**389**
Сулаймонов Ф.	Рецензия на монографию Яценко Т.С. Гражданско-правовой режим использования и охраны нематериальных благ. Москва: Статут, 2025.	**400**
Абдуллозода П.С.	Теоретико-правовые основы международного сотрудничества в сфере уголовного судопроизводства (отзыв на автореферат)	**408**
Абдуллозода П.С.	Выдача лиц для уголовного преследования или исполнения приговора в государствах БРИКС: правовое регулирование и порядок осуществления (отзыв на диссертацию)	**411**

Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд **414**

Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека» **415**

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)

СОҲИБИХТИЁРИИ РАҚАМӢ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТ

Шарофзода Рустам Шароф,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.
Тел.: (992) 901000770
@mail: www-rustam-tj@mail.ru

Ихтисоси илмӣ: 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат
Муқарриз: Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда. Дар мақола мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» бо дарназардошти таносуби он бо мафҳуми анъанавии «соҳибихтиёрии давлат» таҳқиқ мешавад. Таҳлили таносуби мафҳумҳои зикршуда ҳоло мубрам аст, чунки дар илм ақидаҳои гуногуни баҳснок оид ба мафҳуми соҳибихтиёрии рақамӣ пешниҳод мешаванд. Ҳамаи андешаҳои мубоҳисавӣ асосан дар робита бо таносуби соҳибихтиёрии рақамӣ бо соҳибихтиёрии давлат ҷой доранд. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон соҳибихтиёрии давлат дар фазои рақамӣ халалдор мешавад, ба ақидаи дигарон соҳибихтиёрии рақамӣ ҷойи соҳибихтиёрии давлатро иваз намекунад, ба андешаи гурӯҳи дигари муҳаққиқон соҳибихтиёрии рақамӣ ҷузъи соҳибихтиёрии давлат аст. Аз ин хотир, таҳқиқи мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» аз лиҳози илмӣ ба муайян намудани таносуби он бо соҳибихтиёрии давлат мусоидат мекунад.

Омилҳои дигар низ ҷой доранд, ки зарурати таҳқиқи мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ»-ро тақозо доранд. Омилҳои мазкур асосан бо зарурати ҳимояи фазои рақамии дохилидавлатӣ (миллӣ) аз таҳдидҳои муосири рақамӣ (дахолати ширкатҳои глобалии иттилоотӣ, таъсиррасонии берунаи равонию идеологӣ ба фаъолияти муътадили фазои рақамии миллӣ, ҳуқуқвайронкунӣ дар фазои рақамӣ, кибертерроризм, киберэкстремизм ва ғ.) робита доранд. Соҳибихтиёрии рақамӣ бо дарназардошти омилҳои зикршуда ҳамчун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ баромад мекунад. Давлатҳои пешрафта бо мақсади таъмини дахлнопазирии фазои рақамии хеш маҷмуи тадбирҳои муасирро дар доираи роҳандозии ин ё он модели соҳибихтиёрии рақамӣ амалӣ намуда истодаанд. Дар натиҷа таҷрибаи гуногуни ҳимояи соҳибихтиёрии рақамӣ ташаккул ёфта истодааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи анҷомёфта хулоса пешниҳод мешавад, ки соҳибихтиёрии рақамӣ бо худ соҳибихтиёрии давлатро иваз карда наметавонад, соҳибихтиёрии давлатро заиф намегардонад, балки, баръакс, ба пойдории соҳибихтиёрии давлат мусоидат менамояд. Соҳибихтиёрии рақамӣ ба таҳқиқи доираи амалишавии салоҳияти ҳокимияти соҳибихтиёр дар фазои рақамӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: соҳибихтиёрӣ, соҳибихтиёрии давлат, соҳибихтиёрии ҳудудӣ, соҳибихтиёрии рақамӣ, ҳокимияти соҳибихтиёр, рақамикунонӣ, фазои рақамӣ, захираҳои рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, олами маҷозӣ.

ЦИФРОВОЙ СУВЕРЕНИТЕТ И СУВЕРЕНИТЕТ ГОСУДАРСТВА

Шарофзода Рустам Шароф,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры теории и истории государства и права
Тел.: (992) 901000770
@mail: www-rustam-tj@mail.ru

Научная специальность: 5.5.1. Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
Рецензент: Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

Аннотация. В статье исследуется понятие «цифровой суверенитет» в контексте его взаимодействия с понятием «государственный суверенитет». Научный анализ соотношения указанных понятий актуально в нынешних условиях, поскольку в науке предлагаются спорные суждения по поводу понимания цифрового суверенитета. Все спорные суждения существуют именно в контексте соотношения цифрового суверенитета и суверенитета государства. По мнению ряда исследователей, суверенитет государства может пошатнуться в цифровой среде, по мнению других, цифровой суверенитет не может подменять собой суверенитет государства, а третьи убеждены, что цифровой суверенитет является частью суверенитета государства. Поэтому научный анализ понятия «цифровой суверенитет» способствует раскрытию его соотношения с государственным суверенитетом.

Существуют также иные факторы, подтверждающие необходимость исследования понятия «цифровой суверенитет». Данные факторы, главным образом, связаны необходимостью защиты внутригосударственного (национального) цифрового пространства от современных цифровых угроз (вмешательство глобальных информационных корпораций, внешнее психологическое и идеологическое воздействие на нормальное функционирование национальной цифровой среды, правонарушения в цифровом пространстве, кибертерроризм, киберэкстремизм и др.).

Цифровой суверенитет в контексте указанных факторов выступает как социальное явление. Передовые государства в целях защиты собственного цифрового пространства реализуют своевременные меры в рамках реализации той или иной модели цифрового суверенитета. В результате складывается разная практика защиты цифрового суверенитета.

В результате проведенного исследования обоснован вывод о том, что цифровой суверенитет не способен подменять собой суверенитет государства, на ущемляет суверенитет государства, напротив, способствует упрочению государственного суверенитета. Цифровой суверенитет способствует анализу пределов реализации суверенной власти в цифровом пространстве.

Ключевые слова: суверенитет, суверенитет государства, территориальный суверенитет, цифровой суверенитет, суверенная власть, цифровизация, цифровое пространство, цифровые ресурсы, цифровые технологии, виртуальный мир.

DIGITAL SOVEREIGNTY AND STATE SOVEREIGNTY

Sharofzoda Rustam Sharof,
Tajik national university, faculty of the law, doctor of the legal sciences, professor, professor of the pulpit to theories and histories state and right
Тел.: (992) 901000770
@mail: www-rustam-tj@mail.ru

Scientific Specialty: 5.5.1. Theory and history of the law and state; history of theory of the law and state.
Research supervisor: Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

Abstract. This article examines the concept of "digital sovereignty" in the context of its interaction with the concept of "state sovereignty." A scholarly analysis of the relationship between these concepts is relevant in the current context, as scholars offer controversial views on the understanding of digital sovereignty. These controversial views exist specifically in the context of the relationship between digital sovereignty and state sovereignty. Some researchers believe that state sovereignty can be undermined in the digital environment, while others believe that digital sovereignty cannot replace state sovereignty, and still others are convinced that digital sovereignty is part of state sovereignty. Therefore, a scholarly analysis of the concept of "digital sovereignty" helps to clarify its relationship with state sovereignty.

There are also other factors that support the need to study the concept of "digital sovereignty". These factors are primarily related to the need to protect domestic (national) digital space from modern digital threats (interference by global information corporations, external psychological and ideological influence on the normal functioning of the national digital environment, offenses

in the digital space, cyberterrorism, cyberextremism, etc.). In the context of these factors, digital sovereignty emerges as a social phenomenon. Advanced states, in order to protect their own digital space, implement timely measures within the framework of various digital sovereignty models. As a result, different practices for protecting digital sovereignty are emerging.

The study substantiates the conclusion that digital sovereignty cannot replace state sovereignty; it does not infringe upon state sovereignty; on the contrary, it contributes to strengthening state sovereignty. Digital sovereignty facilitates the analysis of the limits of sovereign power in the digital space.

Key words: sovereignty, state sovereignty, territorial sovereignty, digital sovereignty, sovereign power, digitalization, digital space, digital resources, digital technologies, virtual world.

Рақамикунонӣ, ки бо ташаккули фазои рақамии ҷаҳонӣ алоқаманд аст, марҳилаи нави таърихӣ буда, натиҷаҳои он ба пешрафти ҷомеа мусоидат менамоянд. Тавре М.М. Аламшоева ва С.С. Қаландаршоев қайд мекунанд, технологияҳои рақамӣ, «ба монанди маълумотҳои калон, омӯзиши компютерӣ, номгӯи тақсимшуда, робототехника, ашёҳои зеҳнӣ, воқеияти виртуалӣ (мавҷуднабуда – виртуалӣ) ва пуррашуда, алоқаи бесим ва ғайра имрӯз ва ояндаи ҷомеаро ташаккул медиҳанд»[1].

Айни замон дар робита бо ташаккулу инкишофи босуръати олами рақамӣ зарурат ба таҷдиди назар намудани ақидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ, ки дар иртибот бо дарки анъанавии падидаҳои таърихан ташаккулёфтаи ҳаёти ҷомеа ва таҳқиқи падидаҳои нави иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд, ба миён меояд. Дар ҷомеаи рақамӣ ақидаҳо, назарияҳо, мафҳумҳои анъанавӣ, ки дар тӯли садсолаҳо дар робита бо давлат, дар ҷараёни дарки илмии давлат, таъинот, функсияҳо, шаклҳои давлат, аз ҷумла аломатҳои давлат пешниҳод шудаанд, тағйир меёбанд. Раванди мазкур бо рақамигардии ҷомеа, рақамикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла давлат ва ҳуқуқ алоқаманд аст.

Соҳибихтиёрӣ ба мисли падидаҳои дигари давлатӣ зери таъсири раванди рақамигардӣ қарор дорад. Соҳибихтиёрӣ аломати аввалиндараҷаи давлат, далели пойдории давлати миллӣ, шарти фаъолияти муътадили давлат дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Соҳибихтиёрӣ ва давлати миллӣ ду падидае мебошанд, ки бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Танҳои давлати соҳибихтиёр салоҳияти ҳокимиятиро дар қаламрави мамлакат амалӣ карда метавонад, мустақилона дар муносибатҳо ва равандҳои байналмилалӣ ширкат меварзад. Халалдор гардидани соҳибихтиёрӣ боиси заиф гардидани давлат мегардад. Аз даст додани соҳибихтиёрӣ маънои аз байн рафтани давлатро дорад.

Айни замон ғоя ва назарияҳои соҳибихтиёрӣ, ки асрҳои миёна пешниҳод шуда буданд, то имрӯз борҳо ба талаботи ҳаёти ҷомеа дар доираи иваз шудани ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, шаклҳои давлатдорӣ,

[1] Аламшоева М.М., Қаландаршоев С.С. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 4 (43). – С. 122-123.

аз ҷумла режими сиёсӣ мутобиқ карда шуданд. Рақамикунонӣ марҳилаи нави инкишофи таърихӣ буда, дар он соҳибихтиёрии давлати миллӣ дар фазои рақамӣ амалӣ карда мешавад.

Амалӣ намудани соҳибихтиёрии давлат дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ як қатор хусусиятҳо дорад. Ин хусусиятҳо бо моҳияти фазои рақамӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ надоштани он, доираи васеи (то ба ҳол пурра танзимнашудаи) иштирокдорони олами маҷозӣ, маҷозигардии доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳои робитадошта бо соҳибихтиёрии давлат алоқаманданд.

Ҳар яке аз ин ва дигар хусусиятҳои фазои рақамӣ, ки бо баробари инкишофи олами маҷозӣ ошкор шуда истодаанд, ба соҳибихтиёрии давлат таъсир мерасонанд. Таъсири фазои рақамӣ ба соҳибихтиёрии давлат дар он зоҳир мешавад, ки маҷмуи саволҳо оид ҳадди амалӣ намудани соҳибихтиёрӣ, ҳудуди анъанавии ҷуғрофии амалишавии соҳибихтиёрӣ, доираи субъектҳои таъсиргузор ба соҳибихтиёрӣ ва ғ. пайдо мешаванд.

Соҳибихтиёрии давлат аломати аввалиндараҷа, бунёдии давлат буда, бо ҳамаи аломатҳои дигари давлат алоқаманд аст. Чунончи, соҳибихтиёрии давлат чун анъана дар иртибот бо хусусиятҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла волоияти миллӣ-ҳудудӣ ва мустақилияти берунаи (хориҷии) он муайян карда мешавад. Ҳокимияти соҳибихтиёр дар ҳудуди ҷуғрофӣ амалӣ карда мешавад. Айни замон мафҳуми ҳуқуқии ҳудуд ҳамчун аломати давлат ба инобат гирифта мешавад ва дар робита бо он фазо ва макони амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёр (аз он ҷумла амру муқаррароти меъёрӣ), ҳамчунин, доираи шахсоне, ки масунияти ҳуқуқӣ доранд, муайян карда мешаванд.

Мебояд қайд намуд, ки одатан соҳибихтиёрии давлат ҳамчун «соҳибихтиёрии ҳудудӣ» арзёбӣ мегардад. Ҳокимияти соҳибихтиёр дар ҳудуди давлат амалӣ карда мешавад. Аммо «ҳудуди ҷуғрофӣ» ва «ҳудуди ҳуқуқӣ» фарқ доранд. Ба мафҳуми ҳудуди давлат бо дарназардошти моҳияти ҳуқуқии он на танҳо қаламрави давлат (ҳудуди ҷуғрофӣ), балки ҳудуди сафоратхонаҳо ва дигар намояндагиҳои дипломатӣ, ки берун аз қаламрави (ҳудуди ҷуғрофии) давлат, дар хориҷа қарор доранд, ҳамчунин, ҳавопаймоҳо, ки бо парчами давлат, вале берун аз қаламрави давлат парвоз мекунанд, дохил мешаванд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳудуди амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёр танҳо бо қаламрави (ҳудуди ҷуғрофии) давлат маҳдуд намешавад. Илова бар ин, давлат шаҳрвандони берунмарзии худро таҳти ҳимояш қарор медиҳад ва салоҳияти расмиётӣ-ҳуқуқии он берун аз қаламрави давлат амалӣ карда мешавад.

Аммо амалишавии соҳибихтиёрии давлат дар фазои рақамӣ хусусиятҳои нав пйдо мекунад. Тавре болотар қайд гардид, ҳокимияти соҳибихтиёр дар ҳудуди давлат амалӣ карда мешавад. Аммо фазои рақамӣ ҳудуди ҷуғрофии физикӣ надорад. Фазои ё олами рақамӣ фазои ҷаҳонӣ (глобалӣ) буда, ҳудуди ҷуғрофӣ надорад, сарфи назар аз ҳудуди ҷуғрофии давлатҳо ташаккул ёфта, бо суръати баланд саросари ҷаҳонро фаро мегирад. Аз ин хотир, мушкилӣ доир ба аниқ намудани ҳад ва ҳудуди

амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёр дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ пайдо мешавад.

Мушкилии дигар бо доираи номаҳдуди иштирокдорони олами маҷозӣ алоқаманд аст. Мутобиқи назарияи анъанавии ё классикии соҳибихтиёрӣ ҳокимияти соҳибихтиёр бо иштироки ҳалкунанда ва асосии мақомоти давлатӣ, бо дарназардошти эътирофи расмии халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ, дар доираи робитаи давлат ва шахс, давлат ва шаҳрвандон, давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлати демократӣ амалӣ карда мешавад. Муносибатҳое, ки дар ҷараёни ташкил ва амалишавии ҳокимияти давлатӣ пайдо мешаванд, хусусияти мартаботӣ доранд, дар доираи принсипи марказонидашуда танзим карда мешаванд, ба истиснои робитаҳои аксулмарказ ва мустақим байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ.

Аммо доираи иштирокдорони олами маҷозӣ номаҳдуд аст. Дар муносибатҳои маҷозигашта доираи васеи субъектҳои анъанавӣ (шаҳрвандон, иттиҳодияҳои гуногуни онҳо, ташкилотҳо ва ғ.) ва нав (блогерҳо, провайдерҳо, IT-ширкатҳо ва ғ.) иштирок мекунанд. Субъектҳои нави олами маҷозӣ, ба мисли «шахсиятҳои рақамӣ» (роботҳо, барномаҳои таъминкунанда, барномаҳои зеркашишаванда ва ғ.) пайдо шуданд. Давлат зимни ширкат дар фазои рақамӣ, ки ногузир аст, бо доираи номаҳдуди иштирокдорони муносибатҳои маҷозишуда бояд робита дошта бошад. Давлат бо субъектҳои олами маҷозӣ робитаи судмандро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, ба хотири таъмини пойдории соҳибихтиёрӣ ба роҳ мемонад. Чунончи, робитаи давлат бо блогерҳое, ки дар доираи манфиатҳои миллӣ фаъолият доранд, аз робита бо блогерҳое, ки бар зидди манфиатҳои миллӣ амалиёти гуногунро дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ анҷом медиҳанд, табиист, ки гуногун аст. Ба ибораи дигар, робитаи давлат бо субъектҳои фазои рақамӣ бо дарназардошти пойдории соҳибихтиёрии миллӣ ба роҳ монда мешавад.

Илова бар ин, фазои рақамии ҷаҳонӣ (глобалӣ) доираи номаҳдуди иштирокдоронро дорад, ки дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон қарор доранд. Муносибатҳои рақамӣ (смарт-шартномаҳо, савдои электронӣ, робитаҳои мустақими ё онлайнии иштирокдорони шабакаҳои иттилоотии иҷтимоӣ ва ғ.) сарфи назар аз ҳудуди ин ё он давлат ҷой доранд. IT-ширкатҳои бузур субъектони ё бозигарони асосии фазои иттилоотӣ-рақамӣ мебошанд, офаранда ва соҳибмулки технологияҳои пешқадами иттилоотӣ-коммуникатсионӣ буда, онро ба бозори рақамӣ мебароранд, дар саросари ҷаҳон паҳн мекунанд.

Дар раванди ташаккулу инкишофи фазои рақамии ҷаҳонӣ таҳдидҳои нав ба тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ ва амнияти миллии давлатҳои соҳибихтиёр, ба мисли таъсиррасонии иттилоотии идеологӣ ва равонӣ ба шууру иродаи аҳолӣ, ҳамлаҳои киберӣ, кибертерроризм ва ғ. ба минён омаданд. Таҳдидҳои ҷаҳони муосир зарурати ҳимояи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, устувории соҳибихтиёриро тақозо менамояд. Ҳоло дар назди давлатҳои соҳибихтиёр вазифаҳои нав дар ҷодаи таъмини

дахлнопазирии фазои иттилоотии рақамӣ, аз ҷумла фазои фарҳангӣ-маънавӣ, ҷустуҷӯи тарзу усулҳои нави амалӣ намудани соҳибихтиёрӣ дар фазои рақамӣ қарор доранд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда дар илми муосир мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» пайдо шуда, дар маркази таваҷҷуҳи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғ. қарор дорад. Мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» аз мафҳуми «истиқлоли рақамӣ» фарқ дорад. Якум, соҳибихтиёрии рақамӣ бо соҳибихтиёрии давлат робитаи бевосита дорад, ҳамчун кафолати соҳибихтиёрии комили давлати миллӣ дар ҷомеаи рақамӣ баромад мекунад, тарзу усулҳои нави амалӣ намудани ҳокимияти соҳибихтиёрро дар олами рақамӣ дар назар дорад.

Дуюм, таъмини истиқлол ё истиқлолияти пурраи рақамӣ дар ҷаҳони рақамӣ, бо дарназардошти истифодаи захираҳои рақамии глобалӣ (захираҳои рақамии ширкатҳои бузурги иттилоотии ҷаҳон), ҳудуди ҷуғрофӣ надоштани технологияҳои рақамӣ, ҷой доштан ва афзудани эҳтиёҷоти объективӣ ба захираҳои рақамии ҷаҳонӣ кори мушкил аст. Захираҳои рақамии миллӣ табиист, ки соҳибихтиёрии рақамии давлатро таъмин мекунанд. Аммо давлати соҳибихтиёр танҳо бо ҳамин захираҳои рақамии миллӣ маҳдуд намешавад, чунки фазои рақамии дохилидавлатӣ ҷузъи фазои ҷаҳонии рақамист ва аз ин хотир, таъмини мустақилияти пурраи системаи миллии захираҳои рақамӣ душвор аст. Мустақилият ё истиқлолияти рақамии давлати соҳибихтиёр дар ин ҳолат ба маънои ҳимояи фазои рақамии миллӣ (захираҳои иттилоотӣ-рақамии давлатӣ, ҳуқуқҳои рақамии шаҳрвандон, ҳуқуқу манфиатҳо ва саломатии шаҳрвандон, алалхусус, солимии равонӣ ва ҷисмонии кӯдукон) фаҳмида мешавад.

Сеюм, соҳибихтиёрии рақамӣ имконияти истифодаи салоҳияти назоратии давлати соҳибихтиёрро дар фазои рақамии худ ва мустақлиятро аз дахолати беруна, аз ҷумла платформаҳои рақамии хориҷӣ дар назар дорад. Соҳибихтиёрии рақамӣ ба шарте таъмин карда мешавад, ки агар давлати миллии соҳибихтиёр фазои рақамии дохилидавлатиро зери назорат қарор дода, дахнопазирии фазои рақамии худро аз дахолати беруна (фишори иттилоотии равонию идеологӣ, дахолати беруна ба системаҳои иттилоотии миллӣ, киберҳамлаҳо, кибертерроризм) ва платформаҳои рақамии беруна (шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ, блогерҳо, наворҳо, иттилооти ғаразноки мухолифатдошта ба манфиатҳои миллӣ) таъмин карда тавонад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар асарҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла дар адабиёти илмии русӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Россия мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» («Digital sovereigntu», «цифровой суверенитет») истифода мешавад. Таҳлили асарҳои илмӣ нишон медиҳад. ки дар онҳо мафҳуми «истиқлоли рақамӣ» («цифровая независимость») истифода намешавад, чунки моҳияти аслии мафҳуми «соҳибихтиёрии

рақамӣ»-ро (ба забони русӣ «цифровой суверенитет») ифода карда наметавонад.

Айни замон мафҳуми зикршуда нав буда, доир ба моҳияти он, таносубаш бо мафҳуми анъанавии «соҳибихтиёрии давлат», бо мафҳумҳои «соҳибихтиёрии технологӣ», «киберфазо» ва ғ. ақидаҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Як қатор муҳаққиқон имконияти ҷой доштани соҳибихтиёрии давлатро дар фазои рақамӣ зери шубҳа мегиранд, муҳаққиқони дигар соҳибихтиёрии рақамиро ҳамчун ҷузъи соҳибихтиёрии давлат мепиндоранд, ё онро ҳамчун падидаи мустақил дар таносуб бо соҳибхтиёрии классикӣ арзёбӣ менамоянд.

Илова бар ин, мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» дар робита бо истифодаи калимаи «соҳибихтиёрӣ» ташаккул ёфта, васеъ паҳн шудааст. Калимаи «соҳибихтиёрӣ» (русии «суверенитет», нем. «souveranitat», фр. «souverainete») маънои ҳокимияти олӣ, волоият, ҳукмрониро дорад. Дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ калимаи «соҳибихтиёрӣ» ба маънои «мустақилӣ, ихтиёрдорӣ»[2] шарҳ дода мешавад. Ҳамаи баҳсу мунозираҳо атрофи мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» маҳз дар робита бо калимаи «соҳибихтиёрӣ» пайдо мешаванд, чунки мафҳуми мазкур ҳамчун алтернативаи мафҳуми «соҳибихиёрии давлат» истифода мешавад. Ғояи анъанавии «соҳибихтиёрии давлат» дар давраи пойдории авввалин давлатҳои миллӣ ташаккул ёфта, то имрӯз дар доираи дарки классикии соҳибихтиёрӣ ҳамчун сифатҳои соҳибихтиёронаи ҳокимияти давлатӣ ё ҳамчун мафҳуми этникӣ (соҳибихтиёрии миллӣ ва соҳибихтиёрии халқ) истифода мешавад.

Аммо калимаи «соҳибихтиёрӣ» дар ибораи «соҳибихтиёрии рақамӣ» ба маънои салоҳияти соҳибихтиёронаи давлат дар соҳаи офаридан, моликӣ намудан, мустақилона ихтиёрдорӣ намудани захираҳои рақамии давлатӣ (миллӣ), ҳимояи фазои рақамии давлатӣ (миллӣ) аз таҳдидҳои берунаи рақамӣ, қабули мустақилонаи қарорҳои дахлдор доир ба захираҳои рақамии давлатӣ бе фишори беруна, истифодаи оқилонаи технологияҳои рақамии хориҷӣ мутобиқи манфиатҳои миллӣ дар доираи иштироки фаъол дар робитаҳои рақамии байналмилалӣ, дастгирии давлатии ширкатҳои иттилоотии ватанӣ, боло бурдани иқтидори иттилоотӣ-рақамии миллӣ истифода мешавад.

Дар робита бо ташаккулу инкишофи фазои рақамии ҷаҳонӣ дар илми муосир мафҳумҳои нав, ба мисли «давлати маҷозӣ», «давлати рақамӣ», «ҳукумати электронӣ», «ҳукумати рақамӣ» ва ғ. пайдо шуда, ҳамчун объектҳои нави таҳқиқи илмӣ баромад мекунанд. Мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» бо мафҳумҳои зикршуда алоқаи бевосита дорад. Чунончи, давлати рақамӣ дар ҷараёни истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, татбиқи модели нави робитаи давлат ва бизнес, давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, вусъати хизматҳои рақамии давлатӣ, дар

[2] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ. 2 (нашри 2) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон . – Душанбе, 2010. – С. 269.

доираи ривоҷ ёфтани сомонаҳои интернетӣ ташаккул меёбад. Ҳукумати рақамӣ, идоракунии электронӣ, фаъолияти ҳуқуқии рақамӣ (ҳуқуқэҷодкунии рақамӣ, ҳуқуқтатбиққунии рақамӣ ва ғ.), демократияи электронӣ, интихоботи электронӣ, сомонаҳои рақамии мақомоти давлатӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, робитаи мустақими (маҷозии) давлат ва шаҳрвандон, шаклҳои нави робитаи мақомот ва муассисаҳои давлатӣ бо субъектҳои фазои рақамӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои иттилоотии телекоммуникатсионӣ, бо дарназардошти вазъи баробари тарафҳо унсурҳои асосии давлати рақамӣ мебошанд.

Як қатор мафҳумҳои пешниҳодшаванда аз лиҳози илмӣ шубҳаноканд. Чунончи, мафҳуми «давлати маҷозӣ» мафҳум ва моҳияти аслии давлатро ҳамчун падидаи воқеан ҷойдоштаи ҳаёти ҷомеа ба инобат намегирад. Тавре маълум аст, олами маҷозӣ дар асл олами сунъӣ мебошад, объектҳои он (бозиҳои компютерӣ, барномаҳои интернетӣ ва ғ.) бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-рақамӣ ва зеҳни сунъӣ офарида шуда, сунъӣ мебошанд. Аммо давлат падидаи объективӣ мебошад, воқеан вуҷуд дорад, сохтори дохилии худро дорад (мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ), функсияҳои муайянро барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо амалӣ мекунад. Аз ин хотир, давлат ҳамчун падидаи сунъии маҷозӣ баромад карда наметавонад. Аммо давлат яке аз иштирокдорони олами маҷозӣ мебошад, бо субъектҳои гуногуни олами маҷозӣ робита барқарор мекунад, дар танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавриди маҷозигардӣ қарор доранд, бевосита иштирок мекунад, модели нави идоракунии давлатӣ – идоракунии рақамиро ба роҳ мемонад.

Ҳамаи унсурҳои давлати рақамӣ бо соҳибихтиёрии давлат робитаи бевосита доранд, чунки ба таҳкими соҳибихтиёрӣ мусоидат мекунанд, бо дарназардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати соҳибихтиёр ташаккул ёфта, ривоҷ меёбанд, дар ҳимояи амнияти миллӣ, фазои итттилоотӣ-рақамӣ нақши муҳим доранд. Айни замон ҳокимияти соҳибихтиёр бо дарназардошти хусусиятҳои фазои рақамӣ, ташаккул, вазъи воқеӣ, ҳадафҳо, вазифаҳое, ки дар робита бо онҳо унсурҳои давлати рақамӣ ташаккул ёфта, фаъолияти худро дар олами маҷозӣ ба роҳ мемонанд, амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа зарурати ҳимояи соҳибихтиёрии рақамӣ ба мадди аввал мебарояд, чунки давлати миллии соҳибихтиёр танҳо дар заминаи захираҳои иттилоотӣ-рақамии худ, дар ҷараёни истифодаи оқилонаи захираҳои рақамии ҷаҳонӣ, муқовимати муташаккилона ба таҳдидҳои рақамии муосир рушд карда метавонад. Дар акси ҳол соҳибихтиёрии давлат халалдор мегардад, чунки таҳдидҳои рақамии муосир пояҳои соҳибихтиёрии давлатро заиф мегардонанд.

Мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» объекти таҳлили илми ҳуқуқшиносӣ низ мебошад, чунки бо маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, ки бо соҳибихтиёрии анъанавӣ, ҳуқуқҳои рақамӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои рақамӣ, ташаккули қонунгузории рақамӣ, ҳуқуқэҷодкунии рақамӣ, ҳуқуқтатбиққунии рақамӣ (адолати судии электронӣ,

криминалистикаи рақамӣ ва ғ.), таъмини кибербехатарӣ, мубориза бо ҳамлаҳои киберӣ, кибертерроризм ва ғ. робита дорад. Таҳқиқи илмии ин масъалаҳо зарур аст, чунки айни ҳол муносибатҳои рақамӣ пурра танзим нашудаанд, қонунгузорӣ дар соҳаи рақамӣ пурра ташаккул наёфтааст, дурнамои инкишофи қонунгузорӣ бо дарназардошти маҷмӯигардии доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ аниқ муайян карда нашудааст.

Муҳаққиқон зарурати таҳқиқи соҳибихтиёрии рақамиро асосан бо омилҳои беруна, аз ҷумла дахолати ширкатҳои бузурги технологӣ-коммуникатсионӣ, истифодаи захираҳои иттилоотӣ бо мақсади тағйир додани режими сиёсӣ дар кишварҳои муайян, ҷиноятҳои фаромиллии киберӣ исбот мекунанд. Чунончи, як қатор муҳаққиқон зарурати соҳибихтиёрии рақамиро бо «хусусияти глобалӣ доштани трансформатсияҳои технологӣ ва сарҳад надоштани технологияҳои рақамӣ»[3] асоснок мекунанд. Ба ақидаи онҳо мушкилоти асосии геосиёсӣ бо равандҳои зерин алоқаманд аст: «дахолати иттилоотӣ ... ба фазои миллии соҳибихтиёр, болоравии нақши ширкатҳои технологии ҷаҳонӣ дар равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вусъати муқобилияти иттилоотӣ дар фазои ҷаҳонии коммууникатсияҳои рақамӣ, ҳамлаҳои киберӣ ба ниҳодҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ»[4]. Аз ин хотир, муаллифони зикршуда ба хулоса меоянд, ки аз даст додани соҳибихтиёрии рақамӣ дар ҳолатҳои муайян «ба пурра аз даст додани соҳибихтиёрии миллӣ оварда мерасонад»[5].

Бештари муҳаққиқон зарурати соҳибихтиёии рақамиро бо таъсири манфии дахолати беруна ба фазои миллии рақамӣ исбот мекунанд. Чунончи, А.Б. Ромашкина ва Д.А. Киричук зарурати соҳибихтиёрии рақамиро бо далелҳои зерин баён мекунанд: «Фазоҳои миллии иттилоотӣ дигар бо сарҳадҳои ҷуғрофӣ маҳдуд намешаванд, чунки соҳаи рақамӣ аз доираи маҳдудиятҳои физикӣ берун мебарояд. Ин масунияти ҳудудии захираҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои дахолати беруна имкониятҳои ҷойнадоштаро таъмин намуда, худи моҳияти соҳибихтиёрии давлатро зери шубҳа қарор медиҳад»[6].

Ақидаи муҳаққиқони дар боло зикршуда доир ба сарҳади ҷуғрофӣ надоштани фазои ҷаҳонии рақамӣ қобили дастгирист. Аммо кӯшиши онҳо, ки моҳияти соҳибихтиёрии давлатро зери шубҳа мегирад, мухолифи воқеият аст. Дахолати берунаи захираҳои иттилоотии рақамӣ ба фазои миллии давлат дар воқеъ ҷой дорад, аммо таҷрибаи давлатдории ҷаҳон нишон медиҳад, ки давлатҳои миллӣ баҳри ҳимояи соҳибихтиёрӣ аз таҳдидҳои муосир ҳамаи чораҳои зарурро андешида истодаанд. Давлатҳои

[3] Никонов В.А., Воронов А.С., Сажина В.А. и др. Цифровой суверенитет современного государства: содержание и структурные компоненты (по материалам экспертного исследования) // Вестник Томского государственного университета. Философия. Социология. Политология. – 2021. – № 60. – С. 208.
[4] Никонов В.А., Воронов А.С., Сажина В.А. и др. Асари ишорашуда. – С. 208.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 213.
[6] Ромашкина А.Б., Киричук Д.А. Политическая субъектность цифровых актантов в контексте обеспечения цифрового суверенитета // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2023. – Т. 25. – № 4. – С. 851.

соҳибихтиёр дар фазои рақамии ҷаҳонӣ аз байн нарафтанд, баръакс, раванди тақвият додани пояҳои соҳибихтиёрии миллӣ тобора вусъат меёбад. Мисоли инро дар таҷрибаи давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон дидан мумкин аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи роҳи мустақилонаи рушд ҳамаи тадбирҳои муассирро бобати ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ бомуваффақият амалӣ намуда истодааст. Давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон, сарфи назар аз таҳдидҳое, ки дар иртибот бо инкишофи босуръати олами рақамӣ зоҳир шуда истодаанд, стратегияи миллии рушдро амалӣ намуда истодааст, дар равандҳо ва муносибатҳои гуногуни сатҳи минтақа ва ҷаҳон мустақилона, мутобиқи манфиатҳои миллии хеш фаъолона иштирок намуда, маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигарро дар доираи сиёсати давлатии рақамикунонӣ амалӣ намуда истодааст.

Таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ дар фазои рақамӣ ҳаётан муҳим аст. Ҳоло таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ моҳияти нав пайдо мекунад. Давлати миллии соҳибихтиёр барои муҳовимат ба таҳдидҳои олами муосири рақамӣ бояд иқтидор ва захираҳои кофӣ дошта бошад. Олами рақамӣ, ки бо иштироки ҳалкунандаи давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои бузурги иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ташаккул ёфтааст, аз як тараф, барои иштироки давлатҳои соҳибихтиёр дар равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар шароити мусоид фароҳам муорад. Аз тарафи дигар, давлатҳои миллӣ ҳангоми иштирок дар равандҳо ва муносибатҳои ҷаҳонӣ зери фишори давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои бузурги технологӣ қарор доранд, ё маҷбур карда мешаванд, ки дар ин равандҳо мутобиқи қоидаҳои тарҳрезинамудаи ширкатҳои фаромиллии технологӣ ширкат варзанд.

Олами рақамӣ барои дахолат кардани давлатҳои абарқудрат ва IT-ширкатҳои бузарг ба кори дохилии давлатҳои соҳибихтиёр имкониятҳои навро таъмин мекунад. Ин раванди нави фишороварӣ ба давлатҳои соҳибихтиёр дар олами рақамӣ мебошад. Ҳамин ҳолатро муҳаққиқони муосир ҳангоми таҳқиқи соҳибихтиёрии рақамӣ ба инобат мегиранд. Чунончи, ба ақидаи В.О. Саяпин давлатҳое, ки захираҳои кофии ҳокимиятро надоранд, дар фазои маҷозии глобалӣ бо фишори субъектҳои раванди ҷаҳонишавӣ ба ширкат дар равандҳои ҳамгироӣ маҷбур карда мешаванд, дар натиҷа мақомоти аксулмиллӣ ба корҳои дохилии давлатҳои соҳибихтиёр дахолат мекунанд[7].

Ҳамин тариқ, соҳибихтиёрии рақамӣ мафҳуми нави илмӣ буда, таҳқиқи ҳаматарафаро талаб мекунад, чунки дар робита бо инкишофи босуръати олами рақамии ҷаҳонӣ пайдо шуда, бо соҳибихтиёрии давлат, ки ғояи анъанавӣ ва айни замон аломати ногузири давлат аст, робита дорад. Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми илмии мазкур хусусиятҳои олами рақамиро, ки воқеан ҷой дорад, ҳамчунин, раванди амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёрро дар фазои рақамӣ ба инобат гирифтан зарур аст.

[7] Саяпин В.О. Технологии виртуализации политической власти в информационно эпоху // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – 2015. – № 8-1 (58). – С. 164-165.

Тавре болотар қайд гардид, мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ» дар робита бо дигар мафҳумҳои илмӣ таҳқиқ карда мешавад. Чунончи, А.П. Кочетков ва К.В. Маслов мафҳумҳои «соҳибихтиёрии иттилоотӣ» ва «соҳибихтиёрии рақамӣ»-ро ҷудо мекунанд. Онҳо доир ба таносуби ин мафҳумҳо андешаи зеринро баён мекунанд: «Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ба назорати давлатӣ ва ҳимояи воситаҳо ва системаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионии давлат равона карда шудааст. Соҳибихтиёрии рақамӣ назорати давлатӣ ва ҳимояи худи иттилоот, захираҳои рақамӣ ва платформаҳои рақамиро дар назар дорад ва ба трансформатсияи нави рақамӣ мувофиқ аст»[8].

Олимони дигар ин мафҳумҳоро аз ҳамдигар ҷудо накарда, маҳуми комплексии «соҳибихтиёрӣ дар муҳити иттилоотӣ-рақамӣ»-ро истифода мебаранад. Ба ақидаи онҳо дар шароити амалӣ шудани соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ зарурат ба коркарди «асосҳои доктриналии фаҳмиши соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ»[9] ба миён меояд. Мафҳуми «соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотӣ-рақамӣ»-ро ин олимон чунин шарҳ медиҳанд: «имконияти субъекти муносибатҳои иттилоотӣ ... оид ба таъсиррасонии танзимӣ ва муташаккилона ба иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар доираи амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ»[10].

Тибқи иттилои В.С. Давтян мафҳумҳои маҳдуд ва васеи «соҳибихтиёрии рақамӣ» ҷой доранд. Дар доираи мафҳуми маҳдуд «соҳибихтиёрии рақамӣ танҳо бо соҳибихтиёрии иттилоотӣ, ки ҳуқуқи давлатро оид ба санҷиши иттилооти дар ҳудуди он паҳншуда дар назар дорад, маҳдуд карда мешавад». Дар доираи мафҳуми васеътар бошад, «таваҷҷуҳи асосӣ ба камтар намудани вобастагӣ аз харидории таҷҳизоти рақамии хориҷӣ ва амалӣ намудани дастгирии IT-ширкатҳои ватанӣ дода мешавад»[11].

Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳумҳои «мустақилияти иттилоотӣ» ва «истиқлоли иттилоотӣ» истифода мешаванд. Чунончи, мутобиқи м. 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»: «Асоси мустақилияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи моликият ба захираҳои миллии иттилоотӣ мебошад»[12].

Мутобиқи м. 43 ҳамин қонун истиқлоли иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъмин мегардад: «бо ҳуқуқи мустасноии моликии

---

[8] Кочетков А.П., Маслов К.В. Цифровой суверенитет как основа национальной безопасности России в глобальном цифровом обществе // Вестник Московского университета. Серия 12: Политические науки. – 2022. – № 2. – С. 34.

[9] Нарутто С.В., Колмаков С.Ю., Япрынцев И.М. Информационный суверенитет: конституционно-правовые основы в условиях развития цифрового государства // Образование и право. – 2022. – № 10. – С. 19.

[10] Ҳамон ҷо.

[11] Давтян В.С. Цифровой суверенитет на Южном Кавказе: вызовы интеграции в международные цифровые коридоры // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2025. – Т. 27. – № 3. – С. 563.

[12] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, № 4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, № 7, мод. 698; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014, № 1164.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои иттилоотие, ки аз ҳисбои маблағҳои буҷути давлат ташаккул меёбанд», «бо ҳифзи системаҳои миллии иттилоотӣ», «бо муқаррар кардани низоми дастрасии дигар давлатҳо ба захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «бо истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар асоси ҳамкориҳои баробарҳуқуқ бо дигар давлатҳо»[13].

Айни замон дар қонунгузории Тоҷикистон аҳаммияти захираҳои иттилоотии давлатӣ ҳамчун асоси таъмини соҳибихтиёрии давлат паизируфта мешавад. Чунончи, мутобиқи м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ»: «Захираҳои иттилооте, ки соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, тараққиёти иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва мудофиаии онро нишон медиҳанд, инчунин захираҳои дорои аҳамияти давлатианд, ба моликияти давлат мансубанд»[14].

Тавре мушоҳида мешавад, дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳумҳои «истиқлоли иттилоотӣ» ва «мустақилияти иттилоотӣ» истифода мешавад. Аммо дар матни русии қонунҳои дар боло зикршудаи Тоҷикистон мафҳуми русии «информационный суверенитет» истифода мешавад. Дар асарҳои илмии олимони Россия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлати мазкур низ мафҳуми зикршуда ба асос гирифта мешавад. Аз ин хотир, истифодаи мафҳуми «соҳибихтиёрии иттилоотӣ» мувофиқи мақсад аст.

Соҳҳибихтиёрии рақамӣ одатан ҳамчун назорати давлатӣ дар фазои рақамии давлатӣ, ҳолати ҳифзшудаи амнияти иттилоотӣ ва ҳамаи усурҳои он шарҳ дода мешавад. Чунончи, як қатор муҳаққиқон соҳибихтиёрии рақамиро «ҳамчун имконияти давлат оид ба зери назорат қарор додани маълумоти рақамии худ, иттилоот, ҳамчунин, таъмин намудани амният ва ҳимояи технологияҳо ва инфрасохтори рақамӣ»[15] шарҳ медиҳанд.

Мафҳуми маҳдудтари соҳибихтиёрии рақамӣ низ истифода мешавад. Дар ин ҳолат соҳибихтиёрии рақамӣ ба маънои маҳорати истифодаи захираҳои рақамӣ мутобиқи манфиатҳои давлат шарҳ дода мешавад. Чунончи, ба ақидаи С.В. Володенков «соҳибихтиёрии рақамӣ дар як вақт ду унсури калидиро дар бар мегирад: имконияти татбиқи мустақилонаи технологияҳои рақамӣ ба манфиатҳои хеш ва қобилияти истифодаи онҳо»[16].

Ақида оид ба қобилияти истифодаи технологияҳои рақамӣ қобили дастгирист. Технологияҳои рақамӣ системаҳои мураккаб буда, дониши

---

[13] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, № 4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, № 7, мод. 698; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014, № 1164.

[14] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 7, мод. 502; с. 2005, № 12, мод. 639. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019, № 1595.

[15] Авдийский В.И.., Иванов А.В., Царегородцев А.В. Взаимосвязь цифрового суверенитета и цифрового пространства: новые вызовы и перспективы // Вестник Евразийской науки. – 2024. – Т. 16. – № s 3. – С. 4. – [захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ: URL: https: //esj.today/PDF/21FAVN324.pdf (санаи мупроҷиат 21.01.2026).

[16] Володенков С.В. Феномен цифрового суверенитета современного государства в условиях глобальных цифровых трансформаций: содержание и особенности // Журнал политических исследований. – 2020. – № s3. – [захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ: URL: https: //esj.todey/PDF/2IFAVN324.pdfC. (санаи мурочиат 19.01.2026).

баланди рақамиро талаб мекунанд. Дар ҷомеаи рақамӣ талабот оид ба доштани дониши рақамӣ ҳам барои кормандони мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо ва ҳам шаҳрвандон пешниҳод мешавад. Дониши рақамӣ, ки қобилияти корбарӣ бо технологияҳои рақамӣ ва саводи рақамии аҳолиро дар назар дорад, яке аз роҳҳои таъмини соҳибихтиёрии рақамӣ мебошад. Дониши рақамӣ қобилияти на танҳо истифодаи технологияҳои рақамӣ, балки офаридан, паҳн, намоиш, ҳимояи захираҳои иттилоотиро низ дар назар дорад. Таҳлил ва истифодаи иттилооти воқеӣ мутобиқи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон ҷузъи таркибии дониши рақамӣ мебошад. Қобилияти таҳлили ҳаматарафаи иттилоот ва ҷудо намудани иттилооти манфиатбахш аз иттилооти зараровар дар олами маҷозӣ барои ҳама зарур аст. Қобилияти таҳлилӣ (аналитикӣ) яке аз шартҳои аввалиндараҷаи муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотии дохилӣ ва беруна мебошад.

Инкишофи муътадили муносибатҳои рақамӣ аз танзими ҳуқуқии онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, ки ҷузъи онро дониши рақамӣ ташкил медиҳад, дар ҳалли ин вазифа нақши ҳалкунанда дорад. Истифодаи дониши рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқшиносон як қатор афзалиятҳо дорад. Чунончи, унсурҳои «идеологӣ (мафкуравӣ) дар байни унсурҳои шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон ҷойи муҳимро ишғол мекунанд, чунки фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон бо ҳимояи манфиатҳои давлат, тадбирҳои давлатӣ, сиёсати давлат алоқаманд аст. Ҳуқуқшиносон маъмулан дар рӯҳияи эҳтироми қонун, ҳимояи Ватан, музаффариятҳои соҳибистиқлолӣ тарбия мегиранд, дар фаъолияти касбии худ бевосита дар амалӣ гардидани сиёсати давлат, баргузории чорабиниҳои сиёсӣ (идҳои давлатӣ, чорабиниҳои оммавии сиёсӣ-фарҳангӣ, ташрифи роҳбарони давлатҳои хориҷӣ, ҳамоишҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ бо иштироки роҳбарони давлатҳо ва ғ.) иштирок мекунанд»[17]. Шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, ки дар ҷомеаи рақамӣ дар баробари ташаккули дониши рақамӣ, ҳамчунин, унсурҳои идеологии устуворро нигоҳ медорад, ба ҳимояи соҳибихтиёрии рақамӣ мусоидат менамояд.

Фазои рақамӣ танҳо бо захираҳои рақамӣ маҳдуд намешавад. Фазои рақамӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ҳаёти фарҳангӣ-маънавиро фаро мегирад. Таҳдидҳои рақамии муосир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонанд. Иштирокдорони муносибатҳои маҷозишуда, ки доимо вақти зиёди худро дар фазои маҷозӣ мегузаронанд, ё вориди он мешаванд, на танҳо фаъолияти муқаррарии худ, балки арзишҳои иҷтимоии анъанавиро ба қоидаҳои амал дар олами маҷозӣ тобеъ мекунанд. Дар натиҷа барои халалдор гардидани арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ имкониятҳои нав пайдо мешаванд. Ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ «дар шароити

[17] Шарофзода Р.Ш. Ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа // Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – № 2 (66). – С. 93.

иттилоотонӣ ва рақамигардонӣ аҳаммияти аввалиндарҷа дорад»[18]. Бинобар ин, соҳибихтиёрии рақамӣ ҳимояи арзишҳои фарҳанги миллиро низ дар назар дорад.

Соҳибихтиёрии рақамӣ ба ҳимояи соҳибихтиёрии давлат мусоидат менамояд. Ҳимояи соҳибихтиёрии давлат дар ҳамаи даврaҳои инкишофи таърихӣ вазифаи ҳаётан муҳимми ҳар як давлат ба шумор меравад. Аммо тадбирҳо ва воситаҳое, ки дар ин самт истифода мешаванд, дар робита бо захираҳои воқеии давлат, бо дарназардошти таҳдидҳо ва хатарҳои мунтазам тағйирёбандаи ҷомеа интихоб карда мешаванд. Самаранокии ҳимояи соҳибихтиёрии давлат дар ҷомеаи рақамӣ аз соҳибихтиёрии рақамӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи мафҳуми «соҳибихтиёрии рақамӣ», ки бо соҳибихтиёрии давлат алоқаманд аст, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Соҳибихтиёрии рақамӣ иқтидори давлатро дар соҳаи истифодаи мустақилонаи захираҳои рақамӣ бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ дар назар дорад, чунки манфиатҳои миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи соҳибихтиёрии давлати миллӣ мебошанд.

Айни замон истифодаи мустақилонаи захираҳои рақамӣ маънои истифодаи ҳама гуна захираҳои рақамиро дар назар надорад. Дар ҷомеаи ҷаҳонии рақамӣ, ки ҳоло бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст, намудҳои гуногуни захираҳои рақамӣ пешниҳод ва истифода мешаванд. Соҳибихтиёрии рақамӣ истифодаи, пеш аз ҳама, захираҳои рақамии хешро дар назар дорад. Онҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ тарҳрезӣ, пешниҳод ва истифода мешаванд. Захираҳои рақамие, ки дар ҷомеаи ҷаҳонии рақамӣ пешниҳод шуда, мухолифи манфиатҳои миллӣ мебошанд, соҳибихтиёрии рақамии давлати соҳибихтиёрро на таъмину ҳимоя, балки, баръакс, халалдор менамоянд. Аз ин хотир, коркарди захираҳои рақамии худ вазифаи ҳаётан муҳимми ҳар як давлати соҳибихтиёр мебошад.

Аннотация: В данной статье рассматривается один из наиболее актуальных вопросов, значимость которого возрастает, особенно в современную эпоху. В ней автор пытается подвергнуть углублённому научному исследованию один из главных аспектов защиты прав человека в контексте развития информационного общества – внутренние и внешние информационные угрозы и их влияние на права человека. В ходе исследования стало ясно, что одним из основных способов обеспечения информационной безопасности и, в этом контексте, защиты прав и свобод человека, интересов общества и государства является защита виртуального пространства от внутренних и внешних информационных угроз и опасностей. Автор выделяет различные средства и способы защиты прав человека перед лицом этих угроз и опасностей и своевременно отмечает, что наряду с другими средствами и инструментами, центральное место занимает правовая поддержка. Принятие законов, решений, концепций, стратегий и программ является одним из важнейших видов правовой поддержки, предоставляемой государством в сфере информационной безопасности страны.

Ключевые слова: права человека, информационное общество, информационные угрозы, информационные риски, информационная безопасность, информационные права, информационное пространство, защита прав человека, национальный механизм, международный механизм.

INTERNAL AND EXTERNAL INFORMATION THREATS AND THEIR IMPACT ON HUMAN RIGHTS

Safaralizoda Daler Saidahtham,
Tajik National University, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law.
Тел.: +992 987954864.
Email: daler-safaraliev@mail.ru

Annotation: This article examines one of the most pressing and timely issues, the relevance of which is becoming increasingly important, especially in modern times. In it, the author attempts to subject one of the main aspects of human rights protection in the context of the development of the information society - internal and external information threats and their impact on human rights - to in-depth scientific research. During the study, it became clear that one of the main ways to ensure information security and, in this context, the protection of human rights and freedoms, the interests of society and the state depends on the protection of the virtual space from both internal and external information threats and dangers. The author identifies various means and ways of protecting human rights in the face of these threats and dangers, and notes in a timely manner that, along with other means and means, legal support occupies

a central place. The adoption of laws, decisions, concepts, strategies, and programs is among the most important legal support provided by the state in the field of information security of the country.

Keywords: human rights, information society, information threats, information risks, information security, information rights, information space, human rights protection, national mechanism, international mechanism.

Замони муосир, пайдоиш ва инкишофи фанноварихои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дар ин замина бо суръати баланд паҳншавии раванди ҷаҳонишавӣ аз як ҷониб барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ имкониятҳои навро ба миён оварда, аз ҷониби дигар ҳуқуқи инсонро бо мушкилоте рӯ ба рӯ менамояд, ки ҳалли он вазифаи муҳимми давлатҳо ва дар умум ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Зеро, ҳамакнун аз оғози ҳазораи сеюм ҳаёти озод ва бехатари афрод, ҷомеа ва давлат аз ҳифзи фазои иттилоотии муносибатҳои онҳо аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ сахт вобастагӣ дорад.

Фанноварихои иттилоотӣ имконият медиҳад то амалишавии ҳуқуқи инсон дар ҷомеа беҳтар гардида, механизмҳои ҳифз ва ҳимояи онҳо, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва самтҳои нави ҳамкории байналмилалӣ рушд ёбад. Дар баробари ин, рақамикунонӣ метавонад таъсири манфӣ таҳдидҳои навро барои амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ба вуҷуд орад. Зимни таъмину ҳимояи ҳуқуқи инсон мушкилоти асосие, ки бештар ба назар мерасад, ин душвории муайян кардани қонуншикан, татбиқи чораҳои вокуниш ва душвории ёфтани тавозун байни вокуниш ба қонуншиканиҳо ва ҳифзи озодӣ дар фазои иттилоотӣ мебошанд.

Инкишоф ва рушди бемайлонаи фанноварихои ҳисоббарорӣ ва коммуникатсионӣ имконият фароҳам меорад, ки иттилоот дар ҳаҷм ва бо суръати тасаввурнашаванда ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва интиқол дода шавад. Ба шарофати фанноварихои нави иттилоотӣ, фаъолиятҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии инсон, инчунин муошрати ҳаррӯза, тавассути ворид кардани таҷриба, дониш ва арзишҳои маънавии аз ҷониби тамаддуни ҷаҳонӣ таҳияшуда беохир густариш меёбанд, дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дучанд мегардад ва дар баробари ин ба баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ роҳ мекушояд.

Дар замони муосир нақши иттилоот ба таври бесобиқа боло рафта, воситаҳои ахбори умум ба аслиҳаи пуриқтидори таблиғоти сиёсӣ ва воситаи хеле неруманди таъсиррасонӣ ба мафкура ва фаъолияти инсон мубаддал гардид. Ҳоло дар муборизаҳои иттилоотӣ аз роҳу усулҳое истифода мегардад, ки дарки онҳо барои бинандаю шунаванда ва хонандаи одӣ хеле душвор аст. Ин роҳу усулҳо бо дарназардошти дурнамо сурат гирифта, тарҳрезии ғояҳо ҳатто барои фанои идеологияҳои бузург мусоидат мекунанд ва ба ин васила мақсаду ҳадафҳои нопок, аз ҷумла нооромсозии суботи кишварҳо, барангехтани нобаробарию мухолифатҳои

динию мазҳабӣ, костагардонии ахлоқу фарҳанг, нодида гирифтани арзишу суннатҳои миллӣ аз ҷумлаи шаклҳои муосири ҷангҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбад. Ин таҳаввулот дар муносибатҳои нави байналмилалӣ ҳифзи фазои иттилоотии давлатҳои миллиро боз ҳам мураккабтар сохт[79].

Мусаллам аст, ки дар ҷомеаи муосир таъмини дурусти ҳимояи ҳуқуқи инсон ва амалишавии саривақтии он аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо дар баробари таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ сахт вобастагӣ дорад. Зеро, имрӯз инсоният бо мақсади таъмини манфиатҳои хеш ба муносибатҳои гуногун ворид мегардад, ки аксари онҳо дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) амалӣ карда мешаванд. Ин мумкин аст, ки минбаъд барои инсон ва ҳуқуқҳои асосии ӯ хатар эҷод намояд.

Сиёсатшиноси ватанӣ Г. Зокиров қайд менамояд: «Зарурат пеш омадааст, ки методҳои таъмини амнияти иттилоотиро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ таҷдиди назар кард. Методҳои умумии таъмини амнияти иттилоотиро метавон ба гурӯҳҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию техникӣ ва иқтисодӣ тақсим намуд. Ба методҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ санадҳои меъёрию хуқуқӣ, танзиму таҳкими муносибатҳо дар соҳаи иттилоот ва меъёрҳои методии ҳуҷҷатҳо дар масъалаи таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва ғ. дохил мешаванд»[80]. Ба андешаи муҳаққиқ яке аз усулҳои асосии ҳимояи фазои иттилоотии кишвар ва бо ин васила ҳимояи ҳуқуқи инсонро методи ҳуқуқӣ ташкил менамояд, ки ба шумули он қабул ва таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешавад.

Муҳаққиқи ватанӣ Н. Асламзода таҳдидҳои иттилоотиро мавриди пажӯҳиш қарор дода, онро чунин тавсиф менамояд: «Хатару таҳдидҳои иттилоотӣ гуфта, таҳдид ва хатарҳоеро дар назар дорад, ки ба амнияти иттилоотӣ зарар расонида, ҳолати инкишофи устувори ҷомеа, давлат ва ҳаёти инсонро халалдор мекунад. Аксаран тадидҳои иттилоотӣ-кибериро танҳо ҷанбаи техникӣ ва таҷҳизотиашро ба назар мегиранд. Аммо ин навъи таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла фазои фарҳангиву мафкуравии ҷомеа таъсир мерасонанд. Қобилияти зеҳнии одамон ва захираҳои зеҳнии миллатро коста мегардонад. Тафаккури миллиро тағйир дода, метавонад масъалаи манқуртшавии аъзоёни ҷомеаро ба вуҷуд оварад»[81].

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчунин тарафҳои манфиро доро мебошад, ки зимни истифодаи ғайримақсадона ба ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои инсон метавонад хатар эҷод намояд. А.Ғ. Холиқзода, Ф.М. Шоев, Ш.Ш. Шосаидзода дар баробари ҷанбаҳои мусбат инчунин тарафҳои манфии фазои иттилоотиро

[79]Давлат ва таъмини амнияти иттилоотӣ. [манбаи электронӣ]. URL: https://hkhdtkhatlon.tj/kulob/view-news.php?view=21971.(санаи мурочиат 20.01.2026).

[80]Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ.– Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 214.

[81]Асламзода Н. Таҳдид ва хатарҳои иттилоотӣ ва кибертеррористӣ омили асосии ба вуҷуд омадани «бухрони зеҳнӣ» / Мафкурасозии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ.// Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ. Матбааи АИДНПҶТ. Душанбе: 2024. – С. 131-139.

чунин шарҳ медиҳанд: «Таҳдиди андешаҳои носолим, рафторҳои ношоиста ва ғайриахлоқӣ аслан аз фазои иттилоот ба мафкураи омма ба вижа ҷавонон думболи ҷаҳонишавии манфиатҳо вусъат пайдо кард. Шаклгирии мафкураи носолим миёни ҷавонон моро бар он водор мекунад, ки авомил ва решаҳои аслии таҳдидҳоро аз ин раванди хатарнок муайян намуда, роҳҳои пешгирии онро дар таъмини чораҳои амниятии фазои иттилоотӣ дар ҷомеа пешниҳод созем»[82].

Амнияти иттилоотӣ бошад, ҳолати ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои иттилоотии дохилӣ ва берунӣ, ки татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, сифат ва сатҳи шоистаи зиндагӣ барои шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, мудофиа ва амнияти давлатро ташкил медиҳанд. Онҳо ба берунӣ ва дохилӣ тасниф карда мешаванд, ки аз ҷиҳати манбаъ, мақсад ва усулҳои татбиқ фарқ мекунанд. Таҳдидҳои беруна одатан аз ҷониби хакерҳо ба амал омада, ба маълумоти шахс, ҷомеа ва давлат аз берун таҷовуз менамояд. Ба сифати таҳдидҳои беруна роҳҳои мухталифи ҳакерӣ кардани компютерҳои шахсӣ бо мақсади дуздидани маълумот, рамзҳо ё дигар маълумоти муҳим баромад менамояд. Таҳдидҳои дохилӣ бошанд, ин додани дастрасӣ ба маълумоти шахсӣ ба шахси муайян ё шумораи номаҳдуди одамон дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби корбар аст.

Ба андешаи А.А. Чеботарева таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии шахс вобаста аз хусусияти таъсир ва меъёри хусусияти пайдоиши он метавонанд тасодуфӣ, ғайритасодуфӣ, масалан, аз сабаби нокомиҳои техникӣ ё ба таври қасдона хатар эҷод кунанд, зарар расонанд ва ба оқибатҳои номатлуб барои шахс оварда расонанд[83]. Аз ин рӯ, ба андешаи мо зарурат пеш омадааст, ки дар пасманзари инкишофи таҳдидҳои иттилоотӣ ҷанбаҳои консептуалию меъёрии амнияти иттилоотӣ коркард гардида, дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун шакли махсуси соҳаи амният мавриди эътироф қарор гирад.

А.И. Ардашев иброз медорад, ки пайдоиши чолишҳо ва таҳдидҳои нав дар соҳаи иттилоот масъалаи эътирофи ҳуқуқи инсон ба амнияти иттилоотро ба миён мегузорад. Барои ҳалли ин масъала метавон аз равишҳои анъанавӣ ба ҳуқуқ ба амният ҳамчун категорияи умумии ҳуқуқӣ истифода бурд. Ин ҳуқуқ ё ҳамчун ҳуқуқи мустақили инсон эътироф карда мешавад ё аз дигар ҳуқуқҳо бармеояд ва ҳамчун ҳуқуқи муттаҳидкунанда, ки дигар ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегирад, баррасӣ мешавад[84].

---

[82] Холиқзода А.Ғ., Шоев Ф.М., Шосаидзода Ш.Ш. Фазои иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои ҳуқуқии пешгирӣ аз он

[83] Чеботарева А.А. Правовое обеспечение информационной безопасности личности в глобальном информационном обществе. Дисс. Докт. Юр.наук. Специальность 12.00.13 - информационное право. С-226.

[84] Ардашев А.И. Конституционно-правовое обеспечение права человека на безопасность в Российской Федерации // Современное право. 2008. № 1. – С. 39-44; Калина Е.С. Понятие безопасности и право на безопасность как одно из личных прав // Безопасность бизнеса. – М.: Юрист, 2004, № 4. – С. 9-10; Колоткина О.А. Право личности на безопасность: понятие, место в системе прав человека и особенности

Тавре, Ҷ.З. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.С. Одиназода иброз медоранд, дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ, тантанаи озодиҳои сиёсӣ, вусъат ёфтани унсурҳои низоми идораи демократӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо рушди илму техника ва афзоишу тараққии воситаҳои иттилоотӣ сурат мегирад, дар иртибот бо авомили мухталифи зеҳнӣ, мафкуравӣ, холигии сатҳи шуури ҳуқуқии иҷтимоӣ ва заъфи фарҳанги ҳуқуқию ахлоқии ҷомеа, таъмини ҳифзи амнияти иттилоотӣ мураккаб мегардад[85].

Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир метавонад номувофиқатӣ ва чун натиҷа мухолифати манфиатҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи иттилоот ба амал омада, ихтилофи манфиатҳо дар ин соҳа пайваста ба сурати мухолифати иттилоотӣ инъикос мегардад ва дар ин замина шаклҳои гуногуни таҳдидро касб менамояд. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Тоҷикистон мафҳуми таҳдидҳои иттилоотиро чунин пешбинӣ намудааст: «Таҳдиди иттилоотӣ, ҳамчун амали тарҳрезишуда, аз истифодаи ҳадафноки восита ва усулҳои махсус барои таъсир ба захираҳои иттилоотӣ ва ҳимояи захираҳои иттилоотии худӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ё тактикии худ иборат аст»[86].

Барои ин моро зарур аст, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои ҷомеа аз таҳдид ва хатарҳои дохилию берунии иттилоотӣ воситаҳои пурсамари ҳифз ва ҳимояро андешида дар амал роҳандозӣ намоем. Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар баробари ин таҳдидҳо ва хатарҳо бо восита ва роҳҳои гуногун ба роҳ монда мешавад, аз ҷумла: дастгирии ҳуқуқӣ, дастгирии ташкилӣ, дастгирии иттилоотӣ, истифодаи сахтафзорҳо, истифодаи нармафзорҳо ва ғайра. Дар байни дигар роҳу воситаҳо дастгирии ҳуқуқӣ дар баробари таҳдидҳои иттилоотӣ мавқеи муҳим ва марказиро доро мебошад. Агар дастгирии техникӣ барои ҳифзи маълумоти шахсӣ аз ҷиҳати техникӣ мусоидат намояд, пас роҳу воситаҳои ҳуқуқӣ тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, дастурҳо ва роҳнамоҳоеро дар бар мегирад, ки ин вазифаҳоро расман танзим менамоянд. Дар ин росто мавриди зикр аст, ки низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти инкишофи фанноварихои иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ то андозае рушд ёфтааст.

Шуруъ аз ибтидои солҳои 2000-ум бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳои муҳим дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар ба тасвиб расиданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооткунонӣ» (аз 06.08.2001), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (аз 10.05.2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (аз 02.12.2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (аз

изучения в курсе конституционного права РФ // Право и образование. 2007, № 11. – С. **109-114.**

[85]Ниг.: Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). – Душанбе: «Маориф», 2019. – 240 с.

[86]Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Тоҷикистон https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=32904#

30.07.2007), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» (03.12.2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (аз 19.03.2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» (аз 26.06.2014), Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.11.2003), Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз (30.04.2008) ва ғайра аз санадҳои муҳиме мебошанд, ки дар робита ба ҳифз ва таъмини амнияти иттилоотӣ ба тасвиб расиданд.

Ҳамин тариқ, тавре, аз таҳлилҳои боло маълум мегардад, зери мафҳуми таҳдидҳо ва хатарҳои дохилию берунии иттилоотӣ ба ҳуқуқи инсон таҳдид ва хатарҳое дар назар дошта мешавад, ки ҳамчун амали тарҳрезишуда, аз истифодаи ҳадафноки восита ва усулҳои махсус бо мақсади таъсир ба захираҳо ва амнияти иттилоотӣ ва дар ин замина, халалдор намудани вазъи амалишавии ҳуқуқи инсон, ҷомеа ва дар маҷмуъ инсоният рӯи кор меоянд.

Адабиёт:

1. Ардашев А.И. Конституционно-правовое обеспечение права человека на безопасность в Российской Федерации // Современное право. 2008. № 1. – С. 39-44; Калина Е.С. Понятие безопасности и право на безопасность как одно из личных прав // Безопасность бизнеса. – М.: Юрист, 2004, № 4. – С. 9-10; Колоткина О.А. Право личности на безопасность: понятие, место в системе прав человека и особенности изучения в курсе конституционного права РФ // Право и образование. 2007, № 11. – С. 109-114.
2. Асламзода Н. Таҳдид ва хатарҳои иттилоотӣ ва кибертеррористӣ омили асосии ба вуҷуд омадани «буҳрони зеҳнӣ» / Мафкурасозии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ.// Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ. Матбаои АИДНПҶТ. Душанбе: 2024. – 290с.
3. Давлат ва таъмини амнияти иттилоотӣ. [манбаи электронӣ]. URL: https://hkhdtkhatlon.tj/kulob/view-news.php?view=21971.(санаи мурочиат 20.01.2026).
4. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. –520с.
5. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Тоҷикистон https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=32904#
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооткунонӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001, №7, мод.502; соли 2005, №12, мод. 639. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019 с., № 1595.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №11, мод. 696; соли 2005, №12, мод.646)
9. Чеботарева А.А. Правовое обеспечение информационной безопасности личности в глобальном информационном обществе. Дисс. Докт. Юр.наук. Специальность 12.00.13 - информационное право. – С. 226.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Каримҷонзода Манучер Карим,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент.
Тел.: (+992) 943201000.

Фишурда: Мақола ба баррасии муфассали консептуалӣ, назариявӣ ва методологии мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар шароити таҳаввулоти муосири иҷтимоӣ, сиёсӣ ва раванди рақамикунонии ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла «Фарҳанги бузурги академии забони русӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги тафсирии В. И. Дал», моҳияти семантикии истилоҳи «маърифат»-ро ҳамчун категорияи мураккаби фарҳангӣ-ҳуқуқӣ ошкор менамояд. Дар таҳқиқот фарқияти принсипиалии маърифати ҳуқуқӣ аз категорияҳои ҳамшабеҳ, ба монанди тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, асоснок карда шуда, нақши он дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва ахлоқии шахсият нишон дода шудааст. Диққати марказӣ ба ташаббусҳои стратегӣ ва созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона гардидааст, ки соли 2024-ро дар кишвар ба ифтихори сисолагии Конститутсия «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Инчунин, аҳамияти байналмилалии ин иқдом тавассути қабули қатъномаи таърихии Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз ҷойгоҳи баланди Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Муаллиф таъкид месозад, ки маърифати ҳуқуқӣ воситаи калидии муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ, пешгирии ифротгароӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус табақаҳои осебпазир, пояи бунёдии адолати иҷтимоӣ, мудирияти муассир ва сулҳи пойдори ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Татбиқи механизмҳои пешниҳодшуда ҷиҳати ҳамгироии арзишҳои миллӣ ба низоми байналмилалии ҳуқуқи инсон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, тарбияи ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, қонунпазирӣ, Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Каримжонзода Манучер Карим, Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, декан факультета истории, права и международных отношений кандидат юридических наук, доцент. **Тел.:** (+992) 943201000.

Аннотация: Статья посвящена подробному концептуальному, теоретическому и методологическому анализу понятия «правовое просвещение» в условиях современных социальных и политических трансформаций, а также процесса цифровизации общества. На основе сравнительного анализа авторитетных источников, включая «Большой академический словарь русского языка», «Толковый словарь таджикского языка» и «Толковый словарь живого великорусского языка» В. И. Даля, автор раскрывает семантическую сущность термина «просвещение» как сложной культурно-правовой категории. В исследовании обосновано принципиальное отличие правового просвещения от смежных категорий, таких как правовое воспитание и правовое образование, а также продемонстрирована его роль в формировании духовно-нравственного мировоззрения личности. Особое внимание уделено стратегическим и созидательным инициативам Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, объявившего 2024 год в стране «Годом правового просвещения» в честь тридцатилетия Конституции. Также рассматривается международная значимость данной инициативы в контексте принятия исторической резолюции Генеральной Ассамблеи ООН о провозглашении 2027 года «Международным годом правовой грамотности», что подтверждает высокий авторитет Таджикистана на мировой арене. Автор подчеркивает, что правовое просвещение является ключевым инструментом противодействия правовому нигилизму, предупреждения экстремизма и обеспечения верховенства закона в обществе. Результаты исследования показывают, что повышение уровня правовой осведомленности граждан, особенно уязвимых слоев населения, выступает фундаментом социальной справедливости, эффективного управления и устойчивого мира.

Ключевые слова: правовое просвещение, правосознание, правовая культура, правовой нигилизм, правовое государство, правовое воспитание, правовая политика, законопослушание, Международный год правовой грамотности.

CONCEPT AND ESSENCE OF LEGAL LITERACY IN MODERN CONDITIONS

Karimjonzoda Manucher Karim,
Kulyab State University named after Abuabdulloh Roudaki, dean of the Faculty of History, Law, and International Relations Candidate of legal sciences, associate professor.
Phone: (+992) 943201000.

Annotation: The article is devoted to a comprehensive conceptual, theoretical, and methodological analysis of the concept of "legal literacy" (legal enlightenment) in the context of modern social and political transformations and the ongoing process of societal digitalization. Through a comparative analysis of authoritative sources, including the «Great Academic Dictionary of the Russian Language» the «Explanatory Dictionary of the Tajik Language,» and V. I. Dal's «Explanatory Dictionary of the Living Great Russian Language» the author elucidates the semantic essence of the term «enlightenment» as a complex cultural and legal category. The study substantiates the fundamental distinctions between legal literacy and related categories, such as legal upbringing and legal education, while demonstrating its pivotal role in shaping the spiritual and moral worldview of the individual. Central focus is placed on the strategic and constructive initiatives of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, who declared 2024 as the "Year of Legal Literacy" in honor of the 30th anniversary of the Constitution. Furthermore, the article examines the international significance of this initiative following the adoption of the historic United Nations General Assembly resolution proclaiming 2027 as the "International Year of Legal Literacy," underscoring Tajikistan's prominent standing on the global stage. The author emphasizes that legal literacy serves as a primary instrument for countering legal nihilism, preventing extremism, and ensuring the rule of law within society. The research findings indicate that enhancing the legal awareness of citizens, particularly vulnerable groups, constitutes the bedrock of social justice, effective governance, and sustainable global peace.

Keywords: legal literacy, legal awareness, legal culture, legal nihilism, rule of law state, legal upbringing, legal policy, law-abidance, International Year of Legal Literacy.

Масъалаҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқӣ, мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ҳамеша аҳамияти бузург доранд. Имрӯз, бинобар суръати баланди дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ, мураккабшавии рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ, авҷ гирифтани равандҳои иттилоотикунонӣ ва рақамикунонӣ, мушкилоти

маърифатноккунӣ, тарбия ва таълими ҳуқуқӣ на танҳо мубрам боқӣ мемонанд, балки ҷанбаҳои нав пайдо мекунанд.

Набудани мафҳуми қонунан мустаҳкамшуда ва дар илм устуворшудаи маърифати ҳуқуқӣ боиси мавҷудияти тафсирҳои гуногуни ин истилоҳ гардидааст. Баррасии равишҳои мавҷудаи дарки падидаи таҳқиқшаванда ҷиҳати муайян намудани маҷмӯи пурраи аломатҳои он ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, истифодаи усули семантикӣ ва муайян намудани таърифи умумистеъмолии мафҳуми «маърифат» дар асоси луғатҳои тафсирӣ мақсаднок шуморида мешавад[87].

Тибқи тафсири луғавӣ, вожаи "маърифат" на танҳо маҷмӯи донишҳои илмиро ифода менамояд, балки ҳамчун раванди методологии омӯзишу парвариш ва ташаккули шуури инсонӣ баромад мекунад. Ин падида дар фарҳангнигории миллӣ ҳамчун асоси маънавии идрок ва таҳкурсии низоми маориф эътироф гардидааст, ки ин амр аҳаммияти онро дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ низ дучанд месозад[88].

Дар Фарҳанги бузурги академии забони русӣ истилоҳи «маърифат» ҳамчун «интишори дониш, таҳсилот, фарҳанг; маҷмӯи тадбирҳои таълимӣ-тарбиявӣ; ҳосил намудан ва гирифтани дониш; таҳсилот» таъриф шудааст. Мафҳумҳои муштақ аз «маърифат»-ро Фарҳанги бузурги академии забони русӣ ба таври зайл муайян менамояд: «маърифат бахшидан», «интиқоли дониш, интишори таҳсилот, фарҳанг»; «бомаърифат», «соҳибмаълумот, дорои сатҳи баланди фарҳанг ва дониш (дар нисбати инсон); бо рушди баланд ва интишори густурдаи фарҳанг ва таҳсилот фарқкунанда (дар нисбати давра ва давлат)»[89].

Тибқи Фарҳанги тафсирии В.И. Дал «маърифат бахшидан маънои «ато намудани нури ақлӣ, илмӣ ва ахлоқӣ, омӯхтани ҳақиқат ва некӣ; ташаккул додани ақл ва қалб»-ро дорад. Шахси бомаърифат – «соҳиби таҳсилоти муосир; аҳли китоб, китобхон, дорои тасаввурот дар бораи ҳақиқат» мебошад[90].

В.В. Стреляева масъалаҳои тарбияи ҳуқуқиро дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мавриди баррасӣ қарор дода, маърифати ҳуқуқиро ҳамчун яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ зикр менамояд. Муаллиф, ба нораво будани айният додани категорияҳои ҳуқуқии зикршуда дуруст ишора мекунад, вале ҳаҷми вазифаҳои дар назди маърифати ҳуқуқӣ гузошташударо маҳдуд сохта, ба он дар муқоиса бо тарбияи ҳуқуқӣ нақши дуюмдараҷа медиҳад[91].

---

[87] Доценко А. С. О понятии правового просвещения / А. С. Доценко // Актуальные проблемы российского права. – 2020. – Т. 15, № 1(110). – С. 180.

[88] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Мирзо Ҳ.С. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. А – Н. – Душанбе. – 2008. – С. 787.

[89] Большой академический словарь русского языка / гл. ред. А. С. Герд. М. — СПб.: Наука, 2012. Т. 21. – С. 237.

[90] Даль В. И. Толковый словарь живого великорусского языка. М.: Прогресс, Универс. – 1994. Т. 3: П — Р. – С. 1328.

[91] Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дисс. ... канд. юр. наук. 12.00.01. – М. – 2006. – С 71.

Профессор О.О. Миронов маърифати ҳуқуқиро «танҳо марҳилаи ибтидоӣ дар дарки категорияҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои юридикӣ» меҳисобад ва ҳамчун зинаҳои баъдӣ «омӯзиш, тарбияи фарҳанги ҳуқуқи инсон, таҳсилот дар соҳаи ҳуқуқ»-ро ҷудо мекунад (дар ин маврид қайд менамояд, ки категорияҳои мазкур наздик бошанд ҳам, вале айният надоранд)[92].

Профессор О.Ю. Рибаков маърифати ҳуқуқиро ҳамчун яке аз шаклҳои муҳимми амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо менамояд; бо ёрии маърифати ҳуқуқӣ метавон ба шуур таъсир расонида, тарзи муайяни тафаккур ва фарҳанги ҳуқуқиро ташаккул дод[93]. Муаллиф ба он таъкиди махсус мекунад, ки ин соҳа бояд сохторҳои давлатиро фаро гирад, зеро маҳз мақомоти ҳокимият ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои муайяншуда захираҳои бештар доранд.

М.В. Барикина таърифи зеринро пешниҳод мекунад: «Маърифати ҳуқуқӣ интишори донишҳо дар бораи ҳуқуқ дар ҷомеа ва шарҳи муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, инчунин таҷрибаи татбиқи онҳо бо мақсади ташаккули боварӣ ба зарурати риояи қонунҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад»[94].

Тавре мушоҳида мешавад, маърифат маънои илму дониш, дарки илмии воқеият, маорифпарварӣ, фарҳангпарвариро дорад. Аз ин хотир. маърифат танҳо бо паҳн намудани дониши ибтидоӣ, аз ҷумла дар давраи кӯдакӣ ва наврасӣ маҳдуд намешавад. Маърифатнокӣ сатҳи баланди илму дониш ва фарҳангро дар назар дорад. Шахси бомаърифат ё соҳибмаърифат илму дониш дорад, қобилият, маҳорат, истеъдоди паҳн намудани илму дониш, дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, таълиму тарбияи шаҳрвандонро дорад, тибқи сифатҳои касбӣ фаъолияти илмӣ, педагогӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, маърифатиро ба роҳ мемонад, ба рушди ҷомеа тавассути тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои нави илму фарҳанг мусоидат мекунад.

Маърифат ҳамчун категорияи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ фарогири маҷмуи донишҳои бунёдии илмӣ, идроки методологии воқеият ва низоми арзишҳои фарҳангпарварӣ буда, раванди ташаккули он бо марҳилаҳои аввалияи таълим маҳдуд намегардад, балки такмили мунтазами ҷаҳонбинии илмиро дар тамоми даврaҳои фаъолияти инсон тақозо менамояд. Шахсияти соҳибмаърифат дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ на танҳо ҳамчун барандаи иттилоот, балки ба сифати субъекти фаъоли татбиқи дастовардҳои фарҳанги моддию маънавӣ баромад намуда, фаъолияти худро дар заминаи сифатҳои касбии илмӣ, педагогӣ ва тарбиявӣ роҳандозӣ мекунад. Ин раванд ба воситаи ҳамоҳангсозии арзишҳои фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои муосири илмӣ заминаҳои устувори рушди иҷтимоиро фароҳам оварда, ба баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ ва рушди динамикии давлатдории муосир мусоидат менамояд.

---

[92] Миронов О. О. Правовое просвещение - функция омбудсманов / О. О. Миронов // Право и образование. – 2009. – №5. – С. 15.

[93] Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики / О. Ю. Рыбаков // Правовая политика и правовая жизнь. – 2003. – №2. – С. 14.

[94] Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики / О. Ю. Рыбаков // Правовая политика и правовая жизнь. – 2003. – №2. – С. 57.

Бахусус, дар моддаи 10-уми Қонуни намунавӣ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ», ки аз тарафи Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ 7 декабри соли 2002 қабул гардидааст, муайян кардани ду ҷанбаи калидии фаъолияти маърифатӣ ба чашм мерасад:

- фаъолияти умумии таҳсилотӣ тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки ба тамоми аҳолӣ паҳн мешаванд, инчунин, дар раванди маърифати илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, тиббӣ;
- фаъолияти маърифатии махсус тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки барои мутахассисони касбӣ пешниҳод мешаванд. Тавре мушоҳида мешавад, маърифати илмӣ яке аз намудҳои маърифат буда, намудҳои дигари маърифат (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) низ дониши илмиро (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) талаб мекунад[95].

Солҳои охир дар асарҳои илмӣ ба таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Зарурати баррасии илмии мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

1. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонопазири низоми тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, яке аз рукнҳои асосии бунёди давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Сатҳи кофии дониши ҳуқуқии аҳолӣ воситаи самарабахши татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин таъминкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Ин раванд ба волоияти қонун, иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқӣ ва таҳкими низоми ҳуқуқии ҷомеа мусоидат менамояд.
2. Маърифати ҳуқуқӣ бахши муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ буда, дар ҷараёни он бо дарназардошти мақсадҳо, вазифаҳо ва шаклҳои махсус амалӣ мегардад. Он ҳамчун ҷузъи корҳои тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули рӯҳияи риоя ва иҷрои қонунҳо, эҳтироми шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқии шаҳрвандон хизмат мекунад.
3. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таълими ҳуқуқӣ буда, дар раванди он бо истифода аз воситаҳои таълимӣ ва маҳорати омӯзгорӣ роҳандозӣ мегардад. Ин падида тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро фаро гирифта, бо иштироки ниҳодҳои гуногун (оила, мактаб, омӯзишгоҳҳо, воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иттилоотӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) сурат мегирад. Он ба паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ ва боло бурдани сатҳи дониши наврасону ҷавонон, донишҷӯён, занон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд мусоидат менамояд.
4. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ буда, дар раванди омодасозии кадрҳо бо истифода аз равишҳои нави таълимӣ сурат мегирад. Мақсади он ташаккули дониши амиқи касбӣ ва омода намудани мутахассисон ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқӣ, тафсири қонунгузорӣ ва паҳн кардани маърифати ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад.

---

[95] Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [манбаи электронӣ]: https://base.garant.ru/2569505/ (санаи мурочиат 30.01.2026).

5. Маърифати ҳуқуқӣ бахши афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар доираи Конститутсия ва барномаҳои давлатии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030 ва дигар санадҳои стратегӣ амалӣ мегардад. Он ба ҷалби шаҳрвандон дар муқовимат бо зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла терроризм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо замина мегузорад.

6. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлатӣ буда, тавассути тадбирҳои ташкилӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ мегардад. Соли 2024 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсия «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид. Ин иқдом ба рушди низоми устувори маърифати ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳои илмию фарҳангӣ дар кишвар неруи тоза бахшид.

7. Маърифати ҳуқуқӣ воситаи самарабахши пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Бо ин мақсад маҷмӯи тадбирҳои муташаккилона дар соҳаи паҳн намудани дониш ва ҳифзи ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад, ки дар ин раванд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон фаъолият менамоянд[96].

Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун раванди асосии ташаккули низоми қонунгузорӣ дар боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муҳим бозида, тавассути танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаҳои дониши ҳуқуқиро устувор менамояд. Ин раванд бо роҳи дастрас ва фаҳмо баён намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба қонун дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Нақши калидии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа тавассути нишондиҳандаҳои илмии зерин асоснок карда мешавад:

- Ҳамгироии арзишҳо. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун маҷмӯи арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ баромад намуда, ҷиҳати ташаккул додани ҷаҳонбинии ҳуқуқии шаҳрвандон заминаи консептуалиро фароҳам меорад.
- Танзими низомии меъёрӣ. Ҳамчун ҷузъи ҷудоинопазири фарҳанги умумибашарӣ, он самаранокии танзими ҳуқуқиро ба воситаи ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ бо принсипҳои ахлоқӣ ва суннатҳои маънавӣ кафолат медиҳад.
- Заминасозии миллӣ-ҳуқуқӣ. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи методологии таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил дода, инъикоси арзишҳои фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои ватандӯстиро дар матни қонун таъмин менамояд.
- Мафкураи давлатсозӣ. Арзишҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши роҳнаморо ишғол

[96] Шарофзода, Р. Ш. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ / Р.Ш. Шарофзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №1. – С. 13-14.

намуда, ба таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи ҳуқуқии насли ҷавон нигаронида шудаанд[97].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазам ва мақсадноки давлатро ифода намуда, ба ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Вазифаи афзалиятноки ин сиёсат тарғиби воситаву механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷомеа ва эҷоди эҳтироми устувор ба қонун бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Татбиқи ин ҳадафҳо дар ҳамкории фаъолонаи мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тамоми табақаҳои аҳолӣ ва дар ҳамаи сатҳҳои сохтори маъмурию ҳудудӣ сурат мегирад.

Ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон инҳо мебошанд:

- ташаккул додани эҳтироми устувор ба қонун дар ҷомеа ва паси сар намудани нигилизми ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла сатҳи огоҳӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ;
- ташкили низоми ҳавасмандгардонӣ барои қонунпазирӣ (итоат ба қонун) ҳамчун модели асосии рафтори иҷтимоӣ;
- ворид намудани ғояи иҷрои софдилонаи вазифаҳо ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шуури ҷамъиятӣ.

Инчунин самтҳои асосии зерин оид ба амалисозии сиёсати давлатӣ муайян карда шудаанд:

- маърифати ҳуқуқӣ ва иттилоотрасонии ҳуқуқии шаҳрвандон;
- рушди таҳсилот ва тарбияи ҳуқуқии насли наврас дар муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун тавассути ворид намудани курсҳои таълимӣ, барномаҳо ва маводҳои таълимӣ-методӣ ба раванди таълим, ки соҳиб шудан ба донишҳоро дар соҳаи ҳуқуқ таъмин менамоянд;
- такмил додани низоми таҳсилоти ҳуқуқӣ ва омода намудани ҳуқуқшиносони соҳибтахассус ва кадрҳои педагогӣ дар соҳаи ҳуқуқ;
- дигаргуниҳо дар соҳаҳои фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, фаъолияти таблиғотӣ ва нашриётӣ, ки ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудаанд;

1. такмил додани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии хизматчиёни мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудааст;
2. такмил додани фаъолият дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, аз ҷумла ташкили низоми самараноки ёрии ҳуқуқии ройгон[98].

Истилоҳи «маърифати ҳуқуқӣ» дар паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,

---

[97] Сафарбекзода С.Ҳ. Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими қонуният ва низом дар Тоҷикистон / С.Ҳ. Сафарбекзода // Маърифати ҳуқуқӣ омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ (н.Данғара, 21-22 ноябри соли 2024). – Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. – С. 9.

[98] Хасанзода М. Х. Понятие и сущность правового просвещения / М. Х. Хасанзода // Академический юридический журнал. – 2024. – №4 (52). – с. 201.

инчунин дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ, аз ҷумла дар «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» мавриди истифода қарор мегирад. Аз ҷумла, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2024 ба муносибати сисолагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст[99].

12 декабри соли 2025 дар доираи иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид ҷаласаи 61-уми пленарӣ баргузор гардид. Дар ҷараёни он қатънома таҳти унвони «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027», ки бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуда буд, бо иттифоқи оро қабул карда шуд. Қабули санади мазкур шумораи қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ-ро, ки дар заминаи ташаббусҳои созанда ва дурандешонаи Роҳбари давлати Тоҷикистон тасвиб ёфтаанд, ба 16 адад расонид. Ин дастоварди ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ташаббускор, ҳомии манфиатҳои умумибашарӣ ва муҳофизи ҳуқуқи инсон дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам мустаҳкам намуд[100].

Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо шиддати низоъҳо ва зарурати таҳкими сулҳу субот тавсиф меёбад, ташаббусҳои байналмилалӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ аҳамияти стратегӣ касб мекунанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии СММ (23 сентябри соли 2025) пешниҳод намуданд, ки соли 2027 «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад, то фарҳанги адолат ва риояи ҳуқуқро дар сатҳи ҷаҳонӣ тақвият бахшад. Ин иқдом ба таҷрибаи муваффақи миллии Тоҷикистон – эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» такя намуда, ба баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими арзишҳои конститутсионӣ замина гузошт. Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки «риояи қатъии ҳуқуқи байналмилалӣ ва маърифати ҳуқуқӣ пояи ҷомеаи одилона ва устувор мебошад»[101].

Дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти соли 2024, дар назди тамоми сохторҳои давлатӣ ва мақомоти ҳокимият, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, кумитаҳои кор бо ҷавонон, дин,

---

[99] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе. 28.12.2023 [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/missives/36370

[100] Эмомалӣ Раҳмон – ташаббускори ҷаҳонии маърифати ҳуқуқӣ. Дар робита ба қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» [манбаи электронӣ] https://khovar.tj/2025/12/emomal-ra-mon-tashabbuskori-a-onii-marifati-u-u-dar-robita-ba-abuli-atnomai-ma-mai-umumii-smm-dar-borai-soli-bajnalmilalii-marifati-u-u-2027/ (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026)

[101] Суханронӣ дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/speeches/52882 (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026

иттиҳодияҳои динӣ ва дигар ташкилотҳо вазифа гузошта шуд, ки ҷиҳати гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва истифодаи дигар усулҳои самараноки пешгирии ифротгароӣ, хурофотпарастӣ, вайрон кардани маҳдудиятҳои бо қонун муқарраршуда ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои таъсирбахш андешанд[102].

Барои такмили тарбияи ҳуқуқии миллати тоҷик имрӯз сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон зарур аст, ки принсипҳо, мақсадҳо, самтҳои асосӣ ва муҳтавои сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти ҳуқуқӣ муайян намояд.

Асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди тарбия ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ба ташаккули эҳтироми устувори ҷомеа ба қонунгузорӣ ва рафъи падидаи инкори ҳуқуқ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла сатҳи огоҳӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани низоми ҳавасмандгардонии раванди татбиқи ҳуқуқ ҳамчун модели асосии рафтори иҷтимоӣ, инчунин ворид намудани ғояи иҷрои софдилонаи вазифаи хизматӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шуури ҷомеа бояд нигаронида шаванд.

Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бидуни роҳандозии рафтори ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ғайриимкон арзёбӣ мегардад. Дар ин замина маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши калидиро иҷро намуда, омилҳои муайянкунандаи риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои ҳамзистии иҷтимоиро муайян месозад. Консепсияи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ омилҳои дохилӣ ва беруниро фаро мегирад, ки ҳамчун ангезандаҳои асосӣ дар интихоби модели рафтори қонунӣ ё зиддиҳуқуқӣ баромад мекунанд. Муҳаррикҳои субъективӣ ва объективии рафтор маҷмӯи васеи таъсироти дохилию беруниро дар бар гирифта, ба раванди қабули қарор аз ҷониби шахс дар мавриди эътирофи меъёрҳои қонунгузорӣ ё инкори онҳо таъсири мустақим мерасонанд[103].

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур собит месозад, ки маърифати ҳуқуқӣ дар шароити дигаргунсозиҳои муосири иҷтимоию рақамӣ ҳамчун категорияи бунёдии ҳуқуқӣ ва воситаи стратегии таҳкими давлатдории миллӣ баромад мекунад. Баррасии консептуалӣ нишон медиҳад, ки ин падида на танҳо бо интишори иттилооти ҳуқуқӣ, балки бо ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва маънавии шахсият алоқамандии зич дорад. Ташаббусҳои давлатӣ, аз ҷумла эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ҷиҳати рафъи нигилизми ҳуқуқӣ ва боло бурдани сатҳи огоҳии ҷомеа заминаи мусоидро фароҳам оварданд. Эътирофи ин иқдом дар сатҳи байналмилалӣ тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид аҳамияти маърифати ҳуқуқиро ҳамчун кафолати адолати глобалӣ ва сулҳи пойдор собит намуд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки қонунпазирӣ ҳамчун модели афзалиятноки рафтори иҷтимоӣ дар шуури ҷамъиятӣ

---

[102] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Душанбе. 09.03.2024 [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/speeches/37084 (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026)

[103] Мирзозода Ш. Ҷ. Аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ / Ш. Ҷ. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4(56). – С. 108.

устувор гардад. Маърифати ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ нақши роҳнаморо иҷро карда, ба ҳамгироии арзишҳои миллӣ бо меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд. Дар ниҳоят, такмили мунтазами низоми таълиму тарбияи ҳуқуқӣ шарти асосии таъмини волоияти қонун ва рушди устувори ҷомеаи демократӣ арзёбӣ мегардад.

Адабиёт:

1. Барыкина М. В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. – 2013. – №1. – с. 55-59;
2. Большой академический словарь русского языка / гл. ред. А. С. Герд. М. — СПб.: Наука, 2012. Т. 21. – 630 с.
3. Даль В. И. Толковый словарь живого великорусского языка. М.: Прогресс, Универс. – 1994. Т. 3: П — Р. С. 1328
4. Доценко А. С. О понятии правового просвещения / А. С. Доценко // Актуальные проблемы российского права. – 2020. – Т. 15, № 1(110). – с. 179-188;
5. Мирзозода Ш. Ҷ. Аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ / Ш. Ҷ. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4(56). – с. 108-113;
6. Миронов О. О. Правовое просвещение - функция омбудсманов / О. О. Миронов // Право и образование. – 2009. – №5. – с. 13-29.
7. Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [манбаи электронӣ]: https://base.garant.ru/2569505/ (санаи мурочиат 30.01.2026).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе. 28.12.2023 [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/missives/36370
9. Рыбаков О. Ю. Формы реализации правовой политики / О. Ю. Рыбаков // Правовая политика и правовая жизнь. – 2003. – №2. – с. 12-18;
10. Сафарбекзода С.Ҳ. Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими қонуният ва низом дар Тоҷикистон / С.Ҳ. Сафарбекзода // Маърифати ҳуқуқӣ омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ (н.Данғара, 21-22 ноябри соли 2024). – Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. – с. 4-10
11. Стреляева В. В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дисс. ... канд. юр. наук. 12.00.01. М. – 2006. – 183 с.
12. Суханронӣ дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/speeches/52882 (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026)

13. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Душанбе. 09.03.2024 [манбаи электронӣ] https://prezident.tj/event/speeches/37084 (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026)
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Мирзо Ҳ.С. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. А – Н. – Душанбе. – 2008. – 949 с.
15. Хасанзода М. Х. Понятие и сущность правового просвещения / М. Х. Хасанзода // Академический юридический журнал. – 2024. – №4(52). – с. 200-203;
16. Шарофзода, Р. Ш. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ / Р. Ш. Шарофзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №1. – с. 7-30;
17. Эмомалӣ Раҳмон – ташаббускори ҷаҳонии маърифати ҳуқуқӣ. Дар робита ба қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» [манбаи электронӣ] https://khovar.tj/2025/12/emomal-ra-mon-tashabbuskori-a-onii-marifati-u-u-dar-robita-ba-abuli-atnomai-ma-mai-umumii-smm-dar-borai-soli-bajnalmilalii-marifati-u-u-2027/ (санаи истифодабарӣ: 30.01.2026)

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

SOME TERMINOLOGICAL ASPECTS OF THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Zayniddinov Said,
Tajik National University, Faculty of Law, Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages.
Phone: +992 931753536

Abstract: This article examines the goals and objectives of strengthening the foundations of a democratic and legal state. The country has developed a legislative system that takes into account the supreme value of the individual, their rights and freedom, the structure of power, social justice, and the protection of national values and wealth. Based on this, the Parliament of the Republic of Tajikistan has adopted hundreds of laws, codes, and other normative legal acts regulating social relations and consistent with the Constitution of the Republic of Tajikistan.

Keywords: constitution, law, right, articles, citizen, duty, freedom, constitutional law terminology, political, protect, human.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИСТИЛОҲОТИИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зайниддинов Саид,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ.
Тел.: +992 931753536

Анотатсия: Дар мақолаи мазкур вазифаҳо ва ҳадафҳои мустаҳкамкунии давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, дар кишварамон низоми қонунгузорӣ коркард гардидааст. Бо дарназардошти арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ сохтори ҳукумат, баробарии иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва бойгарӣ аз ин рӯ Парламенти кишвар, яъне Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо қонун, кодексҳо ва санадҳои дигари меъёриию ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад ва ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Калидвожаҳо: конститутсия, қонун, ҳуқуқ, моддаҳо, шаҳрванд, вазифа, озодӣ, истилоҳҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, сиёсӣ, ҳимоя кардан, инсон.

НЕКОТОРЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Зайниддинов Саид,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры иностранных языков.
Тел.: +992 931753536

Аннотация: В данной статье исследуются цели и задачи укрепления основ демократического и правого государства, в стране разработано законодательная система, учитывающая высшую ценность человека, его прав и свободу, структура власти, социальная справедливость, защита национальных ценностей и богатств. Исходя из этого парламент страны Маджлиси Оли Республики Таджикистан принял сотни законов, кодексов и других нормативных правовых актов, регулирующих общественные отношения и не противоречащие Конституции Республики Таджикистан.

Ключевые слова: конституция, закон, право, статьи, гражданин, обязанность, свобода, терминология конституционного право, политический, защищать, человек.

The first step towards achieving the above goals was the adoption of the Declaration of Independence on August 24, 1990. However, the drafting of the Constitution of Tajikistan was postponed due to the dissolution of the USSR. In this regard, on September 9, 1991, this Declaration was enriched by new circumstances that further expanded the foundations of Tajikistan's sovereignty. The second stage of preparation of the draft Constitution of Tajikistan began after the dissolution of the USSR and the accession of Tajikistan to the Commonwealth of Independent States as a sovereign state. Along with the independence of the Republic of Tajikistan, there was a need to adopt a new Constitution. The society and the state of Tajikistan have entered a qualitatively new stage in the history of their development, and the country has begun a period of radical change in all spheres of society. And on November 6, 1994 the Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in a nationwide referendum and entered into force. The people of independent Tajikistan, along with the adoption of their first Constitution, have declared their human rights and freedom sacred and the task of building a just society and have identified the main elements of civil society. The historical role of the Constitution, first of all, is that from the first years of independence the people of Tajikistan as an expression of sovereignty and a single source of state

power determined their destiny in accordance with the provisions of this fateful, document and clarified the, development of all spheres. As we all know, the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan honorable Emomali Rahmon called the Constitution of the Republic of Tajikistan among the great achievements of the people of Tajikistan, the legal basis for building an independent Tajik state, legal expression of national statehood goals, protection of goals and national interests, historical heritage and national culture. The Constitution, adopted u on November 6, 1994, is truly the fortune of the nation, the certificate of the independent state and the destiny of the country, thanks to which the world recognizes Tajikistan ***as*** a full-fledged subject of international relations, a country, pursuing an open-door policy and the people of Tajikistan[104].

The Constitution of the Republic of Tajikistan has been amended three times - on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. In short, the proud Tajik nation has learned from its just Constitution respect and obedience to the law, and realized that the building of a democratic and law-governed society, which is of interest to mankind, is through obedience! to the law, respect and love for its citizens.

It is safe to say that the 31-st anniversary of the adoption of the Constitution of the Republic, of Tajikistan gives a new impulse to the celebration of the national holiday and the better development of self-awareness, national unity, patriotism and pride of every honorable person of independent Tajikistan.

Constitution is basic law of state and special legal act that has supreme legal effect inside the country. Constitution determines political, economic, cultural and legal system of state. It is constitutive document, which outlines the goals of state.

It should be noted that the Constitution is not a new term in constitutionalism science but it is appeared since ancient time. The first utilization the term of constitution relates to Rome empires. During that time, the kings adopt a document with a name of: Constitution that mean the order and decrees of kings in different issues. However, currently Constitution changes its appointment and by this term, we appreciate the supreme legal act that defines (he rights, liberties, task and responsibilities of human, citizen and state. We cannot miss that the first constitution was adopted- in USA on 7 December of 1787 merely it was the. first Constitution that defines the separation of power; With the passing-of time, other Constitutions were adopted by different countries[105].

We must point out that the Constitution is primordial; legal norm act that stipulated tire; Base of Constitutional structure, The rights, liberties, tasks and responsibilities of human and citizen, Procedure for election of officials such as

---

[104] Зайниддинов С.Ф. “Аз паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ (бо забони англисӣ)”. -Душанбе, ДМТ, маҷаллаи “Минбари ҳуқуқшинос” № 1 аз 5.01.2022.

[105] “Луғати сезабонаи истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ” бахшида ба 30-мин солгарди Истиқлоли давлатии ҶТ (дар ҳаммуаллифӣ бо гуруҳи устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ мураттаб гардид). -Душанбе, 2021. – С. 10.

President, deputies, Procedure for the establishment and activity of law-enforcement agencies and other government bodies and so on.

The first Constitution in historical land of Tajikistan is adopted during existence of USSR when Tajikistan: was one of the Union State. During that period Tajikistan, adopt its Constitution times (1929, 1931, 1937 and 1978). Tajikistan adopted first. Constitution when separate from USSR and became a self-standing Union state. Last other Constitutions Tajikistan adopt because demand of time.

After acquiring *of* independence we adopted a new constitution that concern; us as an independent state. As we know the Constitution, of period of independence is adopted in 6 November of 1994 by way of referendum that reflects the interests of people. We can't-miss that the main distinction of Constitution of 1994 in contrast to Constitutions. period of U SSR is that it puts the interests of individuality in 1-st place and after that the interests of society and state.

We must point out that no legal acts are dogmatic and in the course of time the state adopts new legal act and at the same time introduce changes and amendments to them that Constitution is no exception.

As we know to Constitution of 1994 our parliament, three times introduced changes and amendments. The first amendment was, 26th of September of: 1999 that it changes the name of parliament from Supreme Council (Шурои Олӣ) to Supreme Assembly (Маҷлиси Олӣ) and changed unicameral parliament into bicameral parliament. The second amendment was in 22nd of June 2003 that changes the term of president from 5 years into 7 years. The third amendment which is very useful and (at the same time reinforced the constitutional structure and national and cultural; advantages, it was introduced on 22nd of May of 2016. One of the biggest amendments was to give the status of The Founder of Peace and National Unity - The Leader of the Nation to current president His excellency Emomali Rahmon[106].

The Constitution of RT consists of a Preamble and 100 articles divided into ten chapters. The first chapter is devoted to the fundamental principles of the constitutional system, the second to human and citizen rights, freedoms, and basic obligations. The next three chapters contain provisions about the formation, structure, and competence of the higher bodies of state power and administration—the Parliament (Majlisi Oli), President and Government. The sixth chapter is devoted to local power, the seventh to the status of the Mountainous-Badakhshan Autonomous Region; the eighth and ninth discuss the organization and main principles of the activity of courts and public prosecutor's office, respectively[107].

Of course, resolution of the problems relating to execution of the

[106] Зайниддинов С.Ф. "The constitution of the Republic of Tajikistan and development of administrative legislation". // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқуқи инсон №2(14) ДМТ. Душанбе-2019. – С. 58.

[107] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе "Ирфон"-2009.

Constitution largely depends on the further development of national law. In this sphere, it is important to primarily reinforce the guarantee of unhindered realization of citizen rights and freedoms, elaborate efficient mechanisms for preventing and eliminating violations, and prevent the possibility of past procedures being restored.

As we noted above the parameters of the RT Constitution do not entirely correspond to the country's cultural and historical reality. It can be called the matrix of a new political and legal culture, which, as in other CIS countries, is imposed from above and has certain contradictions. One of them is that the people who compose the state apparatus are called upon to be bearers of this new culture, but they are not distinguished by a high capacity for assimilating it. So, after being refracted in their minds, the European principles, institutions, and provisions enforced in the Basic Law sometimes acquire a local interpretation that reflects the poor development and traditional organization of civil society, as well as the existence of authoritative trends (inevitable in these conditions) in power execution.

This results in a certain gap emerging between the meaning of several important terms and the content they acquire when executing the RT Constitution; this kind of difference can be found in the provisions of many of its chapters.

For example, Tajikistan is described as a social state (art.1) and each person in it has the right to labour (art. 35); but this provision is carried over from the Soviet Constitution and does not correspond to the socioeconomic changes that have occurred in the country since the collapse of the Soviet Union[108].

Recognition of the equality of different forms of property (including private) reflects the state's course toward creating a market economy, of which crises of reproduction and unemployment are characteristic. However, the extremely low initial level of the country's economic development is forcing Tajik citizens to leave the country in order to realize their constitutional right to employment (there are more than one million citizens in this category today).

Nor are those articles of the Constitution that envisage citizens' socioeconomic rights in full effect; the matter concerns art. 38 (on the right to health care ensured through free medical assistance in governmental health care institutions), art. 39 (on the right to social assistance in old age, in the case of illness, disability, or loss of ability to work) and art. 41 (on the right to education, which should be free in governmental educational institutions).

I would like to note that this practice of placing the Constitution on the same level as the regulations of current legislation is not always obvious. For example, according to part 2 of art. 14, limitations of the rights and freedoms of

[108] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе "Ирфон"-2009.

citizens are only allowed for the purposes of ensuring the rights and freedoms of other citizens, ensuring social order, and protecting the constitutional system and territorial integrity of the republic.

In this list of reasons for limiting rights and freedoms of citizens, the provision about ensuring social order appears insufficiently clear and legally vulnerable, mainly because this article does not refer to Art. 46, which envisages the procedure for declaring a state of emergency. In so doing, the rendition of this provision leaves free rein for the subjective assessments of law-makers. In addition, this kind of rendition presumes the limitation of citizen rights and freedoms based on a special act for ensuring social order, which also erases the boundary between the Constitution with its supreme legal force and current legislation.

On the other hand, this regulation contradicts part 1 of art. 98 of the Constitution, according to which amendments and additions to the Constitution are introduced through general referenda. Meanwhile, official interpretation of the regulations of the Constitution endowed the supreme legislative body in practice turns into a masked form of introducing amendments and additions to it. Official interpretation of the law by the supreme legislative body (which logically also adopted these acts) will also be a hidden form of law-making (since the act of official interpretation will essentially have the force of law); Professor G. Shershenevich spoke out against this practice.

The Constitution declaring Tajikistan a republic did not clarify the question of form of rule. Elements of building a presidential republic can be found in the constitutional provisions, but it is impossible to clearly define the form of rule of the Tajik state.

For example, according to art. 64, the President of the Republic of Tajikistan is the head of state and of the executive power (Government). The President is the guarantor of the Constitution and laws. However, the interrelations among the supreme bodies of Tajik state power (the Parliament, Government, and head of state) do not correspond to the classical presidential model of rule. For example, according to art. 73 of the Constitution, the Government is responsible to the President and also under the control of the Majlisi Oli with respect to the execution of the law.

If we look to history with good sense, we find that - is presentation of state, the only person who struggled determining the structure against the enemies of nation, society and state, protection *of* rescue the state from spillage rights and interests of human, and unite all Tajiks into one citizen and state. Merely because nation he was our beloved of generosity of the Constitution; President, His excellency, Emomali Rahmon. Merely with desire and predicament of this prudence son of nation our country becoming more prosperity, beautiful, developing and improving.

One of the most important political events in the period of state independence was the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan by national referendum on November 6, 1994.

The Constitution has the highest legal power, direct application and supremacy on the whole territory of Tajikistan. The Constitution proclaims the establishment of a democratic, legal, secular and unitary State, where the State power is based on the principle of separation of powers. As the fundamental law of the State, the Constitution defines the structure of the government, basic rights, liberties and responsibilities of its citizens, as well as the powers of the legislative, executive and judicial branches.

The Constitution of the Republic of Tajikistan-has established a real basis for regulating the peaceful life of citizens, protection of human rights and freedoms', economic activity and political diversity; The Constitution of the Republic of Tajikistan considers human and civil rights and freedoms of the highest value and guarantees, their recognition and protection by the state.

This important document; defined the- structure of statehood and the life structure of the new Tajik society, and laid a real foundation for peace and stability as well as national unity. It should be noted that our Constitution plays an important role in the development of the new statehood, political and economic relations of Tajikistan and is a document that embodies the dreams of the people of Tajikistan.

Over the 31st years of its existence, the Constitution of the Republic of Tajikistan has, contributed to the strengthening of the foundations of statehood, the rule of law, and the protection of human rights and freedoms, and presented our country's reputation in the international arena!

The Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan honorable Emomali Rahmon noted: "The Constitution, as the highest law, provides the basis for the progress of society through the adoption of new laws and regulates various social relations, and provides the legal basis for the further development and improvement of such relations".

The Constitution protects the rights and freedoms of citizens and enables all of us to have equal rights in all different social and political spheres. To participate directly or indirectly in public administration.

The Constitution of the Republic of Tajikistan has ' gained worldwide significance and is -widely regarded by political scientists as a reflection of the democratic process in Tajikistan.

Through the great values of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Tajik people have succeeded I in creating an independent and sovereign state.

In conclusion, Constitution is presentation of state, determining the structure of society and state, protection of rights and interests of human, citizen and state. Merely because of generosity of Constitution, people- work and study peacefully. With an opportune time, I want to congratulate all teachers and students in general nation our

country becoming every citizens of Tajikistan with this big day 31st anniversary of adoption of the Constitution of Republic of Tajikistan.

Bibliography:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе “Ирфон”-2009.
2. “English for law students”. (Афзали М-К., Назарова З.А., Шоинбеков О.) - Душанбе:Сармад - Компания, 2009. -120с.
3. “English For Students of Law”. (Назарова З.А., Афзали М.К., Шоинбеков О., Зайниддинов С.,Сангинов Ф.А.) -Душанбе: “Садои қалб”, 2021.- 412 с.
4. “Луғати сезабонаи истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ” бахшида ба 30-мин солгарди Истиқлоли давлатии ҶТ (дар ҳаммуаллифӣ бо гуруҳи устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ мураттаб гардид). - Душанбе, 2021. -116 с.
5. Advanced English Grammar.-New Delhi: Cambridge University Press, 2007
6. Аракин В.Д. Практический курс английского языка.- Москва, 1999. 400 тем английского языка. -Москва, 2005.
7. Дамшедов П.Д. Страноведение. “British study”. -Душанбе, 2010.
8. Дамшедов П.Д., Толиби Рози. Фарханги англисӣ-тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони тоҷикӣ. - Душанбе, 2005.
9. Зайниддинов С.Ф. “Оид ба масъалаи мафҳум ва нақши идиомаҳо»“ (ибораҳои рехта). Паёми Осиё №1. -Душанбе, 2020 -С.112-115
10. Зайниддинов С.Ф. “The constitution of the Republic of Tajikistan and development of administrative legislation”. // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқуқи инсон №2(14) ДМТ. Душанбе-2019. сах.47-51
11. Зайниддинов С.Ф. “Аз паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ (бо забони англисӣ)”. -Душанбе, ДМТ, маҷаллаи “Минбари ҳуқуқшинос” № 1 аз 5.01.2022.
12. Зайниддинов С.Ф. “Ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои ҳамҷавор”. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ “Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон” №1(13). -Душанбе, 2019. -С. 122-124.
13. Мамадназаров А.М. Фарханги англисӣ - тоҷикӣ.-Душанбе, 2007.
14. Шевелева С. А. “Английский для юристов”. -Москва: Юнити, 2000.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

НИГОҲИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН УНСУРИ НИЗОМИ МАЪРИФАТИ ҶОМЕА

Холмуродов Асрор Маҳмадалиевич,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшинсӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
Тел.: (+992) 900767668
E-mail: asrorholmurodov69@gmail.com

Муқарриз: Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Дар доираи мақолаи мазкур муаллиф кушиш намудааст, ки масъалаҳои ба маърифати ҳуқуқӣ алоқамандро чун қисмати таркибии маърифати ҷомеа таҳқиқ намояд. Маърифати ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо дигар қисматҳои маърифати ҷамъиятӣ, маърифати сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, касбӣ, илмӣ, динӣ, миллӣ-ватандӯстӣ ва ғ. баррасӣ гардидааст. Ташаккул ёфтани маърифати ҳуқуқӣ аз як ҷиҳат, барои амалӣ намудани мақмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои пешрафти корҳои ташкилӣ, тарбиявӣ, таълимию педагогӣ, танзими дурусти муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, баамалбарории раванди сиёсӣ ва идоранамоӣ мусоидат мекунад. Маҳз дар натиҷаи ба роҳ мондани раванди дурусти таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо тарбияи ахлоқию маънавӣ мумкин аст ба осоишу пешрафти ҷомеаи солим мушарраф гардад.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки барои расидан ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ мондани таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа зарур аст. Маҳз дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мумкин аст, ки доираи васеи аҳолӣ падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқиро, ба монанди мақомоти давлатӣ, дастгоҳи давлат, функсияҳои давлат, шакли давлат, Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, уҳдадориҳои шаҳрванд, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, масъулият ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, интихобот ва раъйпурсӣ ва м.и. дарк намоянд ва дар бораи онҳо маълумотҳои заруриро пайдо кунанд. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ таъсири мусбат мерасонад.

ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ КАК ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ ПРОСВЕЩЕНИЯ ОБЩЕСТВА

Холмуродов Асрор Маҳмадалиевич,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права
Тел.: (+992)900767668
Тел.: (+992) 900767668
E-mail: asrorholmurodov69@gmail.com

Рецензент: Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

Аннотация: В рамках данной статьи автор попытался исследовать вопросы, связанные с правовым просвещением как неотъемлемой частью общественного просвещения. Правовое просвещение в связи с другими составляющими общественного образования, политического, экономического, экологического, профессионального, научного, религиозного, национально-патриотического и т.д. образования. рассмотрено. Формирование правового просвещения, с одной стороны, способствует осуществлению комплекса правовых мер и осуществлению права, с другой-способствует прогрессу организационной, воспитательной, учебно-педагогической работы, правильному регулированию социально-экономических отношений, осуществлению политического и управленческого процесса. Именно в результате налаживания правильного процесса обучения и воспитания в связи с нравственным и духовным воспитанием может быть достигнут мир и прогресс здорового общества.

В статье отмечается, что для достижения высокого уровня правового просвещения необходимо правильное проведение правового образования и воспитания в обществе. Именно в результате правильного проведения правового образования и воспитания широкий круг населения может быть охарактеризован государственными и правовыми явлениями, такими как государственный орган, государственный аппарат, функции государства, форма государства, Конституция и законы, права и свободы человека и гражданина, обязанности гражданина, законность и правопорядок, юридическая ответственность и подотчетность, выборы и референдумы и т. д. И они должны понимать и узнавать о них необходимую информацию. Высокий уровень правового просвещения населения также оказывает положительное влияние на реализацию прав и свобод человека и гражданина.

LEGAL EDUCATION AS AN ELEMENT OF THE PUBLIC EDUCATION SYSTEM

Kholmurodov Asror Mahmadalievich,
Tajik national university, faculty of law, applicant of the department of theory and history of state and law
Tel.: (+992)900767668
E-mail: asrorholmurodov69@gmail.com

Reviewer: Azizzoda U.A., doctor of law, professor

Abstract: In this article, the author attempts to explore the issues related to legal education as an integral part of public education. Legal education is examined in relation to other components of public education, such as political, economic, environmental, professional, scientific, religious, national-patriotic, and other types of education. The article also discusses the importance of legal education in promoting the implementation of legal measures and the enforcement of law. Legal education plays a crucial role in facilitating the progress of organizational, educational, and pedagogical activities, as well as the proper regulation of socio-economic relations and the political and administrative process. It is through the establishment of a proper educational process that peace and progress in a healthy society can be achieved.

The article notes that in order to achieve a high level of legal education, it is necessary to provide proper legal education and upbringing in society. It is through proper legal education and upbringing that a wide range of people can be familiarized with state and legal phenomena, such as government bodies, the state apparatus, the functions of the state, the form of government, the Constitution and laws, human and civil rights and freedoms, the duties of citizens, the rule of law and order, legal responsibility and accountability, elections and referendums, etc. They should understand and learn about these concepts. A high level of legal education among the population also has a positive impact on the implementation of human and civil rights and freedoms.

Маърифати ҳуқуқӣ ин густариш додани донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Маърифат маънои илму дониш, маорифпарварӣ ва донишгустариро дорад. Он ба сайқал додан ва баланд бардоштани сатҳи дониш, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маълумотнокии ҳуқуқиро дар назар дорад. Вожаи «маърифат» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода мешавад: «дониш, илму дониш; дар фалсафа – «дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис; шинохти чигунагии олам: назарияи маърифат»; дар иртибот бо маориф – «омӯзишу парвариш, таълиму тарбия»; аҳли маърифат – соҳибмаърифатон, одамони аз илму дониш баҳраманд, ашхоси огоҳу доно. Ҳамчунин, дар робита бо маърифат калимаҳои зерин шарҳ дода мешаванд: «маърифатнокӣ» – «маърифатнок будан, соҳиби илму

дониш будан»; «маърифатпарварӣ» – «маърифатпарвар будан», инчунин «маорифпарварӣ, фарҳангпарварӣ»[109].

Барои расидан ба мақсадҳои маърифати ҳуқуқӣ, ки ба аз бар намудан ва тақвият додани донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ алоқаманд аст, андешидани чораҳои гуногуни ташкилию амалӣ зарур аст. Ин амал хусусияти давомдор ва муътадил дорад. Аз ин рӯ, муҳаққиқон мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро бо мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ», «шуури ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ» алоқаманд медонанд. Профессор Шарофзода Р.Ш. маърифати ҳуқуқиро аз мафҳумҳои зикргардида алоҳида шуморида, қайд менамояд, ки он объекти мустақили дарки илмӣ буда, мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад ва бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои муайян амалӣ карда мешавад»[110].

Маърифати ҳуқуқӣ – сатҳи донишу фаҳмиши шаҳрвандон дар бораи қонунҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо, тартиботи ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба адолат аст. Он на танҳо донистани қонун, балки риояи ихтиёрии он, ҳисси масъулият ва фарҳанги ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар баробари ин маърифати ҳуқуқӣ, дар баробари маърифати сиёсӣ, маърифати экологӣ, маърифати динӣ, маърифати ахлоқӣ қисмати таркибӣ ва самти алоҳидаи маърифат буда, дар натиҷаи фаъолияти мутташакилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои таълимӣ ва ғайритаълимӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо истифода аз барномаву стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҳамчун қисмате аз маърифати ҷамъиятӣ маърифати ҳуқукӣ бо дигар қисматҳои маърифат, ба монанди маърифати сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, касбӣ, илмӣ, динӣ, миллӣ-ватандӯстӣ ва ғ. ҳамбастагии бевосита дорад. Аз ин лиҳоз, дар ҷомеа ташаккул ёфтани маърифати ҳуқуқӣ аз як ҷиҳат, барои амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои пешрафти корҳои ташкилӣ, тарбиявӣ, таълимию педагогӣ, танзими дурусти муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, баамалбарории раванди сиёсӣ ва идоранамоӣ мусоидат мекунад. Маҳз дар натиҷаи ба роҳ мондани раванди дурусти таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо тарбияи ахлоқию маънавӣ мумкин аст ба осоишу пешрафти ҷомеаи солим мушарраф гардад.

Барои расидан ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ мондани таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа зарур аст. Зеро дар натиҷаи дуруст ташаккул ёфтани таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мумкин аст, ки доираи васеи аҳолӣ падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқиро, ба монанди мақомоти давлатӣ, дастгоҳи давлат, функсияҳои давлат, шакли давлат, Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, уҳдадориҳои шаҳрванд, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, масъулият ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, интихобот ва раъйпурсӣ ва м.и. дарк намоянд ва дар бораи онҳо маълумотҳои заруриро пайдо кунанд. Дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардидани

---

[109] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Падӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – С. 787-788.

[110] Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2024. – С. 9.

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста аст. Агар сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ бошад, шаҳрвандон дар муносибатҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва идоракунии давлат фаъолона иштирок менамоянд. Онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, раъйпурсию интихобот ва пешрафти дигар корҳои ҷамъиятию давлатӣ мусоидат менамоянд. Дар пешгирии амалҳои зиддиҳуқуқию зиддиахлоқӣ, ба монанди амалҳои террористию экстремистӣ, муқовимат бо коррупсияву муомилоти маводи мухаддир фаъолона иштирок менамоянд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар болозикр гардида дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Ҳамзамон дар суханронии худ Президенти кишвар дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин санаи 9 марти соли 2024 таъкид намуданд, ки мақсад аз эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ин «… баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии ин иқдом мебошад»[111].

Мубрамияти мавзуи мазкурро ба назар гирифта санаи 12 декабри соли 2025 дар иҷлосияи 80-уми Маҷмааи СММ ва ҷаласаи 61-уми пленарии худ қатънома дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027», ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида буд, қабул намуд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишу маърифатнокии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлату Ҳукумат, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти соҳавӣ ва ташкилоту идораҳои давлатию хусусӣ, муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, олимону муҳаққиқон ва шахсони алоҳидаи дорои малака ва таҷрибаи зиёди амалӣ ва дигарон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд.

Чунончи, тибқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали 2018, № 1005 тасдиқ шудааст, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ, тарбия ва таълими ҳуқуқӣ ҷузъи консепсияи давлатии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Дар консепсияи зикршуда омадааст: «Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи

[111] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024: [Захираҳои электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL htth://www.prezidtnt.tj/node/32921 (санаи муроҷиат 4.02.2026).

ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад»[112].

Мувофиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст: «Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад»[113].

Маҳз ҳамин мақсад дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 чунин таъкид гардида буд: «Рушди маърифатнокии аҳолӣ, тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷалби бештари ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон ба илмомӯзӣ, ки бунёди онро илмҳои табиӣ ва риёзӣ ташкил медиҳанд, василаи асосии пешгирӣ кардани хурофот, ифротишавӣ, зоҳирпарастии динӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ мебошад». «… фаромӯш набояд кард, ки яке аз омилҳои асосии хурофотпарастӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ сатҳи пасти маърифатнокӣ ва тафаккури илмӣ дар ҷомеа мебошад. Маҳз илму маориф асоси пешрафти давлат ва раҳоии ҷомеа аз ҳама бадбахтиҳо, аз ҷумла ифротишавӣ, хурофотпарастӣ ва ҷаҳолат аст»[114].

Барои расидан ба сатҳи баланди маърифат дар ҷомеа корҳои зиёдеро анҷом додан лозим аст. Пеш аз ҳама шахси бомаърифатро дар ҷомеа тарбия намудан лозим аст, чун худи маърифатнокӣ ин сатҳи баланди илму дониш ва фарҳангро дар назар дорад. Агар аъзои ҷомеа аз шахси бомаърифат ва дорои илму дониш иборат бошанд, пас ҷомеа низ метавонад аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию сиёсӣ пешрафта бошад.

Ҳануз 7-уми декабри соли 2002 дар Қонуни намунавӣ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ», ки барои аъзои давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул шуда буд ду самти асосии фаъолияти маърифатӣ муайян гардида буд. Мувофиқи он самти аввал ин «фаъолияти

---

[112] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 6-уми феврали 2018, № 1005 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи мурочиат: 21.05.2024).

[113] Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи мурочиат: 21.05.2024).

[114] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024: [Захираҳои электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL htth://www.prezidtnt.tj/node/32921 (санаи мурочиат 18.01.2026).

умумии таҳсилотӣ тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки ба тамоми аҳолӣ паҳн мешаванд, аз он ҷумла дар раванди маърифати илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва тиббӣ» мебошад. Самти дуюм ин «… фаъолияти маърифатии махсус мебошад, ки тавассути барномаҳои маърифатӣ амалӣ гардида, барои мутахассисони касбӣ» пешниҳод мешаванд[115].

Чи гунае, ки маълум мешавад, маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибии маърифат буда, ҳамчун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ омухта мешавад. Он дар тавассути фаъолияти мутташакилонаву муназзами мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеа, махсусан ҷомеа шаҳрвандӣ, бо истифода аз коркард ва амалисозии барномаҳо, консепсияҳо, нақшаву стратегияҳои давлатӣ, илмӣ, таълимӣ ва ғ. ба амал бароварда мешаванд. Аслан фаъолияти маърифатӣ тавассути таҳсилот, маҷмуи чорабиниҳои иттилоотӣ-тарғибӣ ва тарбиявию таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Дар самти фаъолияти касбӣ, хосатан фаъолияти ҳуқуқшиносӣ маърифати ҳуқуқӣ махсусияти худро дорад. Чуноне, ки муҳаққиқон қайд менамоянд: «Устувории ҳамаи унсурҳои консепсияи миллии маърифати ҳуқуқӣ пешгирӣ ва идора намудани хавфҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-маънавиро, ки дар фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон ба миён меоянд, пешбинӣ мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалисозӣ, татбиқ, тафсири ҳуқуқ ва намудҳои дигари фаъолияти касбии ҳуқуқӣ бо хавфҳои муайяни ҳуқуқӣ, аз ҷумла хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ, хавфҳои фаъолияти шартномавӣ, суғуртавӣ, қарзӣ, асъорӣ ва ғайра алоқамандӣ дорад. Хавфҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, дар фалсафа ва илмҳои дигари иҷтимоӣ омӯхта мешавад[116]. Хавфҳои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ аз омилҳои гуногун, аз ҷумла ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, халалдоршавии шуури ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд. Чунончи, халалдоршавии унсурҳои ақлонаи шуури ҳуқуқӣ боиси хатогиҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбӣ мегардад, халалдоршавии унсурҳои равонии шуури ҳуқуқӣ ба ташаккули нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, халалдоршавии унсурҳои амалии шуури ҳуқуқӣ боиси содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ мегардад[117].

Ҳамзамон профессор Р.Ш. Шарофзода роҳҳои таъмин намудани устувории шуури ҳуқуқии касбиро шарҳ дода қайд менамояд, ки онҳо чунинанд: 1) боло бурдани маърифати ҳуқуқии ҳуқуқшиносон ҳам дар ҷараёни таҳсил ва ҳам дар фаъолияти касбӣ; 2) баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии касбӣ; 3) омодагии ахлоқӣ-маънавӣ ва равонии

---

[115] Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30.

[116]Ниг.: Баранов В.М. Правовая рискология в технико-юридическом срезе. Вступительное слово В.М. Баранова на открытии XX форума “Юртехника» // Юридическая техника. – Ежегодник. – № 13: Риски в законотворчестве, правореализации, юридической науке: техника формирования и управления системы управления. – Нижний Новгород. 2019. – С. 9-15; Слок В.И.. Социальное управление в обществе риска: философский анализ: автореф.…дис. канд. философ. наук. – Уфа, 2017.

[117] Шарофзода Р.Ш. Консепсияи миллии маърифати ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – С. 19-20.

ҳуқуқшиносн тавассути тарғибу ташвиқи арзишҳои миллии ахлоқӣ-маънавӣ[118].

Боло бурдани донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ метавонад ба осудагии кишвар, осоиши зиндагии аҳолӣ, баланд рафтани маърифати сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ оварда расонад. Он дар маҷмӯъ боиси баланд гардидани шуури ҳуқуқии одамон мегардад. Шуури ҳуқуқӣ, ки дар заминаи дониши ҳуқуқӣ, арзишҳои иҷтимоии ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои миллӣ ташаккул меёбад, ба ташаккули унсурҳои миллии маърифати ҳуқуқӣ мусоидат мекунад[119]. Ҳимояи фарҳанги ҳуқуқии миллӣ ҳифзи унсурҳои маънавӣ, аз ҷумла, психология, шуур, ҳуввият, одату анъанаҳои миллиро дар назар дорад. Аз устувории ин унсурҳои маънавӣ сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии миллӣ вобастагӣ дорад. Тавре Э.С. Насриддинзода қайд мекунад, халалдор гардидани «фарҳанги ҳуқуқии маънавӣ боиси бухрони маънавии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа … мегардад»[120].

Дар маҷмуъ ташаккул ва инкишофи консепсияи миллии маърифати ҳуқуқӣ дар кишвар барои ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ зарур аст, ки онро профессор Р.Ш. Шарофзода чунин шарҳ додааст: «Консепсияи миллии маърифати ҳуқуқӣ – маҷмуи унсурҳои таркибӣ (асосҳои назариявӣ-методологӣ, мақсадҳо, вазифаҳо, тарзу воситаҳо, шаклҳо, самтҳои амалӣ намудани маърифати ҳуқуқӣ) мебошад, ки дар заминаи арзишҳои миллии ахлоқӣ-маънавӣ ва анъанаҳои миллӣ, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешавад». Ҳамзамон аҳаммияти коркард ва роҳандозии онро пешбинӣ намудааст, ки чунинанд: 1) таҷрибаи миллии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла мероси таърихӣ, анъанаҳои миллӣ (дар соҳаи таълиму тарбияи фарзанд, фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи осори фарҳангӣ ва ғайра), арзишҳои ахлоқию маънавиро ҳимоя мекунад; 2) ба рушди устувори ҷомеа тавассути паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ ва арзишҳои миллии иҷтимоӣ мусоидат менамояд; 3) дар робита бо рушди илм, технология, дастовардҳои нави илмӣ, такмили мунтазами раванди таълим, шаклу усулҳои нави тарбияи шаҳрвандон доимо такмил меёбад; 4) ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ, алалхусус, ҷаҳонишавии маънавӣ-фарҳангӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ мусоидат мекунад; 5) шакли иттилоотонии шаҳрвандон буда, ба ҳимояи фазои миллии иттилоотӣ мусоидат мекунад[121].

Ҳамин тариқ, дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ тарбия, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ метавонад заминаи воқеӣ гузорад. Тарбияи ҳуқуқӣ низ ҷузъи таркибии маърифати ҳуқуқӣ буда барои ташаккули он дар ҷомеа мусоидат намояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намоем, ки маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи ташаккули маърифати

[118] Шарофзода Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. – № 1 (41). – С. 12-29.
[119] Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2024. – С. 9.
[120] Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография. – М.: Норма, 2014. – С. 215.
[121] Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2024. – С. 9.

умумии ҷомеа аз омилҳои муҳимми таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

Адабиёт:

1. Баранов В.М. Правовая рискология в технико-юридическом срезе. Вступительное слово В.М. Баранова на открытии XX форума “Юртехника» // Юридическая техника. – Ежегодник. – № 13: Риски в законотворчестве, правореализации, юридической науке: техника формирования и управления системы управления. – Нижний Новгород. 2019. – С. 9-15.
2. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи мурочиат: 21.05.2024).
3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 6-уми феврали 2018, № 1005 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи мурочиат: 21.05.2024).
4. Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30.
5. Насурдинов Э.С. Правовая культура: Монография / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – М.: Норма, 2014. – 352 с.
6. Слок В.И. Социальное управление в обществе риска: философский анализ: автореф… дис. канд. философ. наук. – Уфа, 2017. – 24 с.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024: [Захираҳои электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL htth://www.prezidtnt.tj/node/32921 (санаи мурочиат 18.01.2026).
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024: [Захираҳои электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL htth://www.prezidtnt.tj/node/32921 (санаи мурочиат 4.02.2026).
9. Теория государства и права: Учебник для юрид. вузов и факультетов [Текст] / Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. – М.: Инфра-М-Норма, 1997. – 570 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Падӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
11. Шарофзода Р.Ш. Консепсияи миллии маърифати ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – С. 18-34.

12. Шарофзода Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2024. – 312 с.
13. Шарофзода Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. – № 1 (41). – С. 12-29.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НИҲОДҲОИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Шарифзод Абдулазиз Розиқхуҷа,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
Тел.: (+992) 908-90-89-59
Email: sharifzobabdulaziz@gmail.com

Ихтисоси илмӣ: 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат
Муқарриз: Мирализода И.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Дар мақола яке аз мавзуъҳои мабрами илми ҳуқуқшиносӣ – таърихи пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳодҳои минтақавӣ ба гурӯҳи механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил шуда, фаъолияти ташкилотҳои давлатҳои як минтақаро дар бар гирифта, мақомот ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки фаъолияташон ба ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудааст, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Механизмҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дорои низоми мустақил, сохтор, мақсад, вазифа ва функсияҳои худ буда, ҷузъҳои зеринро, ба мисли фаъолияти ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ, расмиёти меъёрӣ ва ташкилӣ, ҳамчунин назорат аз болои риояи ҳуқуқи инсон ва ҷавобгарӣ барои поймол шудани онҳоро дар манотиқи муайяни ҷуғрофиро дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: қонун, ҳуқуқ, ниҳод, минтақа, ниҳоди минтақавӣ, таърих, ташаккул, ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон, низоми Аврупо, низоми Амрикоӣ, низоми Африқоӣ, амалишавии ҳуқуқи инсон, вайроншавии ҳуқуқи инсон, барқарорсозии ҳуқуқи инсон.

ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНЫХ ИНСТИТУТОВ ПО ЗАЩИТЕ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Шарифзод Абдулазиз Розикхуджа,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведение
Тел.: (+992) 908-90-89-59
Email: sharifzobabdulaziz@gmail.com

Научная специальность: 5.5.1 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
Рецензент: Мирализода И.К. – доктор юридических наук, профессор

Аннотация: В статье исследуется и обсуждается одна из важнейших тем юридической науки – история возникновения и становления региональных институтов защиты прав человека. В системе механизмов защиты прав человека региональные институты входят в группу международных механизмов защиты прав человека, охватывающих деятельность государственных организаций одного региона, и занимают особое место среди органов и учреждений по защите прав человека, деятельность которых направлена на защиту прав человека. Региональные механизмы защиты прав человека имеют свою собственную самостоятельную систему, структуру, цели, задачи и функции и включают в себя следующие компоненты: правовую деятельность юридических лиц, нормативно-правовые и организационные процедуры, а также мониторинг соблюдения прав человека и ответственность за их нарушение в отдельных географических районах.

Ключевые слова: закон, право, институт, регион, региональный институт, история, формирование, права человека, защита прав человека, европейская система, американская система, африканская система, осуществление прав человека, нарушение прав человека, восстановление прав человека.

HISTORY OF THE EMERGENCE AND FORMATION OF REGIONAL INSTITUTIONS FOR THE PROTECTION OF HUMAN RIGHTS

Sharifzod Abdulaziz Roziqkhuja,
Tajik National University, Faculty of Law, PhD student of the Department of Human Rights and Comparative Law
Phone: (+992) 908-90-89-59
Email: sharifzobabdulaziz@gmail.com

Scientific Specialty: 5.5.1. Theory and history of law and state; history of doctrines of the law and state
Reviewers: Miralizoda I.Q. – Doctor of Law Sciences, Professor

Annotation: This article explores and discusses one of the most important topics in legal scholarship: the history of the emergence and development of regional human rights institutions. Within the system of human rights protection mechanisms, regional institutions are part of a group of international human rights protection mechanisms encompassing the activities of state organizations within a region. They occupy a special place among human rights bodies and institutions whose activities are aimed at protecting human rights. Regional human rights protection mechanisms have their own independent system,

structure, goals, objectives, and functions, and include the following components: the legal activities of legal entities, regulatory and organizational procedures, as well as monitoring of human rights compliance and liability for their violation in specific geographic areas.

Key words: law, right, institution, region, regional institution, history, formation, human rights, protection of human rights, European system, American system, African system, implementation of human rights, violation of human rights, restoration of human rights.

Пас аз дастёбӣ ба Истиқлоли давлатӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди муосиркунонии илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва гуманитарӣ оғоз гардид. Дар ин замина, консепсияи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олии ҳуқуқӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасбит ёфта, ба самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат табдил ёфт.

Дар тули 35 соли рушди мустақил, яке аз комёбиҳои стратегӣ – таъсиси низоми мукаммали қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои аҳолӣ маҳсуб мешавад. Таҳия ва қабули маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ заминаи устуворро барои ҳифзи манфиатҳои қонунии ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам овард.

Инфрасохтори меъёрии мавҷуда дар самти ҳуқуқи инсон барои боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва салоҳияти касбии хизматчиёни сохторҳои қудратӣ нақши конструктивиро иҷро мекунад. Фаъолияти тахассусии ин ниҳодҳо ҳамчун омили асосии амалигардонии меъёрҳои қонунгузорӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ баромад мекунад.

Дар шароити муосир, муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути механизми танзими ҳуқуқӣ ва муайян намудани мақоми ҳуқуқии субъектони ин муносибат ба низом дароварда мешаванд. Ҳуқуқ на танҳо ҳамчун василаи диспозитивии танзими иҷтимоӣ, балки ҳамчун кафолати амалии қонеъ гардонидани ниёзҳои ҳуқуқии шахс дониста мешавад. Дар баробари ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ зарурати такмили механизмҳои таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро бо назардошти чолишҳои нави глобалӣ тақозо менамоянд.

Ҷомеаи кунунӣ дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва баробарӣ дар назди қонун бунёд шудааст, вале ҷиҳати танзими фаъолияти давлат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳо ва механизмҳое мавҷуданд, ки дар амал ин қонунҳоро татбиқ мекунанд[122].

Мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми илми ҳуқуқи инсон аз ҷониби олимону муҳаққиқон ба тавари гуногун пешкаш гардидааст. Дар доктринаи ҳуқуқӣ истилоҳи «механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» ба таври фарох истифода шудааст. Истилоҳи «механизм» ба маънии аслиаш ҳамчун воҳиди сохтори дохилии ягон механика ё дастгоҳи томи техникӣ фаҳмида мешавад, ба маънии маҷозиаш онро ҳамчун воҳиди

[122]Ниг.: Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд. – М.: Норма, 2005. – С. 6.

сохтории низоми томе фаҳмидан мумкин аст, ки тавассути он ин ва ё он намуди кор иҷро карда мешавад[123].

А.В. Стремоухов бошад, вобаста ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон иброз медорад, ки он низоми серҳаракати меъёрҳои ҳуқуқ, маҷмуи тарзу восита ва чораҳои амал ва ҳамкории мутақобилае, ки ба пешгирии поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ё барқарор сохтани онҳо дар сурати вайронкунӣ равона шудаанд[124], фаҳмида мешавад.

Дигар олимон, аз қабили А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов таъкид месозанд, ки барои амалигардии самараноки ҳуқуқи инсон зарур аст, механизмҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳимояи инсон ва шаҳрванд ҳамчун низоми восита ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи шартҳои зарурии эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил карда шавад. Сохтори ин механизм ба таври зайл ташкил карда мешавад: меъёрҳои ҷамъиятӣ, рафтори ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд; ошкорогӣ; афкори ҷамъиятӣ; кафолатҳо; ҷавобгарӣ ва назорат[125].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ таснифҳои гуногуни механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷой дорад. Бештар дар адабиёти ҳуқуқӣ ду механизми асосӣ, яъне миллӣ ва байналмилалро ҷудо мекунанд. Ин механизмҳо ба ҳамдигар дар робитаи ногусастанӣ қарор доранд.

Масалан, С.Л. Кузнетсова қайд менамояд, ки алоқамандии механизмҳо дар он ифода меёбад, ки механизми байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон вақте амалӣ мешавад, агар тамоми имкониятҳои дохилидавлатии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шуда бошанд, агар дар навбати худ қонунгузории дохилидавлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон дар асоси санадҳои байналмилалӣ таҳия шаванд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳаҷми васеъ ва фарохтар, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ дарҷ ёфтаанд[126]. Таҳлили муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон нишон медиҳад, ки низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон бояд ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида шавад. Низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон ба маънои маҳдуд гуфта, фаъолияти ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ фаҳмида мешавад, ки вазифаи асосии онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Ба ибораи дигар, ниҳодҳои мавҷудаи махсусгардонидашуда оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар маҷмуъ, низоми ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба маънои маҳдуд ташкил медиҳанд. Ин бо таъйиноти функсионалии онҳо, яъне ба амал баровардани функсияи ҳимояи ҳуқуқ, алоқаманд мебошад. Ин ниҳодҳо баҳри ҳимояи манфиатҳои поймолшудаи шаҳрвандон фаъолият менамоянд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон – ин маҷмуи тарз, восита ва усулҳое мебошанд, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асос ёфта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз ҳар гуна дахолати беасос ва

---

[123] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – С. 32-100.
[124] Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2006. – С. 161.
[125] Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. – М., 2003. – С. 330-331.
[126] Кузнецова С.Н. Международная защита прав человека. – Н. Новгород, 2005. – С. 71.

ғайриқонунӣ ҳимоя намуда, инчунин ҳуқуқу озодиҳои поймолгаштаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барқарор месозанд. Низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон вобаста ба хусусияти ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавии давлатҳо ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон. Дар ин навбат моро зарур аст, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқот механизмҳои байналмилалиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем.

Механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар қатори ниҳодҳои миллӣ басо муҳим арзёбӣ мегарданд. Ҳифзи ҳуқуқӣ-байналмилалии ҳуқуқи озодиҳои инсон яке аз ҷанбаҳои масъалаи мураккаб ва бисёрҷонибаи таъмини ҳуқуқи инсон дар маҷмӯъ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши равишу стандартҳои умумиҷаҳонӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, зарурати таъсис ва рушди механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон саривақти мебошад. Ин падида таърихи нисбатан кутоҳ дорад, аммо дар ин муддати кутоҳ он ба як ниҳоди муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфтааст[127]. Дар ин замина, қобили қайд аст, ки механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолияти мақомот ва созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки муносибатҳои байни давлатҳоро танзим мекунанд, барои мусоидат ба эҳтиром ва риояи ҳуқуқи инсон ва ҳифзи онҳо фаҳмида мешаванд.

Мувофиқи асосҳои гуногун механизмҳои байналмилалӣ мисли механизмҳои миллӣ тасниф карда мешаванд. Масалан, А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро тасниф карда, меъёрҳои зеринро муайян мекунад: аз рӯйи хусусияти фаъолият, аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ, аз рӯйи таркиб, аз рӯйи объекти фаъолият, аз рӯйи давомнокии фаъолият ва аз рӯйи доираи ваколатҳо[128].

Чӣ тавре ки қайд карда шуд таърихи пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои минтақавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон начандон тулонӣ мебошад. Дар хусуси масъалаи мазкур дар миёни олимон гуногунақидагӣ мавҷуд аст. Бархе аз муҳаққиқон оид ба пайдоиши ниҳоди махсусгардонидашуда дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон низоми Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосиро мавқеи якумро ишғол менамояд. Тавре ки В.А. Карташкин иброз медорад: “Аввалин низоми муваффақи минтақавӣ Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, инчунин муассисаҳое, ки мутобиқи он таъсис дода шуда буданд, ба ҳисоб меравад”[129]. Ҳамзамон вобаста ба ин як зумра олимони ватанӣ оид ба масъалаи мазкур бар он ақидаанд, ки фаъолияти Шурои Аврупо (соли 1949) дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тавсия ва таҳкими кафолатҳое, ки ба Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ дохил

[127] Диноршоев А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М., Искандаров Ш.Ф. Механизм защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора Диноршох А.М. – Душанбе, 2018. – С. 34-35.
[128] Абашидзе А.Х., Гольтяев А.О. Универсальные механизмы защиты прав человека. – М., 2013. – С. 10-17.
[129] Карташкин В.А. Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод и становление правового государства в России / В.А. Карташкин // Права человека и политическое реформирование. – М.: Институт государства и права РАН, 1997. – С. 42-62.

карда шудаанд, такмил додани рӯйхати ҳуқуқҳои дар он мавҷудбуда, инчунин суръат бахшидан ба мурофиаи судии одилона ва ғайра равона карда шудааст[130].

Тавре ба ҳамагон маълум аст, ки ин Конвенсия 4-уми ноябри соли 1950 аз ҷониби кишварҳои узви Шурои Аврупо қабул шуда, 3-юми сентябри соли 1953 эътибор пайдо кардааст. Дар айни замон, ҳамаи давлатҳои узви Шурои Аврупо иштирокчиёни ин Конвенсия мебошанд. Бинобар ин мо мушоҳида намудем, ки Конвенсияи мазкур ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон зикр шудаанд, муқаррар мекунад. Илова бар номбар кардани ҳуқуқҳо, Конвенсия инчунин таъсиси механизмҳоро барои назорати татбиқи он пешбинӣ мекунад. Айни замон, Конвенсияи Аврупо намунаи муваффақтарини низоми минтақавии амалкунанда барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳисобида мешавад[131].

Дар замони ҳозира назорати иҷрои талаботи Конвенсия миёни Комиссияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва Кумитаи вазирони Шурои Аврупо, ки аз вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узв ё намояндагони онҳо иборат аст, тақсим карда шудааст.

Дар қатори низоми Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон боз дигар ниҳодҳои минтақавие мавҷудан, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро зери таваҷҷуҳи махсус қарор доранд. Аз ҷумла, низоми байниамрикоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Ин низом дар асоси Оинномаи Созмони Давлатҳои Амрико ва Конвенсияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон пайдо шудааст. Механизмҳое, ки низоми байниамрикоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд, вобаста ба асоси ҳуқуқии таъсисёфтаашон таърих ва мақоми гуногун доранд. Низоми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар манотиқи Амрико дар ду сатҳ мавриди таҳлил мегирад. Хусусан дар таъсиси ин низом Оинномаи Созмони Давлатҳои Амрико низоми Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон нақш ва саҳми калидӣ доранд. Дар таҷриба Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бо номи Пакти Сан-Хосе низ маъруф буда, соли 1969 дар Коста-Рика қабул гардида, аз соли 1978 мавриди амал қарор гирифт. Ин санад асоси низоми минтақавии ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳам дар кишварҳои Амрикои Шимолӣ ва ҳам дар кишварҳои Амрикои Ҷанубиро ташкил медиҳад.

Чунончи А.М. Василев, Н.А. Василева ишора менамоянд, ки хусусияти ин санад дар он аст, ки бар хилофи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, он ҳуқуқҳоеро ба монанди ҳуқуқи ҳифзи моликият, озодӣ аз ихроҷ ва ихроҷи дастаҷамъонаи хориҷиёнро муқаррар мекунад. Инчунин, дар Конвенсия ҳуқуқ ба эътироз ва ҳуқуқ ба паноҳагпҳ мустаҳкам шудааст, ки дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин дар Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ вуҷуд надоранд[132].

Низоми дигари минтақавӣ ин низоми Африқоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Хусусиятҳои рушди низоми минтақавии ҳуқуқи инсон дар манотиқи

---

[130] Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2023. – С. 319.

[131] Васильев А.М., Васильева Н.А. Региональные институты защиты прав человека / А.М. Васильев, Н.А. Васильева // Юридические записки. 2013. № 2. – Краснодар. – С. 155.

[132] Васильев А.М., Васильева Н.А. Региональные институты защиты прав человека / А.М. Васильев, Н.А. Васильева // Юридические записки. 2013. № 2. – Краснодар. – С. 157.

Африқо дар мақоми мустамликавии давлату халқҳои Африқо ва ҳассосияти баланди давлатҳои қитъаро нисбат ба дахолати беруна арзёбӣ мегардад. Оинномаи Созмони Ваҳдати Африқо, ки соли 1953 қабул шуда, ҳоло қариб ҳамаи давлатҳои Африқо ба он ҳамроҳ шудаанд, дар бораи ғояи "ваҳдат ва ҳамбастагӣ" дар байни давлатҳои Африқо ба таври возеҳ сухан мегӯяд. Самти сиёсии мазкур боис гардидааст, ки аксари давлатҳои Африқо аз матраҳ кардани масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар дигар давлатҳои манотиқ худдорӣ кунанд ва онҳоро ҳамчун масъалаҳое мебинанд, ки метавонанд ба "ваҳдат ва ҳамбастагӣ"-и ҳамаи давлатҳои Африқо таъсири манфӣ расонанд[133].

Мунтазам пажӯҳиш ва фаъолият дар доираи принсипи қонуният, инчунин дарки консептуалии ҳуқуқҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, бахусус гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, ки дучори маҳрумият ё сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ гардидаанд, шарти зарурӣ барои татбиқи кафолатҳои давлатӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд дастрасии махсусро ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон таъмин намуда, самаранокии фаъолияти идоракунии давлатиро тақозо менамояд.

Фаъолияти давлатҳо дар самти назорат ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ҷузъи ҷудонашавандаи функсияҳои ҳифзи ҳуқуқии он мебошад, хусусияти императивӣ ва доимӣ дорад. Дар шароити муосири геополитикӣ ва бархӯрди манфиатҳои глобалӣ, ки боиси ноустувории низомҳои ҳуқуқӣ мегардад, ҳифзи ҳуқуқӣ ва таъмини амнияти ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти стратегиро касб мекунад.

Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди давлатдорӣ собит менамояд, ки фаъолияти бесамари ниҳодҳои қудратӣ дар иҷрои вазифаҳои ҳимоявӣ мустақиман боиси афзоиши нишондиҳандаҳои ҳуқуқвайроникунию ҷиноятқорӣ ва бесуботии сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, функсияи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон хусусияти доимамалкунандаи давлат эътироф мешавад, зеро устувории низоми давлатдорӣ аз сатҳи кафолати ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагии зич дорад.

Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ, зуҳури чолишҳо ва таҳдидҳои фаромиллӣ – аз ҷумла ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои маводи нашъаовар, экстремизм ва терроризми байналмилалӣ, ҷалби ноболиғон ба низоъҳои мусаллаҳона, инчунин экспансияи фарҳангӣ-идеологӣ – зарурати такмили механизми давлатии кафолат ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба миён меорад. Ин омилҳои хатарзо, ки дорои табиати фаромарзӣ мебошанд, мустақиман ба фазои ҳуқуқии миллӣ таъсир расонида, таҳияи стратегияҳои муассири муқовиматро дар сатҳи дохилидавлатӣ, бо мақсади таъмини амнияти ҳуқуқии шаҳрвандон, тақозо менамоянд. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20-уми январи соли 2016), афзалиятҳои стратегии фаъолияти

[133] Международные акты о правах человека. Сборник документов. / Сост. и авторы вступительной статьи Карташкин В.А. и Лукашева Е.А. – М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА-М, 1998. – С. 742.

мақомоти ҳифзи ҳуқуқро муайян намуданд. Дар паёми мазкур, зарурати ҷоннок намудани фаъолияти ниҳодҳои қудратӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳои муосири фаромиллӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва ҷиноятқории муташаккили фаромарзӣ, ҳамчун вазифаи калидии таъмини суботи конститутсионӣ ва амнияти миллии кишвар муқаррар гардид.

Дар заминаи ин аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати таҳияи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, таъсиси Маркази муқовимат бо ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд ва кибертерроризм, такмили Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, пурзӯр намудани мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир супориш дода шуд[134]. Баъдан ҳуҷҷати мазкур аз сари нав қабул гардид, яъне бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, №187 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ шуд. Ҳамаи ин иқдому ташаббус ва фаъолияти самараноки роҳбарияти олии давлат шаҳодати он аст, ки ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зери диққати пайваста ва доимии ҳокимияти давлатӣ қарор дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 таъкид намуданд, ки «таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошад»[135]. Бо назардошти ин ва вазъи нооромии ҷаҳону минтақа, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ вазифа гузошта мешавад, ки фаъолияташонро «дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ, хусусан, ҷиноятқории муташаккил ва фаромиллӣ, таъмини амнияту тартиботи ҳуқуқӣ, мустаҳкам кардани иқтидори мудофиавии мамлакат»[4] тақвият диҳанд. Зеро асоси амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин талоши пайвастаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, механизмҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дорои низоми мустақил, сохтор, мақсад, вазифа ва функсияҳои худ буда, ҷузъҳои зеринро, ба мисли фаъолияти ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ, расмиёти меъёрӣ ва ташкилӣ, ҳамчунин назорат аз болои риояи ҳуқуқи инсон ва ҷавобгарӣ барои поймол шудани онҳоро дар манотиқи муайяни ҷуғрофиро дар бар мегирад.

Мақсад ва вазифаҳои механизмҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ин ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда дар минтақаи муайян буда, ҳамчунин ташккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеаи байналмилалӣ мебошад. Ҳамин

---

[134] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ш. Душанбе, 20-уми январи соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С. 30-35.

[135] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ш. Душанбе, 22-юми декабри соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С. 35.

тавр, зери мафҳуми механизмҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон низоми унсурҳои меъёрӣ, ташкилӣ ва назоратие фаҳмида мешавад, ки амали ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсонро дар минтақаи мушаххас дарбар мегирад. Механизмҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон бо расонидани чорабиниҳои таъсиррасонӣ ба сохтори ҳокимияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои иштирокчӣ ҳуқуқҳои поймолгаштаи ҷомеаи шаҳрвандиро ҳимоя менамоянд.

Адабиёт:

1. Абашидзе А.Х., Гольтяев А.О. Универсальные механизмы защиты прав человека. / А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев. – М: ЮНИТИ-ДАНА, 2013. – 135 с.
2. Адвокатура в Российской Федерации: учебник / Л.А. Стешенко, Т.М. Шамба. – 2-е изд. – М.: Норма, 2005. – 528 с.
3. Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. – М., 2003. – 831 с.
4. Васильев А.М., Васильева Н.А. Региональные институты защиты прав человека / А.М. Васильев, Н.А. Васильева // Юридические записки. 2013. № 2. – Краснодар. – С. 155-160.
5. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007. – 136 с.
6. Карташкин В.А. Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод и становление правового государства в России / В.А. Карташкин // Права человека и политическое реформирование. – М.: Институт государства и права РАН, 1997. – С. 42-62.
7. Кузнецова С.Н. Международная защита прав человека. – Н. Новгород, 2005.
8. Международные акты о правах человека. Сборник документов. / Сост. и авторы вступительной статьи Карташкин В.А. и Лукашева Е.А. – М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА-М, 1998. – 784 с.
9. Диноршоев А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М., Искандаров Ш.Ф. Механизм защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2018. – 324с.
10. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2023. – 480 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ш. Душанбе, 20-уми январи соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С. 30-35.
12. Стремоухов А.В. Правовая защита человека. – М., 2006. – 279 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

К ВОПРОСУ ПОСЛЕДСТВИЙ НЕДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ ТОРГОВ

Давлатмандзода Эрадж Давламанд,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведуюший кафедры предпринимательского и коммерческого права, кандидат юридических наук, доцент
Тел.: (+992) 900-87-59-59
Email: kabutzoda86@mail.ru

Аннотация: В этой статье рассматриваются вопроси связаны с последствий недействительности торгов. Данная научная статья также охватывает проблемы недействительности договора, заключенного по итогам торгов (ничтожной сделки). Автор в статьи использует обширные научные взгляды учёных и судебные практики для решение данной проблемы. В статье обсуждаются способы предотвращения нарушений правил провидение торгов и смягчения их последствий.

Ключевые слова: нарушение правил, последствия, недействительность, юридические последствия, сделки, договор, требование истца, истец, требование, правило, действие, теория, практика, судебная практика, торги, недействительность торгов.

ОИД БА МАСЪАЛАИ ОҚИБАТҲОИ БЕЭЪТИБОРИИ САВДО

Давлатмандзода Эраҷ Давламанд,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 900-87-59-59
Email: kabutzoda86@mail.ru

Фишурда: Дар ин мақола масъалаҳо марбут ба оқибатҳои беэътибор донистани савдои гузаронидашуда баррасӣ карда мешаванд. Тадқиқоти мазкур инчунин масъалаи беэътибор донистани шартномаҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани савдо (аҳдҳои беэътибор) басташудаанд дар бар мегирад. Муаллиф барои ҳали маъалаи мазкур аз андешаҳои илмии олимон ва таҷрибаи суди истифода мебарад. Дар мақола инчунин

воситаҳои пешгирии вайронкардани қоидаҳои гузаронидани савдо ва сабук кардани оқибатҳои онҳо баррасӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: вайрон кардани қоидаҳо, оқибатҳо, беэътиборӣ, оқибатҳои ҳуқуқӣ, муомилот, шартномаҳо, даъвои даъвогар, даъвогар, талабот, қоида, ҳаракат, назария, амалия, таҷрибаи судӣ, савдо, беэътибории савдо.

ON THE ISSUE OF CONSEQUENCES OF INVALIDITY OF TRADES

Davlatmandzoda Eraj Davlamand,
Tajik national university, faculty of law, head of the department of entrepreneurial and commercial law, candidate of legal sciences, docent
Tel.: (+992) 900-87-59-59
Email: kabutzoda86@mail.ru

Abstract: This article examines issues related to the consequences of invalidity of trades. This research article also covers the issues of invalidity of a contract concluded as a result of a tender (void transaction).

The author of this article draws on extensive scientific research and case law to address this issue.

The article discusses ways to prevent violations of auction rules and mitigate their consequences.

Key words: violation of rules, consequences, invalidity, legal consequences, transactions, contracts, plaintiff's claim, plaintiff, claim, rule, action, theory, practice, case law, tender, invalidity of a tender.

Следующим существенным вопросом является требование истца о применении последствий недействительности торгов. Следует отметит что, истец обращается с требованием о признании торгов (оспоримой сделки) недействительными, однако одновременно он может требовать признания недействительным договора, заключенного по итогам торгов (ничтожной сделки). Соответственно, одновременно может быть заявлено и требование о применении последствий ничтожности такого договора, так как именно в этом и состоит интерес истца, и именно так его нарушенное право может быть восстановлено.

Судебная практика по этому поводу различна. В некоторых случаях суды исходят из того, что дополнительное требование о признании договора недействительным, при уже признанном факте недействительности торгов, несостоятельно. Так, по одному делу истец просил признать недействительными документы, составленные в ходе проведения торгов, ранее признанных недействительными, и, отказывая в удовлетворении требований, суд указал, что при установленном факте недействительности торгов, эти документы не имеют самостоятельной юридической силы и требование о признании их недействительными

несостоятельно[1]. Другой позиции придерживается Федеральный арбитражный суд Северо-Западного округа. В постановлении по делу № А42-5824/01-21 указано следующее. Принимая решение о признании торгов недействительными, суд не решил вопрос непосредственно о сделке и о применении соответствующих последствий, предусмотренных законом; само по себе признание торгов недействительными, он решает вопроса о восстановлении нарушенного права. Л.А. Новоселова считает, что заявления самостоятельного искового требования о признании недействительным договора, если оспариваются торги, не требуется. В этой связи, автор указывает, что суд должен принимать во внимание, возможно ли применение последствий недействительности сделки и будут ли защищены нарушенные права и охраняемые законом интересы не просто при признании торгов недействительными, а при применении последствий такой недействительности[136].

Следует отметить, что согласно ч. 1 ст. 181 ГК РТ сделка недействительна в силу признания её таковой судом (оспоримая сделка) либо независимо от такого признания (ничтожная сделка). Таким образом исходя из действующей редакции ч. 1 ст. 181 ГК РТ, для признания ничтожной сделки недействительной, не требуется обращения с иском в суд, хотя и запрета на такое обращение тоже не установлено. Однако несмотря на то, что ГК РТ не исключает возможность предъявления исков о признании недействительной ничтожной сделки, споры по таким требованиям подлежат разрешению судом в общем порядке по заявлению любого заинтересованного лица.

А.Е. Воротников и А.Ю. Смоляков по этому поводу приводят следующие примеры. Федеральный арбитражный суд Московского округа по делу № КГ-А41/7642-01 указал, что в случае признания недействительной ничтожной сделки применим обязательственно-правовой способ защиты права, предусмотренный статьей 167 Гражданского кодекса РФ. Однако в части инициативного применения последствий недействительности сделки окружной суд высказался следующим образом: поскольку применение последствий недействительности ничтожной сделки при отсутствии такого требования истца является правом, а не обязанностью суда, то судебная коллегия не находит возможным понуждать суд (статья 178 АПК РФ) к реализации его же права, что влечет возникновение обязанности, которая не установлена законом. Другой позиции придерживается Федеральный [137,138]

---

[136] Постановление ФАС Московского округа от 16 апреля 2001 г. № КГ-А40/1597-01// ИПС «ГАРАНТ-Платформа F1 ЭКСПЕРТ».; Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. С.111.; Новоселова Л.А. Публичные торги в рамках исполнительного производства. М.:Статут, 2006. С. 170.

[137] Хейфец Ф.С. Недействительность сделок по российскому гражданскому праву. Изд. 2-е, доп. М.: Юрайт, 1999. С.59.

[138] П.32 Постановления Пленума Верховного Суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного Суда РФ от 1 июля 1996 г. № 6/8 "О некоторых вопросах, связанных с применением части первой Гражданского кодекса Российской Федерации"// ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ»

арбитражный суд Северо-Западного округа. В постановлении по делу № А42 – 5824/01-21 указано, что, принимая решение о признании торгов недействительными, суд не решил вопрос непосредственно о сделке и о применении соответствующих последствий, предусмотренных законом, и что само по себе признание торгов недействительными не решает вопроса о восстановлении нарушенного права.

Следует согласиться с упомянутыми авторами, полагающими более соответствующей закону позицию Федерального арбитражного суда Московского округа, за исключением тех случаев, когда суд обязан применить последствия недействительности сделки по своей инициативе в целях защиты публичных интересов. В принципе такое положение вытекает из ч. 4 ст. 182 ГК, где речь идёт об основах правопорядка или морали.

Действительно, для применения последствий недействительности торгов и заключенной по их результатам сделки в виде двухсторонней реституции необходимо чтобы вещь сохранилась в натуре, не была потреблена, чтобы стоимость и свойства переданной по сделке вещи за время нахождения ее у покупателя не изменились. В противном случае истцу вещь вообще нельзя возвратить или будет возвращена вещь с иными свойствами.

Так, по мнению Л.А. Новоселова, исходя из положения о том, что если применение последствий по иску конкретного лица невозможно либо их применение не приводит к восстановлению его нарушенных прав и обеспечению законных интересов, то истца нельзя признать лицом, заинтересованным в признании торгов недействительными, делает вывод, что применение последствий недействительности публичных торгов и, как следствие, заключенного с победителем договора возможно лишь по иску заинтересованного лица, но не по инициативе суда. Автор также указывает, что положение о возможности[139] применения последствий недействительности торгов по инициативе суда противоречит смыслу разъяснения о применении в данном случае правил об оспоримых сделках, данного Пленумом ВАС РФ, так как ГК РФ не предусматривает возможности применения последствий оспоримой сделки по требованию лиц, не указанных в законе, а применительно к торгам это могут быть только те лица, которые вправе их оспорить (заинтересованные лица).

Итак, рассмотрим варианты последствий признания торгов недействительными. Ст. 182 ГК РФ предлагает следующие варианты последствий недействительности сделки:

- двусторонняя реституция, то есть, когда каждая сторона обязана возвратить другой все полученные по сделке, а в случае невозможности возвратить полученное в натуре, возместить его стоимость в деньгах, если иные последствия недействительности сделки не предусмотрены законом;
- прекращение оспоримой сделки на будущее время, если иные

[139] Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. С.111.

последствия недействительности, предусмотренные законом.

1. Двусторонняя реституция. Применение такого последствия недействительности торгов на практике сталкивается с множеством проблем, активно обсуждаемых практиками и теоретиками.

Во-первых, это касается невозможность восстановления прав, нарушенных при проведении торгов. Суть в том, что чаще всего суды исследуют вопрос о последствиях недействительности торгов *ещё до того*, как сделают вывод о том, что торги недействительны. Множество арбитражных дел, возбужденных по искам о признании торгов недействительными, проиграны истцами на том основании, что невозможно применить последствия недействительности торгов, хотя бы нарушения закона при проведении торгов и были установлены. По всем таким делам суды как правило указывают, что договоры, заключенные по итогам торгов, на день рассмотрения спора судом исполнены (полностью или частично), поэтому приведение сторон в первоначальное положение с возвращением полученного по сделке невозможно, и, следовательно, избранный истцом способ защиты не приводит к восстановлению его субъективных прав[140].

Анализ судебной практики с очевидностью свидетельствует о том, что такие решения судов в настоящее время стали общим правилом. Так, например, при обжаловании торгов на закупку продукции для государственных нужд, на день рассмотрения спора в суде, государственный договор, заключенный по результатам спорных торгов, как правило, уже исполнен частично или полностью, так как договор согласно ч. 7 ст. 514 ГК РТ по результатам торгов должен быть заключен не ранее десяти и не позднее двадцати дней со дня проведения торгов, а если стороны заинтересованы в том, чтобы торги и договор не были оспорены, они приложат максимум усилий к скорейшему исполнению договора или хотя бы к скорейшему оформлению документов, подтверждающих исполнение обязательств по контракту. При этом, в суде могут быть установлены многочисленные грубые нарушения порядка проведения торгов, включая ненадлежащее извещение, незаконный отказ в допуске к участию в торгах, незаконные требования к участникам и т.д. Тем не менее для суда эти обстоятельства будут безразличны ввиду того, что применить последствия ничтожности договора, заключенного на недействительных торгах невозможно.

По мнению авторов настоящего исследования, такая судебная практика не отвечает задачами экономического судопроизводства, не защищает права, свободы и законных интересов физических (индивидуальных предпринимателей) и юридических лиц, а также прав и законных интересов Республики Таджикистан, органов государственной власти, органов самоуправления поселков и сел, других лиц, являющихся

[140] См., например, Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 9 марта 2005 г. № Ф08- 709/05, Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 18 марта 2005 г. № Ф08-815/О5, Постановление ФАС Волго-Вятского округа от 12 сентября 2007 г. № А28-11036/2006- 565/30, Постановление ФАС Западно-Сибирского округа от 4 сентября 2007 г. № Ф04- 6078/2007(37848-А81-30) и др. // ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ»

субъектами гражданских, предпринимательских, коммерческих, земельных, экологических и других правовых отношений (ст. 2 Экономический процессуальный кодекс РТ).

Во-вторых, это определение сторон реституции. При применении последствий недействительности сделки, совершенной на торгах, проведенных в процессе исполнительного производства, не всегда однозначно можно определить стороны в реституции[141]. По общему правилу, к ним относятся стороны сделки (при этом надо учесть, что стороны договора о проведении торгов отличаются от сторон договора, заключенного по итогам торгов, в первоначальное положение должны быть приведены и те, и другие). При применении двусторонней реституции участники торгов возвращаются в первоначальное положение, то есть в то положение, которое существовало на момент проведения торгов.

Поскольку участники торгов как правило не передают организатору торгов ничего, что относилось бы к объектам гражданских прав, за исключением денежных средств, уплачиваемых в виде задатка, постольку между участниками торгов и организатором реституция не требуется.

Реституция необходима между сторонами договора, заключенного по итогам торгов. Для этого покупатель обязан возвратить приобретенное на торгах имущество, а продавец – уплаченную за него сумму денег. Последнее вызывает некоторые сложности в случае с торгами, проводимыми судебным приставом-исполнителем. Продавцом имущества, реализуемого с торгов, является судебный пристав-исполнитель, в то время как заинтересованными лицами в продаже данного имущества выступают должник и взыскатель. Вырученная от реализации имущества сумма распределяется между ними: судебному приставу-исполнителю в размере сбора, взимаемого за производство исполнительских действий; взыскателю в размере суммы долга; должнику – в размере суммы остатка после всех надлежащих выплат.

Кто же выступает лицом, которому должно быть возвращено имущество? С одной стороны, им должен стать судебный пристав-исполнитель, так как он являлся продавцом этого имущества и именно ему оно возвращается для повторной реализации. Поэтому даже если торги признаются недействительными по иску заинтересованного лица - собственника имущества, последнее, тем не менее, ему возвращено не будет, поскольку он не является стороной сделки.

При этом А.Е. Воротников и А.Ю. Смоляков считают, что и служба судебных приставов, равно как и специализированная организация, проводившая торги не может признаваться субъектом реституции[142].

---

[141] Скловский К.И. Некоторые вопросы квалификации отношений, возникающих при реализации имущества на торгах/ТЖурнал российского права. 1999. № 3/4. С. 100-101

[142] Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. С.114.

[142] Постановление Президиума Высшего Арбитражного Суда РФ от 20 марта 2002 г. № 8924/01//ИПС «ГАРАНТ-ПлатформаF1 ЭКСПЕРТ»

Можно также предположить, что сторонами в реституции будут выступать с одной стороны, покупатель, приобретший соответствующее имущество и обязанный его возвратить, а, с другой, все вместе: судебный пристав-исполнитель, взыскатель и должник, присуждаемые к возврату уплаченной за имущество суммы пропорционально размеру фактически полученной суммы денег. При этом необходимо исключить взыскание всей необходимой суммы только с должника, как с неосновательно обогатившегося, так как нормы о неосновательном обогащении применяются к требованиям о возврате исполненного по недействительной сделке, если иное не предусмотрено законом, иными правовыми актами и не вытекает из существа обязательств (ст. 1227 ГК РТ).

В случае проведения торгов на закупку продукции для государственных нужд, торги могут проводиться не только заказчиком, но и уполномоченным государственным органом либо специализированной организацией, в то время как договор заключается исключительно государственным заказчиком. Поэтому в случае признания недействительными торгов, проведенных уполномоченным органом или специализированной организацией, лицом, которому должны быть возвращены денежные средства, направленные на оплату продукции по договору, возвращаются исключительно заказчику. Следует особо отметить, что такая логика правил реституции очевидна, только если четко разграничивать две сделки – договор на проведение торгов и непосредственно договор, заключенный по итогам торгов.

В этой связи возникает вопрос о реституции или виндикация в случае продажи с торгов чужого имущества? Проблемным вопросом при применении последствий недействительной сделки является продажа с торгов чужого имущества, то есть вещи, право собственности на которую принадлежит третьему лицу. Дело в том, что реституционное требование может быть заявлено только сторонами сделки, то есть организатором торгов и победителем торгов, что, однако было бы безразлично для виндикационного требования. Если незаконный владелец либо собственник вещи не является стороной сделки, то между собственником и владельцем возникает не обязательственно-правовая, а вещная связь, что, в свою очередь, влечет за собой только возможность предъявления в индикационного иска (ст. 274 ГК РТ), но не иска о признании сделки недействительной и применении последствий недействительности сделки (ст.182 ГК РТ).

При этом надо отметить, что в дореволюционном законодательстве, судьба проданной с торгов вещи, не принадлежащей должнику, решалась неодинаково относительно того, к какой категории вещей она относилась: движимых или недвижимых. Так, купленные с публичного торга движимые вещи бесповоротно становились собственностью приобретателя, хотя бы они не принадлежали должнику (или лицу, от имени которого производилась продажа), и, хотя бы даже оказались краденными. Действительный собственник вещи, проданной за чужой долг с публичного торга, имел только право взыскивать понесенные вследствие этого убытки

с виновного в причинении их лица. В то же время при продаже недвижимого имущества, не принадлежавшего должнику, торги признавались недействительными. Имение в этом случае возвращалось его законному собственнику. А покупщику предоставлялось право взыскать выплаченную им сумму с должника или с кредиторов, получивших удовлетворение из вырученной за имение суммы.

Интересно, что в советский период ГПК Таджикской ССР в отличие от ГПК других союзных республик, а также от ныне действующего законодательства, в качестве одного из оснований признания торгов недействительными прямо предусматривали продажу имущества, не принадлежващего должнику[143].

Несмотря на то, что судебная практика идет по пути расширительного толкования ст. 515 ГК РТ – торги признаются недействительными при установлении факта продажи чужого имущества, авторам настоящего исследования представляется, что в случае, когда совершена продажа с торгов имущества, не принадлежащего на праве собственности или ином вещном праве организатору торгов или лицу, поручившему организовать торги, следует говорить не о нарушении правил проведения торгов (ст. 515 ГК РТ), а о необходимости виндикации, поскольку нет оснований для признания торгов недействительными, а есть основания для истребования имущества из чужого незаконного владения.

Представляется, что торги и заключенный по его итогам договор, независимы, а потому виндикация возможна и в отсутствие решения о признании торгов недействительными.

1. Прекращение оспоримой сделки на будущее время - вариант последствия признания торгов недействительными? Учитывая, что ничтожный договор, заключенный по итогам торгов, впоследствии признанных недействительными, мог исполняться сторонами, но не быть до конца исполненным к моменту признания торгов недействительными, можно предположить возможным прекращение действия такого договора на будущее время. Однако, применение такого последствия недействительности торгов представляется неверным, так как согласно п. 3 ст. 182 ГК РТ на будущее время может быть прекращена только оспоримая сделка, в то время как договор, заключенный по итогам недействительных торгов является ничтожным.

2. Обязанные провести повторные торги – вариант последствия признания торгов недействительными? Достаточно редко можно встретить дела, по которым одновременно с требованием о признании торгов недействительными, истец требует обязать организатора торгов провести повторные торги. Судебная практика по этому вопросу различна. Так, по одному делу суд признал торги недействительными и обязал министерство

---

[143] ***Васьковский ЕВ*** Учебник гражданского права // ИПС Консультант Плюс. Классика российского права. Ьйр://с1уИ.со№5и11а№1.ги.; *Изаксон Б.М., Левитанус М.Р.* Исполнение судебных решений. М.: Гос. изд-во юрид. литературы, 1962. С. 124.; См., например, Постановление ФАС Уральского округа от 18 июля 2007 г. № Ф09-2847/06- С6, Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 28 марта 2007 г. № Ф08-1445/07, Постановление ФАС Уральского округа от 21 апреля 2003 г. № Ф09-851/03ГК и др. // ИПС «ГАРАНТ-Платформа Ғ1 ЭКСПЕРТ»

провести повторный открытый конкурс на приобретение права на заключение договора аренды земельного участка. Судебный акт мотивирован тем, что неуведомление истца о признании его участником конкурса по одному лоту, и непризнание его участником по другому лоту является нарушением правил проведения торгов[1]. По другим делам, суды отказывали истцам в требовании обязать ответчика — организатора торгов провести повторные торги[144], хотя и признавали торги недействительными, что представляется верным. Проведение повторных торгов всегда является правом, а не обязанностью организатора[145], а п. 2 ст. 167 допускает иные последствия недействительности (помимо реституции), в случае, установленном законом. В законодательстве России отсутствуют законы, предусматривающие проведение повторных торгов как последствие недействительности первых торгов.

Итак, в предмет доказывания по иску о признании торгов недействительными входит: во-первых, нарушение правил проведения торгов, установленных законом; во-вторых, существенное влияния таких нарушений на результат торгов; в-третьих, заинтересованность истца в признании торгов недействительными; в-четвертых, судом должно быть установлено, что нарушенные права могут быть восстановлены. Учитывая сложности доказывания приведенных положений, а также то, что к моменту рассмотрения спора договоры, заключенные по итогам торгов исполнены полностью или частично, дела о признании торгов недействительными, как правило, бесперспективны для истцов.

Большинство торгов в Республики Таджикистан организуются в интересах государства и общества (приватизационные торги, торги по продаже прав пользования ресурсами, торги на закупку продукции для государственных нужд и проч.), но в основном оспариваются уполномоченными государственными органами в целях защитуы публичного интереса.

Изучая вопрос о признании судом торгов недействительным, следует, в первую очередь, акцентировать внимание на то, что в признании торгов недействительными может быть заинтересовано и, следовательно, вправе инициировать такой процесс лицо, как участвовавшее, так и не участвовавшее в торгах (хотя подававшее заявку), но чьи права или законные интересы нарушены в результате проведения торгов. В то же время, представляется логичным исключить из ч. 1 ст. 515 ГК РТ указание на то, что основанием для признания торгов недействительными могут быть нарушения правил, установленных законом. В этой связи предлагаем ч. 1 ст. 515 ГК РТ дополнить нормой следующего содержания: «Торги, проведенные с нарушением правил, установленных нормативными правовыми актами РТ, по иску заинтересованного лица могут быть признаны судом недействительными».

---

144 Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 14 августа 2007 г. №Ф08-4450/07// ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ».; Постановление ФАС Северо-Западного округа от 14 октября 2004 г. №А56-34591/03// ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ»

145 См. ст. 31, ст. 40 Федерального закона от 21 июля 2005 г. №94-ФЗ «О размещении заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных и муниципальных нужд»

В то же время исходя из вышеприведенного анализа, полагаем возможным изменить формулировку ст. 515 ГК РТ, предусмотрев, что торги могут быть признаны судом недействительными по иску заинтересованного лица в случаях, когда: в торгах приняло участие лицо, не имевшее права участия в них в соответствии с условиями торгов или в силу ограничений, установленных нормативным правовым актом; организатор торгов не допустил к участию в торгах лица, имевшего права участвовать в торгах; организатор торгов ненадлежащим образом известил о проведении торгов или препятствовал получению информации о торгах заинтересованными лицами; в торгах принял участие организатор торгов, работники организатора торгов; допущены иные нарушения порядка проведения торгов, которые могли привести к неправильному определению победителя.

Литература:

1. Постановление ФАС Московского округа от 16 апреля 2001 г. № КГ-А40/1597-01// ИПС «ГАРАНТ-Платформа Ғ1 ЭКСПЕРТ».;

2. Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. – С.111.; Новоселова Л.А. Публичные торги в рамках исполнительного производства. – М.: Статут, 2006. – С. 170.

3. Хейфец Ф.С. Недействительность сделок по российскому гражданскому праву. Изд. 2-е, доп. – М.: Юрайт, 1999. – С.59.

4. Постановления Пленума Верховного Суда РФ и Пленума Высшего Арбитражного Суда РФ от 1 июля 1996 г. № 6/8 "О некоторых вопросах, связанных с применением части первой Гражданского кодекса Российской Федерации"// ИПС «ГАРАНТ - Платформа Ғ1 ЭКСПЕРТ»Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. – С.111.

5. Постановление ФАС Северо -Кавказского округа от 9 марта 2005 г. № Ф08- 709/05, Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 18 марта 2005 г. № Ф08-815/О5, Постановление ФАС Волго-Вятского округа от 12 сентября 2007 г. № А28-11036/2006- 565/30, Постановление ФАС Западно-Сибирского округа от 4 сентября 2007 г. № Ф04- 6078/2007(37848-А81-30) и др. // ИПС «ГАРАНТ - Платформа Ғ1 ЭКСПЕРТ»

6. Скловский К.И. Некоторые вопросы квалификации отношений, возникающих при реализации имущества на торгах/ТЖурнал российского права. 1999. № 3/4. – С. 100-101

7. Воротников А.Е., Смоляков А.Ю. Споры о признании недействительными торгов в порядке обращения взыскания на имущество

должника и заключенных по их результатам сделок в практике Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа // Вестник Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа. 2003. № 3. – С.114.

8. Постановление Президиума Высшего Арбитражного Суда РФ от 20 марта 2002 г. № 8924/01//ИПС «ГАРАНТ-ПлатформаF1 ЭКСПЕРТ

9. Васьковский ЕВ Учебник гражданского права // ИПС Консультант Плюс. Классика российского права. Ьйр://с1уИ.со№5и11а№1.ги.; Изаксон Б.М., Левитанус М.Р. Исполнение судебных решений. М.: Гос. изд-во юрид. литературы, 1962. С. 124.; См., например, Постановление ФАС Уральского округа от 18 июля 2007 г. № Ф09-2847/06- С6, Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 28 марта 2007 г. № Ф08-1445/07, Постановление ФАС Уральского округа от 21 апреля 2003 г. № Ф09-851/03ГК и др. // ИПС «ГАРАНТ-Платформа F1 ЭКСПЕРТ»

10. Постановление ФАС Северо-Кавказского округа от 14 августа 2007 г. №Ф08-4450/07// ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ».; Постановление ФАС Северо-Западного округа от 14 октября 2004 г. №А56-34591/03// ИПС «ГАРАНТ - Платформа F1 ЭКСПЕРТ»

11. Федерального закона от 21 июля 2005 г. №94-ФЗ «О размещении заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных и муниципальных нужд» ст. 31, ст. 40

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

Саидова Ахдия,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти доктор Phd-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
Тел.: (+992) 900766666

Ихтисоси илмӣ: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ
Муқарриз: Мавлоназарзода О.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда. Дар мақола субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ, таҳлил шуда, мақоми ҳуқуқӣ, талаботҳо ва уҳдадориҳои онҳо муайян карда мешаванд. Бо такя ба тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» (2025) ва андешаҳои олимони маъруф аз Осиё, Аврупо ва Амрико, хусусиятҳои асосӣ ва аҳаммияти ин субъектҳо дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳадаф – тавсифи муфассал ва муқоисавии субъектҳо барои татбиқи самаранок дар Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: соҳибкории иҷтимоӣ, субъектҳо, корхонаи иҷтимоӣ, соҳибкори иҷтимоӣ, соҳибкории иҷтимоӣ, мақоми ҳуқуқӣ, соҳибкор, соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, қонун, ҳадаф, субъектони соҳибкории иҷтимоӣ.

СУБЪЕКТЫ СОЦИАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Саидова Ахдия,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант доктор PhD кафедры предпринимательского и коммерческого права.
Тел.: (+992) 900766666

Специальность: 5.5.3. Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право
Рецензент: Мавлоназарзода О.А., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация. В статье анализируются субъекты социального предпринимательства, включая социальные предприятия и социальных предпринимателей, определяя их правовой статус, требования и обязанности. На основе интерпретации Закона Республики Таджикистан «О социальном предпринимательстве» (2025) и мнений известных ученых из Азии, Европы и Америки рассматриваются ключевые характеристики и значение этих субъектов

в решении социальных проблем. Цель – предоставить детальное и сравнительное описание субъектов для эффективного внедрения в Таджикистане.

Ключевые слова: социальное предпринимательство, организации, социальное предприятие, социальный предприниматель, социальное предпринимательство, правовой статус, предприниматель, предпринимательство, предпринимательская деятельность, закон, цель, организации социального предпринимательства.

SUBJECT OF SOCIAL ENTREPRENEURSHIP

Saidova Ahdiya
Tajik National University, Faculty of Law, doctor PhD of the Department of entrepreneurial and Commercial Law.
Tel.: (+992) 900766666

Specialism: 5.5.3. Civil law; business law; family law; private international law
Reviewer: O.A. Mavlonazarzoda, Candidate of Legal Sciences, docent

Abstract. The article analyzes the subjects of social entrepreneurship, including social enterprises and social entrepreneurs, defining their legal status, requirements, and obligations. Based on the interpretation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Social Entrepreneurship" (2025) and insights from prominent scholars from Asia, Europe, and America, the key characteristics and significance of these subjects in solving social problems are examined. The aim is to provide a detailed and comparative description of the subjects for effective implementation in Tajikistan.

Keywords: social entrepreneurship, organisations, social enterprise, social entrepreneur, social entrepreneurship, legal status, entrepreneur, entrepreneurship, business activities, law, purpose, social enterprise organisations.

Соҳибкории иҷтимоӣ дар замони ҳозира ҳамчун механизми самарабахш барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ маъруф гаштааст. Субъектҳои ин соҳа – корхонаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорони иҷтимоӣ – нақши калидӣ дар дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва эҷоди арзишҳои ҷамъиятӣ мебозанд. Дар Тоҷикистон, Қонуни «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» (2025, № 2119) мақоми ҳуқуқии ин субъектҳоро муайян намуда, талаботҳо ва уҳдадориҳои онҳоро муқаррар мекунад[146]. Ин мақола ба омӯзиши субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ бахшида шуда, бо такя ба тафсири қонун ва андешаҳои олимон, аҳамияти онҳоро дар шароити Тоҷикистон баррасӣ мекунад.

Субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ – инҳо корхонаҳои иҷтимоӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва соҳибкорони иҷтимоӣ (шахсони воқеӣ) мебошанд, ки ба феҳристи махсус ворид шуда, фаъолияти худро ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронидаанд. Дар Қонуни Тоҷикистон, моддаи 14 мақоми онҳоро пас аз

[146] Мирзозода П.З., Сангинзода Д.Ш. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ». – Душанбе: “Моҳи-мунир”, 2025. – С.50.

бақайдгирӣ муайян мекунад, бо талаботҳои қатъӣ ба монанди ҷалби 50% кормандон аз гурӯҳҳои осебпазир[147]. Ин субъектҳо аз субъектҳои тиҷорати анъанавӣ бо афзалияти ҳадафҳои иҷтимоӣ фарқ мекунанд[148].

Дар адабиёт, субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун агенти тағйиротҳои ҷамъиятӣ тавсиф мешаванд[149]. Тибқи тафсир, онҳо аз анъанаҳои ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, ба шароити муосир мутобиқ шудаанд[150]. Дар Тоҷикистон, ин субъектҳо ба коҳиши бекорӣ ва беҳбуди зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд[151] .

Баҳри таҳлили амиқи мафҳуми субъектони соҳибкории иҷтимоӣ андешаҳои олимони Осиёро баррасӣ хоҳем намуд:

1. Муҳаммад Юнус (Бангладеш): Соҳибкории иҷтимоӣ тиҷоратест, ки камбизоатиро коҳиш дода, ҷомеаи одилона эҷод мекунад, на фоидаи шахсӣ[152].

Андешаи Юнус барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро камбизоатӣ мушкили асосӣ аст. Ба фикри ман, барои амалӣ кардани ин, Тоҷикистон метавонад моделҳои микрокредитро ҷорӣ кунад, ки ба оилаҳои камбизоат тиҷорати хурд оғоз кунанд. Аммо, барои муваффақият, давлат бояд барномаҳои таълимӣ ва дастгирии молиявиро таъмин кунад, то хавфҳо коҳиш ёбанд.

2. Тан В-Л (Сингапур): Ин мафҳум навоварио дар шароити хавфнок барои арзиши иҷтимоӣ истифода мебаред[153].

Таъкиди Тан ба навоварӣ барои Тоҷикистон мувофиқ аст, аммо хавфҳо бо маҳдудияти захираҳо мушкилӣ эҷод мекунад. Ба назари ман, ташкили инкубаторҳо ва грантҳо метавонад соҳибкоронро барои ҷорӣ кардани технологияҳо ҳавасманд кунад. Инчунин, омӯзиши идоракунии хавфҳо барои соҳибкорони иҷтимоӣ муҳим аст.

3. Мари Lisa Dacanay (Филиппин): Соҳибкории иҷтимоӣ ҳамкориро бо ҷомеаҳои маҳаллӣ барои ҳалҳои устувор талаб мекунад[154].

Андешаи Dacanay барои Тоҷикистон, ки деҳотӣ аст, арзишманд аст. Ба андешаи ман, ташкили кооперативҳо метавонад ба рушди деҳот кумак кунад. Давлат бояд марказҳои машваратӣ таъсис диҳад, то ҳамкории байни соҳибкорон ва ҷомеаҳо тақвият ёбад.

4. Неера Нундӣ (Ҳиндустон): Технологияҳо барои беҳбуди зиндагии мардум ҳамҷоя карда мешаванд[155].

Таъкиди Нундӣ ба технологияҳо барои Тоҷикистон муҳим аст. Ба назари ман, истифодаи платформаҳои онлайн барои таълим метавонад дастрасии деҳотро беҳтар кунад. Аммо, инфрасохторро тавсеа додан ва барномаҳои таълимӣ роҳандозӣ кардан зарур аст.

---

147 Ҳамон ҷо 1. – С. 55.
148 Майр Й. Исследование социального предпринимательства. – Берлин: Springer, 2006. – С. 40.
149 Ҳамолн ҷо 3. – С. 15.
150 Ҳамон ҷо 1.С.60.
151 Сангинзод Д.Ш., Сангинов К.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. – Душанбе: Балоғат, 2024. – С.310.
152 Юнус М. Создание мира без бедности. – Нью-Йорк: PublicAffairs, 2007. – С. 39.
153 Тан В-Л. Определение социального предпринимательства. – Сингапур: NUS Press, 2005. – С. 9.
154 Даканай М. Л. Социальное предпринимательство в Азии. – Манила: Ateneo de Manila University Press, 2012. –С. 41.
155 Нундӣ Н. Социальное предпринимательство в Индии. – Дели: Sage Publications, 2020. С.57.

Баҳри таҳлили амиқи мафҳуми субъектони соҳибкории иҷтимоӣ андешаҳои олимони Аврупоро баррасӣ хоҳем намуд:

1. Йоханна Майр (Олмон): Соҳибкории иҷтимоӣ тағйироти системавиро эҷод намуда, арзиши иҷтимоиро афзалият медиҳад[156].

Андешаи Майр барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро ислоҳоти иҷтимоӣ лозим аст. Ба фикри ман, давлат сиёсатҳои ҳавасмандгардонӣ пешниҳод кунад, то тағйирот тезонда шавад. Расмиёти бюрократӣ содда карда шаванд, то соҳибкорон ба таъсири иҷтимоӣ тамаркуз кунанд.

2. Алекс Николлс (Британияи Кабир): Навоварӣ барои ҳалли мушкилоти системавӣ бо ҳамкории байнисекторӣ[157].

Ҳамкории байнисекторӣ барои Тоҷикистон муфид аст. Ба назари ман, шарикии давлатӣ-хусусӣ (PPP) барои лоиҳаҳои иҷтимоӣ мусоидат кунад. Созмонҳои иҷтимоӣ дар муайян кардани эҳтиёҷот иштирок кунанд.

3. Жак Дефурнӣ (Белгия): Қисми иқтисоди иҷтимоӣ, ки ҳадафҳои ҷамъиятиро пеш мебарад[158].

Андешаи Дефурнӣ барои Тоҷикистон мувофиқ аст. Ба фикри ман, ин соҳа бо барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ҳамоҳанг шавад, то такрори захираҳо пешгирӣ гардад ва самаранокӣ афзоиш ёбад.

4. Игнаси Марти (Испания): Ба контексти иҷтимоӣ вобаста буда, институтҳоро тағйир медиҳад[159].

Андешаи Марти барои Тоҷикистон болотар аст. Ба назари ман, қонунгузорӣ содда карда шавад, то монеаҳои маъмурӣ коҳиш ёбад ва соҳибкорон ба эҷоди тағйирот тамаркуз кунанд.

Баҳри таҳлили амиқи мафҳуми субъектони соҳибкории иҷтимоӣ андешаҳои олимони Амрикоро баррасӣ хоҳем намуд аз ҷумла Грег Деес (ИМА): Навъи соҳибкорӣ, ки арзиш эҷод мекунад ва навовариро барои ҳадафҳои иҷтимоӣ истифода мебаред.

Андешаи Деес барои Тоҷикистон муҳим аст. Ба фикри ман, корхонаҳо ба эҳтиёҷоти маҳаллӣ мутобиқ карда шаванд. Платформаҳои мубодилаи таҷриба байни соҳибкорон эҷоди арзишро тезонанд.

2. Билл Дрейтон (ИМА): Соҳибкорони иҷтимоӣ тағйиротҳои системавиро эҷод намуда, ҷомеаро муттаҳид месозанд[160].

Андешаи Дрейтон барои Тоҷикистон муфид аст. Ба назари ман, барномаҳои иттилоотӣ тавассути ВАО огоҳӣ баланд бардорад, то ҷомеа дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ иштирок кунад.

3. Жерр Бошӣ (ИМА): Тиҷоратҳои ғайритиҷоратиро бо ҳадафҳои иҷтимоӣ муттаҳид мекунад[161].

---

[156] Ҳамон ҷо 2. С.37.
[157] Николлс А. Новые модели социального изменения. – Оксфорд: Oxford University Press, 2006. С.40.
[158] Дефурнӣ Ж. Социальное предпринимательство в Европе. – Брюссель: Presses Universitaires, 2010. С.42.
[159] Мартин Р. Социальное предпринимательство: определение. – Стэнфорд: Stanford University Press, 2007. – С.40.
[160] Дрейтон Б. Социальные предприниматели. – Вашингтон: Brookings Institution, 2005. С.26.
[161] Бошӣ Дж. Слияние миссии и денег. – Бостон: Harvard Business Press, 2001. С.354.

Андешаи Бошӣ барои Тоҷикистон муҳим аст. Ба фикри ман, ҳамкории созмонҳои ғайритиҷоратӣ бо корхонаҳои иҷтимоӣ тақсимоти захираҳоро беҳтар кунад ва таъсири иҷтимоӣ афзоиш диҳад.

4. Пол Лайт (ИМА): Ба ҳалли мушкилоти мураккаб бо равишҳои тиҷоратӣ нигаронида шудааст[162].

Андешаи Лайт барои Тоҷикистон мувофиқ аст. Ба назари ман, моделҳои тиҷоратии содда дар корхонаҳои хурд муфид бошад, зеро захираҳо маҳдуданд. Марказҳои дастгирӣ барои идоракунии тиҷорат кумак расонад.

Дар асоси таҳлили адабиёт ва тафсири қонун хусусиятҳои зерин субъектони соҳибкории иҷтимоӣ муайян карда шудаанд:

1. Мақоми ҳуқуқӣ. Баъд аз воридшавӣ ба феҳрист ба даст оварда мешавад, бо талаботҳои қатъӣ.

Мақоми ҳуқуқӣ барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро он шаффофиятро таъмин мекунад. Ба фикри ман, барои амалӣ кардан, расмиёти бақайдгирӣ содда карда шавад, то соҳибкорон зуд мақом гиранд. Масалан, платформаҳои онлайн барои бақайдгирӣ метавонанд бюрократиро коҳиш диҳанд ва дастрасиро беҳтар кунанд. Инчунин, давлат барои омӯзиши соҳибкорон барномаҳо ташкил кунад, то онҳо талаботҳои қонунро дуруст иҷро кунанд.

2. Талаботи кормандон. 50% аз гурӯҳҳои осебпазир.

Ин талабот барои Тоҷикистон муфид аст, зеро ба шуғли осебпазирон мусоидат мекунад. Ба назари ман, барои муваффақият, корхонаҳо барномаҳои омӯзишӣ барои кормандон ташкил кунанд, то малакаҳои онҳо баланд бардошта шавад. Масалан, омӯзиши касбӣ барои маъюбон метавонад ба онҳо имкони зиндагии мустақилона диҳад. Давлат бояд грантҳо барои чунин барномаҳо пешниҳод кунад.

3. Сармоягузории фоида. 50% ба ҳадафҳои иҷтимоӣ.

Ин хусусият устувориро таъмин мекунад, аммо дар Тоҷикистон метавонад соҳибкоронро маҳдуд кунад. Ба фикри ман, барои мувозинат, давлат имтиёзҳои иловагӣ барои сармоягузорӣ пешниҳод кунад. Масалан, коҳиши андозҳо барои корхонаҳои иҷтимоӣ метавонад ҳавасмандии онҳоро афзоиш диҳад.

4. Ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо. Озодии фаъолият ва риояи қонун.

Ин хусусиятҳо барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро шаффофиятро таъмин мекунанд. Ба назари ман, барои иҷрои уҳдадориҳо, давлат марказҳои назоратӣ таъсис диҳад, то корхонаҳо аз ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд. Масалан, семинарҳо барои соҳибкорон метавонанд ба риояи қонун кумак кунанд.

Дар Тоҷикистон, корхонаҳои иҷтимоӣ ба омӯзиши касбӣ барои осебпазирон нигаронида шудаанд. Дар ҷаҳон, Grameen Bank барои микрокредитҳо ва Aravind Eye Hospital барои хизматрасониҳои тиббӣ.

Субъектҳои соҳибкории иҷтимоӣ нақши муҳим дар ҳалли мушкилоти ҷомеа мебозанд. Дар Тоҷикистон, қонун ва тафсири он заминаи мустаҳкам мегузорад. Барои рушд, марказҳои дастгирӣ таъсис, расмиёт содда ва сармоя ҷалб шавад.

---

[162] Лайт П. Поиск социального предпринимательства. – Вашингтон: Brookings Institution Press, 2008. С. 39.

Адабиёт:

1. Мирзозода П.З., Сангинзода Д.Ш. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ». – Душанбе: “Моҳи-мунир”, 2025. – 160 саҳ.

2. Майр Й. Исследование социального предпринимательства. – Берлин: Springer, 2006. – 150 с.

3. Порталес Л. Характеристики социального предпринимателя. – Мадрид: Ediciones Universidad, 2019. – 120 с.

4. Сангинзод Д.Ш., Сангинов К.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 304 с.

5. Юнус М. Создание мира без бедности. – Нью-Йорк: PublicAffairs, 2007. – 261 с.

6. Тан В-Л. Определение социального предпринимательства. – Сингапур: NUS Press, 2005. – 180 с.

7. Даканай М. Л. Социальное предпринимательство в Азии. – Манила: Ateneo de Manila University Press, 2012. – 150 с.

8. Нундӣ Н. Социальное предпринимательство в Индии. – Дели: Sage Publications, 2020. – 200 с.

9. Николлс А. Новые модели социального изменения. – Оксфорд: Oxford University Press, 2006. – 475 с.

10. Дефурнӣ Ж. Социальное предпринимательство в Европе. – Брюссель: Presses Universitaires, 2010. – 200 с.

11. Дрейтон Б. Социальные предприниматели. – Вашингтон: Brookings Institution, 2005. – 150 с.

12. Бошӣ Дж. Слияние миссии и денег. – Бостон: Harvard Business Press, 2001. – 180 с.

13. Лайт П. Поиск социального предпринимательства. – Вашингтон: Brookings Institution Press, 2008. – 300 с.

14. Мартин Р. Социальное предпринимательство: определение. – Стэнфорд: Stanford University Press, 2007. – 150 с.

15. Осберг С. Социальное предпринимательство в мире. – Нью-Йорк: Palgrave Macmillan, 2010. – 220 с.

16. Захра С. А. Социальное предпринимательство: глобальный взгляд. – Лондон: Edward Elgar, 2014. – 250 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

РОЗИГИИ МАРДУ ЗАНИ НИКОҲШАВАНДА ВА РАСИДАН БА СИННИ НИКОҲӢ ҲАМЧУН ШАРТҲОИ ҲАТМИИ БАСТАНИ АҚДИ НИКОҲ

Рачабзода Бибирачаб Сафаралӣ,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маданӣ
Тел.: (+992) 938969696.
Email: rajabova_lawyer@mail.ru

Фишурда: Дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ никоҳ ҳамчун ҳуқуқи шахсони болиғ муайян карда мешавад, иродаи комил ва озоди тарафҳо бошад ҳамчун унсури таркибии асосии никоҳ баррасӣ мегардад. Яке аз нақзи аслии ҳуқуқи башар, ки духтарон дар бештари кишварҳои ҷаҳон рӯбарӯ мешаванд, никоҳи бармаҳал ва маҷбурӣ мебошад. Никоҳи маҷбурӣ, инчунин, иттиҳодест, ки дар он ҳадди аққал яке аз тарафҳо ризоият ё иродаи комил ва озоди ақди никоҳро надорад. Никоҳ ин ҳуқуқ ва озодии шахсӣ аст, ки бояд бе фишору маҷбурӣ бояд амалӣ гардад ва шахси никоҳшаванда бояд бо ихтиёри худ ба ҷунин муносибатҳо ворид гардад. Дар ин замина дар бораи ифодаи комил ва озоди иродаи кӯдаки то ҳаждаҳсола, ки ҳанӯз инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии худро ба итмом нарасондааст, ҳарф задан мумкин нест.

Калидвожаҳо: оила, никоҳ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, шартҳои никоҳ, ризоияти тарафҳо, ихтиёрӣ, синни никоҳӣ, расидан ба синни никоҳӣ, никоҳи бармаҳал, кам кардани синни никоҳӣ.

ВЗАИМНОЕ СОГЛАСИЕ МУЖЧИНЫ И ЖЕНЩИНЫ, И ДОСТИЖЕНИЕ БРАЧНОГО ВОЗРАСТА КАК ОБЯЗАТЕЛЬНЫЕ УСЛОВИЯ ЗАКЛЮЧЕНИЯ БРАКА

Раджабзода Бибираджаб Сафарали,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры гражданского права.
Тел.: (+992) 938969696.
E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

Аннотация: В контексте международного права брак определяется как право, специфическое для совершеннолетних, а полная и свободная воля сторон рассматривается как неотъемлемый основополагающий элемент брачного союза. Одним из фундаментальных нарушений прав человека, с которым сталкиваются девочки во многих частях мира, являются ранние и принудительные браки. В подобном понимании брак, который является

личным правом и свободой, должен решаться без чьего-либо давления или принуждения, а человек, с которым будет установлено постоянное жизненное партнерство, должен определяться свободной волей человека. В этом контексте нельзя говорить о полном и свободном волеизъявлении ребенка до восемнадцати лет, еще не завершившего свое физическое и интеллектуальное развитие.

Ключевые слова: семья, брак, семейное право, международное право, условия брака, согласие сторон, добровольность, брачный возраст, достижение брачного возраста, ранний брак, снижение брачного возраста.

MUTUAL CONSENT OF MAN AND WOMAN AND REACHING THE AGE OF MARRIAGE AS ESSENTIAL CONDITIONS FOR CONCLUDING MARRIAGE

Rajabzoda Bibirajab Safarali,
Tajik national university, law faculty, applicant for the department of civil law.
Phone: (+ 992) 938969696.
E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

The summary: In the context of international law, marriage is defined as a right specific to adults, and the full and free will of the parties is considered an integral and fundamental element of the marital union. One of the fundamental violations of human rights that girls face in many parts of the world is early and forced marriage. In this understanding, marriage, which is a personal right and freedom, must be decided without pressure or coercion, and the person with whom a permanent life partnership will be established must be determined by the free will of the person. In this context, one cannot speak of the full and free expression of will of a child under eighteen years of age, who has not yet completed his or her physical and intellectual development.

Key words: family, marriage, family law, international law, conditions for marriage, consent of the parties, voluntariness, marriageable age, reaching marriageable age, early marriage, lowering the marriageable age.

Таҳаввул ва рушди сохти ҷамъиятӣ, инчунин, заифшавӣ ва таназзули он бевосита ба сохти оила алоқаманд аст. Аз ҳамин лиҳоз, қонунгузор ба бунёди оила диққати ҷиддӣ дода, ба ин васила ҳифзи онро ҳамчун ҳифзи ҷомеа мепазирад. Гузашта аз ин, эътиқод, арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили муҳаббат, эҳтиром, урфу одат ва некӣ дар муҳити оила ба даст оварда мешаванд. Оила институти асосии ҷомеа буда, тавассути иттифоқи ихтиёрии марду зан бо роҳи бастани аҳди расмӣ ташкил карда шуда, чун қоида бо фарзандони дар ин иттиҳод таваллудшуда мустаҳкам мегардад. Ба ибораи дигар, оила хурдтарин гурӯҳи иҷтимоие мебошад, ки аз модар, падар ва фарзандон иборат аст. Бештари муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, маҳз дар асоси факти ҳуқуқии бастани ақди никоҳ ба вуҷуд меоянд.

Институти никоҳ роҳи тӯлонии таҳаввулотро тай намуда, дар баробари ҷомеа инкишоф ва тағйир меёбад[163]. Никоҳ ҳамчун иттиҳоди қонунии барасмиятдаровардашудаи зан ва мард буда, ҳадафи он ҳам зиндагӣ кардан, ба якдигар кумак расонидан ва ҳам барои якдигар ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобиларо ба вуҷуд овардан ва муҳимтар аз ҳама, идомаи насл мебошад. Никоҳ иттиҳоди ихтиёрии озоди зану марде мебошад, ки тибқи муқаррароти қонун ҳуқуқи анҷом додани никоҳро доранд. Дар Тоҷикистон танҳо он никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеорад.

Масоили танзими муносибатҳо вобаста ба шартҳои никоҳ ҳамеша, дар тамоми давру замон дар маркази таваҷҷуҳи давлатҳо қарор доштанд[164]. Масалан дар таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ муҳимтарин шартҳо барои бастани ақди никоҳ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ин розигии тарафҳо, расидан ба синну соли никоҳӣ, мавҷудияти шоҳид ва пайрави дини зардуштӣ будани тарафҳои никоҳшаванда буданд[165]. Дар ҳуқуқи исломӣ шартҳои бастани никоҳ розигӣ ва расидани ба синни балоғат эътироф мегардид[166]. Дар ИҶШС барои бастани ақди никоҳ риоя кардани шартҳои зерин зарур буд: 1) розигии никоҳшавандагон; 2) расидан ба синну соли никоҳӣ; 3) ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ[167].

Барои он ки ақди никоҳ дар қаламрави Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намояд, бояд шартҳои муайяни моддӣ риоя карда шаванд. Шарти бастани ақди никоҳ гуфта, ҳолатҳоеро меноманд, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо никоҳ ҳукми қонунӣ гирифта, зери ҳимояи давлат қарор дода мешавад. Риояи шартҳои мазкур нишонаи қонунӣ будани тартиби бастани ақди никоҳ мебошад ва ҳукми қонунӣ гирифтани онро таъмин менамояд. Бинобар ин, давлат ба масъалаи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ диққати хоса зоҳир намуда, барои бастани он як қатор шартҳои ҳатмиро муқаррар менамояд[168]. Ин шартҳоро дар адабиёт ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: шартҳои манфӣ ва шартҳои мусбат[169]. Шартҳои манфӣ он

---

* унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 25 Телефон:(+992) 938969696. E-mail: rajabova_lawyer@mail.ru

163 Файзова М. Р. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ / М. Р. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-2. – P. 231-239.

164 Ҳоҷиев М. С. Шартҳо ва тартиби бастани никоҳ дар Байнаннаҳрайни бостон (таҳқиқи таърихию ҳуқуқӣ) / М. С. Ҳоҷиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2018. – No. 4(28). – P. 40-44.

165 Аминҷонов, А. Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ / А. Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 8. – P. 304-307.

166 Манукян Ю.К. Современное семейное право Российской Федерации и шариат. Ростов н/Д, 2003. С. 58.

167 Аминжонов, А. Х. Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ / А. Х. Аминжонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – No. 1(33). – P. 82-95.

168 Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии ҶТ.-Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. С.143

169 Косарева И.А. Условия заключения брака и основания его недействительности // Российская юстиция. 2009. № 12. С. 26.

шартҳое мебошанд, ки ҳангоми бастани ақди никоҳ онҳо ҳатман бояд ҷой надошта бошанд. Ин шартҳо дар моддаи 14 КО ҶТ «Ҳолатҳое, ки монеаи бастани ақди никоҳ мегарданд» оварда шудаанд. Дар ҳолати ҷой надоштани шартҳои мусбат, ки дар моддаҳои 12 ва 13 КО ҶТ оварда шудаанд, ба қайд гирифтани ақди никоҳ имконнопазир мегардад. «Риояи шартҳои бастани ақди никоҳ онро қонунӣ мегардонад ва барои шахсони никоҳкунанда оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад»[170].

Тибқи м. 12 КО ҶТ шартҳои ҳатмии бастани ақди никоҳ розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда ва расидан ба синни никоҳӣ мебошад.

1) Розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда. Шарти муҳимтарин ҳангоми бастани ақди никоҳ, ки он бояд ҳатман риоя карда шавад, ризоияти ихтиёрии тарафҳои ақди никоҳ мебошад, зеро дар сурати набудани чунин ризоият ба қайд гирифтани акди никоҳ ғайриимкон мегардад ва агар ба қайд гирифта шуда бошад, он эътибор надорад. Вайрон кардани ин шарт дар чунин намудҳо дида мешаванд: маҷбур кардан барои ба ақди никоҳ даромадан; бо мақсади на бунёди оила, балки ғаразнок бастани ақди никоҳ; бо ашхоси ғайриқобили амал бастани ақди никоҳ. Моҳият ва мазмуни розигӣ додан ба ақди никоҳ дар он ифода меёбад, ки шахс баъди додани розигии худ бояд ба қонунҳои оилавӣ итоат намояд[171]. Розигии тарафҳои ақди никоҳ дар ду давраи расмияти бастани ақди никоҳ зоҳир мегардад: Якум, дар пешниҳоди ариза барои бақайдгирии ақди никоҳ, дуюм бақайдгирии бевоситаи ақди никоҳ. Ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан принсипи асосии ҳуқуқи оилавӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки яке аз принсипҳои ҳуқуқи оилавии байналмилалӣ низ мебошад. Ҳамин тавр, масалан, м.16 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[172], м.10 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ[173], м.17 Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон[174] муқаррар менамоянд, ки ақди никоҳ танҳо бо ризоияти озод, бечунучаро ва пурраи шахсони никоҳшаванда баста мешавад. Ин муқаррарот дар Конститутсияҳо[175] ва қонунгузории оилавии бештари кишварҳои хориҷӣ муқаррар гардидааст[176].

Бояд қайд намуд, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи исломӣ низ розигии никоҳшавандагон барои бастани ақди никоҳ зарур буда, дар шариати

---

[170] Пчелинцева Л.М. Семейное Право России: Учебник для вузов. 3-е изд., перераб. и доп. М.: Норма, 2004. С.87.

[171] Тафсири Кодекси оилаи ҶТ, М. Маҳмудов, Б.Худоёров., Душанбе, 2002. С. 39

[172] Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Рос. газ. 1998. 10 дек.; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 19 дек. 1966 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. 1976. № 17 (1831);

[173]Международный пакт « гражданских и политических правах» от 19 дек. 1966 г. // Бюл. Верховного Суда РФ. 1994. № 12;

[174] Американская конвенция о правах человека от 22.11.1969 (пункт 3 статьи 17)

[175] Гражданское и торговое право зарубежных государств. Т. II. М., 2006. С. 528.

[176] Косарева И.А. Некоторые проблемы принципа добровольности заключения брака // Современное право. 2007. № 9. С. 45.

ислом ашхоси никоҳшаванда дар интихоби ҳамсари худ ихтиёр доранд. Издивоҷкунандагон бояд барои ба қайд гирифтани ақди никоҳ бевосита дар маросими бастани ақди никоҳ розигии худро баён кунанд. Чунин ризоиятро шахси болиғи дорои қобилияти амалӣ пурра дода метавонад[177].

Моҳияти ризоияти шахсони никоҳшаванда дар пешниҳоди якҷояи ариза дар бораи бақайдгирии ақди никоҳ ба мақомоти САҲШ зоҳир мегардад, зеро тавре маълум аст, агар онҳо чунин хоҳиш надошта бошанд, барои бақайдгирии никоҳ муроҷиат намекунанд. Ҳамин тавр, м.32 Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" муқаррар менамояд, ки асос барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ аризаи муштараки шахсони никоҳшаванда ба ҳисоб меравад[178]. Ҳолати дуюм, тасдиқи ризоияти шахсони никоҳшаванда иштироки бевоситаи ашхоси никоҳшаванда дар маросими бақайдгирии ақди никоҳ мебошад, ки воқеият ва бевосита будани нияти онҳоро оид ба бақайдгирии ақди никоҳ бо ҳамдигарро тасдиқ мекунанд. Дар ин хусус қонунгузории Тоҷикистон низ муқаррар менамояд (қ.4м.35), ки бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар ҳузури шахсони никоҳшаванда ба ҷо оварда мешавад[179]. Дар марҳилаи ниҳоии ақди никоҳ никоҳшавандагон имзои худро ба дафтарчаи махсуси сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мегузоранд, ки онро метавон ҳамчун тасдиқи дигари изҳори ихтиёрии хоҳиши бақайдгирии ақди никоҳ арзёбӣ кард.

Қонунгузории оила имконияти ба қайд гирифтани ақди никоҳро бо хоҳиши шахсони сеюм, ба истиснои худи зану шавҳар, алоқаманд намекунад. Волидайн ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, наметавонанд ба имконияти ба қайд гирифтани ақди никоҳи байни фарзандонашон таъсир расонанд. Ҳатто агар барои бақайдгирии ақди никоҳ бо шахсе, ки ба синни никоҳ нарасида бошад ҳам, розигии волидайн талаб карда намешавад. Муҳим танҳо хоҳиши шахсонест, ки мехоҳанд ақди никоҳ банданд. Ҳамин тавр, розигии шахсони никоҳкунанда, шарти муҳими қонунӣ будани никоҳ мебошад, ки риоя накардани он ба қайд гирифтани ақди никоҳро ғайриимкон месозад ва агар бақайдгирии ақди никоҳ ба амал ояд, пас ин гуна никох беэътибор дониста мешавад.

2) Расидан ба синни никоҳ. Шахсе, ки дар муҳити солими оила ба воя мерасад, хушмуомила, некбину умедбахш, хоксор, ояндабин, услуб ва рафтори дуруст дорад, дар кирдор ва рафтори худ бошуур ва ҳушёр аст. Оила мактабест, ки фарзандонро бо муҳаббат, эҳтиром ва шафқат ба ҳаёти иҷтимоӣ омода месозад. Барои солим будани институти оила, марду зан бояд камолоти маънавӣ ва ҷисмонии худро ба итмом расонида, ба балоғат

---

[177] Международный пакт « гражданских и политических правах» от 19 дек. 1966 г. // Бюл. Верховного Суда РФ. 1994. № 12;

[178] Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ"(бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)- Душанбе, 2025. С.38

[179] Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ"(бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)- Душанбе, 2025. С.40

расанд. Бинобар ин, шарти дуюми муҳимми бастани ақди никоҳ расидан ба синни никоҳӣ мебошад, ки зарурияти муқаррар намудани онро санадҳои байналмилаллӣ низ пешбинӣ мекунанд.

Эъломияи ҳуқуқи башар синну солро дар ду замина баррасӣ мекунанд: яке синни балоғат ва дигаре синни никоҳӣ. Дар ҳоле ки синни ризоият ба остонаи эътирофи балоғат ишора менамояд, синни никоҳӣ ба эътирофи ба балоғат расидани шахс ишора мекунад. Аз ин рӯ, дар қонунгузории миллии кишварҳо байни синни расидан ба балоғат ва синни никоҳӣ метавонад ихтилоф ҷой дошта бошад[180].

Тибқи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон: "Мардон ва заноне, ки ба синни балоғат расидаанд, ҳақ доранд бидуни ягон маҳдудияти нажодӣ, миллӣ ё динӣ издивоҷ кунанд ва оила бунёд намоянд. Онҳо дар мавриди ақди никоҳ дар давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он баробарҳуқуқанд. Ақди никоҳ метавонад танҳо дар сурати ризоияти озодона ва пурраи ҳарду тарафи баакдиникоҳдароянда баста шавад"[181]. Аҳаммияти моддаи баррасишаванда дар он аст, ки дар он зикр мегардад, ки ақди никоҳ метавонад дар ҳолати ба синни балоғат расида, бо ризоияти озод ва пурраи зану шавҳар баста шавад. Дар никоҳи ноболиғе, ки ҳадди ақал яке аз зану шавҳар ба синни 18-солагӣ нарасидааст, дар бораи ақди никоҳ, ки бо изҳори озод ва пурраи иродаи худ баста шудааст, сухан рондан мумкин нест.

Мавриди зикр аст, ки дар кишварҳои хориҷӣ ягонагии танзими ҳуқуқии масъалаи муайян кардани синни никоҳӣ ҷой надорад. Одатан ин шартҳо дар асоси суннатҳои фардӣ, таърихӣ, динӣ, сиёсӣ, миллӣ ва урфу одатҳои халкҳои алоҳида ба амал бароварда мешаванд. Тибқи тавсия оид ба ризоият ба ақди никоҳ, синни ҳадди ақали ақди никоҳ ва бақайдгирии ақди никоҳ, ки 1 ноябри соли 1965 бо Қарори Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст, синни ҳадди ақали никоҳӣ дар кишварҳои узви СММ набояд аз 15 сол кам бошад. Бақайдгирии ақди никоҳ бо ашхоси то 15-сола ғайри қобили қабул аст, агар мақомоти салоҳиятдор ба манфиати тарафҳои ақди никоҳ бо сабабҳои ҷиддӣ иҷозат надиҳанд[182]. Агарчи ин меъёр хусусияти тавсиявӣ дошта бошад ҳам, он бояд дар масъалаи танзими ҳуқуқии синнӣ никоҳӣ дар робита ба муайян намудани ҳадди поёнии он аҳаммияти ҳалкунанда дошта бошад. То синни 15-солагӣ, ҳатто сарфи назар аз имкони камолоти ҷисмонӣ (физиологӣ) (қобилияти ҳомиладор шудан ва таваллуд кардани кӯдак), шахсон мустақилияти зарурии иҷтимоӣ

---

[180] Eriksson, M. (1992). Article 16. The universal declaration of human rights: a commentary. Ed. Aide Edie. Oxford: Scandinavian University Press. C, 243

[181]Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-уми декабри соли 1948 [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – 404 с.

[182] Рекомендация Генеральной Ассамблеи ООН «О согласии на вступление в брак, минимальном брачном возрасте и регистрации браков» (принята 01.11.1965 Резолюцией 2018 (XX) Генеральной Ассамблеи ООН). // СПС Консультант Плюс.

ва иқтисодиро ба даст намеоранд. Мувофиқан дар ин синну сол бунёди оила ғайриимкон мебошад.

Қонунгузори миллӣ синни ҳадди ақали никоҳро ҳам барои занон ва ҳам барои мардон як хел муқаррар кардааст. Тибқи м. 13-и КО ҶТ шахс ҳуқуқ дорад танҳо аз синни 18-солагӣ ақди никоҳ бандад. Синну соли никоҳ шарти моддии шахс барои ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ мебошад ва аз ин рӯ, расидан ба синни никоҳ бояд факти ҳуқуқӣ дониста шавад. Муайян кардани синну соле, ки шахс қобилияти акди никоҳ бастанро пайдо мекунад ва имконияти мустакилона ба роҳ мондани муносибатҳои ҳуқуқии бақайдгирии акди никоҳро пайдо мекунад, ба фарзияе асоснок мегардад, ки шахс дар ин синну сол ба дараҷаи зарурии камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлокӣ мерасад, қодир аст мустақилона ва бошуурона намуди шуғли худро муайян кунад, буҷаи оиларо ҳисоб кунад ва даромадро идора кунад, оид ба масъалаҳои оилавӣ, таваллуд ва тарбияи фарзандон қарор қабул кунад. Синни 18-солагӣ синни муайяни ҳадди ақал аст, ки бо расидан ба он қонунгузор пайдоиши бештари ваколатҳо (ба даст овардани соҳибҳуқуқӣ, ҳуқуққои маданӣ, ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт, ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ғайра) алоқаманд мекунад. Баъди расидан ба синни 18-солагӣ, шахс воқеан тамоми салоҳияту имкониятҳоро барои амалӣ намудани мустақилияти пурраи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла, дар масъалаҳои муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ ба даст меорад.

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе ҳолатҳои истиснои синни никоҳии кӯдаке, ки 17 сола аст, метавонад кам карда шавад. Ҳамин тавр, тибқи м. 13 КО ҶТ дар ҳолатҳои истиснои суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳи дар ҳамин модда барои марду зан муқарраршударо ба мӯҳлати на бештар аз як сол кам кунад. Дар ин ҳолат барои бастани ақди никоҳ розигии падару модар ё васии онҳо зарур нест. Ҳамин тавр, кам кардани сину соли ақди никоҳ танҳо дар сурати риоя шудани шартҳои зерин мумкин аст: кӯдак ба синни 17 солагӣ расида бошад, асосҳои кофӣ ҷой дошта бошанд ва хулосаи духтур дар бораи вазъи махсуси ин шахс мавҷуд бошад.

Ба андешаи мо, ақдҳои никоҳе, ки то синни 18-солагӣ баста мешаванд, аз нигоҳи биологӣ, ҷомеашиносӣ ва тиббӣ бармаҳал мебошанд. Тавре коршиносони соҳаи тиб қайд менамоянд, ки хавфи беморӣ ва марг дар давраи ҳомиладорӣ барои духтароне, ки дар синни бармаҳал издивоҷ мекунанд, зиёд аст.

Никоҳи бармаҳал ё бо ноболиғ нақзи ҳуқуқи башар маҳсуб мешавад ва маъмултарин шакли хушунати ҷинсӣ, бахусус байни духтарон аст. Никоҳи бармаҳал метавонад боиси тарки мактаб ва хатми касбу кори таълимии онҳо мегардад. Бояд қайд намуд, ки ҳамасола шумораи ақдҳои никоҳи бармаҳал зиёд шуда истодаанд. Ҳамин тавр, соли 2022 дар Тоҷикистон 695 никоҳи бармаҳал ба қайд гирифта шудааст, ки ин шумора нисбати соли гузашта беш аз 100 ҳолат зиёд аст. Тавре Созмони ҷаҳонии тандурустӣ қайд менамояд «Никоҳи бармаҳал барои духтарони наврас

оқибатҳои ногувор дошта, онҳоро аз имкони пешбурди зиндагии минбаъда маҳрум месозад. Дар оилаҳои нав онҳо мавриди фишори равониву ҷисмонӣ қарор мегиранд. Сабаби аслии фавти духтарони синнусоли 15 - сола ҳомиладории бармаҳал аст.

Ҳамзамон, тавре дар адабиётҳо қайд мегардад кӯдакони ноболиғ ҳатто баъд аз расидан ба синне, ки ҳуқуқи муроҷиатро ба даст меоранд, имкони воқеии пешбурди тарзи ҳаёти мустақил ва аслӣ надоранд. Чун қоида ноболиғон асосан аз волидайни худ вобастагии моддиро нигоҳ медоранд, илова бар ин, дар ҷомеа ақидаи муқарраршуда боқӣ мемонад, то расидан ба синни балоғат волидайн вобаста ба таълиму тарбияи онҳо масъулиятро нигоҳ медоранд. Аз ин лиҳоз, волидайн тавассути ваколаташон метавонанд ба қарорҳои қабулкардаи кӯдак ва ба қарорҳои дар ҳаёти оилавӣ қабулкардаи ӯ таъсири муайян расонанд. Ба андешаи мо, падару модар (васиён, парастор, дигар намояндагони қонунӣ) шахсоне, ки хоҳиши то расидан ба синни никоҳ ақди никоҳ банданд, дар муҳокимаи масъалаи додани иҷозат ба фарзандони ноболиғашон хатман бояд иштирок кунанд. Раванди додани розигии волидайн барои никоҳи фарзандон падидаи нав нест ва барои ҷомеа ва қонун кайҳо маълум аст[183].

Қонун номгӯи ҳолатҳои истисноиро дар бар намегирад, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо иҷозати ақди никоҳ ба ашхоси то синни никоҳ дода шуданаш мумкин аст. Одатан, дар таҷриба чунин ҳолатҳои истиснои иборат мебошанд: таваллуди кӯдак аз ҷониби шахси никоҳшаванда ва ё аз номи шахсе, ки ариза пешниҳод мекунад; ҳомиладории шахси аризадиҳанда; мавҷудияти муносибатҳои воқеии никоҳӣ байни шахсони ба синни никоҳӣ нарасида, ки мехоҳанд сабти ақди никоҳро анҷом диҳанд; мавҷудияти таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти шахсе, ки мехоҳад ақди никоҳ бандад; зарурати рафтани таъҷилии дарозмуддат (даъват ба артиш, адои ҷазои маҳрумият аз озодӣ) ва ғайра. Дар ҳар сурат, дар қонун мавҷуд набудани рӯйхати ҳолатҳои истиснои нишон медиҳад, ки ин масъала ба салоҳдиди суд тааллуқ дорад ва ӯ вазифадор аст, ки бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххаси ҳаётии шахсоне, ки дархост кардаанд, инфиродӣ дар ин бора қарор қабул намояд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳолатҳои истиснои барои кам кардани синни никоҳӣ бояд дар қонунгузорӣ муайян карда шаванд.

Қонунгузории миллӣ синну соли ниҳоии болоии никоҳро махдуд намекунад, инчунин, барои тафовути синну соли байни зану шавҳар ягон шарт намегузорад[184]. Ақди никоҳро новобаста аз тафовути синну соли байни зану шавҳар бастан мумкин аст. Албатта, тафовути аз ҳад зиёд аз никоҳи қалбақӣ (бе нияти бунёди оила) гувоҳӣ медиҳад. Тафовути ҷинсӣ, синни ақди никоҳ бо шаҳодатномаи таваллуд ё нусхаи тасдиқи нотариалии

[183] Монтескье Ш.Л. Избранные произведения. М., 1955. С. 510, Хазова О.А. Брак и развод в буржуазном семейном праве: Сравнительно-правовой анализ. М.: Наука, 1988. С. 26

[184] Романенкова Е.Н. Семейное право. Краткий курс: учебное пособие. М.: Проспект, 2015. С. 16.

он, ки ба аризаи ақди никоҳ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият замима мешавад, тасдиқ карда мешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки бо вуҷуди тафовути фарҳангӣ, ниҳоди никоҳ воқеияти умумибашарӣ аст. Ҳамин тавр, ҳар масъалае, ки мустақим ё ғайримустақим ба издивоҷ таъсир мерасонад, бояд ҳамчун як ҷузъи ин воқеияти умумибашарӣ арзёбӣ ва бодиққат омӯхта шавад. Ҳамон гуна ки мушкили «никоҳи бармаҳал» чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷанбаҳои сотсиологӣ, равонӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто антропологӣ баҳогузорӣ мешавад, ҳамон қадар муаянкунандагоне ҳастанд, ки бевосита ё бавосита ба издивоҷ таъсир мерасонанд, ки бо таъсири ин тағйирёбандаҳо аксаран масъалаи боло бурдани синни никоҳ мубрам мегардад. Ҳамзамон, тағйиротҳои ҷиддие, ки дар давоми солҳои охир ба вуҷуд омадаанд (афзоиши шумораи талоқҳо, кам шудани шумораи никоҳҳо, кам шудани таваллуд ва ғайра) таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи боло бардоштани синни никоҳро тақозо мекунад.

Бояд қайд намуд, ки никоҳи бармаҳал оқибатҳои зиёди манфӣ дорад. Муаянкунандаҳои зиёд аз қабили таҳсилот, вазъи иҷтимоиву иқтисодии хонавода, ширкати занон дар шуғл, бекорӣ, хидмати ҳарбӣ, нажод ва қавмият, хароҷоти арӯсӣ ва фарҳанг аз авомили боло рафтани синни издивоҷ ҳастанд. Дар баробари ин, ба таъхир андохтани синни никоҳӣ ҳамон гуна оқибатҳои никоҳи бармаҳалро дорад.

Ҳамин тавр, пешгирии никоҳҳои бармаҳал бояд на танҳо ба зиёд намудани синни никоҳӣ алоқаманд гардад, балки ба андешаи мо, бояд тавонмандсозии духтарон ҳамчун стратегияи афзалиятнок муайян карда шавад. Издивоҷи бармаҳал бояд ҳамчун нақзи ҳуқуқи башар баррасӣ гардида бо такя ба равиши ҳуқуқи башар ҳал карда шавад. Дар ин замина, ба назар гирифта мешавад, ки таҳия ва татбиқи як санади ҳатмӣ оид ба ҳуқуқи инсон, махсусан барои пешгирии издивоҷи кӯдакон муфид хоҳад буд.

Дар баробари розигии ҳамдигарии шахсони никоҳшаванда ва синни никоҳӣ қайд намудан зарур аст, ки қонунунзории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муқаррар менамояд, ки ақди никоҳ танҳо байни зан ва мард баста мешавад. Дар қаламрави Тоҷикистон издивоҷи ҳамҷинсҳо манъ аст. Дар баробари розигии ҳамдигарии шахсони никоҳшаванда ва синни никоҳӣ қайд намудан зарур аст, ки қонунунзории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муқаррар менамояд, ки ақди никоҳ танҳо байни зан ва мард баста мешавад. Дар қаламрави Тоҷикистон издивоҷи ҳамҷинсҳо манъ аст. Дар қонунгузории миллии баъзе аз мамлакатҳо қайди ҳамзистии ҷуфти ҷинсҳои якхела иҷозат шудааст [185]. Бояд ба он таваҷҷӯҳ дод, ки меъёрҳои қонунгузории дохилӣ, инчунин, созишномаҳои байналмилалиии Тоҷикистон ба зиммаи ҶТ ҳеч гуна уҳдадориро оиди дар ҳудуди худ тарғиб ва эътирофи никоҳҳои ҳамҷинсгароён ҳамчун никоҳи қонунӣ вогузошт накардаанд. Ҳамзамон рад

[185] Шукуров Н.И. Ҳуқуқи оилавии ҶТ (дастури таълимӣ-методӣ), “Нури маърифат” -Хуҷанд, -2020. С.43

кардани сабти никоҳ байни шахсони ҳамҷинс маънои вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, надорад[186]. Дар айни замон, бо назардошти вижагиҳои тавзеҳи мафҳуми «никоҳ» дар баъзе кишварҳои ғарб қонунгузори ватаниро водор сохт, ки фаҳмиши никоҳро маҳз ҳамчун иттиҳоди зану мард дар сатҳи Конститутсия мустаҳкам намояд. Ҳамин тавр, тибқи м. 33 Конститутсия, мардон ва занон, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд[187].

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузорӣ хусусият, тафаккур, урфу одатҳои миллиро ба назар гирифтан зарур аст. Инчунин, тавре дар муқаддимаи Конститутсия муқаррар гардидааст, мақсад аз қабули Конститутсия дарки масъулият дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда дониста мешавад. Аз ин рӯ, никоҳҳои якҷинс дар Тоҷикистон эътироф гардида наметавонанд, зеро чунин оилаҳо аз имконияти давом додани насл маҳрум мебошанд. Ғайр аз ин м. 34 Конститутсияи ҶТ маҳз модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор додааст. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки оила ва модар дар фаҳмиши таърихӣ ва анъанавӣ дорои арзишҳое мебошанд, ки ивазшавии пайвастаи наслҳоро таъмин намуда, шарти ҳифз ва рушди аҳолии Тоҷикистон буда, бинобар ин давлат онҳоро махсус ҳифз менамояд.

Ҳамин тавр, баъди таҳлили мавзуи мазкур чунин хулоса кардан мувофиқи мақсад мебошад:

1.Шартҳои бастани ақди никоҳ ҳолатҳое мебошанд, ки барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ зарур мебошанд. Чунин шартҳо дар доираи муносибатҳои пеш аз никоҳӣ муайян карда мешавад – муносибатҳое, ки пеш аз ақди никоҳ ҷойдошта ба ташкили имкони бастани ақди никоҳ нигаронида шудаанд. Шахсони никоҳкунанда ҷинсҳои муқобил, яъне мард ва зан бояд бошанд. Пеш аз бастани ақди никоҳ риоя гардидани шартҳои бастани он ҳатман бояд муайян карда шаванд, чунин шартҳо барои ақди никоҳ розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда ва ба синни никоҳӣ расиндани никоҳшавандагон мебошанд, ки дар моддаи 12, 13 КО ҶТ муайян карда шудаанд.

2. Розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда шарти ихтиёрӣ будани иродаи зан ва мард оид ба бакайдгирии акди никоҳ буда, ба он нигаронида шудааст, ки марду зани никоҳшаванда мустақилона бе ягон дахолати беруна, зуроварӣ, фиреб ба хулосаи бастани ақди никоҳ омадаанд ва воқеан хоҳиши инро доранд. Яъне марду зани никоҳшаванда пурра оқибатҳои бақайдгирии ақди никоҳро дар шакли ба даст овардани вазъи

[186] Наумов Я.В. Право на заключение брака: проблемы правового регулирования условий и препятствия его заключения // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. 2017. № 3.

[187] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

махсуси ҳуқуқӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии никоҳ ва оилавиро дарк менамоянд. Ин маънои онро дорад, ки шахс гарчанде қобилияти ҳуқуқӣ дошта бошад ҳам, аммо воқеан ба амалҳои худ ва оқибатҳои он баҳо дода натавонанд, яъне ҳуқуқи худро барои бақайдгирии ақди никоҳро амалӣ карда наметавонад ва ақди никоҳ шахсе, ки дар чунин ҳолат қарор дорад, (мадҳушӣ, нашъамандӣ) бояд рад карда шавад.

3. Масъалаи кам кардани синнӣ никоҳии шахсони ноболиғ мураккаб ва норавшан аст, зеро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ чунин шахсони никоҳшаванда ҳанӯз кӯдаке мебошанд, ки аз волидайни худ вобастагӣ доранд ва мустақилона амалӣ намудани муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ онҳо зери суол мебошад. Бинобар ин, кам кардани синни никоҳӣ бояд бо назардошти фикри волидайни онҳо, инчунин бо назардошти арзёбии имконияти воқеии бурдани хоҷагии умумии онҳо сурат гирад.

4. Гарчанде қонунгузор, ба таври истисноӣ, бастани ақди никоҳ аз синни 17 солагӣ пешбинӣ намудааст, пойдории чунин иттиҳоди марду зан номусоид ба назар мерасад, зеро чунин шахсони никоҳшаванда: аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати молиявӣ аз волидони худ вобастагӣ доранд; аз ҷиҳати эмотсионалӣ ба камол нарасидааст ва барои рафтори худ масъулиятро ба зимма гирифта наметавонанд, захираҳои молиявӣ барои пеш бурдани хоҷагии умумӣ надоранд.

5. Пешгирии никоҳҳои бармаҳал бояд на танҳо ба боло бурдани синни никоҳӣ алоқаманд карда шавад, балки бояд ба тавонмандсозии духтарон ҳамчун стратегияи афзалиятнок муайян карда шавад. Издивоҷи бармаҳал бояд ҳамчун нақзи ҳуқуқи башар баррасӣ шавад, на мушкилоти иҷтимоӣ ва бояд бо истифода аз равиши бар асоси ҳуқуқи башар ҳал карда шавад. Дар ин замина, ба назар гирифта мешавад, ки таҳия ва татбиқи як санади ҳатмӣ оид ба ҳуқуқи инсон, махсусан, барои пешгирии издивоҷи кӯдакон муфид хоҳад буд.

6. Кам кардани синни никоҳӣ барои шахсони никоҳшаванда чораи ниҳоии ҳалли мушкилӣ буда, дар ҳолатҳои истисноии иҷозат дода мешавад.

Хулоса, ин масъала ба танзими ҳуқуқӣ дар қонунгузории оилавӣ ниёз дорад.

Адабиёт:

1. Американская конвенция о правах человека от 22.11.1969 (пункт 3 статьи 17)
2. Аминжонов, А. Х. Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ / А. Х. Аминжонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – No. 1(33). – P. 82-95.
3. Аминҷонов, А. Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ / А. Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 8. – P. 304-307.

4. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Рос. газ. 1998. 10 дек.; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 19 дек. 1966 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. 1976. № 17 (1831);
5. Гражданское и торговое право зарубежных государств. Т. II. М., 2006. – С. 528.
6. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.
7. Косарева И.А. Некоторые проблемы принципа добровольности заключения брака // Современное право. 2007. № 9. – С. 45.
8. Косарева И.А. Условия заключения брака и основания его недействительности // Российская юстиция. 2009. № 12. – С. 26.
9. Қонуни ҶТ “Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ”(бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)-Душанбе, 2025. – С.38
10. Манукян Ю.К. Современное семейное право Российской Федерации и шариат. Ростов н/Д, 2003. – С. 58.
11. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии ҶТ.-Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. – С.143
12. Международный пакт « гражданских и политических правах» от 19 дек. 1966 г. // Бюл. Верховного Суда РФ. 1994. № 12;
13. Монтескье Ш.Л. Избранные произведения. – М., 1955. – С. 510.
14. Хазова О.А. Брак и развод в буржуазном семейном праве: Сравнительно-правовой анализ. М.: Наука, 1988. – С. 26
15. Наумов Я.В. Право на заключение брака: проблемы правового регулирования условий и препятствия его заключения // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. 2017. № 3.
16. Пчелинцева Л.М. Семейное Право России: Учебник для вузов. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2004. – С.87.
17. Рекомендация Генеральной Ассамблеи ООН «О согласии на вступление в брак, минимальном брачном возрасте и регистрации браков» (принята 01.11.1965 Резолюцией 2018 (XX) Генеральной Ассамблеи ООН). // СПС Консультант Плюс.
18. Романенкова Е.Н. Семейное право. Краткий курс: учебное пособие. М.: Проспект, 2015. С. 16.
19. Тафсири Кодекси оилаи ҶТ, М. Маҳмудов, Б. Худоёров. – Душанбе, 2002. – С. 39
20. Файзова М. Р. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ / М. Р. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-2. – P. 231-239.
21. Ҳоҷиев М. С. Шартҳо ва тартиби бастани никоҳ дар Байнаннаҳрайни бостон (таҳқиқи таърихию ҳуқуқӣ) / М. С. Ҳоҷиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2018. – No. 4(28). – P. 40-44.

22. Шукуров Н.И. Ҳуқуқи оилавии ҶТ (дастури таълимӣ-методӣ), “Нури маърифат” -Хуҷанд, -2020. С.43
23. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-уми декабри соли 1948 [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – 404 с.
24. Eriksson, M. (1992). Article 16. The universal declaration of human rights: a commentary. Ed. Aide Edie. Oxford: Scandinavian University Press. – С. 243

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 5.5.4) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.4)

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ АУДИТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Далери Манон,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ.
Тел.: (+992) 909001669.

Фишурда: Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф пайдоиш ва инкишофи таърихии аудити давлатиро дар иртибот бо низоми назорати давлатии молиявӣ баррасӣ намуда, равишҳои гуногуни назариявӣ ва доктриналии тафсири мафҳуми «аудити давлатӣ»-ро таҳлил мекунад. Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалӣ ва мавқеи олимони хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои демократӣ ва санадҳои байналмилалии INTOSAI (Эъломияҳои Лима ва Мехико), ҳамчун пояи ташаккули мафҳуми муосири аудити давлатӣ арзёбӣ мегардад. Дар мақола таносуби аудит ва назорати давлатии молиявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои хоси аудити давлатӣ, инчунин зарурати такмили танзими ҳуқуқии он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: аудити давлатӣ; назорати давлатии молиявӣ; меъёрҳои INTOSAI; Эъломияи Лима; Эъломияи Мехико; қонунгузории молиявӣ; методологияи аудит; идоракунии давлатӣ; назорати беруна; самаранокӣ.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Далери Манон,
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, юридический факультет, соискатель кафедры административного и финансового права.
Тел.: +992 909 00 16 69

Аннотация. В статье рассматриваются вопросы формирования и развития государственного аудита в Республике Таджикистан в период после обретения государственной независимости. Анализируется историческое становление государственного аудита в контексте развития системы государственного финансового контроля, а также различные доктринальные и теоретические подходы к определению понятия «государственный аудит». Особое внимание уделяется международному опыту и научным позициям зарубежных исследователей, а также роли международных стандартов INTOSAI, в частности Лимской и Мексиканской деклараций. Раскрывается соотношение государственного аудита и государственного финансового контроля, его цели, задачи и функциональные особенности, а также обосновывается необходимость совершенствования правового регулирования государственного аудита в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: государственный аудит; государственный финансовый контроль; стандарты INTOSAI; Лимская декларация; Мехиканская декларация; финансовое право; методология аудита; государственное управление; внешний контроль; эффективность.

SOME THEORETICAL AND LEGAL ISSUES OF REGULATING PUBLIC AUDIT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Daleri Manon,
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, faculty of law, applicant of the department of administrative and financial law
Tel.: +992 909 00 16 69

[228] См.: Яшурина В.Е. Основные особенности правоотношений по трудоустройству в России: дис.…канд. юрид. наук. – Перм, 2003. – С.50-60.

при этом имеют различный юридический статус **в** зависимости от вида осуществляемой деятельности. Опосредованное трудоустройство включает более сложные наборы связей: между возможным работодателем и органом, содействующим в трудоустройстве; между возможным работником и органом, содействующим в трудоустройстве; между возможным работодателем и трудоустраиваемым будущим работником.

2.Непосредственное трудоустройство включающее включает связи только между возможным работником и работодателем (хотя возможно со стороны работодателя дополнительное участие сторонней организации, например, при процедуре назначения на должность)[229].

Исходя из этого, можно указывать на то, что организационно – правовые формы трудоустройства бывают государственные и частные. Другими словами, содействие по трудоустройству реализуется не только государственными службами занятости, но и частными агентствами (ЧАЗ), оказывающими услугу по трудоустройству. Сходные черти этих двух организационно - правовых форм трудоустройства состоит в том, что они оказывают услугу по трудоустройству и их деятельность имеет посреднический характер. Но, несмотря на то, что эти две организационно- правовые формы трудоустройства имеют сходные черты, тем не менее им присущи и отличительные черты.

Во–первых, государственная служба занятости населения в соответствии с частию 1 статии 6 Закона РТ «О содействии занятости населения» от 28.06.2011г.№724, проводит государственную политику содействия реализации прав граждан на полную, продуктивную и свободно избранную занятость.

Частные агентства занятости осуществляют предпринимательскую деятельность.

Одним из направлений предпринимательской деятельности является, безусловно, оказание частными агентствами услуг, по трудоустройству. В свою очередь, частные агентства, оказывающие услугу по трудоустройству, являются субъектами предпринимательской деятельность.

Во-вторых, государство оказывает услугу по трудоустройству и другие сопутствующие услуги бесплатно, а также государство предоставляет безработным гражданам следующие гарантии;

-бесплатное содействие в трудоустройстве при посредничестве органов государственной службы занятости населения;

-бесплатную профессиональную ориентацию, профессиональную подготовку, переподготовку и повышение квалификации по направлению органов государственной службы занятости;

-обеспечение социальной поддержки;

-компенсацию материальных затрат в связи с направлением на работу (обучение) в другую местность по направлению государственной службы занятости населения в соответствии с законодательством Республики Таджикистан;

---

[229] Яшурина В.Е. Основные особенности правоотношений по трудоустройству в России: дис. … канд. юрид. наук. – Перм, 2003. – С.50-60; – С.61-68.

-возможность заключения трудовых договоров (контрактов) на участие в оплачиваемых общественных работах, организуемых с учетом возрастных и иных особенностей граждан.

Частные агентства занятости оказывают возмездную услугу, которая регулируется статьёй 859 Гражданским кодексом РТ.

В-третьих, государство оказывает услугу по трудоустройству в том случае, когда гражданин зарегистрирован в указанных органах в качестве безработного. В соответствие со статьей 4 Закона РТ «О содействии занятости населения», регистрация граждан, обращающихся по месту постоянного жительства в службу занятости, в качестве безработных и ищущих работу осуществляется при их личном обращении с предъявлением паспорта, трудовой книжки или документов их заменяющих, документов, удостоверяющих их профессиональную квалификацию, справки о среднем заработке за последние два месяца по последнему; месту работы.

Частные агентства занятости оказывают услугу по трудоустройству независимо от регистрации. Они оказывают услугу на основание договоров о возмездном оказании услуг, а не на основе предписаний закона.

Литература:

1. Трудовой кодекс Республики Таджикистан (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 год, №7, ст.604; 2022 год, №7, ст.439; 2024г. №5-6, ст.255).
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2022 год, №12, ч.1, ч.2, ст. 757; 2024 года, №7-11 ст.521; 2025 года, №5, ст.509;)
3. Закона РТ «О содействии занятости населения» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2003 год, №8, ст.467; 2005 год, №12, ст. 650; 2007 год, №7, ст. 687; 2008 год, № 12, часть 2, ст. 1006; 2011 год, № 6, ст. 437, 2018 год, №5, ст.277; 2021 год, №6, ст. 389)
4. Расулов З.С. Правовое регулирование трудоустройства в новых условиях хозяйствования: автореф. дисс... к.ю.н. – Ташкент, 1992. – С. 7.
5. Кулакова, С.В. Некоторые правовые вопросы трудоустройства в Российской Федерации: дис. канд. юрид. наук. –М., 2003. – С. 40.
6. Горбачева Ж.А. Правовое регулирование трудоустройства в Российской Федерации: автореф. дис... к.ю.н. – М., 1997. – С.12-13.
7. Орловский Ю.П. Труд молодежи в СССР. – М., 1974. –С. 67.
8. Горелко Н.А.Правовое регулирование трудоустройства в СССР на современном этапе: дис...к.ю.н. – М.,1990. –С. 47.
9. Магницкая Е.В., Пашков А.С. Распределение трудовых ресурсов: правовые вопросы. – М., 1980. – С. 60.
10. Пашков А.С. Занятость, безработица, трудоустройство (обзор законодательства) – Сп.,1994. – С.24.
11. Медведев О.М. Правовые проблемы обеспечения занятости населения. – Тверь: Тверской гос. ун-т 1994. – С. 150.
12. Гусов К.Н., Толкунова В.Н. Указ. работа. – С. 159- 160.

13. Клечковская Л.Г. Правовое регулирование занятости населения в Российской Федерации. – Владивосток, 1997. – С. 36.
14. Андреева Л.А.,Медведев О.М. Правовое регулирование обеспечения занятости в России. М.,1999. С. 28, 29,108 и др.
15. Трудовое право: Учебник. -2-е изд.,перер и доп. М.:Юристь, 2001.С.130
16. Трудовое право: Учебник. Под ред. О.В. Смирнова, И.О. Снигиревой. – М. «Праспек», 2010. – С. 221.
17. А. Нурутдинова. Реформа трудового законодательства: основные направления // Российская юстиция. 1996 №2. – С.42.
18. Яшурина В.Е. Основные особенности правоотношений по трудоустройству в России: дис…канд. юрид. наук. – Перм, 2003. – С.50-60.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)

ПРОФИЛАКТИКАИ ҶИНОЯТКОРӢ: НАЗАРИЯ, АМАЛИЯ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

Мирзозода Рустам Пираҳмад,
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: +992 (37) 221-13-96
Email: info@sud.tj

Фишурда: Мақола ба таҳлили мафҳуми профилактикаи ҷиноятқорӣ ва нақши он дар пешгирии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок равона шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки профилактика як раванд ва низоми бисёрзинагӣ мебошад, ки ҳам омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад ва ҳам чораҳои инфиродӣ ва ҷамъиятиро барои безараргардонии шахсони эҳтимолан ҷиноятқор дар назар мегирад. Мафҳуми профилактикаи ҷиноятқорӣ дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ фарқият ва ҳамоҳангии механизмҳои пешгирӣ, таълими ҳуқуқӣ, назорати ҷамъиятӣ ва муносибати муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеа ба рафтори ҳуқуқвайронкунандагони эҳтимолиро фаро мегирад.

Калидвожаҳо: профилактикаи ҷиноятқорӣ, пешгирии ҷиноят, криминология, омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳуқуқ, тартиботи ҷамъиятӣ, чораҳои пешгирикунанда, сиёсат ва амнияти ҳуқуқӣ

ПРОФИЛАКТИКА ПРЕСТУПНОСТИ: ТЕОРИЯ, ПРАКТИКА И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ОБЩЕСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ.

Мирзозода Рустам Пираҳмад,
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан.
Тел: +992 (37) 221-13-96
E-mail: info@sud.tj

Аннотация: Статья посвящена анализу концепции профилактики преступности и ее роли в предотвращении социально опасных деяний. Анализ показывает, что профилактика представляет собой многоэтапный процесс и систему, включающую как социальные, экономические и культурные факторы, так и индивидуальные и общественные меры по нейтрализации потенциальных преступников. Концепция профилактики преступности на теоретическом и практическом уровнях охватывает различие и координацию механизмов профилактики, правового

просвещения, общественного контроля и отношения государственных институтов и общества к поведению потенциальных правонарушителей.

Ключевые слова: профилактика преступности, предотвращение преступлений, криминология, социально-экономические факторы, право, общественный порядок, профилактические меры, политика и правовая безопасность

CRIME PREVENTION: THEORY, PRACTICE AND ITS ROLE IN ENSURING PUBLIC SAFETY

Mirzozoda Rustam Pirahmad,
Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan
Tel.: +992 (37) 221-13-96
E-mail: info@sud.tj

Abstract: This article examines the concept of crime prevention and its role in preventing socially dangerous acts. The analysis demonstrates that prevention is a multi-stage process and a comprehensive system that incorporates social, economic, and cultural factors, as well as individual and societal measures aimed at neutralizing potential criminal behavior. At both theoretical and practical levels, the concept of crime prevention encompasses the diversity and coordination of preventive mechanisms, legal education, public oversight, and the approaches of state institutions and society toward the behavior of potential offenders.

Keywords: crime prevention, criminology, socioeconomic factors, law, public order, preventive measures, policy and legal security

Профилактикаи ҷинояткорӣ як раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, таҳқиқи амиқи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро тақозо мекунад. Профилактикаи ҷинояткорӣ маҷмуи чораҳо ва амалҳоест, ки ба пешгирии таёрӣ, сӯиқасд ва содиршавии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва ба танзимдарории тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа нигаронида шудааст.

Ибораи профилактика аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънои чораҳои пешакӣ барои пешгирии ҳаракати муайяне мебошад[230]. Мафҳуми мазкур вобаста ба соҳаҳои гуногуни илм ба чанд маъно фаҳмида мешавад:

1. Профилактикаи тиббӣ – маҷмуи чораҳои тиббӣ, санитарӣ, гигиенӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба пешгирии бемориҳо ва рафъи омилҳои хавф нигаронида шудаанд.

2. Профилактикаи саноатӣ – ҳамчун чораҳои пешгирикунанда барои нигоҳ доштани иншооти техникӣ ё таҷҳизот дар ҳолати хуби корӣ фаҳмида мешавад.

[230] https://ru.wikipedia.org/wiki/Профилактика_(значения)

3. Профилактикаи равонӣ – яке аз самтҳои фаъолияти равоншиносӣ мебошад, ки барои танзими ҳолати равонии шахсият муайян карда мешавад.

4. Профилактикаи иҷтимоӣ – фаъолияти пешгирикунандае мебошад, ки барои татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

5. Профилактикаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – бо роҳи амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирии ҷиноятқорӣ ба роҳ монда мешавад.

Профилактикаи криминология – маҷмуи чораҳо ва тадбирҳоест, ки бо мақсади пешгирӣ кардани ҷиноятҳо ва коҳиш додани сатҳи ҷиноятқорӣ роҳандозӣ мешаванд.

Профилактика ҳамчун маҷмуи чораҳои пешгирикунанда дар шакли умумӣ ва махсус амалӣ карда мешавад, ки ба безараргардонии ашхоси мушаххасе, ки ҷиноят содир кардаанд ё муносибатҳои ҷамъиятиро зери хатар қарор додаанд, нигаронида шудаанд.

Олимони соҳаи криминология дар бораи мафҳуми профилактикаи криминологӣ ва ё профилактикаи ҷиноятӣ ва пешгирикунии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок бо назардошти мушкилоти муосир, афзоиши ҷиноятҳои муташаккил, шаклҳои нави ҷиноят (масалан, киберҷиноятқорӣ), тағйироти сохтори иҷтимоӣ баҳсҳо зиёдеро ба миён овардаанд[231].

Аввалин маротиба дар бораи профилактикаи ҷиноятқорӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ фикру ақидаҳои зиёде пешбинӣ карда шудааст. Чезаре Беккария ва Аристотел дар асарҳои худ роҳи самараноки мубориза бо ҷиноятқорӣ, пешгирии амалҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои омодагӣ ва тайёрӣ ба ҷиноятро зикр кардаанд. Шарл Луи де Монтескё мазмунан зикр мекунад, ки ҷиноят аз нодонӣ ва бемаърифатӣ содир мешавад. Вобаста ба ин ақида муаллиф ибрози андеша менамояд, ки барои риояи қонунҳо бояд аз тарафи ҳокимият функсияҳои маҷбуркунии бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои ҷиноятӣ истифода бурда шавад[232].

Дар воқеъ илми криминология аз рузҳои аввалини пайдоиш дар ташаккули асосҳои илмии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, махсусан дар пешгири кардани ҷиноят мавқеи калидиро бозидааст. Дар илми мазкур усулҳои гуногуни пешгирии ҷиноятқорӣ истифода карда мешавад, ки онҳоро мумкин аст ба усулҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ тасниф кард.

Яке аз намояндагони илми криминология С.В. Марковиченко қайд мекунад, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз тадбирҳои муассири пешгирикунанда, ки бештар ба таҳқиқоти криминологӣ ва ҳамкории фаъоли мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа асос ёфтаанд, бархурдор буда, дар

---

[231] Варыгин, А.Н. Основы криминологии и профилактики преступлений : учебник для вузов / А. Н. Варыгин, В. Г. Громов, О. В. Шляпникова ; под редакцией А. Н. Варыгина. — 2-е изд. — Москва : Издательство Юрайт, 2025. – 165 с.; Гребенкин, Е. В. Профилактика агрессии и насилия в школе : учеб.-метод. комплекс / Е. В.
Гребенкин. – Ростов н/Д : Феникс, 2006. – 157 с.; Косевич, Н. Р. Профилактика преступности несовершеннолетних в малых и средних городах :учеб. пособие / Н. Р. Косевич ; под ред. Ю. М. Антоняна. – М. : Щит-М, 2004. – 269 с

[232] http://www.jurvestnik.psu.ru/index.php/ru/vypusk-2162012/19-2010-12-01-13-31-58/-2-16-2012

самти муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мавқеи назаррасро ишғол кардаанд[233]. Роҳҳои амалии пешгирии ҷиноятқорӣ васеъ буда, ба таҳқиқотҳои амиқи криминологӣ такя карда тавсияҳои назаррасро пешниҳод менамояд. Ин имкон медиҳад, ки сабабҳои ба амал омадани ҳуқуқвайронкуниҳо сари вақт ошкор шуда, барои пешгирии онҳо чораҳои таъсирбахш тавсия карда шавад. Ҳамкории фаъоли мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа ба ташаккули назорати ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат намуда, дар коҳиш додани сатҳи ҷиноятқорӣ низ нақши муҳим мебозад. Пешгирии ҷиноятқорӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми амнияти ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ин раванд танҳо ба чораҳои умумӣ ва махсус маҳдуд нашуда, балки ба таҳқиқоти амиқи илмии криминологӣ такя менамояд ва тавассути он сабабҳо ва шароитҳои воқеии содиршавии ҷиноятҳо сари вақт муайян ва таҳқиқ карда мешаванд. Бо ин назардошт метавон чораҳои таъсирбахши пешгирикунандаро тарҳрезӣ намуд, ки на танҳо ба паст кардани сатҳи ҷиноятқорӣ, балки ба беҳтар намудани муҳити иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Ҳамкории фаъол байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар шакли ташкили назорати ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон сурат мегирад, метавонад нақши калидӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дошта бошад.

Ба ақидаи олими намоёни рус А.Н. Радишев, кирдори ба ҷамъият хавфнок ба шароити номусоиди ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки аввалан бояд на ҷазо, балки ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, рафъи сабабҳое, ки ба пайдоиши онҳо мусоидат мекунанд, муайян карда шаванд. А.Н. Радишев яке аз аввалинҳо шуда, ба ҷиноятқорӣ аз нуқтаи назари фалсафаи иҷтимоӣ назар карда исбот кардааст, ки кирдори ҷиноятқорона ин вокуниши шахс ба шароити ниҳоят номусоиди зиндагӣ мебошад[234]. Ба ақидаи ӯ, агар сабабҳое, ки шахсро ба содир намудани ҷиноят водор мекунанд, бартараф нашаванд, таъйини ҷазо ҳамчун чораи пешгирии ҷиноят кофӣ нест. Мавқеи муаллиф аз ҷониби А.И. Гертсен пазироӣ шудааст. Ба ақидаи ӯ сарчашмаи ҷиноят пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, алалхусус нобаробарии моликият ва ба табақаҳо тақсим шудани ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳеҷ гуна татбиқи ҷазо қодир нест, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро пурра аз байн барад[235]. Ба ақидаи А.И. Гертсен, агар беадолатии иҷтимоӣ дар ҷамъият давом кунад, ҳатто ҷазоҳои сахттарин ҳам афзоиши ҷиноятқориро аз байн бурда наметавонад.

Андешаҳои А.Н. Радишев ва А.И. Гертсен дар бораи моҳияти иҷтимоии ҷиноят на танҳо дар фалсафа, балки дар амалия ҳам инкишоф

---

[233] Марковиченко С.В. Характеристика и предупреждение преступных нарушений правил охраны труда: дис. … канд. юрид. наук. Омск, 2011. 200 с.

[234] Радищев А.Н. Избранные философские и общественно-политические произведения. М., 1952.

[235] Здравомыслов Б.В. Уголовно-правовые взгляды русских революционных демократов А.И. Герцена, В.Г. Белинского, Н.Г. Чернышевского, Н.А. Добролюбова / под ред. С.А. Покровского. М.: Госюриздат, 1959. – 120 с.

ёфтаанд. Аллакай дар замони шуравӣ назари системавӣ ва прагматикӣ оид ба пешгирӣ ташаккул ёфта буд. Вобаста ба ин ақидаҳо А.Г. Лекар, консепсияи илмии пешгирии ҷиноятқориро коркард намудааст[236]. Муаллиф асоси назарияи профилактикаи криминологиро коркард карда, зикр намудааст, ки профилактика фаъолияти мураккаб ва бисёрзинагӣ баҳисоб меравад. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҷиноятро танҳо бо чораҳои ҷазо мағлуб кардан мумкин нест, балки сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилии онро бартараф кардан лозим аст. Ин назарияи илмӣ ва фалсафиро ба ҳам наздиктар намуда, ғояҳои инсондӯстонаро бо стратегияҳои муосири ҳуқуқӣ мепайвандад. Муаллифони тадқиқотҳои минбаъда идеяҳои А.Г. Лекарро таҳқиқ намуда, назарияҳои профилактикаи ҷиноятқориро ҳамчун фаъолияти низомнок оид ба рафъи сабабу шароитҳои ҷиноятқорӣ пешниҳод кардаанд. В. Плешаков ин назарияро давом дода профилактикаи ҷиноятқориро ба ду гурӯҳ дар шакли умумӣ ва инфиродӣ тақсим намуда, ақидаҳои болозикрро дастгирӣ менамояд. Ақидаи муаллиф оид ба профилактикаи ҷиноятқорӣ омилҳои содиршавии ҷиноятро дар бар мегирад. Мутобиқи назарияи пешниҳодгардида ҷиноят на бо айби инфиродии шахс содир мешавад, балки ба шароити иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки дар он ҷиноят ягона роҳи амалӣ намудани мақсаду ангезаҳои ӯ мебошад, пешбинӣ карда шудааст. Дар назария муаллиф оид ба зарурати ташаккули қонуни пешгирикунанда фикру ақидаҳои зиёд баён шудааст[237]. Бо фикри муаллиф розӣ шудан бисёр душвор аст, чунки дар ҳама давру замон давлату ҳукумат кӯшиши беҳбудии шароити иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро амалӣ мекунад, вале новобаста аз ин шахсоне пайдо мешаванд, ки боз ба кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок даст мезананд. Ҳатто дар ҷомеаҳое, ки шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии нисбатан хуб доранд, мушкилоти амниятӣ ва рафторҳои хавфнок дида мешавад. Ин нишон медиҳад, ки на танҳо беҳбудии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки омилҳои дигари психологӣ, иҷтимоии шахсӣ ва фарҳангӣ низ нақши калидӣ доранд.

В.А. Плешаков профилактикаи умумиро чунин таъриф мекунад: «Профилактика фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо оид ба ошкор намудани сабабу шароити ҷиноят, намудҳои ҷиноятқорӣ, тартиб додан ва татбиқ намудани барномаҳо ва нақшаҳои тадбирҳои бартараф намудани онҳо ё безарар гардондани таъсири онҳо, инчунин бо мақсади тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, равона карда шудааст»[238]. Муаллиф дар профилактикаи ҷиноятқорӣ дар баробари дигар омилҳо таваҷҷуҳ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дода нақши маърифати ҳуқуқӣ, корҳои фарҳангию банақшагирии стратегиро, ки ба фароҳам овардани муҳити мусоиди пешгирии ҷиноятқорӣ нигаронида

[236] Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М.: Юридическая литература, 1972. – 104 с.
[237] Плешаков В. А. Основы ситуационного предупреждения преступлений // Научный портал МВД России. 2018. № 3 (43). – С. 32-36
[238] Плешаков В. А. Основы ситуационного предупреждения преступлений // Научный портал МВД России. 2018. № 3 (43). – С. 32-36.

шудаанд, баҳои баланд медиҳад. Ин ақидаро олимони дигар низ ҷонибдорӣ менамоянд ва профилактикаро ҷузъи ҷудонашавандаи пешгирии ҷиноятқорӣ меноманд[239].

В.Д. Малков дар инкишофи назариявию ҳуқуқии профилактикаи ҷиноятқорӣ саҳми калон гузоштаи тафсири васеътари профилактикаи ҷиноятқориро пешниҳод мекунад. Ба ақидаи муаллиф профилактикаи ҷиноятӣ «маҷмуи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, ҳифзи одамон, ҷомеа ва давлатро аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок дарбар мегирад»[240]. Профилактика на танҳо синоними пешгирӣ, балки категорияи олӣ, аз ҷумла: профилактикаи умумӣ, профилактикаи инфиродӣ, чораҳои махсуси безараргардонии таҳдидҳо, таъсири ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба ҷиноятқорони эҳтимолӣ мебошад. Ин назария имкон медиҳад, ки профилактикаро ҳамчун асоси стратегии сиёсати криминологӣ, давлатӣ эътироф кард, ки тамоми самтҳои фаъолияти муқовимат бо ҷиноятқории давлатро дар бар мегирад[241] .

Аз мафҳуми болозикр чанд нуқтаи асосиро шарҳ додан мумкин аст:

1. Мустақилияти профилактикӣ хамчун ҷузъи илми криминология на танҳо фаъолияти умумӣ, балки ҳамчун самти мустақили илми ҳуқуқшиносӣ бо мақсаду усулҳои ба худ хос дар амал татбиқ карда мешавад.

2. Профилактика ҳамчун як намуди махсуси идоракунӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ, балки як қисми сиёсати васеътари иҷтимоӣ, ки ба ҳифзи амният ва тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад.

3. Профилактика ҳамчун таъмини амнияти арзишҳои инсонӣ, ки дар асоси фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

4. Низоми чораҳои мақсаднок, ки фаъолияти ташкил ва ба нақша гирифташуда мебошад, ки ба ошкор ва бартараф намудани сабабҳои ҷиноят нигаронида шудааст.

5. Муайян ва рафъи сабабу шароитҳои содиршавии ҷиноят як ҷанбаи муҳим аст, зеро пешгирӣ на танҳо бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда, балки ба рафъи омилҳои содиршавии ҷиноят нигаронида шудааст.

6. Таъсири пешгирикунанда ба шахсоне, ки ба рафтори ғайриқонунӣ майл доранд, аз ҷумла дастгирии психологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, ин таърифҳои овардашуда мураккабии хусусияти профилактикӣ ва пешгирикунандаро таъкид мекунад, ки ба назарияҳои муосири илми криминология мувофиқат мекунад[242] .

---

[239] Сизикова Н.М. Профилактика правонарушений в области избирательных прав: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 215 с.

[240] Малков В.Д. Предупреждение и профилактика преступлений и иных правонарушений в системе борьбы с преступностью // Вестник МГЛУ Вып. 25 (711). 2014. – С. 78-88.

[241]

[242] Блувштейн Ю.Д., Зырин М.И., Романов В.В. Профилактика преступлений. – М.: Университетское, 1986. – 286 с.

Баробари мафҳуми профилактика дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои ҳамаъноро дидан мумкин аст. Дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ профилактика ба маънои «пешгирӣ», «огоҳӣ» ва «муқовимат» истифода мешаванд, ки сарфи назар аз тафовути ибораҳо, раванди ягонаи пешгирии ҷиноятро инъикос мекунанд. Мувофиқи ақидаи П.П. Михайленко ва И. Гелванд, фарқиятгузорӣ байни моҳияти ин мафҳумҳо ба хатогии ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Ба андешаи муаллиф истилоҳоти болозикр синонимҳо мебошанд, ки бо мавқеи умумии татбиқи маҷмуи чораҳо оид ба пешгирӣ ё пурра аз байн бурдани пайдоиши қасди ҷиноятӣ, равона карда шудаанд. Ин назария ба ҷанбаи амалии ин мафҳумҳо аҳаммият дода, ягонагии мазмунии онҳоро дар доираи самти назариявӣ ва амалии пешгирии ҷиноятқорӣ равона мекунад. Ибораҳои овардашуда маҷмуи чораҳои пешгирикунандае мебошанд, ки ба рафъи сабабҳо ва шароити содиршавии ҷиноят, инчунин пешгирии ҷиноятқорӣ нигаронида шудаанд.

Мафҳумҳои “пешгирӣ”, “огоҳӣ” ва “муқовимат” ҳамчун мафҳумҳои синонимӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба як ҳадафи умумӣ, яъне таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятҳо тавассути амалиёти мунтазам ва мақсаднок аҳаммият диҳем. Ин ба ташаккули заминаи ягонаи методологии таҳия ва татбиқи чораҳои самарабахши пешгирии криминологӣ мусоидат мекунад.[243]

Ақидаҳои зикршуда вобаста ба ибораҳои “пешгирӣ”, “огоҳӣ” ва “муқовимат” ҳамчун мафҳумҳои синонимӣ аз нигоҳи илми криминология нодуруст мебошад. Онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи профилактикаро ташкил карда, дар раванди профилактикаи ҷиноятқорӣ ҳар яке функсияҳои мустақили худро иҷро мекунад.

Мафҳуми «профилактикаи ҷиноятқорӣ» маъмулан ҳамчун як фаъолияти низомноке баррасӣ мешавад, ки ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ тавассути кам кардани хатари содир намудани ҷиноят нигаронида шудааст. Аксари муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки профилактикаро бояд маҷмуи чораҳое дарк намуд, ки ҳам аз ҷониби институтҳои давлатӣ ва ҳам ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади пешгирии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок анҷом дода мешаванд.

Ақидаи олими криминолог А. Шляпочников вобаста ба мафҳуми профилактика ҷолиби диққат мебошад. Ба андешаи муаллиф, профилактика на танҳо чораҳоеро дар бар мегирад, ки ба рафъи сабабҳо ва шароити криминогенӣ нигаронида шудаанд, инчунин амалҳоеро дар бар мегирад, ки ба рафъи бевоситаи фаъолияти ҷиноятии шахсон, бозгардонидани онҳо аз мақсад ва ангезаи ҷиноятқорӣ алоқаманданд. А. Шляпочников характери дугонаи профилактикиро пешниҳод мекунад: аз як тараф, механизми пешгирикунанда, аз тарафи дигар - воситаи пешгирии инфиродӣ ва хусусиятҳои иҷтимоии кирдори шахс[244].

---

[243] Михайленко П.П., Гельфанд И.А. Предупреждение преступлений – основа борьбы за искоренение преступности. – М.: Юрид. лит., 1964. – 203 с.

[244] Шляпочников А.С. Общие меры предупреждения преступности. – М.: Знание, 1972. – 32 с

Мавқеи муаллиф имкон медиҳад, ки профилактикаи ҷиноятқориро на танҳо заминаи пешгирии умумӣ, балки ҳамчун низоми динамикии робитаи байни чораҳои пешгирикунанда, ислоҳӣ-тарбиявӣ пазироӣ карда шавад. Сиёсати криминологӣ бояд на танҳо ба рафъи омилҳои содиршавии ҷиноятқорӣ, балки ба безараргардонии ашхоси мушаххас, ки аллакай ба рафтори ғайриқонунӣ майл зоҳир кардаанд, нигаронида шавад[245]. Дар натиҷаи таҳқиқи ақидаи А. Шляпочников, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳуми профилактикаи ҷиноятқорӣ дорои моҳияти мураккаб ва бисёрзина мебошад. Профилактика на танҳо ҷиҳати рафъи сабабҳо ва шарту шароити ҷиноят, инчунин барои тарбияи дурусти шахсони аллакай майлдошта ба ҷиноятқорӣ ва тағйири ангезаҳои онҳо равона мешавад. Пешниҳоди муаллиф ҳамчун механизми умумии профилактикӣ ва василаи инфиродии таъсиррасонӣ ба рафтори иҷтимоии шахс, мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, сиёсати криминологӣ дар самти профилактикаи ҷиноятқорӣ бояд ба як низоми муайян таҳрезӣ карда шуда, робитаи зичи байни чораҳои иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва ҳуқуқиро таъмин намояд.

Мушкилии дигаре, ки дар илми криминология баҳсбарангез боқӣ мемонад, тафовути истилоҳоти байни мафҳумҳои «пешгирӣ» ва «профилактика» мебошад. А.Г.Лекар ва А.Ф.Зелинский фарқияти амиқи ин таърифҳоро дар асоси тафовут дар самти ҳадафи онҳо ва дараҷаи таъсир ба кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок пешниҳод мекунанд[246].

Тибқи мавқеи муаллифон, пешгирӣ нисбат ба профилактика мафҳуми васеътар ва бунёдӣ буда, омӯзиш, ошкор ва рафъи омилҳои ҷиноятро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, пешгирӣ раванди мушаххас ва муҳлатнок буда, ба тағйир додани шароит ва омилҳои криминогенӣ дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Он омилҳои илмӣ ва амалиро барои дарки сабабҳои кирдори ба ҷамъият хавфнок ва шароити содир шудани ҷиноят, пешбинӣ мекунад.

Дар баробари ин мафҳуми пешгирӣ дар тафсири А.Г. Лекар ва А.Ф. Зелинский аз ҷиҳати мазмун маҳдудтар бо дарназардошти пешгирии ҷиноятҳои мушаххасе, ки дар марҳилаи банақшагирӣ ё омодагӣ қарор доранд, маҳдудтар тавсиф карда шудааст. Ба ақидаи муаллифон пешгирӣ фаъолияти амалӣ буда, пеш аз ҳама аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади аз байн бурдани таҳдидҳои хусусияти ҷиноятӣ дар сатҳи инфиродӣ амалӣ карда мешавад[247]. Чунин тафовут имкон медиҳад, ки низоми чораҳои муборизаи зидди ҷиноятқорӣ аниқтар сохта шуда назарияҳои пешгирикунандаи муҳлатноки иҷтимоиро бо дарназардошти ҳолатҳои эҳтимолии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок пайваст намояд.

Бояд гуфт, ки гарчанде дар амалияи муосир ин истилоҳот аксаран ҳамчун синоним истифода мешаванд, фарқияти пешниҳодкардаи А.Г. Лекар ва А.Ф. Зелинский аҳаммияти муҳимми методологӣ дошта, ба дақиқ

[245] Шляпочников А.С. Общие меры предупреждения преступности. – М.: Знание, – 1972. – 32 с
[246] Зелинский, А.Ф. Криминология. – Харьков: Издательство, 2000 г. – 240 с.
[247] Зелинский, А.Ф. Криминология. – Харьков: Издательство, 2000 г. – 240 с.

муайян кардани вазифаҳо дар сатҳҳои гуногуни татбиқи сиёсати зидди ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

Атрофи мафҳумҳои «пешгирӣ» ва «профилактика» олимони криминолог фикру ақидаҳои зиёде овардаанд. А.А. Савченко ва М.А. Буганова мураккабии методологиро байни мафҳумҳои «пешгирӣ» ва профилактикаи ҷинояткорӣ нишон додаанд. Ба андешаи муаллифон, ин мушкилот бештар ба набудани мафҳуми ягонаи профилактикаи ҷинояткорӣ вобастагӣ дорад[248].

Воқеан, дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ тағйирот дар мазмун ва моҳияти байни пешгирӣ ва профилактика мушоҳида мешавад. Дар як қатор назарияҳои илмӣ онҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд, дар дигар мавридҳо аз ҷиҳати мазмун, мақсад ва воситаҳои амалӣ ба ҳам наздик гузошта мешаванд. Чунин гуногунии истилоҳот таҳияи заминаи ягонаи илмии низоми мубориза бо ҷинояткориро мушкил мекунад. Муаллифон зикр мекунанд, ки сабаби асосии номуайян таҳия шудани мафҳумҳо фарқ кардани ҳадафҳои пешгирӣ ва профилактика мебошад. Масалан, агар профилактика ба рафъи сабабҳо ва шароити умумии ҷиноят нигаронида шуда бошад, онгоҳ пешгирӣ ба безарар гардонидани ниятҳои ҷиноятии аллакай ташаккулёфта нигаронида шудааст. Аз инҷо масъалае, ба миён меояд, ки сарҳади байни таъсиррасонӣ ба ҷинояткории эҳтимолӣ ва рафъи таҳдиди мушаххас дар куҷост?

Набудани дастурҳои дақиқи мақсаднок дар сарчашмаҳои назариявӣ ва амалӣ боиси такрор шудани вазифаҳои субъектҳои гуногуни пешгирикунанда гардида, самаранокии амалигардонии чораҳоро дар ин самт коҳиш медиҳад.

Мавқеи А. Савченко ва М.А. Буганова ба зарурати равшан кардани дастгоҳи консептуалӣ, таҳияи методологияии чорабиниҳои пешгирикунанда ва профилактикӣ ба муқаррар намудани ҳадафҳои муайяни профилактикаи криминологӣ равона карда шудааст. Ин ҳам барои рушди илми криминология ва ҳам барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ аҳаммияти асосӣ дорад[249] .

Мавқеи ҷолиби диққат аз ҷониби Г.А. Аванесов пешниҳод карда шудааст. Муаллиф мафҳумҳои «пешгирӣ» ва «профилактика» – и ҷиноятҳоро пешниҳод намуда, онҳоро ҳамчун категорияҳои гуногун таъриф додааст. Дар консепсияи ӯ профилактика мавқеи асосиро ишғол намуда, ба маънои васеъ ва маҳдуд оварда шудааст.

Ба маънои васеъ, профилактика тамоми тадбирҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тарбиявиро дар бар мегирад, ки ба пешгирии ҷиноятҳо нигаронида шудааст. Дар ин замина, муаллиф пешгириро ҳамчун яке аз унсурҳои профилактика муаррифӣ намуда қайд мекунад, ки пешгирӣ механизми глобалии таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад, ки дар сатҳи ҷамъиятӣ амал мекунад. Дар ин ҷо профилактика амалҳоеро дар бар мегирад, ки шаҳрвандонро аз шомил шудан ба рафтори ғайриқонунӣ муҳофизат карда, онҳоро ба корҳои умумии тарбиявӣ ва фарҳангӣ ҷалб мекунад.

---

[248] Савченко А.А., Буганова М.А. Соотношение понятий профилактики преступлений и предупреждения преступлений в современной юридической доктрине // Современное право. 2010. №3.

[249] Савченко А.А., Буганова М.А. Соотношение понятий профилактики преступлений и предупреждения преступлений в современной юридической доктрине // Современное право. 2010. №3.

Ба маънои маҳдуд бошад, профилактика ҳамчун фаъолияти мақсаднок оид ба ошкор ва бартараф намудани омилҳои мушаххаси криминогенӣ, аз ҷумла шароите, ки ба содир намудани ҷиноятҳо ва шахсони ба ҳуқуқвайронкунӣ майлдошта мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад. Чунин профилактика хусусияти инфиродӣ дошта, ба пешгирии ҷиноятқорон нигаронида шуда, имкон медиҳад, ки шаклҳои инфиродии профилактика коркард карда шаванд.

Бояд гуфт, ки бо ин назария сарҳади байни пешгирӣ ва профилактика комилан аз байн нарафта, балки мураккабтар мешавад. Муаллиф аслан мафҳуми пешгириро ба доираи фаъолияти васеи профилактикӣ дохил намуда, ба охирин мақоми воситаи универсалии иҷтимоию ҳуқуқиро додааст.

Ин назария аз ҷиҳати методологӣ пурратар мебошад ва бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

– ба низом даровардани намудҳои мушаххаси профилактикӣ;

– мутобиқ намудани вазифаҳои стратегӣ ва тактикӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ;

– муайян кардани субъектҳои профилактикаи ҷиноятқорӣ (аз институтҳои давлатӣ то институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ).

Хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳуми Г.А. Аванесов ба мутобиқ гардондани истилоҳот мусоидат мекунад ва барои тартиб додани омилҳои меъёрию методӣ дар соҳаи пешгирии ҷиноятқорӣ асос шуда метавонад[250].

Яке аз муҳаққиқони машҳури илми криминология Ю.М. Антонян ба ин нуқтаи назар розӣ шуда, қайд мекунад, ки ин гуна таърифҳоро танҳо аз ҷиҳати назариявӣ ҷудо кардан мумкин аст, вале дар амал онҳо раванди ягонаро ифода мекунанд, ки нуқтаи ибтидоии он пешгирӣ, баъд профилактика кардан аст[251].

Аз нуқтаи назари К. Игошев ва В. Устинов ба яке аз камбудиҳои асосии методологии профилактикаи ҷиноятқорӣ нокифоя таҳқиқ карда шудани асосҳои назариявӣ ва амалияи ин соҳа мебошад. Дуруст таъкид карда мешавад, ки мушкилотҳои имрӯзаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фаъолияти профилактикӣ бештар аз набудани платформаи ягонаи назариявӣ, суст инкишоф ёфтани дастгоҳи консептуалӣ, инчунин номутобиқатии истилоҳот мебошанд. Чунин ҳолат заминаи назариявӣ ба пастравии самаранокии чораҳои пешгирикунанда таъсири бевосита мерасонад. Масалан набудани консепсияи ягонаи профилактикаи ҷиноятқориро душвор мегардонад; мувофиқати амали субъектҳои гуногуни пешгириро коҳиш медиҳад ва ба таҳияи роҳҳои мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ халал мерасонад. Ҳамин тариқ, ин изҳорот зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва методологии профилактикаи ҷиноятҳоро ҳамчун шарти ҳатмӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти амалӣ дар ин соҳа нишон медиҳад[252] .

Чунин ба назар мерасад, ки гуногунрангии бархӯрдҳое, ки дар адабиёти илмӣ нисбат ба мафҳуми «профилактикаи ҷиноятқорӣ» ифода ёфтаанд, на

---

[250] Аванесов Г.А. Криминология. – М.: Акад. МВД СССР, 1984. – 500 с.

[251] Антонян, Ю. М. Криминология: учебник для вузов / Ю. М. Антонян. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2025. – 388 с.

[252] Вопросы криминологии, уголовного права и уголовного процесса [Текст] / Ред. коллегия: К. Е. Игошев (отв. ред.) [и др.]. - Горький: [б. и.], 1974. — 121 с.; Аванесов Г.А. Криминология. М.: Акад. МВД СССР, 1984. 500 с.

бештар аз номутобиқатии ақидаҳои илмӣ, балки аз ҷустуҷӯи идомаи таърифи дақиқ ва функсионалии ин падида шаҳодат медиҳад. Набудани ягонагӣ дар тафсири истилоҳот, аз мураккабӣ ва гуногунҷанбаи профилактикаи ҷиноятқорӣ, инчунин зарурати дарки минбаъдаи назариявӣ ва методологӣ шаҳодат медиҳад. Метавон гуфт, ки новобаста аз шаклҳои истилоҳот, намояндагони илми криминология ягонагии консепсияи профилактикаи ҷиноятқориро ҳамчун фаъолияти пешгирикунанда, ки ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, эътироф мекунанд.

Дар охир бо дарназардошти фикру ақидаҳои олимони болозикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки профилактикаи ҷиноятқорӣ як падидаи мураккаб, бисёрҷанба ва байнисоҳавӣ буда, он масалаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва равониро дар бар мегирад ва он як қисми ҷудонашавандаи илми криминология ва як самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти ҷамъиятӣ мебошад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки профилактика на танҳо чораҳои пешгирии ҷиноятқориро дар бар мегирад, инчунин низоми чораҳоро барои муайян кардан, бартараф кардан ё безараргардонии сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир кардани кирдорҳои ғайриқонунӣ мусоидат мекунанд, кор бо шахсони мушаххас, ки ба рафтори ҷиноятӣ майл доранд, дар бар мегирад.

Бо ин назардошт профилактикаи ҷиноятқориро на танҳо ҳамчун механизми таъсиррасонӣ ба ҷиноятқорони эҳтимолӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми волоияти қонун, ки ба таҳкими адолати иҷтимоӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нигаронида шудааст, фаҳмидан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Jurvestnik [Электронный ресурс] // http://www.jurvestnik.psu.ru/index.php/ru/vypusk-2162012/19-2010-12-01-13-31-58/-2-16-2012. – Режим доступа: свободный. – Дата доступа: 06.01.2026.
2. Профилактика (значения) [Электронный ресурс] // https://ru.wikipedia.org/wiki/Профилактика_(значения). – Режим доступа: свободный. – Дата доступа: 06.01.2026.
3. Аванесов Г.А. Криминология / Г.А. Аванесов. — М.: Акад. МВД СССР, 1984. — 500 с.
4. Антонян Ю.М. Криминология: учебник для вузов / Ю.М. Антонян. — 3-е изд., перераб. и доп. — М.: Издательство Юрайт, 2025. — 388 с.
5. Блувштейн Ю.Д., Зырин М.И., Романов В.В. Профилактика преступлений / Ю.Д. Блувштейн, М.И. Зырин, В.В. Романов. — М.: Университетское, 1986. — 286 с.
6. Варыгин А.Н., Громов В.Г., Шляпникова О.В. Основы криминологии и профилактики преступлений: учебник для вузов / А.Н. Варыгин, В.Г. Громов, О.В. Шляпникова. — М.: Издательство Юрайт, 2025. — 165 с.
7. Вопросы криминологии, уголовного права и уголовного процесса [Текст] / ред. коллегия: К.Е. Игошев (отв. ред.) [и др.]. — Горький: [б. и.], 1974. — 121 с.
8. Гребенкин Е.В. Профилактика агрессии и насилия в школе: учеб.-метод. комплекс / Е.В. Гребенкин. — Ростов н/Д: Феникс, 2006. — 157 с.

9. Здравомыслов Б.В. Уголовно-правовые взгляды русских революционных демократов А.И. Герцена, В.Г. Белинского, Н.Г. Чернышевского, Н.А. Добролюбова / под ред. С.А. Покровского. — М.: Госюриздат, 1959. — 120 с.
10. Зелинский А.Ф. Криминология: монография / А.Ф. Зелинский. — Харьков: Издательство, 2000. — 240 с.
11. Косевич Н.Р. Профилактика преступности несовершеннолетних в малых и средних городах: учеб. пособие / Н.Р. Косевич; под ред. Ю.М. Антоняна. — М.: Щит-М, 2004. — 269 с.
12. Лекарь А.Г. Профилактика преступлений / А.Г. Лекарь. — М.: Юридическая литература, 1972. — 104 с.
13. Малков В.Д. Предупреждение и профилактика преступлений и иных правонарушений в системе борьбы с преступностью // Вестник МГЛУ. — 2014. — Вып. 25 (711). — С. 78–88.
14. Марковиченко С.В. Характеристика и предупреждение преступных нарушений правил охраны труда: дис. … канд. юрид. наук. — Омск, 2011. — 200 с.
15. Михайленко П.П., Гельфанд И.А. Предупреждение преступлений — основа борьбы за искоренение преступности / П.П. Михайленко, И.А. Гельфанд. — М.: Юрид. лит., 1964. — 203 с.
16. Плешаков В.А. Основы ситуационного предупреждения преступлений // Научный портал МВД России. — 2018. — № 3 (43). — С. 32–36.
17. Радищев А.Н. Избранные философские и общественно-политические произведения / А.Н. Радищев. — М.: Госполитиздат, 1952. — 676 с.
18. Савченко А.А., Буганова М.А. Соотношение понятий профилактики преступлений и предупреждения преступлений в современной юридической доктрине // Современное право. — 2010. — № 3. — С. 52–56
19. Сизикова Н.М. Профилактика правонарушений в области избирательных прав: дис. ... канд. юрид. наук. — М., 2008. — 215 с.
20. Шляпочников А.С. Общие меры предупреждения преступности / А.С. Шляпочников. — М.: Знание, 1972. — 32 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ТАСНИФИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ БОНКӢ

Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992) 880-78-78-28.
Email: mrahmonzoda@mail.ru

Фишурда: Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба мафҳум, доира ва таснифи ҷиноятҳо дар соҳаи қарзӣ-бонкӣ мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Таъкид мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур ба муносибатҳои ҷамъиятие таҷовуз мекунанд, ки фаъолияти муътадили низоми бонкӣ, ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон, ташкилотҳои қарзӣ ва устувории иқтисоди миллиро таъмин менамоянд. Муаллиф зарурати таснифи ҷиноятҳоро вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш, объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва махсусан вобаста ба субъекти содиркунандаи ҷиноят асоснок менамояд.

Муаллиф зарурати таснифи ҷиноятҳоро вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш, объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва махсусан вобаста ба субъекти содиркунандаи ҷиноят асоснок менамояд. Дар ин замина фарқияти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби роҳбарони бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ содир мегарданд, аз ҷиноятҳои анҷомдодаи дигар категорияҳои кормандони бонкӣ нишон дода мешавад. Хулоса мешавад, ки ҳуқуқвайронкуниҳои аз ҷониби роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ содиршуда бинобар вазифаҳои махсуси онҳо дар низоми молиявӣ ва иқтисодиёт дорои дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ буда, талаб менамоянд, ки дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ нисбат ба онҳо зоҳир карда шавад.

Калидвожаҳо: ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, соҳаи қарзӣ-бонкӣ, таснифи ҷиноятҳо, субъекти ҷиноят, роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ, кормандони бонк, хавфнокии ҷамъиятӣ, низоми бонкӣ, амнияти молиявӣ.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ КЛАССИФИКАЦИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В БАНКОВСКОЙ СФЕРЕ

Рахмонзода Мухаммад Джамшед,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук

Тел.: (+992) 880-78-78-28
Email: mrahmonzoda@mail.ru

Аннотация: В статье рассматриваются теоретические и практические проблемы, связанные с понятием, объёмом и классификацией преступлений в кредитно-банковской сфере. Подчёркивается, что данные преступления посягают на общественные отношения, обеспечивающие нормальное функционирование банковской системы, защиту интересов вкладчиков, кредитных организаций и устойчивость национальной экономики. Автор обосновывает необходимость классификации преступлений в зависимости от целей исследования, объекта уголовно-правовой охраны и, в особенности, от субъекта совершения преступления.

В этом контексте проводится разграничение преступлений, совершаемых руководителями банков и иных кредитных организаций, и преступлений, совершаемых другими категориями банковских служащих. Делается вывод о том, что правонарушения, совершаемые руководителями кредитных организаций, в силу их особых функций в финансовой системе и экономике в целом характеризуются повышенной общественной опасностью и требуют усиленного внимания со стороны законодательства и правоприменительной практики.

Ключевые слова: преступления в сфере банковской деятельности, кредитно-банковская сфера, классификация преступлений, субъект преступления, руководители кредитных организаций, банковские служащие, общественная опасность, банковская система, финансовая безопасность.

SOME ISSUES OF CRIME CLASSIFICATION IN THE BANKING SECTOR

Rakhmonzoda Muhammad Jamshed,
Tajik National University, Faculty of law, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Law Associate Professor
Phone: (+992) 880-78-78-28.
Email: mrahmonzoda@mail.ru

Annotation: This article examines theoretical and practical issues related to the concept, scope, and classification of crimes in the credit and banking sector. It emphasizes that these crimes infringe on the social relations that ensure the normal functioning of the banking system, the protection of the interests of depositors and credit institutions, and the stability of the national economy. The author substantiates the need to classify crimes based on the objectives of the study, the object of criminal law protection, and, in particular, the perpetrator.

In this context, a distinction is made between crimes committed by executives of banks and other credit institutions and crimes committed by other

categories of bank employees. It is concluded that offenses committed by executives of credit institutions, due to their specific functions in the financial system and the economy as a whole, pose a heightened public danger and require increased attention from legislation and law enforcement.

Key words: crimes in the sphere of banking activities, credit and banking sphere, classification of crimes, subject of crime, heads of credit institutions, bank employees, public danger, banking system, financial security.

Дар қатори чораҳои афзалиятнок оид ба баланд бардоштани амнияти молиявӣ дар соҳаи бонкӣ бояд ташкили механизми самараноки муқовимат ба таҳдидҳои ҷиноятӣ махсусан ҷудо карда шавад. Ғамхорӣ нисбат ба амният ба ҳар як сохтори иҷтимоии ҷомеа хос буда, барои фаъолияти молиявӣ дорои аҳаммияти афзалиятнок мебошад.

Амният, одатан, ҳамчун набудани хатар ва ҳифзшавӣ аз таҳдидҳо дарк карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011 №721 амнияти иқтисодиро ҳамчун “вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд”[253] муайян намудааст.

Соҳаи бонкӣ на танҳо пояи рушди иқтисодӣ, балки ҳамзамон яке аз каналҳои ҷолибтарин барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаанамудани онҳо, анҷом додани амалиётҳои молиявии ғайриқонунӣ ва ҷалби чунин маблағҳо ба муомилоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Низоми бонкии ҶТ ҷузъи низоми қарзӣ-молиявӣ мебошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии молиявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаро дар бар мегирад.

Дар чунин шароит, масъалаи муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи бонкӣ бо воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти махсусан баланд касб мекунад. Ин ҳолат бо хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин ҷиноятҳо, сатҳи баланди пинҳонкорӣ (латентӣ), инчунин мушкилоте, ки ҳангоми бандубаст намудани онҳо ба миён меоянд, вобаста мебошад.

Ба андешаи мутахассисон, хавфи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар соҳаи қарзӣ-банкӣ содир мегарданд, аз он иборат аст, ки онҳо боиси содир шудани чунин ҷиноятҳо, аз қабили порагирӣ, қалбакӣ сохтани ҳуҷҷатҳо, сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ мегарданд[254]. Ҳамчунин қаллобӣ дар соҳаи қарздиҳӣ ва дигар намудҳои ҷиноятҳо низ ҷудо карда мешаванд[255].

---

[253] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011 №721 https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амният

[254] Олимпиев А.Ю. Преступления в кредитно-банковской сфере. Общая характеристика, виды и методические рекомендации по их расследованию: учеб.пособ. для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция». 2-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2018.С.27.

[255] Костюк М.Ф., Кошелева М.В. Банковские риски и их правовые последствия // Российский следователь. 2017. № 6. С.27.

Ҷиноятҳо дар соҳаи бонкӣ кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке мебошанд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун танзимгардида таҷовуз намуда, фаъолияти муътадили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро халалдор месозанд. Фаъолияти соҳаи бонкӣ аз бисёр ҷиҳат бо танзими ҳуқуқии он муайян карда мешавад.

Дар Қонун «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 №722, вазифаҳои Бонки миллӣ (м. 6), инчунин амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода мешаванд, муқаррар гардидаанд. Ин меъёрҳо хусусиятҳои фаъолияти низоми бонкиро инъикос намуда, таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки нуқтаҳои осебпазир нисбат ба таҳдидҳои ҷиноятӣ ошкор карда шаванд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба бозори коғазҳои қиматнок дахл дорад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани доира ва мазмуни ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ то ҳол хусусияти баҳснок дорад. Қонунгузории ҷиноятӣ ва бонкии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла КҶ ҶТ , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 №524, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 №722, таърифи меъёрии мафҳуми «ҷиноят дар соҳаи фаъолияти бонкӣ»-ро пешбинӣ накардааст.

Бо вуҷуди набудани чунин таърифи қонунӣ, дар адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиноятҳои мазкур одатан ҳамчун гурӯҳи мустақили ҷиноятҳо баррасӣ мегарданд, ки ин ба хусусияти махсуси объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти бонкӣ вобаста мебошад. Ҳамзамон, меъёрҳои таснифи онҳо дорои ягонагӣ набуда, ин ҳолат дар раванди таҳлили назариявӣ ва таснифи ҷиноятҳои дахлдор мушкилоти муайян ба вуҷуд меорад.

Мураккабии иловагӣ дар муайян намудани мазмуни фаъолияти бонкӣ бо тағйирёбии муносибатҳои бозори молиявӣ алоқаманд аст, ки дар чунин шароит бонкҳо бо мақсади густариш додани доираи хизматрасониҳои худ ҳарчи бештар амалиётҳои суғуртавӣ, брокерӣ ва дигар намудҳои фаъолияти молиявиро анҷом медиҳанд. Дар айни замон, ташкилотҳои ғайрибонкии низоми молиявию қарзӣ низ мекӯшанд аз лиҳози хусусият ва шакли фаъолият ба бонкҳо наздик шаванд, то мавқеи худро дар бозор таҳким бахшанд. Ин раванд дар маҷмӯъ боиси норавшан гардидани марзҳои фаъолияти бонкӣ гардида, ташаккули муносибати дақиқи ҳуқуқи ҷиноятиро нисбат ба муайян намудани ҷиноятҳо дар ин соҳа мушкил мегардонад.

Дар адабиёти илмӣ андешае васеъ паҳн гардидааст, ки тибқи он фаъолияти бонкӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ карда мешавад. Ин фаъолият хусусияти мустақил дошта, ба таваккали худ анҷом дода мешавад ва ба бадастоварии мунтазами фоида равона гардидааст. Хусусияти асосии фаъолияти мазкур дар он ифода меёбад, ки он бевосита бо анҷом додани амалиётҳои бонкӣ вобастагӣ дорад.

Д. Дугричилова, бо ҷонибдорӣ аз ин нуқтаи назар, таъкид менамояд, ки хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкории бонкӣ аз мазмуни он бармеоянд. Мазмуни мазкур маҷмӯи амалҳои воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба низоми ягона муттаҳид гардидаанд ва ба ҷалб ва ҷамъоварии маблағҳои пулӣ (кушодани ҳисобҳо, қабули пасандозҳо), ҷойгиркунии маблағҳо бо шартҳои бозгардонӣ, муҳлатнокӣ ва пардохтнокӣ (қарздиҳӣ), инчунин анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ равона шудаанд[256].

Я.А. Гейвандов ҳангоми таҳлили мазмуни фаъолияти бонкӣ як қатор аломатҳои хоси онро ҷудо менамояд. Якум, предмети бевоситаи фаъолияти бонкӣ маблағҳои пулӣ ва таъмини гардиши онҳо дар раванди такрористеҳсоли иқтисодӣ ба шумор мераванд. Дуюм, фаъолияти мазкур на танҳо ба манфиатҳои худи бонк ё шахсони алоҳидаи сеюм равона гардидааст, балки манфиатҳои доираи васеи субъектҳоро фаро мегирад, ки бо бонк метавонанд умуман муносибатҳои ҳуқуқӣ надошта бошанд. Сеюм, аз лиҳози моҳияти ҳуқуқӣ фаъолияти бонкӣ на ба фаъолияти савдоӣ, на ба истеҳсолӣ ва на ба суғуртавӣ мансуб дониста мешавад. Муаллиф ба он назар аст, ки мафҳуми «фаъолияти бонкӣ» хусусияти хелӣ дошта, тамоми намудҳои фаъолиятро, ки тибқи Қонуни «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» танзим мегарданд, фаро мегирад. Бо вуҷуди ин, чунин аломатҳо ба андешаи мо хеле умумӣ ва маҳдуд ба назар мерасанд, зеро мутобиқи м. 3 Қонуни «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[257] номгӯйи амалиётҳои бонкӣ назар ба танҳо муомилот бо маблағҳои пулӣ хеле васеътар мебошад.

Таҳлили нуқтаҳои зикршуда имкон медиҳад ба хулоса оем, ки фаъолияти бонкӣ дар адабиёти илмӣ аксаран ба маҷмӯи амалиётҳои бонкӣ, аҳдҳои бонкӣ ё ҳамчун як навъи фаъолияти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, асосноктар он аст, ки мафҳуми мазкур дар маънои васеъ тафсир гардад, яъне на танҳо татбиқи амалиётҳои бонкӣ, балки асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти бонкҳоро низ фаро гирад. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи маҷмӯи муносибатҳое меравад, ки дар раванди фаъолияти низоми бонкӣ ва ташаккулёбии сохтори институтсионии он ба вуҷуд меоянд[258].

Дар шароити муосири рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамзамон афзоиш ёфтани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, зарурати муайян намудани мафҳуми «ҷиноят дар соҳаи фаъолияти бонкӣ» дар сатҳи меъёрӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Чунин муайянкунӣ ба таъмини тафсири дақиқи илмии он ва татбиқи самаранок дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунанда мусоидат хоҳад кард.

---

256 Дугричилова Д. М. Преступления в сфере кредитно-банковской деятельности: общая характеристика и вопросы квалификации // Дисс., к.ю.н., МГЮА. Москва, 2005. С. 29.

257 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи 2009 №524 https://mmk.tj/content/қонуни-чумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-бонкӣ

258 Гейвандов Я.А. Государственное регулирование банковской деятельности в Российской Федерации (теоретический и организационно-правовой аспект): дис...д.ю.н., С.-Петербургская академия МВД РФ. Спб.,1997. С. 42-44.

Р.О. Рогалев зери ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро мефаҳмад, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон ва соҳибони ташкилотҳои қарзӣ, инчунин ба тартиби муқаррарнамудаи давлат оид ба фаъолияти муассисаҳои бонкӣ дахолат мекунанд[259]. Мувофиқи ин андеша, муаллиф ба гурӯҳи ҷиноятҳои бонкӣ таркиби ҷинояти дар м. 174 КҶ ФР (м.262 КҶ ҶТ) пешбинишударо мансуб медонад, ки барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷавобгарӣ муқаррар менамоянд.

Бо вуҷуди ин, чунин таркибҳои ҷиноятиро ба ҷиноятҳои «соф» бонкӣ мансуб донистан душвор ба назар мерасад, зеро тарафи объективии онҳо имконияти содир шудани чунин кирдорҳоро берун аз соҳаи фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла дар дигар самтҳои фаъолияти иқтисодӣ низ истисно намекунад.

Андешаи монандро О.С. Капинус ва С. Якоби низ ҷонибдорӣ намуда, қаллобиро, ки дар м. 159 КҶ ФР (м.247 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, ба ҷиноятҳои бонкӣ нисбат медиҳанд[260]. Дар ҳақиқат қаллобӣ воқеан метавонанд ба муассисаҳои бонкӣ ва пасандозгузорон зарари моддӣ расонанд, вале ин таркиби ҷиноят асосан ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият тааллуқ дошта, наметавон ҳамчун ҷинояте арзёбӣ намуд, ки бевосита ба низоми бонкӣ ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷовуз мекунад.

Як қатор муҳаққиқон дар чунин ҳолатҳо на маҷмӯи ҷиноятҳоро, балки рақобати меъёрҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ мебинанд. Аз ҷумла, ба андешаи Н.А. Лопашенко, меъёре, ки дар қ. 2 м. 183 КҶ ФР муқаррар шудааст ва ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардан ва ифшои маълумоте, ки сирри тиҷоратӣ, андозӣ ё бонкӣ мебошанд, пешбинӣ менамояд, нисбат ба таркибҳои сӯиистифода аз ваколатҳо (м. 201 КҶ ФР) ва сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м.285 КҶ ФР) ҳамчун меъёри махсус нисбат ба меъёрҳои умумӣ баромад мекунад. Бо ин асос, муаллиф бартарият додани маҳз меъёри махсусро дуруст мешуморад[261] .

Дар ҳамин ҳол, Д. Куршаков, ҳангоми таҳлили таносуби қ. 2 м. 183 ва қ.1 м. 201 КҶ ФР, ба хулосаи мухолиф мерасад ва меъёри охиринро ҳамчун меъёри махсус эътироф менамояд[262]. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки дар диспозитсияи м.183 КҶ ФР (м.277 КҶ ҶТ) ишораи мустақим ба он, ки ҷиноят маҳз аз ҷониби шахсони мансабдор содир карда мешавад, мавҷуд нест. Бо вуҷуди ин, дар амал эҳтимолияти содир гардидани чунин кирдорҳо маҳз аз ҷониби шахсони мансабдор баланд аст, зеро дастрасӣ ба

---

[259] Рогалев Р.О. Проблемы ответственности за преступления в сфере банковской деятельности // Журнал российского права. 2003. № 10. С. 37.

[260] Капинус О.С., Якоби С. Криминологическая характеристика преступлений в сфере коммерческой банковской деятельности и их детерминант // Закон и право. 2004. № 12. С. 41.

[261] Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности. Комментарий к главе 22 УК РФ. С. 186.

[262] Куршаков Д. Банковская тайна. // Закон. 1998.№ 2. С. 65.

маълумоти бо қонун ҳифзшавандаи махфӣ, одатан, бо иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ вобаста мебошад.

Р.Р. Мамедов ҷиноятҳо дар соҳаи бонкиро таҳлил намуда ба хулоса меояд, ки аз ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ки дар КҶ Озарбойҷон муқаррар шудааст 11 таркиби он ба ҷиноятҳои бонкӣ мансуб мебошанд, аз ҷумла соҳибкории ғайриқонунӣ, соҳибкории бардуруғ, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ғайриқонунӣ гирифтани кредит, ғайриқонунӣ додани кредит, ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар асноди пардохт, аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ .

Ғайр аз ин таснифи ҷиноятҳо дар соҳаи бонкӣ метавонад, вобаста ба ҳадафҳои омӯзиши ин падида аз рӯи асосҳои гуногун анҷом дода шавад . Ба мақсад мувофиқ аст, ки он навъҳои сӯиистифодаро ҷудо намоем, ки бештар барои фаъолияти бонкӣ хос мебошанд.

Вобаста ба субъекти ҷиноят, дар сохтори ҷинояткорӣ дар соҳаи қарзӣ-бонкӣ бояд байни ҷиноятҳое, ки аз ҷониби роҳбарони бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ содир мегарданд, ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби дигар категорияҳои кормандони бонкӣ анҷом дода мешаванд, фарқ гузошта шавад.

Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки аз ҷониби роҳбарони бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ содир мешаванд, бо дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ фарқ мекунанд. Ин ҳолат бо вазифаҳои махсуси чунин ташкилотҳо дар низоми молиявӣ ва дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ вобаста мебошад.

М.Ф. Костюк ва А.А. Голиусов аз рӯи объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноятҳҳо дар соҳаи фаъолияти бонкиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо месозанд:

1) ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки дар соҳаи бонкӣ содир мегарданд (м.м. 245, 247 КҶ ҶТ). Ин гуна ҷиноятҳо метавонанд ҳам аз ҷониби муштариёни бонкҳо ва ҳам аз ҷониби кормандони онҳо ё бо иштироки онҳо дар ҷараёни анҷом додани амалиётҳои бонкӣ содир карда шаванд. Усули содир намудани чунин ҷиноятҳо, асосан, фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ мебошад;

2) ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (м.м.262, 263, 264, 265, 266, 277, 281, 283 КҶ ҶТ), ки бештар паҳн шудаанд. Дар асоси ангезаҳои ин ҷиноятҳо, чун қоида, манфиати иқтисодӣ қарор дорад (дар шакли гирифтани қарзҳои имтиёзнок, бастани шартномаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва ғайра). Соҳаи бонкӣ ба истифодаи технологияҳои муосир, ки ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо бо ёрии кортҳои қалбакии қарзӣ ё ҳисоббаробаркунӣ истифода мешаванд, махсусан ҳассос мебошад;

3) ҷиноятҳо ба муқобили манфиатҳои хизмат дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (м.м.279, 295 КҶ ҶТ). Ин меъёрҳо хусусияти

махсуси субъектҳои ҷиноят, инчунин соҳаи фаъолияти онҳоро инъикос менамоянд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи шахсоне меравад, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот иҷро мекунанд, ки мазмуни онҳо дар эзоҳи моддаи 295 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

4) аз рӯи субъект лозим аст ҷиноятҳое ҷудо карда шаванд, ки аз ҷониби субъекти умумӣ (м.247 КҶ ҶТ) ва субъекти махсус (б “г” қ.2 м.245, банди «в» қ.2 м. 262, м. 295 КҶ КҶ ҶТ) содир мегарданд, ки хусусиятҳои бандубасти онҳоро инъикос мекунанд. Ба андешаи мо, хусусияти махсуси субъектҳои баррасишавандаи ҷиноятҳо бо хосияти муносибатҳои бонкии вайроншаванда, инчунин бо имконияти анҷом додани амалҳое, ки тарафи объективии таркиби ҷиноятро ташкил медиҳанд, муайян карда мешавад. Ин ҳолат, дар навбати худ, имкон медиҳад шахси содиркунандаи ҷиноят муайян карда шавад;

5) ҷиноятҳо дар соҳаи бонкӣ метавонанд ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам дар шарикӣ содир карда шаванд. Содир намудани чунин ҷиноятҳо муайян намудани шаклҳои шарикӣ, аз ҷумла гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятиро, ба таври назаррас мушкил мегардонад.

6)дигар ҷиноятҳо, ки ба соҳаи бонкӣ таҷовуз мекунанд ва метавонанд ҳам ба таври мустақил ва ҳам дар маҷмӯа бо дигар таркибҳои ҷиноят содир карда шаванд (м. 185 КҶ ҶТ) ва ғайра[263] .

Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ду боби Кодекси ҷиноятиро дар бар мегиранд: боби 26 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ва боби 27 (Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ). Бо ҳамин асос, меъёрҳои КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ пешбинӣ менамоянд, метавон ба ду зергуруҳи шартӣ ҷудо кард:

1) меъёрҳое, ки ба ҳифзи тартиби муқаррарнамудаи давлат оид ба фаъолияти ташкилотҳои бонкӣ равона шудаанд, аз ҷумла: фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (м.263 КҶ ҶТ), қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда (м.262 КҶ ҶТ);

2) меъёрҳое, ки ба ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон ва соҳибони ташкилотҳои қарзӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла: қаллобӣ (м.247 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ гирифтани кредит (м.264 КҶ ҶТ), саркашии бадқасдона аз адои қарзи кредиторӣ (м.266 КҶ ҶТ), муфлисии бадқасдона (м.270 КҶ ҶТ) ва муфлисии сохта (м.271 КҶ ҶТ).

Бояд ба назар гирифт, ки ҳамчунин ҳуқуқвайронкуниҳои «дохилӣ» низ ҷой доранд, ки бо фаъолияти ҷиноятии худи кормандони бонк вобаста мебошанд. Дар аксари ҳолатҳо чунин кирдорҳо таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 295 ва 247 КҶ ҶТ пешбинишударо ташкил медиҳанд.

Бо такя ба андешаҳое, ки тибқи он фаъолияти бонкӣ ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба соҳаи фаъолияти иқтисодӣ тааллуқ дорад, арзёбӣ мегардад, ҳамчунин бо дарназардошти он ки мазмуни мафҳуми «фаъолияти бонкӣ» танҳо бо анҷом додани амалиётҳои бонкӣ маҳдуд

[263] Костюк М.Ф., Голиусов А.А. Понятие и система преступлений в банковской сфере// Евразийская адвокатура, 2019. – С.84.

намешавад, зарурати тафсири васеи мафҳуми «ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ» ба миён меояд.

Ин мафҳум ҳам кирдорҳоеро дар бар мегирад, ки бевосита ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ташаккул меёбанд, таҷовуз мекунанд, ва ҳам чунин кирдорҳои ҷиноятиро, ки дар соҳаҳои дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ содир мегарданд, аммо ба ҳар тарзе ба бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарзӣ зарар мерасонанд. Бо дарназардошти он ки ҷиноят танҳо кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок эътироф мегарданд, ки ин ҳолат дар м. 17 КҶ ҶТ низ мустаҳкам гардидааст, метавон ба хулосаи зерин расид.

Зери мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бояд кирдорҳои хавфноки ҷамъиятие фаҳмида шаванд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳам дар раванди амалисозии фаъолияти бонкӣ ва ҳам берун аз доираи он ба вуҷуд меоянд, таҷовуз намуда, ба бонкҳо ва муассисаҳои қарзӣ зарар мерасонанд, манфиатҳои амонатгузорон ва соҳибони ташкилотҳои қарзиро халалдор месозанд, инчунин тартиби аз ҷониби давлат муқарраргардидаи фаъолияти низоми бонкиро вайрон мекунанд.

Адабиёт:

1. Гейвандов Я.А. Государственное регулирование банковской деятельности в Российской Федерации (теоретический и организационно-правовой аспект): дис...д.ю.н., С.-Петербургская академия МВД РФ. Спб.,1997. – 355 с.
2. Дугричилова Д. М. Преступления в сфере кредитно-банковской деятельности: общая характеристика и вопросы квалификации: дисс... к.ю.н., МГЮА. Москва, 2005. – 200 с.
3. Капинус О.С., Якоби С. Криминологическая характеристика преступлений в сфере коммерческой банковской деятельности и их детерминант // Закон и право. 2004. № 12. – С. 41–45.
4. Костюк М.Ф., Голиусов А.А. Понятие и система преступлений в банковской сфере// Евразийская адвокатура, 2019. – С.82– 84.
5. Костюк М.Ф., Кошелева М.В. Банковские риски и их правовые последствия // Российский следователь.2017. № 6. С.27.
6. Куршаков Д. Банковская тайна. // Закон. 1998.№ 2. – С. 65- 70.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011 №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амният (санаи мурочиат: 15.04.2025).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи 2009 №524 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-бонкӣ (санаи мурочиат: 15.04.2025).
9. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности. Комментарий к главе 22 УК РФ. Ростов-на-Дону: Феникс, 1999. – 382 с.

10. Олимпиев А.Ю. Преступления в кредитно-банковской сфере. Общая характеристика, виды и методические рекомендации по их расследованию: учеб. пособ. для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция». 2-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2018.– 272 с.

11. Раҳмонзода М.Ҷ. Масоили бандубасти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон/ М.Ҷ. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №9. – С.276-279.

12. Рогалев Р.О. Проблемы ответственности за преступления в сфере банковской деятельности // Журнал российского права. 2003. № 10. С. 37–44.

13. Шарипов Т.Ш., Нодирзода Н.М. Корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №1. – С.224 – 278.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҚАЛЛОБӢ БО ИСТИФОДА АЗ ВОСИТАҲОИ ПАРДОХТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Исмоизода Рустам Исмоил,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсия.
Тел.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Фишурда: Дар мақола масъалаи қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои пардохти электронӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф хусусиятҳои ҳуқуқии ин навъи ҷиноятро дар равшанӣ ва риштаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ шарҳ медиҳад. Ин навъи ҷиноят, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои электронӣ бидуни тамоси рӯ ба рӯ бо ҷабрдида амалӣ мешавад, дар замони муосири рақамигардонӣ хеле паҳн гаштааст. Мақола унсурҳои субъективии қаллобӣ, нияти ҷинояткор ва истифодаи мақоми хизматиро ҳамчун омилҳои муҳими ҳуқуқии муайянкунандаи таркиби ҷиноят баррасӣ мекунад. Ҳамчунин, масъалаи синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ ва масъалаи фарқгузорӣ байни қаллобӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои беҳтар муайян намудани қаллобии электронии замони муосир, таърифи ҳуқуқии он дар қонунгузорӣ бо дақиқият ва тафсилоти бештар ворид карда шавад.

Калидвожаҳо: қаллобӣ; воситаҳои пардохти электронӣ; технологияҳои иттилоотӣ; субъекти ҷиноят; фиреб; кодекси ҷиноятии ҶТ; системаи пардохт; ҷинояткории рақамӣ.

СУБЪЕКТИВНЫЕ ПРИЗНАКИ МОШЕННИЧЕСТВА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЭЛЕКТРОННЫХ ПЛАТЕЖНЫХ СРЕДСТВ

Исмоилзода Рустам Исмоил,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
Тел.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Аннотация: В статье подробно анализируется проблема мошенничества с использованием электронных платежных средств. Автор раскрывает правовые особенности данного вида преступлений с точки зрения теоретических и практических аспектов уголовного права. Этот вид преступлений, совершаемый с использованием информационных

технологий и электронных сетей без непосредственного контакта с потерпевшим, получил широкое распространение в современную эпоху цифровизации. В статье рассматриваются субъективные признаки мошенничества, умысел преступника и использование служебного положения как важные правовые факторы, определяющие состав преступления. Также рассматривается вопрос о возрасте наступления уголовной ответственности и вопрос о разграничении мошенничества. Автор предлагает для более точного определения современного электронного мошенничества включить в законодательство его более точное и подробное правовое определение.

Ключевые слова: мошенничество; электронные платежные средства; информационные технологии; предмет преступления; обман; Уголовный кодекс Республики Таджикистан; платежная система; цифровая преступность.

SUBJECTIVE CHARACTERISTICS OF FRAUD USING ELECTRONIC PAYMENT MEANS

Ismoilzoda Rustam Ismoil,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption
Phone.: +992 555184444
E-mail: rustamjon-1982@mail.ru

Abstract: This article provides a detailed analysis of fraud using electronic payment instruments. The author explores the legal aspects of this type of crime from the perspective of theoretical and practical aspects of criminal law. This type of crime, committed using information technology and electronic networks without direct contact with the victim, has become widespread in the modern era of digitalization. The article examines the subjective characteristics of fraud, the perpetrator's intent, and abuse of official position as important legal factors determining the elements of the crime. The article also examines the age of criminal liability and the distinction between fraud. The author proposes that, to more accurately define modern electronic fraud, a more precise and detailed legal definition be included in legislation.

Keywords: fraud; electronic payment instruments; information technology; subject of the crime; deception; Criminal Code of the Republic of Tajikistan; payment system; digital crime.

Дар даврони муосир, ҳамзамон бо усулҳои анъанавии содир кардани ҷиноятҳо нисбати молу мулк ва низоми фаъолияти иқтисодӣ, усулҳои нав пайдо шудаанд, ки дар соҳаи технологияҳои баланд ва телекоммуникатсияҳо маҳсули пешрафти илм ва техника мебошанд. Ин усулҳои нав ба хусусияти ҷиноятҳои содиршуда тағйироти куллӣ ворид

намудаанд ва роҳҳои ғайрианъанавии дахолат ба фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидориро фароҳам овардаанд. Масалан, бо истифода аз имкониятҳои муосири иттилоотӣ-техникӣ ва шабакаи Интернет, ҷинояткор метавонад бидуни тамоси мустақими моддӣ бо қурбонӣ, маълумоти заруриро бо махфият ва кафолати амнияти худ дастрас намуда, маблағҳои пулӣ ба даст оварад.

Имрӯз дар тамоми соҳаҳо рушди босуръати шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, технологияҳои компютерӣ ва системаҳои муосири кор бо иттилоот ба мушоҳида мерасад. Қисми зиёди муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба фазои рақамӣ, яъне муҳити виртуалӣ, интиқол дода шудааст. Ин раванд бо пешрафти илм ва техника ва дастрасии васеи ҷомеа ба ин комёбиҳои ин соҳа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бо суръати баланд аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва манфиатдор барои расидан ба ҳадафҳои мухталиф истифода мешаванд.

Дар ҳамин замина, афзоиши ҷиноятқорӣ, ки бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои рақамӣ алоқаманд аст, як падидаи ногузир ва таҳқиқталаб мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳим ва мураккабнизом дар ин соҳа паҳншавии ҷиноятҳои нисбати молу мулк мебошад, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ содир мешаванд. Аз таҳлили ҳамаҷониба бармеояд, ки дар бисёр мавридҳо чунин ҷиноятҳо дар самти илмҳои ҳуқушиносиву иқтисодӣ мушкилиҳоро пеш меоранд.

Ҳоло дар ин самт истилоҳи «қаллобиҳои фосилавӣ» барои номгузории ҷиноятҳое истифода мешавад, ки бидуни тамоси мустақим бо қурбонӣ, бо истифода аз воситаҳои технологӣ ба амал оварда мешаванд. Ин ҷиноятҳо вобаста ба хусусият ва тарзи содиршавӣ метавонанд ба категорияҳои қаллобӣ ё дуздӣ дохил шаванд[264].

Имрӯз доираи муайяни ҷиноятӣ ба ҳар гуна тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ хеле ҳассосанд ва усулҳои нави содир кардани амали қаллобиеро таҳия мекунанд, ки натиҷаи ниҳоии ҷиноятиро таъмин намуда, хатарҳои ошкоршавиро коҳиш медиҳанд. Аз ин рӯ, зарурати баррасии дақиқтар ва муфассалтар тарзи бозгӯӣ ва муайян намудани таркиби ҷиноятҳои нисбати молу мулк ба миён омадааст, то ҷиноятро аз фиреб ва иҷро накардани уҳдадориҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ фарқ кунанд. [265]

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои фиребгарона аз даврони пеш вуҷуд дорад. Аммо таърифи моҳияти илмии истилоҳи қаллобӣ бо роҳи фиреб ва аломатҳои хосаи он дар қонунгузорӣ норавшан мондаанд.[266] Бо вуҷуди ин, ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи татбиқи қонун аломатҳои хоссаи қаллобии фиребгарона муайян

[264] Евтушенко И.И. Дистанционные хищения: понятие и признаки / И.И. Евтушенко, А.А. Венедиктов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2020. – №12–2. – С. 65–67.
[265] Борзенков Г.Н. Ответственность за мошенничество (вопросы квалификации). – М., 1971.
[266] Коваленко, Н.А. Проблемы уголовно-правовой характеристики мошенничества // Социально-экономические исследования, гуманитарные науки и юриспруденция: теория и практика. 2016. № 11. – С. 219-223.

шудаанд, ки барои тавсифи он метавон ин аломатҳоро номбар кард: а) барқасдкорӣ; б) пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ва ғайривоқеӣ; в) фиреб додани шахси дигар; г) мавҷудияти ҳадафи муайян – додани молу мулк ё ҳуқуқи зарардида ё шахси дигар ба гунаҳкор.

Дар таъйини шаклҳои гуногуни дуздӣ саволҳо оид ба муносибати онҳо аз ҷиҳати хатарнокии ҷиноятӣ ба миён меоянд. Ҳалли ин масъала ҷанбаи амалӣ дошта, дар ин раванд имкони табдили як ҷиноят ба ҷинояти дигар бармеояд. Масалан, табдили дуздӣ ба ғоратгарӣ ё хушунат, ғоратгарӣ ба хушунат, хушунат ба авбошӣ ва ғайра.[267] Дарвоқеъ, гунаҳкор аз нақшаи асосиаш дар ин раванд ҳеҷ гоҳ, балки ӯ таъсири худро ба зарардида вобаста ба вазъият тағйир медиҳад, бинобар ин кӯшиши дуздии камтар хатарнок, масалан, дуздии оддӣ, баъдан бо ғорат ё хушунати пурра анҷом меёбад. Дар ин раванд ҳолати баръаксӣ низ вуҷуд дорад, яъне табдилёбии ҷинояти хатарнок ба ҷинояти дорои хатарнокии камтар. Ин ҳолат одатан ҳангоми нокомӣ ё норасоии имконияти анҷоми нақшаи аввалия аз тарафи гунаҳкор ба вуҷуд меояд ва ӯ маҷбур мешавад бо натиҷаи ҳосилшуда маҳдуд шавад. Масалан, агар ҷинояткор қасд дошта бошад, то моликияти шахси дигарро дар миқёси калон соҳиб шавад, вале воқеан моли арзишаш камтарро гирифтааст. Дар чунин ҳолат амалҳои ӯ ҳамчун кӯшиши нопурраи дуздии калон арзёбӣ мешаванд.

Субъекти ҷинояти муқарраргардида дар моддаи 247-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон умумӣ буда, ҳар шахси воқеӣ ва ба синни 16-сола расида метавонад бошад.

Дар ин масъала андешарониҳои олимони соҳаро дар як сатҳ наметавон дид. Масалан, ба ақидаи А.И. Бойсов, субъектҳои дуздӣ ва қаллобӣ ҳамеша махсус мебошанд – яъне шахсоне, ки молики мол нестанд.[268] Ба фикри мо, ҷудо кардани субъекти махсус дар мавриди дуздӣ баҳсталаб мебошад. Субъекти махсус маънои шахсеро дорад, ки дар ин мавриди ҷанбаи умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ дорои аломатҳои иловагӣ мебошад. Одатан, вуҷуд доштани субъекти махсус дар муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон дода мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таснифи аломатҳои субъекти махсус вуҷуд дорад:

– хусусиятҳои мақоми ҳуқуқӣ (шаҳрвандӣ, ваколатҳои мансабӣ, вазъи оилавӣ);

– хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва психофизикӣ (синну сол, ҷинс);

– нақш ва вазифае, ки дар раванди содир кардани ҷиноят иҷро мешавад (роҳбар, иштирокчӣ)[269].

Вобаста ба аломати расидан ба синни муайян, тибқи моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии ҶТ синни умумии ба ҷавобгарӣ кашида шудан барои қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт 16-сола муқаррар

[267] Розенко, С.В., Мурзина, К.А. Особенности квалификации мошенничества по уголовному законодательству Российской Федерации // Вестник Югорского государственного университета. 2017. № 1-2 (44). – С. 113-116.

[268] Бойцов А.И. Преступления против собственности. СПб., 2012. – С. 278.

[269] Российское уголовное право. Общая часть / Под ред. В. С. Комиссарова. СПб.: Питер, 2015. – С. 219.

шудааст. Муайян кардани синни умумии ҷавобгарӣ, на синни пасттар, ки мисли ҳолатҳои дуздӣ, ғоратгарӣ ва хушунат аст, маънои онро надорад, ки шахсони то 16-сола хатарнокии чунин амалҳоро намедонанд. Дар доираи баррасии таркиби ҷиноят эҳтимолияти он зиёд аст, ки қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт дар байни шахсони то 16-сола хеле кам рух медиҳад. Далели ин гуфтаҳо маълумоти амалияи судӣ мебошанд: дар ҳамаи амалҳои дар ин модда дарбаргирифташуда субъектҳо шахсони калонсол буданд. Дар ҳолати собит шудани чунин амалҳо, истифодаи чораҳои тарбиявии дигар нисбат ба ноболиғон бештар мувофиқ аст, на чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ.

Назарияи муқобил низ вуҷуд дорад, ки ба далели баланд будани хатарнокии иҷтимоии навъҳои муайяни қаллобӣ[270] ва ё хатарнокии ин амал, пешниҳод мешавад[271], то синни умумии ҷавобгарии ҷиноятиро паст кунанд. Барои тасдиқи ин метавон далел оварد, ки равандҳои мутобиқшавии ҷавонон ба ҷомеа ҳоло хеле тезтар аз гузашта мешаванд, инчунин иштироки фаъоли ҷавонон дар соҳаи технологияҳои муосир, ки бе истифодаи онҳо содир кардани ҷинояти дар моддаи 247-и Кодекси ҷиноятии ҶТ омада мушкил аст. Ҳамчунин, содир кардани дуздӣ бо чунин усул аз нуқтаи назари психологии содатар мебошад: барои ҷинояткор ҳангоми содир кардани амал лозим нест, ки алоқаи визуалӣ ё тамоси шахсиро бо қурбонӣ барқарор кунад.

Ба назар чунин мерасад, ки далелҳои тарафдорони муқобили поён овардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ асосноктар буда, онҳо далел меоранд, ки фоизи хеле пасти шахсон барои қаллобӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ суд шудаанд.

Дар меъёрҳои мавҷудаи қонунгузорӣ таркиби мураккаби қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, ки шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир мекунад.

Дар амалияи судӣ ҳангоми таъйини хусусияти амали шахс ҳамчун қаллобӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ ва истифодаи мақоми хизматӣ якчанд мушкилот ба вуҷуд меоянд.

Ба таври дуруст амали шахсе, ки қаллобиро бо истифодаи кортҳои пардохтӣ бо истифода аз мақоми хизматиаш содир кардааст, тибқи аломати истифодаи мақоми хизматиаш таъйин карда мешавад.

Ҳангоми таъйини хусусияти амали шахс бо аломати содир кардани ҷиноят бо истифода аз мақоми хизматиаш зарур аст, то муайян шавад, ки ба сифати кӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят амал кардааст. Агар содир намудани ҷиноят бо сабаби мансаби ишғолкардааш имконпазир шудааст, пас амали ӯ бояд бо ҳамин аломат таъйин карда шавад. Вале чунин ҷиноят метавонад аз ҷониби ҳар шахсе, ки ягон мансаб надорад, содир гардад ва

---

[270] Медведев С.С. Мошенничество в сфере высоких технологий: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Краснодар, 2008. – С. 15.

[271] Осокин Р.Б. Уголовно-правовая характеристика способов совершения мошенничества: автореф. дис. ... канд. юрид. наук М., 2004. – С. 8.

гунаҳкор ҳамчун шахси алоҳида, бидуни алоқа бо мансабаш амал мекунад, пас амали ӯ наметавонад бо аломати истифода аз мақоми хизматиаш таъйин шавад.

Аз таҳлили аломатҳои субъективии қаллобӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ чунин хулоса метавон бароварда, ки дар мундариҷаи нияти мустақими содир кардани дуздӣ дар шакли қаллобӣ бо истифодаи кортҳои қарзӣ се аломати муҳим мавҷуданд:

1. Дарки он, ки бо роҳи фиребкорона, тасарруфи ғайриқонунӣ ва бебозгашт шахси гунаҳкор моликияти шахси дигарро гирифта, онро ба нафъи худ ё шахсони дигар истифода менамояд;

2. Субъекти ҷиноят воқеан метавонад пешбинӣ кунад, ки амалҳои ғайриқонуниаш ба зарари молу мулкии мустақим ба молик ё шахси дигар оварда мерасонад;

3. Гунаҳкор мехоҳад моликияти каси дигарро ба нафъи худ ё шахсони дигар, новобаста аз он ки ба молики он зарар мерасаона, истифода намояд.

Субъекти қаллобӣ шахси воқеӣ ва ба синни 16-сола расида аст, ки молики маблағҳои дар суратҳисоб мавҷуда нест.

Ҷанбаи субъективӣ – ин унсури воқеиест, ки дар рафти баррасии парванда бояд исбот шавад, яъне вуҷуд доштани нияти мустақим ё ҳадафи судхоҳона бояд ба инобат гирифта шавад. Агар гунаҳкор хатари амалҳояшро ба ҷомеа дарк кунад ва имконияти пешгирӣ кардани онҳоро дошта бошад, вале бо вуҷуди ин онҳоро содир намояд, ҷиноят анҷомёфта ҳисоб мешавад – пас аз он ки мол ба тасарруфи ғайриқонунӣ гузашта ва гунаҳкор имконияти воқеии истифода ё тақсимашро дошта бошад.[272]

Ҷиноятe, ки дар моддаи 247-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ бо нияти мустақим тавсиф мешавад. Шахс дарк мекунад, ки воситаи электронии пардохт, ки ё қалбакӣ аст ё ба каси дигар тааллуқ дорад, истифода мешавад, инчунин пешбинӣ мекунад, ки ин амал метавонад зарар расонад ва мехоҳад, ки ин зараррасонӣ амалӣ гардад.

Дар ин маврид шахси гунаҳкор соҳибихтиёр буда, ӯ моликияти каси дигарро ба нафъи худ метавонад интиқол диҳад ва бо ин амал ба ҷабрдида зарари молӣ расонад. Ин нуктаи муҳим аз назари олимони соҳа дур намондааст. Бо дарназардошти ин раванд А.Г. Безверхов чунин қайд кардааст: «Гирифтани моликат бо шарти иҷрои ягон уҳдадорӣ метавонад танҳо дар сурати исботи нияти мустақими қабл аз амал барои истифодаи бебозгашти мол ба нафъи худ ва расонидани зарари молӣ ба зарардидаро тариқи фиребкорӣ ҳамчун қаллобӣ таъйин шавад».[273] Танҳо расонидани зарар, ки шахси гунаҳкор рад намекунад, танҳо мавзуи баҳси шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ хоҳад буд.

---

[272] Чупрова А.Ю. Уголовно-правовая оценка мошенничества // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. 2015. № 1 (36). – С. 66.

[273] Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Самара, 2012. – С.259-260.

Масъалаи мавриди назарро И.А. Клепиский чунин арзёбӣ менамояд: «фиребгарие, ки шахс бо нияти иҷрои уҳдадорӣ содир мекунад, таркиби қаллобиро ташкил намедиҳанд»[274], яъне дар чунин ҳолат, ҳарчанд шахс фиребро истифода мекунад, вале ҳадафи зарари молӣ ба тарафи зарардидаро надорад.

Дар асл, аз ҷиҳати ирода шахс метавонад ҳам хоҳиш зарар ва ҳам нарасонидани зарарро метавонад дошта бошад. Аммо дар қаллобӣ вуҷуд доштани нишонаи ҳатмӣ – хоҳиши расонидани зарари молӣ зарур аст.

Аз ин рӯ, дар тафтиши ҷиноятҳои мансуб ба моддаи 247-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимтарини муҳокима ин ба кадом самт равона будани нияти шахси гунаҳкор мебошад.

Дар таркиби қаллобӣ нияти шахси гунаҳкор бояд равона ба тасарруфи молу мулки каси дигар ё ба даст овардани ҳуқуқ бар он бошад. Дар бораи мавҷудияти нияти тасарруфи мол метавон далелҳои зерини зеринро номбар кард:

– огоҳии комил надоштани шахс аз имконияти молиявии воқеӣ барои иҷрои уҳдадории худ ё набудани иҷозатномаи зарурӣ барои анҷом додани фаъолияте, ки бо иҷрои уҳдадориҳои шартнома алоқаманд аст.

– истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (кафолати бардурӯғ);

– пинҳон доштани маълумот дар бораи қарзҳо ва гаравҳои молу мулк;

– эҷоди ширкатҳои сохтакорӣ, ки ҳамчун яке аз тарафҳои муомила амал мекунанд.

Дар асоси чунин муҳокимаронихо метавон гуфт, ки барои хулосагирии дақиқ ҳамаи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят бояд баррасӣ шаванд. Аввало, бояд ҳолати пеш аз тасарруфи молу мулки каси дигар муайян карда шаванд: вазъи молиявии шахс, даромад ва хароҷоти ӯ. Сипас, бояд шароити бастани шартнома равшан карда шавад, то маълум шавад, ки оё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ истифода шудаанд, оё маълумоти бардурӯғ дода шудааст ва ғайра.

Баъдан, пас аз интиқоли молу мулк бояд ҳолатҳои зарардидаро таҳқиқ намуд: оё шахс кӯшиш кардааст қарзро напардозад ва ё баръакс, баргардонад; оё маблағҳои додашуда бо мақсадҳои муайяншуда истифода шудаанд ё не; оё қарз бо эҳтиёткорӣ ё сарфакорона истифода шудааст. [275]

Ҳамзамон, дар таҳқиқи парвандаҳои мансуб ба моддаи 247-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд масъалаи пайдоиши нияти тасарруфи молу мулки каси дигар ва табдил додани он ба нафъи худ баррасӣ гардад. Масалан, гирифтани моликияти каси дигар бо шарти иҷрои ягон уҳдадорӣ танҳо вақте ҳамчун қаллобӣ шумурда мешавад, ки шахс аз аввал ният дошт молро тасарруф кунад ва намехост уҳдадориҳояшро иҷро намояд.

Нияти тасарруфи молу мулки каси дигар бояд пеш аз гирифтани он ё ҳуқуқ бар он пайдо шавад. Агар фиреб воситаи қаллобӣ бошад, пас байни

---

[274] Клепицкий И.А. Мошенничество и правонарушения гражданско-правового характера //Законность. 2015. № 7. – С. 43.

[275] Безверхов А.Г. асари зикршуда. – С. 260.

фиреб ва интиқоли молу мулки зарардидаро ба гунаҳкор бояд робитаи сабабӣ вуҷуд дошта бошад. Пас, нияти гунаҳкор барои гирифтани мол пас аз бастани шартнома пайдо мешавад ва фиреб бояд пеш аз интиқоли мол ба гунаҳкор ба зарардидаро дода шуда бошад, яъне пеш аз соҳиб шудани мол аз ҷониби гунаҳкор [276].

Хусусияти асосии қаллобӣ дар истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт ин ҳадафи манфиатҷӯист. Метавон гуфт, ки ҳадафи манфиатҷӯӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят дар чунин ҳолатҳо вуҷуд дорад:

– бо нияти сарватманд шудан;

– ин доираи қаллобон сарватманд гарданд;

– иштирокдорони ин раванд бояд манфиат бинанд;

– шахсоне, ки бо онҳо муносибатҳои молӣ дорад, манфиат биёбад. [277]

Дар асоси шарҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафи манфиатҷӯӣ ҳамчун амали манфӣ (ғоратгарӣ) арзёбӣ шудааст. Бояд қайд намуд, ки қаллобон на ҳамеша танҳо бо ҳадафи манфиатҷӯӣ амал мекунанд: баъзан онҳо бо манфиатҳои ғайримоддӣ, аз нуқтаи назарҳои идеологӣ амал мекунанд. Баъзе олимон бар он назаранд, ки ҳадафи манфиатҷӯӣ метавонад барои доро намудани шахсони бегуноҳи ниёзманд равона гардида бошад. Ин ҳолат шарҳи мафҳуми “манифати шахсӣ”-ро васеъ мекунад, вале ҳамаи сабабҳои қаллобиро фарогир намебошад.

Агар ба назар гирем, ки Кодекси ҷиноятии ҶТ қаллобиро бо истифодаи воситаҳои электронӣ ҳамчун ғоратгарӣ баҳогузорӣ менамояд, пас метавон тавзеҳ дод, ки баъзе амалҳо нишонаҳои зарурии ин амалро надоранд.

Ба андешаи В.А. Владимир қаллоб аксар вақт ба омодагии зарардида барои рафтори ғайриқонунӣ аз аввали кор такя мекунад. [278] Бо ин ақида вай нуқтаи назари онҳое, ки бар инанд, ки ваъдаҳои бардурӯғ барои иҷрои амалҳои ғайриқонунӣ низ метавонанд ҳамчун қаллобӣ маҳкум шаванд (махсусан вақте ки фиреб барои тасарруфи молу мулки зарардиданда равона шудааст), рад намекунад. [279]

Қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ – ин ҷинояти нав ва босуръат рушдёбанда дар замони рақамигардонӣ аст, ки технологияи пешрафтаро барои ба даст овардани маблағҳои ғайриқонунӣ бидуни тамоси рӯ ба рӯ бо қурбонӣ истифода мебаранд. Ин қаллобӣ ба истифодаи беиҷозат аз системаҳои пардохти электронӣ, мисли корти бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, онлайн-банкинг ва дигар воситаҳои электронӣ барои интиқоли

---

[276] Розенцвайг А.И. Преступления против собственности, совершаемые путем обмана и злоупотребления доверием, в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юр. наук. Самара, 2012 // Библиотека юридических наук «Law Theses» [Электронный ресурс] URL: http://lawtheses.com/prestupleniya-protiv-sobstvennosti-sovershaemye-putem-obmana-i-zloupotrebleniya-doveriem-v-ugolovnom-prave-rossii.

[277] *Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: Монография. М.: Норма, Инфра-М, 2012. – С. 151;*

Уголовное право России. Особенная часть / Под ред. Б.В. Здравомыслова. М., 2012. – С. 141.; Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. М., 2014. – С. 78.

[278] Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. М., 1986.

[279] Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. М., 1986.

пул ё анҷом додани муомилот равона шудааст, то ҷиноятқор ба ҳисоби дигарон манфиатҳои молӣ биёбад.

Дар асоси қонунгузории кишварҳои зиёд, чунин амалҳо ҷиноят ҳисобида мешаванд ва ҷазои ҷиноятӣ доранд. Масалан, дар Россия ҷиноятҳои вобаста ба қаллобӣ дар соҳаи тиҷорати электронӣ бо моддаи 159.3 Кодекси ҷиноятии Русия танзим мешаванд, ки барои қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ ҷазо пешбинӣ мекунад.[280]

Нишонаҳои қаллобӣ дар истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт инҳоянд: барқасдона фиреб додан; ҳадафи манфиатҷӯӣ; дарки оқибатҳои амалҳои худ.

Нишонаҳои қаллобӣ дар истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт як қисми муҳими таҳлили ҳуқуқии ҷиноятҳои муосир ба ҳисоб мераванд. Қаллобӣ ин амали ғайриқонунӣ буда, асосан бо мақсади ғасби моликияти каси дигар тавассути роҳи фиреб ва барқасдона сохтан ё тағйир додани ҳолатҳои воқеӣ амалӣ мешавад. Дар замони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи васеи воситаҳои электронӣ барои пардохт, ҷиноятқорон низ усулҳои нави содир кардани ҷиноятҳоро, аз ҷумла қаллобӣ дар ин соҳа, ба кор мебаранд.

Аз ин рӯ, дар таъриф ва муайян кардани нишонаҳои қаллобӣ, махсусан дар робита бо истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт, бояд унсурҳои муҳим ба назар гирифта шаванд.

Дар ин раванд мафҳуми барқасдона фиреб додан яке аз нишонаҳои аслии қаллобӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки шахс қасд мекунад, ки бо роҳи ба гумроҳ кардан ё ба ягон тарзи дигар фиреб додани қурбонӣ ба мақсадҳои нопоки худ расад. Дар ҳолати қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ, фиреб метавонад дар шакли пешниҳод кардани маълумоти бардурӯғ, сохтакорӣ ё истифодаи маълумоти қалбакӣ барои дастрасӣ ба воситаҳои пардохт ва маблағҳои электронӣ бошад.

Ҳадафи манфиатҷӯёна аз он далолат медиҳад, ки амали шахси ҷиноятқор барои ба даст овардани манфиати молиявӣ ё дигар фоидаҳои шахсӣ ва ё барои шахсони дигар равона карда шудааст. Қаллобӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт асосан бо мақсади ба даст овардани маблағҳои пулӣ ё моликияти дигари ғайримоддӣ ба роҳ монда мешавад. Ин манфиатҷӯӣ метавонад барои шахси ҷиноятқор, ҳамдастонаш ё дигар нафароне, ки бо ӯ алоқаи шахсӣ ё молиявӣ доранд, равона бошад.

Дар ин маврид шахс бояд дарк кунад, ки амалу рафтори ӯ чӣ оқибатҳое ба бор меорад ва он метавонад барои қурбонӣ зарари молиявӣ ё дигар навъҳои зарар расонад. Ин унсур муҳим аст, зеро бе он ният ва гунаҳкорӣ комилан муайян намешавад. Ҷиноятқор дар ҳолати қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ бояд огоҳ бошад, ки амали вай ғайриқонунӣ буда, метавонад ба шахсони дигар зарари моддӣ расонад.

[280] Уголовного кодекса РФ https://base.garant.ru/10108000/

Дар ин раванд ҷиноятқор бояд донад, ки корҳои ӯ хатарнок аст ва огоҳона мехоҳад молу мулки ғайриқонунӣ ба даст орад. Дар амалияи қонунгузорӣ фарқ кардани фиреб, қаллобӣ ва вайрон кардани муомилаҳои шаҳрвандӣ мушкил аст, ки барои ин ба фаҳмиши дақиқи қонунҳо ниёз аст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба истифодаи воситаҳои электронӣ барои пардохт 16 сол муайян шудааст. Ин синну сол бо он рабт дорад, ки ҷавонон ва наврасон бештар бо технологияҳои муосир ва иттилоотӣ сару кор доранд ва дар ин соҳа бештар фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи паст кардани синни ҷавобгарӣ низ баҳсбарангез мебошад, зеро имрӯзҳо наврасон бештар аз технологияҳо барои содир кардани ҷиноятҳои шабеҳ истифода мебаранд.

Яке аз мушкилоти аслии тафтиш ва таҳқиқи чунин ҷиноятҳо дар дуруст муайян кардани шакли ҷиноят ва мақсадҳои ҷиноятқор аст, хусусан вақте ки ҷиноятқорон бо истифода аз мансаб ва вазифаҳои хизматиашон ба қаллобӣ даст мезананд. Дар ин ҳолат бояд дақиқ карда шавад, ки шахс дар амали ҷиноят нақши кадом аст ва оё ӯ бо дарназардошти вазифаҳои хизматияш амал мекунад ё не.

Яке аз унсурҳои асосии ҷинояти қаллобӣ – ин нияти мустақим мебошад. Ният бояд ба ғасб кардани моликияти каси дигар бо мақсади расонидани зарари молиявӣ нигаронида шуда бошад. Қаллобӣ метавонад бо дигар ангезаҳо, аз ҷумла манфиатҷӯии на танҳо барои худ, балки барои ҳамдастон ё шахсони дигаре, ки ҷиноятқор бо онҳо алоқаи шахсӣ ё молиявӣ дорад, алоқаманд бошад.

Барои беҳтар кардани мубориза бо қаллобӣ бо истифода аз воситаҳои электронӣ, бояд аломатҳои ҷинояти қаллобӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ бо тафсилоти бештар оварда шаванд. Ҳамчунин, муҳим аст, ки фарқияти байни қаллобӣ ва дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла риоя накардани уҳдадориҳои дигари ҳуқуқӣ ба таври возеҳ бозгӯӣ карда шавад.

Илова бар ин, назорати ҷиддӣ аз болои шахсони мансабдор зарур аст, ки имконияти содир кардани қаллобиро бо истифода аз воситаҳои электронӣ доранд, махсусан агар ин амалҳо бо вазифаҳои хизматиашон алоқаманд бошанд. Ин чораҳо метавонанд ба пешгирии ҷиноятҳои мавриди назар мусоидат намоянд.

Адабиёт:

1. Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Самара, 2012. – С.259-260.
2. Бойцов А.И. Преступления против собственности. СПб., 2012. – С. 278.
3. Борзенков Г.Н. Ответственность за мошенничество (вопросы квалификации). – М., 1971.
4. Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. М., 2014. – С. 78.

5. Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. М., 1986.
6. Евтушенко И.И. Дистанционные хищения: понятие и признаки / И.И. Евтушенко, А.А. Венедиктов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2020. – №12–2. – С. 65–67.
7. Клепицкий И.А. Мошенничество и правонарушения гражданско-правового характера //Законность. 2015. № 7. – С. 43.
8. Коваленко, Н.А. Проблемы уголовно-правовой характеристики мошенничества // Социально-экономические исследования, гуманитарные науки и юриспруденция: теория и практика. 2016. № 11. – С. 219-223.
9. Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: Монография. М.: Норма, Инфра-М, 2012. – С. 151;
10. Медведев С.С. Мошенничество в сфере высоких технологий: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Краснодар, 2008. – С. 15.
11. Осокин Р.Б. Уголовно-правовая характеристика способов совершения мошенничества: автореф. дис. ... канд. юрид. наук М., 2004. – С. 8.
12. Розенко, С.В., Мурзина, К.А. Особенности квалификации мошенничества по уголовному законодательству Российской Федерации // Вестник Югорского государственного университета. 2017. № 1-2 (44). – С. 113-116.
13. Розенцвайг А.И. Преступления против собственности, совершаемые путем обмана и злоупотребления доверием, в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юр. наук. Самара, 2012 // Библиотека юридических наук «Law Theses» [Электронный ресурс] URL: http://lawtheses.com/prestupleniya-protiv- sobstvennosti-sovershaemye-putem-obmana-i-zloupotrebleniya-doveriem-v-ugolovnom-prave-rossii.
14. Российское уголовное право. Общая часть / Под ред. В. С. Комиссарова. СПб.: Питер, 2015. – С. 219.
15. Уголовного кодекса РФ https://base.garant.ru/10108000/
16. Уголовное право России. Особенная часть / Под ред. Б.В. Здравомыслова. М., 2012. – С. 141.
17. Чупрова А.Ю. Уголовно-правовая оценка мошенничества // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. 2015. № 1 (36). – С. 66.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ БАНДУБАСТИ МАҶМУИ ВОҚЕИИ ҶИНОЯТҲО

Каримзода Даврон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел.: +992 888011010
E-mail: davr_94@list.ru

Мақола ба таҳлили муфассали масъалаҳои назариявию амалии бандубасти маҷмӯи воқеии ҷиноятҳо бахшида шуда, аломатҳои он, фарқияти он аз ҷиноятҳои мураккаби ягона баррасӣ мешаванд. Муаллиф намудҳои гуногуни маҷмуи воқеиро, ки дар адабиёти илмӣ пешниҳод шудаанд, таҳлил намуда, мушкилоти бандубасти кирдорҳои содиршударо нишон медиҳад. Дар мақола таъкид мегардад, ки бандубасти дуруст ва ҷудосозии маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ягонаи мураккаб барои таъмини адолат, таъини ҷазои муносиб ва пешгирии хатогиҳои судӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: маҷмуи воқеии ҷиноятҳо; бандубасти ҷиноят; ҷинояти мураккаби ягона; қасди умумӣ; мақсади ягона; объекти ҷиноят; кирдори барои ҷамъият хавфнок; оқибатҳои алтернативӣ; сершуморагии ҷиноятҳо.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ КВАЛИФИКАЦИИ РЕАЛЬНОЙ СОВОКУПНОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Каримзода Даврон,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
Тел.: +992 888011010
E-mail: davr_94@list.ru

Статья посвящена подробному анализу теоретических и практических вопросов квалификации реальной совокупности преступлений, исследованию её признаков и её разграничению со сложным единичным преступлением. Автор рассматривает различные виды реальной совокупности, представленные в научной литературе, и показывает сложности квалификации совершённых деяний. В работе подчёркивается, что правильная квалификация и разграничение совокупности преступлений и сложных единичных преступлений имеет важное значение для обеспечения справедливости, назначения соразмерного наказания и предотвращения судебных ошибок.

Ключевые слова: реальная совокупность преступлений; квалификация преступления; сложное единичное преступление; единый умысел; единая цель; объект преступления; общественно опасное деяние; альтернативные последствия; множественность преступлений.

SOME ISSUES OF QUALIFICATION OF A REAL SET OF CRIMES

Karimzoda Davron,
Tajik national university, faculty of law, associate professor, department of criminal law and anti-corruption.
Tel.: +992 888011010.
Email: davr_94@list.ru.

This article provides a detailed analysis of the theoretical and practical aspects of classifying a real set of crimes, exploring its characteristics and distinguishing it from a complex, isolated crime. The author examines various types of real sets of crimes presented in the scientific literature and demonstrates the complexities of classifying the acts committed. The work emphasizes that the correct classification and distinction between a real set of crimes and complex, isolated crimes is essential for ensuring justice, assigning proportionate punishment, and preventing miscarriages of justice.

Keywords: real set of crimes; crime classification; complex, isolated crime; single intent; single purpose; object of crime; socially dangerous act; alternative consequences; multiple offenses.

Аломатҳои махсуси маҷмуаи воқеии ҷиноятҳо дар моддаи 17 Кодекси ҷиноятӣ инъикос наёфтаанд. Муқаррароти қисми 1 моддаи 20 КҶ хусусияти умумӣ доранд ва ба ҳар ду навъи маҷмӯаи ҷиноятҳо татбиқ мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ маҷмуаи воқеии ҷиноятҳо чунин маънидод мешавад: аз ҷониби шахс бо якчанд ҳаракатҳо (беҳаракатӣ) содир намудани ду ё зиёда ҷиноят, ки барои ҳеҷ кадоми онҳо шахс ҳанӯз маҳкум нашудааст[281]. Бо таваҷҷуҳ ба ин, метавон чанд аломати маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳоро ҷудо кард: 1. Мавҷуд будани ду ё зиёда ҳаракатҳо (беҳаракатӣ) аз ҷониби шахс, ки ин аломат маҷмӯаи воқеиро аз маҷмӯаи идеалӣ фарқ мекунад. 2. Ҳар яке аз кирдорҳои содиршуда ҷинояти мустақил ба шумор меравад. Маҷмӯаи воқеиро метавонанд ҷиноятҳои хелҳои гуногун, якхела ва монанд ташкил диҳанд. 3. Содир шудани ҷиноятҳои дар маҷмӯа буда дар вақтҳои гуногун, одатан бо фосилаи муайян[282]. Бо вуҷуди ин, истисно нест, ки маҷмӯаи воқеӣ дар ҳолати содир гардидани ду ё зиёда ҷиноят пайдарпай, яквақта ё дар фосилаи кӯтоҳи вақт низ ба вуҷуд ояд. 4. Маҳкум

[281] Малков В.П. Совокупность преступлений (вопросы квалификации и назначения наказания). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1974. – С. 194.
[282] Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. М.: Юридическая литература, 1972. – С. 256.

нашудани шахс барои ҷиноятҳое, ки маҷмуаро ташкил медиҳанд (яъне ҳамаи онҳо то баровардани ҳукм содир карда шудаанд).

Маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо ҳам метавонад аз ҳадди ақали ҷиноятҳо, яъне ду ҷиноят, ва ҳам аз шумораи зиёди кирдорҳои ҷиноятӣ иборат бошад.

Ҳангоми содир намудани маҷмӯи ҷиноят шахс барои ҳар ҷинояти содирнамудааш дар асоси модда ё қисми дахлдори ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (қ.3 м.20 КҶ ҶТ), яъне ҳар як кирдор мустақилона бандубаст карда мешавад.

Ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо дохил мешаванд, «аз рӯи самти субъективӣ, усул, вақт ва ҷойи содиршавӣ, инчунин аз рӯи хусусияти муносибати байни ҷиноятҳо ба якдигар ба таври гуногун тавсиф мешаванд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки таносуби гуногуни ҷиноятҳо дар таркиби маҷмӯаи воқеӣ сифату хусусиятҳои манфӣ, малака ва одатҳои ҷиноятиро, ки хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқорро муайян мекунанд, ба шаклҳои гуногун таҷассум месозад»[283]. Бо дарназардошти ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷудо намудани маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо ба намудҳо пешниҳод карда мешавад.

А.М. Яковлев ду намуди маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳоро фарқ менамояд: а) маҷмуаи воқеии ҷиноятҳое, ки байни онҳо робитаи муайян вуҷуд дорад; б) маҷмӯаи воқеие, ки дар он ҷиноятҳо танҳо бо он ки аз ҷониби як шахс содир шудаанд, муттаҳид мешаванд[284].

Дар маҷмӯаи воқеии намуди аввал, робитаи байни ҷиноятҳо дар он зоҳир мегардад, ки яке аз онҳо шарти содиршавӣ, восита, тарзи иҷрои ҷинояти дигар мебошад, ё яке аз онҳо ба сифати восита ё тарзи пинҳон кардани ҷинояти дигар истифода мешавад ва ғайра[285].

Дар маҷмӯаи воқеии намуди дуюм бошад, байни ҷиноятҳо на робитаи вақт, на макон, ва на вобастагии ангезавӣ ё амалӣ вуҷуд надорад; ҳеҷ кадоми онҳо боиси содир шудани дигараш намегардад. Онҳоро танҳо шахсе, ки ҳамаи ин ҷиноятҳоро содир кардааст, муттаҳид месозад. Масалан, дар давоми чанд моҳ як шахс авбошӣ, роҳзанӣ ва расондани зарари вазнин ба саломатиро содир мекунад.

Агар дар ҳолати дуюм дар раванди бандубасти ҷиноятҳо душворӣ ба миён намеояд, пас дар ҳолати аввал ҷиноятҳо он қадар бо ҳам вобастагии мустаҳкам доранд, ки баъзан ҷудо намудани онҳо аз ҷиноятҳои мураккаби ягона хеле душвор мегардад. В.П. Малков, пас аз таҳлили маҷмуаи воқеии ҷиноятҳое, ки бо тарзи муайян байни худ вобастаанд, панҷ навъи чунин маҷмӯаро ҷудо намудааст[286].

---

[283] Малков В.П. Совокупность преступлений (вопросы квалификации и назначения наказания). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1974. – С. 204-205.

[284] Яковлев А.М. Совокупность преступлений по советскому уголовному праву – Москва: Госюриздат, 1960. – С. 82-83.

[285] Малков В.П. Совокупность преступлений (вопросы квалификации и назначения наказания). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1974. – С. 206.

[286] Малков В.П. Совокупность преступлений (вопросы квалификации и назначения наказания). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1974. – С. 210-212.

1. Ҳолатҳои маҷмӯаи воқеие, ки дар он як ҷиноят шарти содир шудани ҷинояти дигар мебошад ё барои он замина фароҳам меорад. Масалан, шахс ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобиль ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф содир мекунад (қ. 1 м. 252 КҶ), ва дар ҳамон мошини рабудашуда қоидаҳои ҳаракат дар роҳро дағалона вайрон намуда, пиёдаро мезанад, ки дар натиҷа ҷабрдида мефавтад (қ. 2 м. 211 КҶ).

Дар ин ҳолат зарар ба объектҳои гуногуни аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда расонида мешавад; ҳеҷ яке аз ин ҷиноятҳо қисми таркибии ҷинояти дигар нест (бар хилофи ҷиноятҳои мураккаби ягона). Аз ин рӯ, дар чунин ҳолатҳо ҳар як ҷиноят ба таври мустақил бандубаст карда мешавад.

2. Ҳолатҳои маҷмӯаи воқеие, ки дар он як ҷиноят восита ё тарзи содир намудани ҷинояти дигарро ташкил медиҳад. Аксар вақт чунин ҳолат мушоҳида мешавад, ки ҷиноят бо истифода аз ҳуҷҷати сохтакоришуда содир мегардад. Дар ин маврид истифодаи ҳуҷҷати қалбакӣ ҳамчун усул, восита ё тарзи амалӣ намудани ҷинояти дигар хизмат мекунад.

Дар масъалаи бандубасти ҷиноятҳое, ки бо сохтакории ҳуҷҷатҳо содир мегарданд, назари олимон ягона нест. Баъзе муаллифон мавҷудияти маҷмуъро байни ҷинояти сохтакории ҳуҷҷат ва ҷинояте, ки ин сохтакорӣ ҳамчун воситаи содир намудани он истифода шудааст, рад мекунанд, дар ҳоле ки дигарон чунин маҷмӯъро эътироф менамоянд. Ба андешаи В.Н. Кудрявсев, сохтакории ҳуҷҷат ҳамеша бояд дар маҷмӯъ бо он ҷинояте бандубаст карда шавад, ки барои содир кардани он ҳуҷҷат таҳриф ё тағйир дода шудааст[287]. Н.Ф. Кузнетсова ба таври асоснок зикр менамояд, ки дар сохтакории ҳуҷҷатҳо зарур аст байни худи сохтакорӣ ҳамчун тағйири ҷисмонӣ ё зеҳнии ҳуҷҷат ва истифодаи ҳуҷҷати баръало қалбакӣ барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун фарқ гузошта шавад. Худи тайёр намудани ҳуҷҷати сохтакоришуда (қ. 1 м. 340 КҶ), новобаста аз он ки он барои содир кардани ҷиноят истифода мегардид ё бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти қаблан содиршуда анҷом дода шудааст, наметавонад ҳамчун воситаи содир намудани дигар ҷиноят арзёбӣ шавад. Баръакс, истифодаи ҳуҷҷати баръало қалбакӣ барои амалӣ намудани ҷиноят мисоли равшани ҷиноят-восита ба шумор меравад[288]. Аз ин рӯ, агар шахс танҳо ҳуҷҷати сохтакоришудаеро истифода бурда бошад, ки онро шахси дигар омода кардааст, дар ин гуна ҳолатҳо маҷмӯи ҷиноятҳо мавҷуд нест ва танҳо як ҷиноят содиршуда ҳисобида мешавад, ки он бо тарзи истифодаи ҳуҷҷати баръало қалбакӣ амалӣ шудааст.

Дар Кодекси ҷиноятӣ шумораи зиёди меъёрҳо мавҷуданд, ки дар онҳо истифодаи ваколатҳои хизматӣ (мақоми мансабӣ) ҳамчун усули содир кардани ҷиноят нишон дода шудааст. Дар чунин ҳолатҳо сухан дар бораи ҷинояти мураккаби ягона меравад, ки он бояд танҳо мувофиқи як меъёр

---

[287] Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. – М.: Юридическая литература, 1972.– С. 211.

[288] Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений: лекции по спецкурсу «Основы квалификации преступлений». М., 2007. – С. 291.

бандубаст карда шавад. Бандубасти аз руйи маҷмуи ҷиноятҳо, аз ҷумла бо ҷиноятҳои хизматӣ, танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки дар баробари ҷинояте, ки бо истифода аз ваколатҳои хизматӣ содир шудааст, шахс рафтори дигари хавфноки ҷамъиятиро, ки ба сӯистифода аз ваколатҳои хизматӣ алоқаманд аст, роҳ дода бошад. Яъне чунин ҳолат танҳо дар мавриди маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо ба миён меояд.

Содир намудани ҷиноят бо тарзе, ки агар онро ҷудогона баррасӣ кунем, худ таркиби мустақили ҷиноятро ба вуҷуд меорад, барои бисёре аз ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварӣ хос мебошад. Масалан, ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест (б. «г» қ. 2 м. 248 КҶ), роҳзанӣ бо расондани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида (б. «г» қ. 3 м. 249 КҶ), тамаъҷуйи бо расондани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида (б. «б» қ. 3 м. 250 КҶ). Дар ин ҳолатҳои зикршуда сухан дар бораи ҷинояти мураккаби ягона меравад ва маҷмӯи ҷиноятҳо вуҷуд надорад.

Истифодаи зӯроварӣ ҳамчун усули содир намудани ҷиноят дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ба тарзҳои гуногун баён мегардад. Қонунгузор дар зиёда аз 35 моддаи Кодекси ҷиноятӣ чунин ибораҳоро истифода мебарад: «бо истифодаи зӯроварӣ», «бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он», «бо истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест, ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ», «истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ»[289].

Ҳангоми бандубасти ҷиноят бештар мураккаби дар мавриди зуроварии номушаххас ба миён меояд. Зӯроварии ҷисмонии номушаххас барои бандубасти дурусти ҷиноят талаб менамояд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он муайян карда шавад, зеро маҳз ин имкон медиҳад, ки ҷинояти мураккаби ягона аз маҷмӯи ҷиноятҳо ҷудо карда шавад. Зӯроварӣ ба зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ва хавфнок набуда тақсим мешавад.

Зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест, бо он тавсиф мешавад, ки он ҳатто боиси расонидани зарари сабук ба саломатӣ нагардидааст, ки ҷавобгарӣ барои он дар м.112 КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Зӯроварие, ки боиси расонидани зарари сабук, миёна ё вазнин ба саломатӣ гардидааст, ҳамчун зарари барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок эътироф мешавад.

Зӯроварӣ дар шакли расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ) бе аломатҳои вазнинкунанда, аз рӯи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ба гурӯҳи сеюми ҷиноятҳо, яъне ба ҷиноятҳои вазнин мансуб аст. Бо ҳамин сабаб зӯроварии мазкур наметавонад нақши воситаро нисбат ба ҷиноятҳои гурӯҳҳои якум, дуюм ва сеюм (начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин) иҷро намояд[290].

---

[289] Шарапов Р.Д. Физическое насилие в уголовном праве. – СПб., 2001. – С. 274.

[290] Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений: лекции по спецкурсу «Основы квалификации преступлений». – М., 2007. – С. 288.

Масалан, агар дар ҷараёни роҳзанӣ зӯроварии ҷисмонӣ дар шакли расонидани зарари вазнин ба саломатӣ истифода шавад, он наметавонад ҳамчун воситаи содир намудани таркиби асосии роҳзанӣ (қ. 1 м. 249 КҶ) арзёбӣ гардад. Дар ин сурат ин ҳолат аломати роҳзании дар б. «г» қ. 3 м. 249 КҶ пешбинишуда ҷой дорад.

Агар дар м. 249 КҶ таркиби вазнинкунанда «бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ» пешбинӣ намешуд, дар ин ҳолат кирдори содиршуда бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда мешуд: роҳзанӣ ва қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ.

Ҳамин тавр, дар он ҳолатҳое, ки тарзи содир намудани ҷинояти мураккаб, агар онро ҳамчун ҷинояти ҷудогона баррасӣ кунем, аз рӯи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ ба дараҷаи хавфнокии ҷинояти таркибии мазкур баробар аст ё аз он ҳам бештар мебошад, содиршуда бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

3. Ҳолатҳои дигари маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо онҳоянд, ки дар онҳо як ҷиноят восита ё тарзи пинҳон кардани ҷинояти дигар аст ё барои раҳои ёфтан аз ҷавобгарӣ истифода мешавад. Масалан, гунаҳгор пас аз содир кардани таҷовуз ба номус ҷинояти кушторро содир мекунад, то ки факти таҷовузро пинҳон созад. Дар чунин ҳолат маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо мавҷуд аст: таҷовуз ба номус ва куштор бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигар.

Ин масъала нисбат ба ҳолатҳои кушторе, ки барои пинҳон кардани факти тамаъҷӯйи содир шудааст, ба ҳамин тарз ҳал мегардад. Агар куштор бо мақсади пинҳон намудани тамаъҷӯйӣ анҷом дода шуда бошад, кирдори гунаҳг ор бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад: тамаъҷӯӣ ва куштор бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигар.

4. Ҳолатҳои дигари маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо онҳоянд, ки ҷиноятҳои содиршуда дар таносуби шарти содиршавӣ, тарзи содиршавӣ, воситаи содиршавӣ ё пинҳон кардани як ҷиноят бо роҳи содир кардани ҷинояти дигар қарор надоранд, аммо бо доираи ягонаи вақт ва макони таҷовуз тавсиф мешаванд. Масалан, тибқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ, “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва минбаъд қасдан несту нобуд ё ин ки корношоям кардани он бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳои бо қисми дахлдори моддаи 252-и КҶ ва дар сурати мавҷуд будани асосҳо, бо моддаи 255-и ҳамин Кодекс банду баст карда шавад, агар ин кирдорҳо ба молики воситаи нақлиёт зарари ҷиддӣ расонида, ҳаракатҳои шахси гунаҳгор бошад ҳамчун рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз рӯи аломати ба ҷабрдида расонидани зарари ба миқдори калон банду баст карда нашуда бошанд” (б.25 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай

карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28)[291].

Дар чунин ҳолат ҷиноятҳои содиршуда бояд бо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шаванд: ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр.

5. Ҳолатҳои дигаре низ мавҷуданд, ки маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд ва онҳо бо якхелагии ангезаҳои таҷовуз тавсиф мешаванд. Масалан, шахс дар давоми як муддати муайян ҷиноятҳои гуногуни дуздии молу мулки ғайрро содир мекунад. Ҳамаи ин ҷиноятҳоро ангезаи ғаразнок муттаҳид месозад.

Мумкин аст боз як навъи дигари маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳоро, ки байни онҳо робитаи муайян вуҷуд дорад, ҷудо кард. Сухан дар бораи он ҳолатҳо меравад, ки як ҷиноят натиҷаи ғайримустақими ҷинояти дигар, ё маҳсули он, ё табиатан оқибати он мебошад.

Ба чунин ҳолатҳо, масалан, вазъиятеро метавон мансуб кард, ки шахс тамаъҷуйиро бо таҳдиди нобуд кардани молу мулки ҷабрдида содир мекунад, ва баъд, вақте ки ҷабрдида талаботи ӯро иҷро намекунад, он шахс воқеан молу мулки ҷабрдидаро нобуд мекунад. Дар ин ҳолат кирдорҳои содиргардида бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда шаванд: тамаъҷӯйӣ ва қасдан несту нобуд кардани молу мулки ғайр.

Боз як мисоли дигари маҷмӯаи воқеии ҷиноятҳо, ки дар он як ҷиноят оқибати ҷинояти дигар мебошад, метавонанд амалҳои шахси порагирандаро номбар намуд, ки барои гирифтани пора кирдори хавфноки ҷамъиятиро иҷро менамояд. Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008 № 11 «Дар бораи тафрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» таваҷҷуҳи судҳо ба он ҷалб карда мешавад, ки «Агар порагир ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, ҳаракатҳои ғайриқонуниеро, ки таркиби ҷинояти дигарро ташкил мекунад, содир намуда бошад, бояд барои маҷмуи ҷиноятҳои бо қисми 2 моддаи 319 ва моддаи дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, сохтакории далелҳо ва ғайра) ба ҷавобгарӣ кашида шавад»[292].

Тақсимбандӣ ё гурӯҳбандии намудҳои маҷмуаи воқеии ҷиноятҳо ба мо кумак мекунад, ки моҳияти ин навъи сершуморагии ҷиноятҳоро беҳтар фаҳмем. Ин бошад барои он муҳим аст, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо хатогӣ роҳ дода нашавад ва ба онҳо дуруст баҳо дода шавад.

Унсурҳои ҷинояти ягонаи давомдор маҷмӯи ҷиноятҳоро ба вуҷуд намеоранд. Дар ҳолати маҷмӯи ҷиноятҳо қасди умумӣ ва мақсади ягона, ки ҳамаи кирдорҳои ҷиноятиро муттаҳид намояд, вуҷуд надорад. Кирдорҳое,

---

[291] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – С.178.

[292] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – С.165.

ки марҳилаҳои ҷинояти давомдорро ташкил медиҳанд, гарчанде аз ҷиҳати зоҳирӣ ба ҷиноятҳои мустақили анҷомёфта монанд бошанд ҳам, дар асл чунин нестанд. Дар ҷиноятии давомдор расидан ба натиҷаи ҷиноятии аз пеш тарҳрезишуда тадриҷан ва марҳила ба марҳила сурат мегирад. Ҷиноятии давомдор дар он лаҳза анҷом меёбад, ки шахс охирин кирдори худро, ки аз аввал ҳамчун ҷиноятии ягона дар назар доштааст, содир мекунад.

Дар ин ҳолат сухан дар бораи ҷиноятии давомдори ягона меравад, ки он ба охир расонида нашудааст ва ин аз шароитҳое вобаста буд, ки аз иродаи шахси гунаҳгор берун мебошанд. Маҷмӯи ҷиноятҳо мавҷуд нест, агар ҷиноятe содир шуда бошад, ки тарафи объективии он дар диспозитсияи қонуни ҷиноятӣ бо амалҳои алтернативӣ баён шудааст. Хусусияти хоси чунин ҷиноятҳо дар он аст, ки содир намудани ҳар кадоме аз кирдорҳое, ки дар диспозитсияи моддаи дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр шудаанд, таркиби ҷиноятии анҷомёфтаро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, содир намудани якчанд ё ҳамаи кирдорҳои пешбинишуда ба маҷмӯи ҷиноятҳо оварда намерасонад, балки он ҷиноятии мураккаби ягона мебошад, ки бояд мувофиқи як модда ё як қисми моддаи Кодекси ҷиноятӣ бандубаст шавад. Масалан, ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштани силоҳи оташфишон, (ғайр аз силоҳи суфтамили шикорӣ), лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш (қ. 1 м. 195 КҶ), новобаста аз он ки шахс яке аз ин кирдорҳоро содир мекунад ё якчандтои онҳоро анҷом медиҳад, ҳамоно як ҷиноят ба шумор меравад.

Як қатор таркибҳои моддии ҷиноятҳо на як оқибат, балки якчанд оқибатҳои гуногунро низ дар бар мегиранд. Барои он ки чунин ҷиноят ҳамчун ҷиноятии хотимаёфта бандубаст карда шавад, фаро расидани ҳар кадоме аз оқибатҳои алтернативии дар таркиб пешбинишуда кофист. Ҳамзамон, фаро расидани якчанд ё ҳатто ҳамаи оқибатҳои хавфноки дар таркиб нишон дода шуда, бандубастро тағйир намедиҳад: кирдор ҳамоно ҷиноятии мураккаби ягона мебошад, на маҷмӯи ҷиноятҳо.Масалан, вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор, ки боиси тағйироти муҳими манзари (фони) радиоактивӣ, марги як ё чанд шахсон, бемории оммавии одамон ё саросар мурдани ҳайвонот ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад (м. 220 КҶ); вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаҳои заҳрнок), ки ба саломатии одамон зарар расонида, боиси паҳн гардидани эпидемия (касалиҳои сирояткунанда) ё эпизоотия (муромурии ҳайвонот) ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад (қ.1 м. 224 КҶ).

Бандубасти дурусти ҷиноятҳое, ки маҷмӯаро ташкил медиҳанд, ва ба таври дуруст ҷудо кардани маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои мураккаби ягона, дорои аҳаммияти бузурги амалӣ мебошад. Хато дар бандубаст метавонад боиси таъини ҷазои беасос вазнин ё баръакс сабук гардад, ки бо

дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқор мутобиқат намекунад ва ҳамин тавр мақсади ҷазои ҷиноятиро метавонад халалдор созад.

Адабиёт:

1. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. М.: Юридическая литература, 1972. – С. 256.
2. Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений: лекции по спецкурсу «Основы квалификации преступлений». М., 2007. – С. 291.
3. Малков В.П. Совокупность преступлений (вопросы квалификации и назначения наказания). - Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1974. – С. 210–212.
4. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – С.178.
5. Шарапов Р.Д. Физическое насилие в уголовном праве. СПб., 2001. С. 274
6. Яковлев А.М. Совокупность преступлений по советскому уголовному праву - Москва: Госюриздат, 1960. – С. 82–83.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

НОРАСОӢ ДАР ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ: МАФҲУМ, ТАСНИФ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФСОЗӢ

Қодирзода Бахтиёр Бобомурод,
декани факултети сиёсат ва идоракунии давлатии Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.ҳ., дотсент.
Тел.: 904-08-05-17
Email: kodirov_8787@bk.ru

Фишурда: Мақола масоили норасоӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятиро бо таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои забонӣ, истилоҳот ва техникаи қонунгузорӣ таҳлил мекунад. Норасоӣ дар қонунгузорӣ ба шаклҳои гуногун ҷудо мешавад: норавшанӣ, нопуррагӣ, номушаххасӣ ва зиддиятнокӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки норасоӣ ҳам хусусияти фаразӣ ва ҳам воқеӣ дорад ва асосан дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ ба мушоҳида мерасад.

Асосии норасоӣ дар ҳуқуқ ва норасоӣ дар қонунро муайян карда, зикр карда мешавад, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун низоми императивӣ хусусияти васеътар дорад ва норасоӣ дар он асосан дар доираи қонун зоҳир мешавад. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои олимон ба бартарафсозии норасоӣ тавассути тафсир, қиёси қонун ва таҳияи меъёрҳои нави ҳуқуқӣ равона гардидаанд.

Дар натиҷа, норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун холигии мантиқӣ-ҳуқуқии меъёрҳои амалкунанда муайян карда мешавад, ки бо нопуррагӣ ё норавшанӣ алоқаманд буда, ба самаранокии татбиқи қонун монеъ мешавад ва ба пуррагӣ ва безиддиятнокии танзими ҳуқуқӣ ниёз дорад.

Калидвожаҳо: норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ; норавшанӣ; нопуррагӣ; зиддиятнокӣ; қонуни ҷиноятӣ; ҳуқуқи ҷиноятӣ; техникаи қонунгузорӣ; меъёрҳои ҳуқуқӣ; танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ.

ПРОБЕЛЫ В УГОЛОВНОМ ЗАКОНЕ: ПОНЯТИЕ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ПУТИ ИХ УСТРАНЕНИЯ

Кодирзода Бахтиёр Бобомурод, декан факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава, кандидат юридических наук, доцент.
Тел.: 904-08-05-17
Email: kodirov_8787@bk.ru

Аннотация: В статье анализируются вопросы пробелы в уголовном праве и уголовном законодательстве с акцентом на лингвистические особенности, терминологию и законодательные методы. Пробелы в

законодательстве подразделяются на различные формы: двусмысленность, неполнота, неясность и противоречие. Анализ показывает, что пробелы носит как гипотетический, так и реальный характер и в основном наблюдается в общей части уголовного законодательства.

Выявлены основные пробелы в праве и пробелы в законодательстве, отмечено, что уголовное право, как императивная система, имеет более широкий характер, и пробелы в нем проявляются в основном в рамках права. Предложения и рекомендации ученых направлены на устранение пробелов посредством толкования, аналогии права и разработки новых правовых норм.

В результате, пробелы в уголовном праве считается логико-правовой пробел в существующих нормах, который связан с неполнотой или двусмысленностью, препятствует эффективному применению закона и требует полноты и беспристрастности правового регулирования.

Ключевые слова: пробелы в уголовном законе; двусмысленность; неполнота; противоречие; уголовное право; законодательная техника; правовые нормы; уголовно-правовое регулирование.

GAPS IN CRIMINAL LAW: CONCEPT, CLASSIFICATION, AND WAYS TO ELIMINATE THEM

Qodirzoda Bakhtiyor Bobomurod, Dean of the Faculty of Politics and Public Administration of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Candidate of Law, Associate Professor.
Phone.: 904-08-05-17
Email: kodirov_8787@bk.ru

Abstract: This article analyzes gaps in criminal law and criminal legislation, focusing on linguistic features, terminology, and legislative methods. Gaps in legislation are divided into various forms: ambiguity, incompleteness, obscurity, and contradiction. The analysis shows that gaps are both hypothetical and real in nature and are primarily observed in the General Part of criminal legislation.

The main gaps in the law and gaps in legislation are identified, noting that criminal law, as a mandatory system, is broader in nature, and gaps in it manifest primarily within the framework of the law. The scholars' proposals and recommendations are aimed at eliminating these gaps through interpretation, legal analogy, and the development of new legal norms. As a result, a gap in criminal law is considered a logical and legal gap in existing norms, which is associated with incompleteness or ambiguity, hinders the effective application of the law, and requires comprehensive and impartial legal regulation.

Keywords: gaps in criminal law; ambiguity; incompleteness; contradiction; criminal law; legislative technique; legal norms; criminal law regulation.

Масоили ошкор намудани норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо масъалаҳои техникаи қонунгузорӣ, инчунин бо хусусиятҳои забони ҳуқуқӣ ва истилоҳоти истифодашаванда робитаи мустақим дорад. Ба ҳамин сабаб, ин категория ба таври анъанавӣ асосан дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор мегирифт.

Дар адабиёти илмӣ бо асоснокӣ зикр шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳи ҳалли зарурии ҳуқуқӣ на ҳамеша аз ҷониби ҳуқуқшинос бидуни мушкилӣ анҷом меёбад, зеро ифодаи шаклии иродаи қонунгузор бисёр вақт бо нуқсонҳои муайян тавсиф мешавад. Ба ҷумлаи чунин камбудиҳо П. И. Люблинский нопуррагии танзими ҳуқуқӣ, зиддиятнокии дохилии меъёрҳои ҳуқуқӣ, норавшании маъноии онҳо, инчунин дигар нуқсонҳои баёни қонунгузориро мансуб медонист[293].

Зери мафҳуми норавшании қонун П. И. Люблинский дараҷаи нокифояи муайянӣ ва дақиқии ифодаи иродаи қонунгузорро дар назар дошт. Ба андешаи олим, чунин номуайянӣ метавонад ҳам дар натиҷаи иштибоҳҳои мантиқӣ ё истилоҳие, ки ибтидоан аз ҷониби қонунгузор роҳ дода шудаанд, ба вуҷуд ояд ва ҳам бо тағйироти объективии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шуури ҳуқуқӣ, ки бо мурури замон рух медиҳанд, вобаста бошад.

Дар баробари ин, норавшании меъёри ҳуқуқӣ метавонад ҳам хусусияти фаразӣ (зоҳирӣ) ва ҳам хусусияти воқеӣ дошта бошад. Норавшании фаразӣ дар натиҷаи пурра ифшо нашудани мазмуни меъёри ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, тавассути таҳлили амиқи муҳтавои он бартараф мегардад. Ба сифати воситаҳои асосии рафъи норавшанӣ П. И. Люблинский истифодаи тафсири низомӣ, телеологӣ ва таърихиро пешниҳод менамуд.

Дар баробари ин, муаллиф ба чунин нуқсони паҳншудаи қонуни ҷиноятӣ, чун зиддиятнокии он, таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ба ақидаи ӯ, зиддият дар он ҳолатҳо ба вуҷуд меояд, ки аз ду ё якчанд меъёри ҳуқуқӣ метавон қарорҳои ҳуқуқии ба ҳам мухолиф бароварда ва эътирофи яке аз онҳо ҳамчун мантиқан асоснок имконияти қабули дигарашро истисно месозад. Ба миён омадани чунин зиддиятҳо дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқиро П. И. Люблинский, аз як тараф, ба дараҷаи баланди мураккабии сохтории он (хусусан нисбат ба санадҳои кодификатсияшуда) ва аз тарафи дигар, ба қабул гардидани тағйиру иловаҳои шитобкорона ва ба таври дахлдор асоснок нашуда рабт медод.

Зиддиятҳо, ба монанди норавшанӣ, метавонанд хусусияти фаразӣ (зоҳирӣ) ва воқеӣ дошта бошанд. Дар ин ҳол, зиддиятҳои воқеӣ, ба андешаи муаллиф, бояд тавассути тафсир бартараф карда шаванд.

Норасоӣ дар қонуни ҷиноятиро П. И. Люблинский нопуррагӣ ва нокифоягии он медонист. Нопуррагӣ дар он ҳолатҳо ҷой дорад, ки қонунгузор маҷмуи муқаррароти ҳуқуқии барои қабули қарори ҳуқуқӣ

[293] Люблинский П.И. Техника, толкование и казуистика уголовного кодекса / Под ред. Томсинова В.А. – М., 2004. – С.58

заруриро муқаррар накардааст, дар ҳоле ки нокифоягӣ дар тамоман мавҷуд набудани дастурҳои меъёрӣ барои ҳаллу фасли вазъияти мушаххаси ҳуқуқӣ ифода меёбад. Бартараф намудани чунин норасоиҳоро олим бо татбиқи тафсири эҷодкоронаи судӣ вобаста намуда, ҳамзамон хусусияти ёрирасони онро нисбат ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ таъкид менамуд.

Бо вуҷуди гузашти фосилаи назарраси замонӣ, осори илмии П. И. Люблинский аҳаммияти назариявии худро аз даст надодаанд. Дар онҳо барои замони худ таснифоти пешрафтаи нуқсонҳои қонуни ҷиноятӣ пешниҳод гардида, ҳамчунин самтҳои асосии бартарафсозӣ ва ислоҳи онҳо муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф таваҷҷуҳро ба зарурати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона намуда, ин масоилро асосан дар доираи ҷанбаи техникии он баррасӣ кардааст ва аз ҳадди таҳлили камбудиҳои расмӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ берун нарафтааст.

Дар солҳои аввали ташаккули ҳокимияти шӯравӣ, дар заминаи тезутунд гардидани муборизаи синфӣ ва пурра вайрон шудани низоми пешинаи давлатӣ-ҳуқуқӣ, консепсияе ҳукмфармо буд, ки тибқи он ҳуқуқ ҳамчун падидаи дуюмдараҷа баррасӣ мегардид, дар ҳоле, ки ҷазо танҳо ҳамчун «чораи ҳифзи иҷтимоӣ» фаҳмида мешуд. Дар чунин шароит масъалаҳои таҳияи усулҳои бартараф намудани камбудиҳои қонунгузорӣ амалан матраҳ намегардиданд, зеро санадҳои меъёрӣ на хусусияти ҳуқуқӣ, балки хусусияти комилан сиёсӣ доштанд ва ҳадафҳои онҳоро вазифаҳои сохти нави иҷтимоӣ муайян менамуданд, на принсипҳои адолати ҳуқуқӣ[294].

Танҳо дар охири солҳои 1950-ум дар илми ҳуқуқшиносӣ эҳёи таваҷҷуҳи низомнок ба масоили такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби давлат қабулшаванда мушоҳида мешавад. Таҳқиқотҳои ин давра хусусияти нисбатан маҳдуд доштанд ва, одатан, ба масъалаҳои техникаи қонунгузорӣ тамаркуз менамудаанд, ки онҳо дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ баррасӣ мешуданд. Ҳамзамон, хусусиятҳои номукаммалии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ба таври алоҳида таҳлил мешуданд, ки ин аз дараҷаи нокифояи таҳия гардидани ин масоил дар илми ҳуқуқи ватанӣ дар он давра шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди ин, баъзе корҳои илмӣ мавқеъҳоеро инкишоф медоданд, ки бори аввал аз ҷониби П. Е. Недбайло баён гардида буданд. Ӯ бар он ақида буд, ки норасоӣ дар ҳуқуқ бояд ҳамчун холигии воқеӣ дар қонунгузорӣ арзёбӣ гардад, ки дар набудани меъёри мушаххаси барои ҳаллу фасли қонунии баъзе ҳолатҳои ҳуқуқӣ зарурӣ, ки ба доираи таъсири меъёрҳои ҳуқуқ дохил мешаванд, ифода меёбад. Чунин нуқтаи назар имкон медод, ки норасоӣ на танҳо ҳамчун камбудии шаклии танзими меъёрӣ, балки ҳамчун падидаи объективии ҳуқуқӣ баррасӣ шавад, ки таҳлили илмӣ ва таҳияи усулҳои бартарафсозии онро дар заминаи амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ талаб менамояд[295].

---

[294] История политических учений. Учебник для вузов/ Под рсд. О.В. Мартышиа. – М., 2002. – С. 197.
[295] Недбайло П.Е. Введение в общую теорию государства и права. – Киев, 1971. – С. 455.

В. Наумов дар тӯли муддати тӯлонӣ ба таҳқиқи мушкилоти ошкор намудани норасоиҳои воқеӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷудо намудани онҳо аз дигар шаклҳои нопуррагии қонунгузорӣ машғул буд. Дар як қатор корҳои худ ӯ ба чунин хулоса меояд, ки мавҷудияти норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ имконпазир аст, дар ҳоле ки қисми махсус дорои чунин норасоиҳо намебошад[296]. Мавқеи монандро М. Галкин низ ҷонибдорӣ мекунад ва бар он аст, ки нопуррагии меъёрҳои қисми махсус наметавонад ҳамчун норасоӣ арзёбӣ гардад. Ҳамзамон, ӯ дар қисми умумӣ ду намуди норасоиро ҷудо менамояд: норасоии воқеӣ ва номушаххасии муқаррароти меъёрӣ. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқотҳои зикршуда таваҷҷуҳ асосан ба таҳлили масъалаҳои татбиқи қиёси ҳуқуқ ва усулҳои тафсир ҷиҳати таъмини ҳуқуқтатбиққунии самаранок равона шудааст, дар ҳоле ки падидаи худи норасоиҳо танҳо ба таври лаҳзавӣ баррасӣ мегардад[297]. Дар ин замина, хулосаи А. В. Мадярова қобили қабул менамояд, ки чунин самти фаъолияти таҳқиқотӣ ба таври назаррас «омӯзиши худи падидаи норасоиҳоро камранг мегардонад», дар натиҷа ҷанбаҳои консептуалӣ-назариявӣ ва методологии он ба дараҷаи кофӣ таҳия намешаванд[298].

Дар даҳ–понздаҳ соли охир, вобаста ба рушди босуръати низоми нави ҳуқуқӣ, масъалаҳои номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо намудаанд. Ҳуқуқшиносони Россия таваҷҷуҳи худро ҳам ба дарки назариявии табиат ва моҳияти камбудиҳои қонун ва ҳам ба таҳқиқи роҳҳои бартараф намудани ноаниқӣ ё таҳрифҳои қасдона равона намуда, инчунин ба таҳияи усулҳои ислоҳи нуқсонҳои ошкоргардида машғул шудаанд. Дар ин давра таҳқиқотҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки ба масоили танзими ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ нигаронида шудаанд, ки ин бо афзудани ниёзи амалия ба воситаҳои самараноки ошкор ва ислоҳи норасоиҳои қонунгузорӣ вобаста мебошад.

Аз ҷумла, З. А. Незнамова дар тӯли якчанд сол ба таври мунтазам ба таҳлили мафҳуми бархурдҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, таснифи намудҳои онҳо, омӯзиши сабабҳои ба вуҷуд омадан ва арзёбии вазифаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии онҳо машғул буд. Дар асоси таҳлили мукаммали адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ муаллиф тавсияҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба бартарафсозӣ ва рафъи намудҳои гуногуни бархурдҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нигаронида шудаанд. Ин дар навбати худ, ба баланд бардоштани самаранокии танзими меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат мекунад[299].

Б. В. Яселенко низ дар таҳқиқотҳои худ масоили номукаммалии танзими ҳуқуқӣ– ҷиноятиро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо истилоҳи «зиддиятҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ» ифода менамояд. Муаллиф дар кори

---

[296] Наумов А.В. Применение уголовно-правовых норм. – Волгоград. 1973. – С. 139.;

[297] Галкин В.М. Пробелы в уголовном праве и пути их преодоления // Проблемы совершенствования советского законодательства. Труды ВНИИСЗ. –М., 1988. Вып. 41. – С. 135-137.

[298] Мадьярова А. В. Разъяснения Верховного Суда Российской Федерации в механизме уголовно - правового регулирования. — СПб.: Юрид.Центр Пресс, 2002. — С.371-373.

[299] Незнамова З.А. Коллизии в уголовном праве. – Екатеринбург, 1994.

худ мафҳуми бархурдро муайян намуда, онҳоро ба дохилинизомӣ ва байнизомӣ тасниф мекунад, асосҳои назариявии ҳалли зиддиятҳои ошкоршударо таҳия месозад ва равишҳои мушаххаси методологиро барои бартараф кардани онҳо пешниҳод менамояд. Чунин таҳлили низомнок имкон медиҳад, ки зиддиятҳо на ҳамчун камбудии абстрактии қонун, балки ҳамчун объекти таҳқиқоти ҳадафманди илмӣ баррасӣ шаванд, ки таҳияи воситаҳои амалии қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро талаб менамояд[300].

Кӯшиши ҷамъбасти номукаммалиҳои мавҷуда дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби В. Ф. Шепелков анҷом дода шудааст. Ӯ дар корҳои худ «ҳадди ақал ду навъи “номувофиқӣ”-и расмӣ-мантиқӣ: зиддият ва нопуррагӣ»-ро ҷудо менамояд[301]. Зери мафҳуми зиддият муаллиф зарурати қабули ду ё зиёда қарорҳои ба ҳам истиснокунандаро мефаҳмад, дар ҳоле ки нопуррагӣ ҳамчун набудани қоидаи зарурӣ арзёбӣ мегардад, ки онро «метавон ҳамчун зиддият байни зарурати қабули қарор ва набудани воқеии он тафсир намуд»[302]. Муаллиф бо ҷамъоварӣ ва таҳлили низомноки андешаҳои пешгузаштагони худ оид ба усулҳои тафсири қонун ва татбиқи қиёс ба хулосае меояд, ки истифодаи қиёси қонун дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ имконпазир мебошад.

Яке аз бартариҳои бебаҳси кори баррасишаванда дар ҷудосозии дақиқи шаклҳои гуногуни нопуррагӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад. Аз ҷумла, муаллиф байни нопуррагии фаразӣ, ки бо муқаррар намудани меъёрҳои ибтидоӣ алоқаманд буда, дар ҷараёни ҳуқуқтатбиққунӣ бартарафшаванда нест ва дигар шаклҳои норасоии ҳуқуқӣ фарқ мегузорад. Дар ин замина махсус таъкид карда мешавад, ки «қонунгузор ҳуқуқи бартараф намудани норасоиҳоро, ки дар натиҷаи набудани меъёрҳои муайянкунандаи ҷиноят ва сазоварои ҷазо будани кирдор ба вуҷуд меоянд, муқаррар накардааст».

Тафсире, ки муаллиф ба мафҳуми зиддияти қонун медиҳад, низ таваҷҷуҳро ҷалб мекунад, зеро он баҳснок ба назар мерасад. В. Ф. Шепелков зиддиятро ҳамчун чунин ҳолат мефаҳмад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар муносибати «ҷуз–том» қарор доранд, аз ҷониби қонун аз лиҳози махсус ё умумӣ буданашон дақиқ муайян нашудаанд. Ҳамчунин ӯ зиддиятро он вақт мавҷуд медонад, ки барои меъёрҳое, ки як доираи умумии амалро фаро мегиранд, меъёри махсуси афзалиятнок пешбинӣ нагардидааст.Муаллиф ин душвориҳои расмӣ-мантиқиро ба рақобати меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зич алоқаманд менамояд. Аз нуқтаи назари мо, ҳангоми таҳлили норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷудо намудани ин падидаҳо аҳаммияти муҳим дорад, зеро онҳо табиат ва барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ оқибатҳои гуногун доранд.

---

[300] Яцеленко Б.В. Противоречия уголовно-правового регулирования. Автореф. дисс. ...докт. юрид. наук. – М., 1997.

[301] Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – С. 8.

[302] Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – С. 9.

Ғайр аз ин, В. Ф. Шепелков норасоиҳо дар ҳуқуқ ва норасоиҳо дар қонунро ҳамчун категорияҳои мустақил ҷудо менамояд. Ба гурӯҳи аввал ӯ ҳолатҳоеро мансуб медонад, ки дар онҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ тамоман мавҷуд нест, дар ҳоле ки гурӯҳи дуюм ҳолатҳоеро фаро мегирад, ки санади меъёрӣ танзими зарурии ҷанбаҳои алоҳидаи вазъияти ҳуқуқиро таъмин намекунад. Чунин таснифот дуруст ва мантиқӣ менамояд, ҳарчанд бояд эътироф кард, ки он асосан хусусияти назариявӣ-тавсифӣ дорад, ки худи муаллиф низ ба ин ишора мекунад.

Бо андешаи муаллифи мазкур дар бораи мутлақ будани меъёри бидуни зиддиятнокӣ ва нопуррагӣ ҳамчун хосияти низомсозандаи қонуни ҷиноятӣ розӣ шудан душвор аст. Бешак, В.Ф. Шепелков яке аз камшумор муҳаққиқонест, ки меъёрҳои дурустии қонуни ҷиноятиро муайян менамояд; ин меъёрҳо, ки мо пурра бо онҳо мувофиқем, дар пуррагӣ ва бидуни зиддиятнокии дохилии меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқ ҳамчун шарти зарурии қобилияти амалии онҳо ифода меёбанд[303]. Бо вуҷуди ин, ҳангоми баррасии имконияти расидан ба мувофиқати комили дохилӣ ва мантиқии ҳар гуна қонун бо такя ба асосноккунии математикӣ, муаллиф, ба андешаи мо, бештар як модели абстрактӣ, як тасаввури идеализатсияшудаи шартиро ташаккул медиҳад.

Мо нуқтаи назареро ҷонибдорӣ мекунем, ки ҳуқуқ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ дар ҳолати рушди доимӣ қарор дорад ва мутаносибан, «ҳарфи» мушаххаси қонун маҷбур аст барои таъмини самаранокии худ шаклҳои нави танзимро ҷустуҷӯ намояд. Аз ин рӯ, ба вуҷуд омадани нороҳатиҳои расмӣ-мантиқӣ дар қонунгузорӣ раванди табиӣ ва ногузир ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки бисёре аз ин номукаммалиҳо аксаран дар натиҷаи иштибоҳ ё камбудиҳои ҷараёни қонунэҷодкунӣ ба вуҷуд меоянд, ки бешак, аз онҳо бояд ҷилавгирӣ кард. Ҳар гуна усулҳои бартарафсозии чунин нуқсонҳо бояд ба меъёрҳои калидии самаранокии танзими ҳуқуқӣ: пуррагӣ ва безиддиятнокии меъёрҳо мутобиқ бошанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо боз як меъёри дигареро муайян намудем, ки метавонад ба таъмини ҳамоҳангии мантиқии дохилӣ ва низомнокии қонун ҳам дар раванди қонунэҷодкунӣ ва ҳам дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намояд, яъне кофигӣ. В.Ф. Шепелков ишора мекунад, ки «набудани қоида метавонад ҳамчун нопуррагии Кодекси ҷиноятӣ эътироф гардад..., дар ҳолатҳое, ки он зарур бошад ва аз муқаррароти дахлдори меъёрӣ талаб гардад». Бо ин тарз, кофигӣ ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии меъёрҳои дар қонун мустаҳкамгардида баромад мекунад ва имкон медиҳад муносибати бартарафсозии норасоиҳои ҳуқуқӣ ба таври расмӣ мустаҳкам карда шавад[304].

---

[303] Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – С. 18.

[304] Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – С. 19.

Мо бар он ақидаем, ки пуррагии қонун бояд ба таври дуҷониба тафсир карда шавад: аз як тараф, ҳамчун мавҷудияти ҳамаи унсурҳои зарурие, ки ба меъёри ҳуқуқӣ хос мебошанд, ва аз тарафи дигар – ҳамчун набудани муқаррароти зиёдатӣ ё нолозим. Принсипҳои зарурат ва кофигӣ меъёрҳои калидие мебошанд, ки пуррагии мантиқии санади қонунгузориро муайян месозанд. Ба ин маъно, мо мавқеи В. Ф. Шепелковро ҷонибдорӣ мекунем, ки тибқи он пуррагӣ ва безиддиятнокӣ меъёрҳои кофӣ ва ягонаи покизагии расмӣ-мантиқии қонун маҳсуб меёбанд. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки мафҳуми «пуррагӣ» дорои табиати дугона буда, ҳам анҷомёбии муҳтавои меъёр ва ҳам маҳдудсозии оқилонаи зиёдатиро фаро мегирад.

Диққати махсусро нуқтаи назаре ҷалб месозад, ки номукаммалиҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятиро аз нуқтаи назари герменевтика баррасӣ мекунад. Аз ҷумла, О. В. Пичева дар автореферати худ зикр менамояд, ки дақиқӣ ва муайянии муқаррароти ҳуқуқӣ шарти зарурии татбиқи муваффақонаи онҳо дар амалия мебошанд, зеро маҳз онҳо пешгӯишавандагӣ ва самаранокии амалисозии қонунро дар ҳолатҳои мушаххас таъмин мекунанд[305]. Муаллиф ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки истифодаи нодурусти истилоҳот чӣ гуна метавонад мазмуни меъёри татбиқшавандаро таҳриф намуда, ба татбиқи дурусти он монеъ гардад. Дар айни замон, О. В. Пичева номукаммалии қонунро асосан аз нуқтаи назари норавшании забонии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баррасӣ мекунад. Ба сифати камбудиҳои асосии техникаи қонунгузорӣ ӯ чунин омилҳоро ҷудо менамояд: «норавшани»-и ифодаи истилоҳоти истифодашавандаи қонунгузор, ноаниқии баён, нопуррагии ифодаи лафзӣ, думаъноӣ, инчунин маъноҳои гуногун доштани мафҳумҳои ҳуқуқӣ. Чунин нуқтаи назар имкон медиҳад таъкид гардад, ки самаранокии ҳуқуқтатбиққунӣ бевосита аз аниқӣ ва дақиқии забони қонун вобаста мебошад.

Зери мафҳуми норасоии пурра, ё норасоӣ ба маънои аслии он, М. А. Кауфман чунин ҳолатро мефаҳмад, ки қонуни ҷиноятӣ эътирофи як кирдори мушаххасро ҳамчун ҷиноят пешбинӣ накардааст, дар ҳоле ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он чунин эътирофро тақозо мекунад. Ба ақидаи муаллиф, маҳз ҳамин гуна норасоиҳо ба фаҳмиши классикии мафҳуми «норасоӣ» мутобиқат дошта, намунаи маъмулии норасоии танзими ҳуқуқӣ ба шумор мераванд[306].

Ҳангоми таҳлили ҷанбаи дохилии кофигии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ М.А. Кауфман ду падидаи асосиро ҷудо менамояд: нопуррагӣ ва номушаххасӣ. Нопуррагӣ бо набудани аломати зарурии ҳуқуқӣ дар ҳолатҳое тавсиф мешавад, ки онҳо мустақиман аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ танзим гардидаанд. Номушаххасӣ, дар навбати худ, ҳамчун ҳолати хусусии нопуррагӣ баррасӣ шуда, дар ҷамъбасти аз ҳад зиёди муқаррароти амалкунандаи ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки дар натиҷа унсурҳои аз лиҳози

[305] Пычева О.В. Автореф. дисс. ...канд. юрид. наук. Герменевтика уголовного закона. – М., 2005. – С. 15.
[306] Кауфман М.А. Пробелы в уголовном праве: понятия, причины, способы преодоления. – М., 2007. – С. 42-43.

ҳуқуқӣ аҳаммиятноки вазъияти мушаххаси ҳуқуқӣ бидуни танзим мемонанд.

Дар айни замон, М.А. Кауфман он мавқеъеро рад мекунад, ки тибқи он эътироф нагардидани кадом як кирдор ҳамчун ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ набояд ҳамчун норасоӣ арзёбӣ шавад, зеро чунин падида гӯё аз доираи танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ берун меистад. Муаллиф ин нуқтаи назарро беасос мешуморад, зеро он ба фаҳмиши моддии ҷиноят ҳамчун кирдори хавфноки ҷамъиятӣ мухолиф мебошад, ки бо назардошти хусусиятҳои объективии худ эътирофи ҷазодории ҷиноятиро талаб мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, ки аксарияти муҳаққиқон норасоӣ дар ҳуқуқ ва норасоӣ дар қонунро ҳамчун категорияҳои мустақил ҷудо менамоянд. Дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин масъала дақиқсозии он чизеро талаб мекунад, ки зери худи мафҳуми «ҳуқуқи ҷиноятӣ» чӣ фаҳмида мешавад. Ин ҷанба то ҳол мавзуи баҳси илмӣ боқӣ мемонад, ки зарурати таҳлили кӯтоҳи таносуби ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ, инчунин баррасии сарчашмаҳои қонуни ҷиноятиро ба миён меорад. Чунин гузоштани масъала бевосита ба масоили таносуби норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва норасоиҳо дар қонуни ҷиноятӣ, шабоҳатҳо ва фарқиятҳои онҳо, аз ҷумла нисбат ба Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алоқаманд мебошад.

Бебаҳс аст, ки қонун танҳо як ҷузъи низоми ҳуқуқӣ буда, яке аз шаклҳои зоҳиршавии ҳуқуқ ба шумор меравад. Д. А. Керимов менависад: «…муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ мавҷуданд, ки новобаста аз он ки дар санадҳои қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд ё не дорои табиати ҳуқуқӣ мебошанд»[307].

Бояд ба назар гирифт, ки сухан дар бораи соҳаи махсуси ҳуқуқ – ҳуқуқи ҷиноятӣ меравад, ки аз лиҳози низом, вазифаҳо ва принсипҳо ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ низоми махсусан таҳия ва аз ҷониби давлат тасдиқшудаи меъёрҳо мебошад, ки бо дастгоҳи пуриқтидори маҷбуркунӣ ҳифз мегардад ва принсипи nullum crimen sine lege-ро муқаррар менамояд. Аз ин рӯ, баррасии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ берун аз доираи мақсад, вазифаҳо ва принсипҳои қонунан мустаҳкамгардида ғайриимкон аст.

Мо мавқеи М. А. Кауфманро ҷонибдорӣ мекунем, ки тибқи он ҳуқуқи ҷиноятӣ, мисли ҳар соҳаи дигари ҳуқуқ, дорои хосияти ченаки умумирасмии баробарии озодӣ ва адолат мебошад, аммо ин хосият танҳо дар ҳамон ҳадде амалӣ мегардад, ки он дар қонун мустаҳкам гардидааст.

Хулосаи мо бо мисоли равшан тасдиқ меёбад: ҷазои таъиншударо ноодилона эътироф намудан бидуни такя ба принсипи дар м. 4 КҶ ҶТ мустаҳкамгардида ғайриимкон аст. Воқеан, чӣ гуна метавон адолатнокӣ ё ноадолатнокии ҷазоро арзёбӣ намуд, агар мутаносибии чораи ҷазо ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор, ҳолатҳои содиршавии

[307] Керимов Д.А. Законодательная техника. Научно-методическое и учебное пособие. М., 2000. С. 5.

он ва шахсияти ҷиноятқор ба назар гирифта нашавад? Бо ин тарз, қонуни ҷиноятӣ он ченакҳои заруриро муайян менамояд, ки имкон медиҳанд татбиқи принсипи баробарии расмии ҳуқуқ дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври объективӣ арзёбӣ карда шавад.

Бешак, дар фазои муосири ҳуқуқӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ наметавонанд ҳамчун категорияҳои мутобиқ баррасӣ шаванд, ки ин ҳолат аллакай дар марҳилаи ибтидоӣ мавҷудияти як навъ зиддиятро ошкор месозад.

Тибқи м. 1 КҶ ҶТ, "қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд". Чунон ки А. В. Наумов бо асоснокӣ қайд мекунад, агар танҳо ба ҳарфи ин меъёр такя карда шавад, эътирофи дигар сарчашмаҳои қонуни ҷиноятӣ ғайриимкон мегардад, зеро ин ҳолат ба сохтори расман муқарраршудаи қонунгузорӣ мухолиф буда, принсипи ҳамоҳангии низомиро вайрон мекунад[308] [309].

Ҳамзамон, Кодекси ҷиноятӣ бар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Қонуни асосии давлат такя мекунад. Тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

«Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Ҳамин тариқ, қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар асоси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки инчунин бо такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул меёбад. Бо душворӣ метавон бо он мавқеъ розӣ шуд, ки тибқи он Конститутсия ва меъёрҳои байналмилалӣ танҳо ба таври ғайримустақим қисми қонуни ҷиноятӣ маҳсуб мешаванд, яъне танҳо дар он ҳадде, ки онҳо дар кодекс инъикос ёфтаанд, масалан, дар шакли принсипи инсондӯстӣ ё баробарии шаҳрвандон дар назди қонун.

Дар айни замон, сухан дар бораи татбиқи мустақими конвенсияҳои байналмилалӣ, масалан ҳангоми баровардани ҳукмҳои айбдоркунанда, намеравад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки на ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ барои амалӣ гардиданашон дар доираи низоми миллии қонунгузории ҷиноятӣ ҳатман ворид шудан ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамоянд. Мо пешниҳод менамоем, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии конвенсионӣ ба ду гурӯҳ тасниф карда шаванд: гурӯҳи якум: меъёрҳое, ки аломатҳои муайянкунандаи ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорҳоро дар бар мегиранд ва бояд ба таври ғайримустақим тавассути меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

[308] Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. Общая часть. Т. 1. – М., 2004. – С. 57.
[309] Трунцевский А.В. Нормы международного права как источник российского уголовного права. – Рязань, 1997.

Тоҷикистон амалӣ гарданд; гурӯҳи дуюм: меъёрҳое, ки қобилияти татбиқи мустақил доранд.

Меъёрҳои шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба тасвиб расонидааст, бояд ҳамчун сарчашмаи қонуни ҷиноятӣ баррасӣ карда шаванд. Ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври устувор ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ворид шудааст: судҳо дар ҳолати мухолифат бо қонунгузории миллӣ ба муқаррароти шартномаҳои тасвибшуда такя намуда, онҳоро татбиқ мекунанд. А.А. Малюшин бо асоснокӣ таъкид менамояд: «Судя маҷбур аст принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин қоидаҳои шартномаҳои байналмилалиро танҳо ба он далел интихоб ва татбиқ намояд, ки онҳо дорои мақоми конститутсионии қисми таркибии низоми ҳуқуқии Федератсияи Россия мебошанд»[310].

Дар фаҳмиши мо, қонуни ҷиноятӣ маҷмуи меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ–ҷиноятиро ифода менамояд, дар ҳоле, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ дар аксари нуқтаҳои назари илмӣ ба маънои васеътар тафсир шуда, на танҳо меъёрҳои дар қонун мустаҳкамгардида, балки инчунин принсипҳо, сарчашмаҳо ва асосҳои умумии танзими ҳуқуқиро фаро мегирад.

Ҷудо намудани мазмуни мустақили норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва норасоиҳо дар қонуни ҷиноятӣ асосан хусусияти назариявӣ-тавсифӣ дошта, мавҷудияти алоҳидаи мутлақи ҳуқуқро нисбат ба қонун таъкид намекунад. Чунонки М.А. Кауфман ба таври асоснокӣ қайд мекунад: «Мавқеъ, ки тибқи он ҳуқуқ новобаста аз қонун вуҷуд дорад, худи масоили норасоиҳо дар ҳуқуқро аз байн мебарад, зеро дар чунин ҳол ҳамеша метавон муқаррароти дахлдорро дар ҳуқуқи табиӣ пайдо намуда, ба ҳолати мушаххас татбиқ кард»[311].

Агар соҳаҳои дигари ҳуқуқи миллиро баррасӣ намоем, мебинем, ки онҳо дорои усулҳои гуногуни пур кардани норасоиҳо мебошанд, аз ҷумла қиёси ҳуқуқ ё қиёси қонун, ки дар амалия низ фаъолона истифода мешаванд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, имкониятҳои чунин чандирӣ бо сабаби сохтори сахти муқаррароти меъёрӣ маҳдуд мебошанд. Мо бар он ақидаем, ки хусусияти хосси ҳуқуқи ҷиноятӣ: хусусияти императивӣ доштани он ва манъи татбиқи қиёс чунин аст, ки дар амалия танҳо метавон дар бораи норасоиҳо дар қонун сухан ронд, на дар бораи норасоиҳо дар ҳуқуқ ба маънои умумӣ.

Баррасии норасоиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун падидаи мустақил асосан аҳаммияти назариявӣ-тавсифӣ дорад, зеро ҳар гуна норасоии воқеан мавҷудбуда дар соҳаи ҷиноятӣ ҳамеша маҳз дар сатҳи қонун зоҳир мегардад. Дар ин замина, мавқеи В.Ф. Шепелков ба мо наздик аст, ки бо

---

[310] Малюшин Л Л. Судебное правотворчество в процессе правоприменения // Российский судья, 2007. № 6. – С. 10

[311] Кауфман М.А. Пробелы в уголовном праве: понятия, причины, способы преодоления. – М., 2007. – С. 31-32.

ҳаққоният таъкид мекунад: «бартараф намудани танҳо он норасоиҳо имконпазир аст, ки худи қонун онро ҳамчун норасоӣ муайян менамояд»[312].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ пурра ё қисман мавҷуд набудани муқаррароти меъёриест, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ ва зарурати сохтории он аз меъёрҳои амалкунандаи қонун бармеояд.

Аз нуқтаи назари мо, норасоӣ дар қонун бояд ҳамчун холигии мантиқӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, ки дар он набудани қисми муайяни модда татбиқи ҳуқуқро номумкин ё мушкил мегардонад. Зарурати бартараф намудани чунин холигӣ бо ду меъёри асосӣ муайян карда мешавад:

Якум: аҳаммияти ҳуқуқӣ, яъне зарурати пур кардани номукаммалии мушаххаси ҳуқуқӣ;

Дуюм: пуррагии мантиқӣ, ки аз сохтори дохилии муқаррароти меъёрӣ бармеояд. Ба ибораи дигар, чунин холигӣ бояд дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ буда, бо сохтори мантиқии меъёр асос ёбад.

Аз ин рӯ, мо таъкид медорем, ки норасоӣ ба таври объективӣ танҳо дар ҳамон соҳае вуҷуд дошта метавонад, ки аллакай аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ танзим шудааст ва ошкору бартараф намудани он ба таъмини пуррагӣ ва безиддиятӣ танзими ҳуқуқӣ равона мегардад.

Норасоӣ дар ҳуқуқ ё қонун дар натиҷаи пурра ё қисман ҷой надоштани муқаррароти меъёрӣ, яъне набудани меъёри ҳуқуқӣ ё ҷузъи он ба вуҷуд меояд, ки ин ҳолат ҳангоми ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилоти муайян эҷод мекунад. Дар бораи норасоӣ дар ҳуқуқ ё қонун танҳо дар он сурат сухан гуфтан мумкин аст, ки дар раванди бархӯрди манфиатҳои гуногун зарурати арзёбии вазъияти баҳснок пеш меояд.

Дар айни замон, норасоӣ танҳо дар он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, ки аслан қобили танзими ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ, норасоиҳо дорои меъёрҳои махсуси мавҷудият ва усулҳои хосси бартарафсозӣ буда, бо аломатҳои зерин тавсиф меёбанд:

– танҳо дар доираи соҳаҳое ташаккул меёбанд, ки аллакай бо қонуни ҷиноятӣ танзим шудаанд;

– хусусияти объективӣ доранд ва дар ин маъно пайдоиши онҳо ногузир ва динамикӣ мебошад;

– ё бо номушаххасии (норавшанӣ) модда, ё бо нопуррагии он алоқаманданд.

Бо такя ба ин аломатҳо метавон таърифи муфассали норасоӣ дар қонуни ҷиноятиро пешниҳод намуд. Норасоӣ дар қонуни ҷиноятӣ – ин холигии мантиқӣ-ҳуқуқии муқаррароти ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаи аллакай бо қонуни ҷиноятӣ танзимшуда вуҷуд дошта, ҳам дар натиҷаи иштибоҳҳои қонунгузор ё камбудиҳои техникаи ҳуқуқӣ ва ҳам дар натиҷаи рушди табиии ҷомеа ба вуҷуд меояд. Он бо норавшанӣ ё нопуррагии модда

[312] Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ...докт. юрид наук. – С. 10.

вобаста буда, ба татбиқи самараноки меъёр монеъ мегардад ва аз ҳуқуқтатбиққунанда зарурати фаврии пурра кардани онро талаб мекунад.

Адабиёт:

1. Галкин В.М. Пробелы в уголовном праве и пути их преодоления // Проблемы совершенствования советского законодательства. Труды ВНИИСЗ. – М., 1988. Вып. 41. – С. 135-137.
2. История политических учений. Учебник для вузов/ Под рсд. О.В. Мартышиа. М., 2002. С. 197.
3. Кауфман М.А. Пробелы в уголовном праве: понятия, причины, способы преодоления. – М., 2007. – С. 31-32.
4. Керимов Д.А. Законодательная техника. Научно-методическое и учебное пособие. – М., 2000. – С. 5.
5. Люблинский П.И. Техника, толкование и казуистика уголовного кодекса / Под ред. Томсинова В.А. – М., 2004. – С.58
6. Мадьярова А.В. Разъяснения Верховного Суда Российской Федерации в механизме уголовно -правового регулирования. – СПб.: Юрид.Центр Пресс, 2002. – С.371-373.
7. Малюшин Л.Л. Судебное правотворчество в процессе правоприменения //Российский судья, 2007. № 6. С. 10
8. Наумов А.В. Применение уголовно-правовых норм. Волгоград. 1973. – С. 139.;
9. Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. Общая часть. Т. 1. – М., 2004. – С. 57.
10. Недбайло П.Е. Введение в общую теорию государства и права. Киев, 1971. С. 455.
11. Незнамова З.А. Коллизии в уголовном праве. Екатеринбург, 1994.
12. Пычева О.В. Автореф. дисс. ...канд. юрид. наук. Герменевтика уголовного закона. – М., 2005. – С. 15.
13. Трунцевский А.В. Нормы международного права как источник российского уголовного права. Рязань, 1997.
14. Щепельков В.Ф. Уголовный закон как формально-логическая система. Автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – С. 8.
15. Яцеленко Б.В. Противоречия уголовно-правового регулирования. Автореф. дисс. ...докт. юрид. наук. – М., 1997.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРИИ ЭКОЛОГӢ ҲАНГОМИ ИҶРОИ КОР

Абдуллозода Баҳодур Вали,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ.
Тел.: +992 989094642,
Email: bakhodur.vali@mail.ru

Фишурда: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо тибқи моддаи 220 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Муаллиф объекти ҷиноятро ҳамчун амнияти экологӣ дар маънои маҳдуд ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амалисозии ҳуқуқи ҳар шахс ба муҳити зисти мусоид асоснок менамояд. Дар таҳқиқот мазмуни тарафи объективии ҷиноят, ҳангоми лоиҳакашӣ, ҷойгирсозӣ, сохтмон, ба истифода додан ва истифода, инчунин масъалаҳои баҳсноки вобаста ба доираи ин марҳилаҳо баррасӣ мегарданд.

Ҳамзамон, оқибатҳои ҷиноят, аз ҷумла тағйирёбии назарраси манзари радиоактивӣ, расонидани зарар ба саломатии инсон, талафи саросарии ҳайвонот ва дигар оқибатҳои вазнин таҳлил шуда, масъалаи тафсири мафҳуми «дигар оқибатҳои вазнин» аз нигоҳи техникаи қонунгузорӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф зарурати муайянсозии дақиқи доираи кирдорҳо ва оқибатҳои ҷиноятиро бо мақсади истисно намудани гунаҳгоркунии объективӣ таъкид менамояд.

Калидвожаҳо: амнияти экологӣ, муҳити зисти мусоид, вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист, лоиҳакашӣ, сохтмон, ҷойгирсозӣ, ба истифода додан, истифодаи объект, оқибатҳои вазнин, тағйирёбии манзари радиоактивӣ, зарар ба саломатӣ, талафи саросарии ҳайвонот, робитаи сабабӣ.

УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА НАРУШЕНИЕ ПРАВИЛ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРИ ПРОИЗВОДСТВЕ РАБОТ

Абдуллозода Баходур Вали,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры уголовного права и противодействия коррупции, к.ю.н.
Тел.: +992 989094642.
E-mail: bakhodur.vali@mail.ru

Аннотация: В настоящей статье анализируются теоретические и практические вопросы уголовной ответственности за нарушение правил охраны окружающей среды при производстве работ в соответствии со статьёй 220 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Автор обосновывает объект преступления как экологическую безопасность в узком смысле и как общественные отношения в сфере реализации права каждого на благоприятную окружающую среду. В исследовании раскрывается содержание объективной стороны преступления на стадиях проектирования, размещения, строительства, ввода в эксплуатацию и эксплуатации объектов, а также рассматриваются дискуссионные вопросы, связанные с определением объёма указанных стадий.

Кроме того, анализируются последствия преступления, включая существенное изменение радиационного фона, причинение вреда здоровью человека, массовую гибель животных и иные тяжкие последствия. Даётся оценка толкованию понятия «иные тяжкие последствия» с точки зрения законодательной техники. Автор подчёркивает необходимость точного определения круга преступных деяний и их последствий в целях исключения объективного вменения.

Ключевые слова: экологическая безопасность, благоприятная окружающая среда, нарушение правил охраны окружающей среды, проектирование, строительство, размещение, ввод в эксплуатацию, эксплуатация объекта, тяжкие последствия, изменение радиационного фона, вред здоровью, массовая гибель животных, причинная связь.

CRIMINAL LIABILITY FOR VIOLATION OF ENVIRONMENTAL SAFETY REGULATIONS DURING WORK

Abdullozoda Bakhodur Vali,
Tajik national university, faculty of law, senior lecturer at the department of criminal law and anti-corruption, c.l.s.
Phone: +992 989094642.
E-mail: bakhodur.vali@mail.ru

This article analyzes theoretical and practical issues of criminal liability for violating environmental protection regulations during work under Article 220 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author substantiates the object of the crime as environmental safety in the narrow sense and as social relations in the sphere of realizing everyone's right to a favorable environment. The study reveals the objective aspect of the crime at the stages of design, placement, construction, commissioning, and operation of facilities, and also examines controversial issues related to determining the scope of these stages. Furthermore, the consequences of the crime are analyzed, including significant changes in background radiation, harm to human health, mass deaths of animals, and other serious consequences. The interpretation of the concept of

"other serious consequences" is assessed from a legislative perspective. The author emphasizes the need to precisely define the scope of criminal acts and their consequences in order to exclude objective imputation.

Key words: environmental safety, favorable environment, violation of environmental protection rules, design, construction, placement, commissioning, operation of the facility, serious consequences, change in radiation background, harm to health, mass death of animals, causal relationship

Моддаи 220 КҶ ҶТ вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологиро ҳангоми иҷрои кор ҳамчун ҷиноят эътироф менамояд.

Объекти вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо амнияти экологӣ дар маънои маҳдуд мебошад; ин ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи ҳар як шахс ба муҳити зисти мусоид таҷовуз менамояд.

Дар натиҷаи чунин кирдор метавонад ҳар яке аз се объекти намудӣ зарар бинад: устувории муҳити зист, иқтидори захираҳои табиӣ ва ҳуқуқи кафолатдодашудаи ҳар шахс ба муҳити зисти мусоид. Бо вуҷуди ин, маҳз ба ҳуқуқи мазкур ҳамеша зарар мерасад, бинобар ин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амалисозии ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид объекти намудии ин таркиби ҷиноят ба ҳисоб мераванд[313].

Дар илм андешаҳои дигар низ мавҷуданд. Масалан, Т.И. Ваулина бар он назар аст, ки объекти ин ҷиноят муносибатҳо дар соҳаи танзими фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо бо мақсади ҳифзи объектҳои табиӣ, солимгардонии муҳити зист ва таъмини амнияти радиатсионии аҳолӣ мебошанд[314]. Бо чунин муайянкунӣ розӣ шудан душвор аст, зеро ноаниқӣ дар истифодаи истилоҳот мазмуни андешаро таҳриф мекунад. Аз чунин нуқтаи назар бармеояд, ки гӯё дар натиҷаи ҷиноят на муносибатҳои экологӣ оид ба ҳифзи табиат, балки муносибатҳо вобаста ба танзими фаъолияти инсон зарар мебинанд. Дар асл масъала на дар худи танзими фаъолият, балки дар ҳифзи муҳити зист аз фаъолияти ғайриқонунӣ ё бо вайрон кардани қоидаҳо анҷомёбанда мебошад. Хавфнокии экологии ин ҷиноят ба имконпазирии расонидани зарари идоранашаванда ба муҳити зист алоқаманд аст[315].

Ба андешаи А.Р. Зартдинова, объекти ин ҷиноят дар маънои васеъ муносибатҳои иҷтимоию экологӣ мебошанд, ки тавассути иҷрои талаботи экологӣ муқаррар шудаанд, ва дар маънои маҳдуд – қоидаҳои мушаххаси ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо[316]. Аммо қоидаҳои ҳифзи муҳити зист на объект, балки предмети ҷинояти мавриди таҳлил мебошанд. Ба худи қоидаҳои дар қонунгузории экологӣ мустаҳкамшуда аз он ки онҳо

---

[313] Лопашенко Н.А. Экологические преступления: уголовно-правовой анализ Монография. М,2017. – С. 180.

[314] Уголовное право: учебник. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. 4-е изд., изм. и доп. М.: Норма, 2008. – С. 656.

[315] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди III / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – С. 13.

[316] Зартдинова А.Р. Уголовная ответственность за нарушение правил охраны окружающей среды при производстве работ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург,2010. – С. 9.

иҷро намешаванд, зарар намерасад, зеро қоидаҳо танҳо талаботи меъёрии рафтори муайян мебошанд. Зарар дар натиҷаи иҷро накардани талаботи экологие, ки дар ин қоидаҳо ифода ёфтаанд, ба амнияти экологӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини он мерасад, яъне ба ҳолати ҳифзшаванда будани муҳити табиӣ аз таҳдидҳои гуногун, пеш аз ҳама аз таъсири манфии фаъолияти инсон.

Бинобар ин, ба сифати объекти ҷинояти м.220 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие баромад карда метавонанд, ки ҳифзи муҳими зистро барои ҳаёти муътадили инсон таъмин месозанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз як қатор кирдорҳо дар шакли вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми лоиҳакашӣ, ҷойгирсозӣ, сохтмон, ба истифода додан ё истифодаи иншоотҳои саноатӣ, кишоварзӣ, илмӣ ё дигар объектҳо ва оқибатҳо дар намуди тағйироти муҳими манзари (фони) радиоактивӣ, марги як ё чанд шахсон, бемории оммавии одамон ё саросар мурдани ҳайвонот ё дигар оқибатҳои вазнин иборат мебошад.

Мақсади ҳамин модда аз он иборат аст, ки тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ низоми технологии иҷрои корҳо вобаста ба лоиҳакашӣ, ҷойгиркунӣ, сохтмон, баистифодадиҳӣ, истифодабарии объектҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва дигар объектҳо таъмин карда шавад, зеро ин корҳо метавонанд барои муҳити зист хавфнок бошанд. Хавфнокии экологии чунин корҳо ба имконпазирии расонидани зарари идоранашаванда ба муҳити зист алоқаманд аст. Бояд ҳатман қоидаҳои махсус таҳиягардида ва амалкунанда, ки барои аз байн бурдан ё кам кардани таҳдиди эҳтимолии оқибатҳои манфии экологӣ нигаронида шудааст, риоя карда шавад[317].

Моддаи 220 КҶ ҶТ доираи татбиқи қоидаҳои ҳифзи муҳити зистро мушаххас муайян намуда, ҳамзамон доираи амали таркиби ҷинояти дар он пешбинишударо, ки ба истеҳсоли корҳо вобаста мебошад, равшан месозад. Тибқи диспозитсияи моддаи мазкур, зери мафҳуми «истеҳсоли корҳо» лоиҳакашӣ, ҷойгирсозӣ, сохтмон, ба истифода додан ва истифодаи объектҳои саноатӣ, кишоварзӣ, илмӣ ва дигар объектҳо фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ, лоиҳакашӣ, ҷойгирсозӣ, сохтмон, ба истифода додан ва истифода марҳилаҳои ҳатмӣ ва пайдарпайи раванди истеҳсоли корҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ кайҳо боз нопуррагӣ ва номуназзамии ин номгӯй, инчунин номукаммал будани мутобиқати он ҳам бо қонунгузории ҳифзи муҳити зист ва ҳам бо қонунгузории маъмурӣ таъкид мегардад.

Масалан, Ю.В. Тимошенко ба он ишора менамояд, ки дар қатори кидорҳои зикршуда азнавсозӣ, таъмири асосӣ, консерватсия ва барҳамдиҳии объектҳои саноатӣ, кишоварзӣ, илмӣ ва дигар объектҳо

[317] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди III / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – С. 13.

пешбинӣ нашудаанд[318]. Воқеан, вобаста ба ин масъалаҳо мушкилот ба миён меоянд, аммо ба назари мо, онҳо бештар дар сатҳи баҳси илмӣ зоҳир мегарданд, на дар амалия.

Бо мақсади пешгирии чунин тафсири гуногунмаънои меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон ду роҳро интихоб намуд: ё бо роҳи васеъ намудани номгӯй дар моддаи 220 КҶ, ё баръакс, бо роҳи хориҷ намудани он аз матни модда.

Лоиҳакашӣ – маҷмуи корҳои технологӣ ва созандагӣ оид ба таҳия ва ташкили лоиҳаи корхона, иншоот ё дигар объект мебошад, ки бо асосноккунии ҳатмии техникию иқтисодии риояи талаботи экологӣ амалӣ мегардад. Ин асосноккунӣ бояд ба сатҳи муосири рушди илму техника ҷавобгӯ бошад. Лоиҳа дар асоси қарори махсуси шахси ваколатдор таҳия гардида, боиси ба миён омадани оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад.

Дар лоиҳа ҳатман бояд ҳаҷми партовҳои зараровар, ки дар натиҷаи раванди технологӣ ба вуҷуд меоянд, ҳисоб карда шавад. Ин нишондиҳандаҳо набояд аз меъёри ниҳоии иҷозатшудаи сарборӣ ба муҳити зист зиёд бошанд. Ҳамзамон, лоиҳа бояд усулҳои тоза кардан, безарар гардонидан ва нобудсозии партовҳо, инчунин чорабиниҳои солимгардонии муҳити зистро дар бар гирад.

Лоиҳаҳои таҳияшуда ҳатман бояд аз экспертизаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд[319]. Дар ҳолатҳои муайян, ба шарте ки маълумот дар бораи объект сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри қонунан ҳифзшавандаро дар бар нагирад, инчунин метавон экспертизаи ҷамъиятии экологиро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» гузаронид.

Тартиб ва талаботи таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабари соли 2012 №933 муқаррар гардидаанд[320]

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ - ҳуҷҷатҳое, ки маводро дар шакли матнӣ ва дар намуди харита (нақша) дар бар гирифта, хулосаҳои меъморӣ, функсионалию технологӣ, созандагӣ ва муҳандисии техникиро барои таъмини сохтмони асосӣ, таҷдиди объектҳои сохтмонӣ, қисмҳои онҳо, таъмири асосӣ, агар ҳангоми гузаронидани он ба хусусиятҳои созандагӣ, дигар хусусиятҳои боэътимодӣ ва амниятии объекти сохтмони асосӣ таъсир расонида шавад, муайян менамоянд (м.2 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[321].

---

[318] Тимошенко Ю.А. Уголовная ответственность за нарушение правил охраны окружающей среды при производстве работ (ст. 246 УК РФ): учеб. пособие. – СПб., 2010. – С.18.

[319] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи экспертизаи экологӣ» [Захираи электронӣ].– Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/ content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-экспертизаи-экологӣ (санаи мурочиат: 20.02.2026)

[320] Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2012 №933 [Захираи электронӣ].– Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-шаҳрсозии-ҷумҳурии-тоҷикистон(санаи мурочиат: 20.02.2026).

[321] Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2012 №933 [Захираи электронӣ].– Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-шаҳрсозии-ҷумҳурии-тоҷикистон(санаи мурочиат: 20.02.2026).

Ҷойгиркунии объект – фаъолият оид ба муайян намудани ҳудуди ҷойгиркунӣ ва ташкили иншоот, инфрасохтори нақлиёт, нуқтаҳои аҳолинишин, маҷмааҳои истеҳсолӣ ва ғайра.

Зери мафҳуми сохтмон фаъолияти вобаста азнавсозӣ, азнавтаҷҳизонӣ ё таъсиси объектҳои нав ё дигаргунсозии объектҳои мавҷуда (аз ҷумла функсионалӣ) фаҳмида мешавад. Он тибқи лоиҳаи тасдиқшудае, ки хулосаи мусбии экспертизаи экологии давлатиро гирифтааст ва ба риояи меъёр ва қоидаҳои амалкунандаи сохтмон, санитарӣ, экологӣ ва ғайра анҷом дода мешавад.

О.Л. Дубовик ба мафҳуми сохтмон, инчунин азнавтаҷҳизонӣ ё таъсиси объектҳои нав ё дигаргунсозии объектҳои мавҷуда (аз ҷумла функсионалӣ)-ро дохил менамояд[322]. Бо ин мавқеъ метавон, бо баъзе ишораҳо, розӣ шуд. Зеро “дигар шакли бунёди объектҳои нав” дар асл худи сохтмонро ифода менамояд.

Аммо мафҳуми азнавтаҷҳизонӣ метавонад гуногунмаъно бошад. Агар азнавтаҷҳизонӣ ба маънои азнавсозӣ ё таъмири конструксияҳои борбардор ё дигар унсурҳое бошад, ки устуворӣ ва (ё) амнияти меъмории иншоотро таъмин менамоянд, чунин фаъолиятро метавон ба сохтмон мансуб донист. Вале агар сухан дар бораи пур намудани объект бо мазмуни нав равад, ки ба таври маҷозӣ (ва ҳатто ғайримаҷозӣ) ба “деворҳо” таъсир намерасонад, балки танҳо “дохили” бино, таҷҳизот ё дастгоҳҳои насбшударо тағйир медиҳад, чунин фаъолиятро ба сохтмон нисбат додан душвор аст.

Ба истифода додани объект расмиёти махсуси бо санадҳои меъёрӣ танзимшаванда мебошад, ки ба қабул ва супоридани объекти омода (сохташуда, азнавсозишуда ё таъмири асосӣ гузаронидашуда) марбут аст.

Ба истифода додан пас аз шиносоии муфассали комиссияи қабул бо ҳолати объекти супоридашаванда, аз ҷумла баррасии масъалаи мутобиқати он ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор, ба таври ҳуқуқӣ расмӣ гардонида мешавад. Одатан, чунин расмигардонӣ дар шакли санад (акт) анҷом дода мешавад.

Истифодаи объект дар амалӣ гардонидани он тибқи таъиноти мустақими он ифода меёбад. Таъиноти мазкур аз хусусият ва мансубияти объект бармеояд, яъне вобаста ба он ки объект саноатӣ, кишоварзӣ, илмӣ ё дигар навъ мебошад.

Ба ақидаи О.Л. Дубовик, таъмири асосӣ дар баробари таъмири ҷорӣ низ ба мафҳуми истифодаи объект дохил мешавад[323]. Аммо нисбат ба таъмири асосӣ бо чунин мавқеъ розӣ шудан душвор аст. Зеро таъмири асосӣ, одатан, истифодаи объектро тибқи таъиноти мақсаднок муваққатан бозмедорад, чунки дар ҷараёни он тағйироти куллӣ ба амал меоянд, ки

---

322 Дубовик О.Л. Юридическая ответственность за нарушение законодательства об использовании атомной энергии, радиационной безопасности и радиоактивных отходах. М.: ООО «НБ-Медиа», 2013. – С. 100.

323 Дубовик О.Л. Юридическая ответственность за нарушение законодательства об использовании атомной энергии, радиационной безопасности и радиоактивных отходах. М.: ООО «НБ-Медиа», 2013. – С. 101.

идомаи фаъолияти муқаррариро ғайриимкон месозанд. Аз ин рӯ, мантиқтар аст, ки таъмири асосӣ ба фаъолияти сохтмон мансуб дониста шавад, ҳарчанд ин мавқеъ низ дорои баъзе тахфифҳо мебошад.

Зери мафҳуми вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо иҷро накардани талаботи меъёрӣ, иҷрои нопурра ё нодурусти онҳо (масалан, сарфи назар кардани як қатор талабот ё муқаррар намудани тартиби содаи иҷрои қоидаҳо), инчунин анҷом додани амалҳое, ки дар ҳар марҳилаи истеҳсоли корҳо мустақиман бо қоидаҳои ҳифзи муҳити зист манъ шудаанд, фаҳмида мешавад.

В.Д. Курченко бар он назар аст, ки вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист дар марҳилаи лоиҳакашӣ имконнопазир мебошад, зеро лоиҳакашӣ зинаи ибтидоии занҷираи технологии иҷрои корҳо буда, хусусияти эҷодӣ дорад ва мустақиман бо раванди иҷро алоқаманд аст. Ба андешаи ӯ, чунин фаъолият бо хусусиятҳои худ наметавонад объективона ба оқибатҳои дар м.246 КҶ ФР (м.220 КҶ ҶТ) пешбинишуда сабаб гардад. Аз ин рӯ, вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми лоиҳакашӣ бояд ҳамчун суйиқасд тибқи қ. 3 м. 30 ва м. 220 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад[324].

Мавқеи наздик ба инро Э.Н. Жевлаков низ иброз менамояд. Ба гуфтаи ӯ, вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист дар марҳилаи лоиҳакашӣ, бе анҷом додани амалҳои минбаъда оид ба татбиқи лоиҳа (ҷойгирсозӣ, сохтмон ва ғайра), наметавонад худ аз худ ба муҳити зист ё саломатии инсон зарар расонад. Аз ин рӯ, чунин кирдор танҳо дар сурати анҷом додани марҳилаҳои баъдӣ (ҷойгирсозии объект, сохтмон, ба истифода додан ва амсоли ин) ва ба вуқӯъ пайвастани оқибатҳои дар қонун пешбинишуда метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки чунин кирдор бояд бо тартиби ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазо дода шуда он аз қонуни ҷиноятӣ декриминализатсия карда шавад[325].

Чунин мавқеъро дуруст эътироф намудан душвор аст. Мутаассифона, маҳз хатогиҳо дар марҳилаи лоиҳакашӣ, ҳатто дар сурати риояи пурраи қоидаҳои ҳифзи муҳити зист дар ҳамаи марҳилаҳои минбаъдаи иҷрои корҳо, метавонанд ва воқеан ҳам боиси оқибатҳои ниҳоят вазнин гарданд.

Пешниҳоди аз доираи ҷиноят хориҷ намудани чунин кирдорҳо (декриминализатсия) метавонад дар як қатор ҳолатҳо ба он оварда расонад, ки ҳатто дар сурати ба миён омадани оқибатҳои бисёр вазнин, ҷалби шахсони гунаҳгор барои вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист дар марҳилаи лоиҳакашии объектҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ниҳоят мушкил гардад.

Вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми ҷойгирсозии объектҳо тибқи м.38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи

---

[324] Курченко В.Д. Проблемы применения норм о преступлениях против экологической безопасности населения: дис. ... канд. юрид. наук. Волгоград, 2000. – С. 114.

[325] Уголовный закон в практике районного суда: науч.-практ. пособие. М.: Норма, 2007. – С. 675.

муҳити зист”[326] дар иҷро накардани талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, амнияти экологӣ, ба назар нагирифтани оқибатҳои наздиктарин ва дури экологӣ, генетикӣ, иқтисодӣ, демографӣ, маънавӣ ва дигари фаъолияти объектҳои мазкур ифода меёбад.

Вайрон намудани қоидаҳо дар ин марҳила метавонад, инчунин дар риоя накардани талаботи қонун вобаста ба ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, иншоот, роҳҳои асосии нақлиётӣ ва дигар объектҳои хоҷагидорӣ зоҳир гардад, то ки таъсири номатлуби омилҳои зараровар ба саломатӣ ва шароити санитариву маишии зиндагии аҳолӣ пешгирӣ карда шавад.

Намунаи вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми сохтмони объектҳо метавонанд ҳолатҳое бошанд, ки сохтмон ё азнавсозии корхонаҳо, иншоот ва дигар объектҳо бидуни лоиҳаҳои тасдиқшуда анҷом дода шавад ё, сарфи назар аз мавҷуд будани лоиҳаҳои тасдиқшуда, талаботи регламентҳои техникӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист риоя нагарданд. Ҳамчунин сохтмон ва азнавсозии биноҳо, иншоот ва дигар объектҳо то тасдиқи лоиҳа ва муайян намудани ҳудуди қитъаҳои замин дар маҳал, ё бо лоиҳаҳои тағйирёфтае, ки ба зарари талаботи ҳифзи муҳити зист мебошанд, инчунин бе андешидани чораҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, барқарорсозии муҳити табиӣ, барқарорсозии замин ва ободонии ҳудуд мутобиқи қонунгузорӣ, ба чунин вайронкуниҳо дохил мешаванд.

Ба истифода додани объект бо вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки чорабиниҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оид ба ҳифзи муҳити зист пурра иҷро нашудаанд, ё биноҳо ва иншоот бе воситаҳои техникӣ ва технологияҳои безараргардонии партовҳо ва ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба истифода дода мешаванд, ё объектҳо бидуни воситаҳои назорати ифлосшавии муҳити зист ва бе анҷоми пурраи корҳои пешбинишуда оид ба ҳифзи муҳити зист, барқарорсозии муҳити табиӣ, барқарорсозии замин ва ободонии ҳудуд ба истифода супурда мешаванд. Ҳангоми истифодаи корхонаҳо, иншоот ва дигар объектҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки онҳоро истифода мебаранд, уҳдадоранд технологияҳои тасдиқшуда ва талаботи соҳаи ҳифзи муҳити зист, барқарорсозии муҳити табиӣ, истифодаи оқилона ва такрористеҳсоли захираҳои табииро риоя намоянд, меъёрҳои сифати муҳити зистро тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои безараргардонӣ ва ҷойгиркунии бехатари партовҳо, инчунин технологияҳои беҳтарини дастрас таъмин намоянд, чорабиниҳои барқарорсозии муҳити табиӣ, барқарорсозии замин ва ободонии ҳудудро мутобиқи қонунгузорӣ амалӣ созанд. Қатъ намудани истифодаи биноҳо ва иншоот мутобиқи қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист ва дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда анҷом дода мешавад ва ҳангоми он бояд

[326] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” аз 2 августи 2011 №760 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист(санаи мурочиат: 20.02.2026).

чорабиниҳо оид ба барқарорсозии муҳити табиӣ, аз ҷумла такрористеҳсоли унсурҳои табиӣ, бо мақсади таъмин намудани муҳити зисти мусоид таҳия ва татбиқ карда шаванд. Тағйир додани таъиноти функсионалии биноҳо ва иншоот низ мутобиқи қонунгузории шаҳрсозӣ ва манзил амалӣ мегардад.

Шарти ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи м. 220 КҶ ҶТ аз фарорасии чунин оқибатҳо иборат аст. Баъзеи онҳо дар ҳамин модда оварда шудаанд, аз ҷумла моҳиятан тағйирёбии манзари радиоактивӣ, расонидани зарар ба саломатии инсон, маҳви саросарии ҳайвонот.

Таҳти мафҳуми моҳиятан тағйирёбии манзари радиоактивӣ, манзари табиии радиоактивӣ он фаҳмида мешавад, ки миқдори (вояи) афканишот, ки аз афканишоти кайҳонӣ ё афканишоти радионуклитҳои табиӣ ба миён меоянд (сензий, стронтсий, криптон ва ғайра) аз меъёри муқарраргардида зиёдтар аст. Тағйирёбии манзари радиоактивӣ ҳангоме назаррас ба ҳисоб меравад, ки агар ин боиси ниҳоят зиёд шуогирии одамон ё боиси олудашавии радиоактивии муҳити зист гардад. Чунин тағйирёбии манзари радиоактивӣ дар минтақаҳое, ки дар онҳо қаблан озмоишҳои силоҳи ядроӣ гузаронида шудаанд, дар нерӯгоҳҳои атомӣ ҳангоми садама, дар маҳалҳои истифодаи корхонаҳои сикли сӯзишвории ядроӣ, дастгоҳҳои ядроию барқии киштиҳо, анборҳои минтақавии партовҳои радиоактивӣ ба мушоҳида мерасанд.

Таҳти мафҳуми расонидани зарар ба саломатии одамон расонидани зарари вазнин, миёна ё сабук ба саломатии инсон фаҳмида мешавад (ниг. моддаҳои 110, 111, 112 КҶ ҶТ). Зарар ба саломатӣ ҳамчун оқибати ҷинояти баррасишаванда аз расонидани зарар ба саломатии ҳатто як инсон низ иборат шуда метавонад. Амалан ин бояд аз ҷониби муассисаи дахлдори тиббӣ ҳангоми расонидани зарари вазнин (моддаи 110 КҶ) ё миёна (моддаи 111 КҶ) ба саломатӣ дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо муайян гардад.

Расонидани чунин зарар дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ё дигар қоидаҳои муҳофизати меҳнат ё қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми иҷрои як қатор корҳои махсус бояд мутобиқи дигар моддаҳои КҶ, вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси парванда (моддаҳои 154, 190, 191, 192 КҶ ҶТ) муайян (бандубаст) карда шавад. Расонидани зарари сабук ба саломатӣ мувофиқ ба категорияҳо ҷудо кардани ҷиноят (моддаи 18 КҶ) ба ҷинояти начандон вазнин марбут мебошад.

Талафи (маҳви) саросарии ҳайвонот – аз талафи ҳамзамони шумораи зиёди як навъ ё чандин навъи ҳайвонот дар масоҳати муайян, дар як ё якчанд объектҳои обӣ иборат мебошад. Талафи саросарии моҳӣ – ин нобуд кардани моҳӣ дар масоҳати назаррас ё ба миқдори зиёд ба ҳисоб меравад. Барои назаррас эътироф намудани миқдор ё масоҳати нобудшавии моҳӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас андозаи нобудшавии популятсия (навъ), арзиши моҳӣ, аҳаммияти хоҷагии он, зиёни моддӣ ва ғайра таъсир мерасонад.

Таҳти мафҳуми оқибатҳои дигари вазнин бад шудани сифати муҳити зист ё ҳолати объектҳои муҳити атроф, зиёни калони моддӣ, нобуд шудани объектҳои алоҳидаи табиӣ (нобудшавии ҷангал ва дигар наботот дар

масоҳати калон) деградатсияи замин ва дигар тағйирёбии манфии муҳити зист ва ғайра фаҳмида мешавад.

Пешниҳоди номгӯйи ниҳоии дигар оқибатҳои вазнин аз сабаби гуногунии онҳо имконнопазир мебошад, вале ба хулоса омадан мумкин аст, ки оқибатҳои вазнин метавонад ҳама гуна вайрон кардани таносуби экологӣ бошад, ки ба муҳити атроф, аз ҷумла организмҳои зинда, ҳамчунин ба инсон зарари назаррас ё барқарорнашаванда мерасонад.

Ҳамзамон, чунин ифодаи оқибатҳо («дигар оқибатҳои вазнин») асос медиҳад, ки гуфта шавад қонунгузор на танҳо номгӯйи кушодаи корҳоро, ки ҳангоми онҳо қоидаҳои ҳифзи муҳити зист вайрон шуда метавонанд, балки ҳамчунин номгӯйи кушодаи оқибатҳоро низ пешбинӣ намудааст[327]. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари қонунэҷодкунӣ ва техникаи қонунгузорӣ чунин мавқеъ чандон асоснок ба назар намерасад, зеро доираи кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳамчунин доираи оқибатҳое, ки аз онҳо бармеоянд, бояд дақиқ муайян карда шаванд, то имконияти татбиқи гунаҳгоркунии объективӣ истисно гардад.

Қонунгузор дар м. 220 КҶ ба сифати оқибат аз беэҳтиётӣ ба марг расониданро пешбинӣ накардааст, ҳарчанд бо дарназардошти мазмуни таркиби ҷиноят, чунин оқибат дар як қатор ҳолатҳо комилан ҷой дошта метавонад. Э.Н. Жевлаков бар ин назар аст, ки чунин оқибат бо мафҳуми «дигар оқибатҳои вазнин» фаро гирифта мешавад[328]. Аммо, ба андешаи мо, тафсири низоми қонуни ҷиноятӣ барои чунин хулоса асос намедиҳад.

Масалан, дар таркиби вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (м. 224 КҶ), қонунгузор дар қисми якум «дигар оқибатҳои вазнин»-ро ҳамчун аломати асосии ҷиноят пешбинӣ намудааст, дар ҳоле, ки дар қисми дуюм аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардиданро ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиб ҷудо кардааст. Аз ин бармеояд, ки аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ҳангоми иҷрои корҳо бояд бо м. 108 КҶ иловатан бандубаст карда шавад.

Бинобар ин, м. 220 КҶ танҳо дар сурати мавҷуд будани дигар оқибатҳо метавонад татбиқ гардад.

Барои таркиби ин ҷиноят робитаи сабабӣ ҳатмӣ буда, гувоҳӣ медиҳад, ки оқибатҳои зараровар дар натиҷаи вайронкунии қоидаҳои муқарраргардидаи ҳифзи муҳити зист фаро расидаанд ва ба сабабҳои омилҳои дигар ё иловагӣ алоқаманд нестанд. Агар риоя намудани қоидаҳо наметавонистанд ба фарорасии оқибатҳои зараровар монеъ шаванд, робитаи сабабии байни вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ва оқибатҳои он вуҷуд надоранд.

---

[327] Дубовик О.Л. Юридическая ответственность за нарушение законодательства об использовании атомной энергии, радиационной безопасности и радиоактивных отходах. – М.: ООО «НБ-Медиа», 2013. – С.92.

[328] Уголовный закон в практике районного суда: науч.-практ. пособие. – М.: Норма, 2007. – С.672

Адабиёт:

1. Дубовик О.Л. Юридическая ответственность за нарушение законодательства об использовании атомной энергии, радиационной безопасности и радиоактивных отходах. – М.: ООО «НБ-Медиа», 2013. – 229 с.

2. Зартдинова А.Р. Уголовная ответственность за нарушение правил охраны окружающей среды при производстве работ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург,2010. – 27 с.

3. Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2012 №933 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-шаҳрсозии-ҷумҳурии-тоҷикистон(санаи мурочиат: 20.02.2026).

4. Курченко В.Д. Проблемы применения норм о преступлениях против экологической безопасности населения: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – 227 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” аз 2 августи 2011 №760 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист(санаи мурочиат: 20.02.2026).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи экспертизаи экологӣ» [Захираи электронӣ].– Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/ content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-экспертизаи-экологӣ (санаи мурочиат: 20.02.2026).

7. Лопашенко Н.А. Экологические преступления: уголовно-правовой анализ Монография. – М,2017. – 526 с.

8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди III / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 688 с.

9. Тимошенко Ю.А. Уголовная ответственность за нарушение правил охраны окружающей среды при производстве работ (ст. 246 УК РФ): учеб. пособие. СПб., 2010. – 84 с.

10. Уголовное право: учебник. Особенная часть / отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. 4-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2008. – 911 с.

11. Уголовный закон в практике районного суда: науч.-практ. пособие. – М.: Норма, 2007. –1023 с.

12. Чугаев А.П. Экологические преступления, связанные с причинением смерти или вреда здоровью человека: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2003. – 26 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ОИД БА ҶИНОЯТКОРӢ ДАР МИЁНИ ЗАНОН

Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид,
Донишгоҳи давлатии Данғара, факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқ, н.и.п., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел: (+992) 888846363.

Ихтисоси илмӣ: 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва крминалогия; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
Мушовири илмӣ: Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Фишурда: Муаллиф дар мақола масъалаи такмили қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ дар самти ҷинояткорӣ миёни занонро мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳад. Омилҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва иқтисодии афзоиши ҷинояткорӣ миёни занон баррасӣ шуда, мушкилоти қонунгузории амалкунанда муайян мегарданд. Бо истинод ба таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ зарурати такмили меъёрҳои мурофияи ҷиноятӣ, таҳкими механизмҳои пешгирӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон исбот карда мешавад. Хулосаи мақола бар он аст, ки такмили қонунгузорӣ ва ташаккули сиёсати иҷтимоӣ метавонад ба коҳиши ҷинояткорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи занон мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ; занон; ҷинояткорӣ; пешгирӣ; такмили қонун; маърифати ҳуқуқӣ; ҳимояи ҳуқуқӣ.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЖЕНСКОЙ ПРЕСТУПНОСТИ

Гулзода Наджиба Абдулмаджид,
Дангаринский государственный университет, к.п.н., доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
Тел.: (+992) 888846363

Научная специальность: 5.5.8. Уголовное право и криминология; право исполнения уголовных наказаний
Научный консультант: Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

В статье автор рассматривает проблему совершенствования уголовно-процессуального законодательства в сфере преступности среди

женщин. Анализируются социальные, психологические и экономические факторы женской преступности, а также выявляются недостатки действующего законодательства. На основе национального и международного опыта обосновывается необходимость совершенствования уголовно-процессуальных норм, усиления профилактических механизмов и повышения правовой грамотности женщин. В заключение подчёркивается, что совершенствование законодательства и развитие социальной политики способствует снижению уровня преступности и укреплению правовой защиты женщин.

Ключевые слова: уголовно-процессуальное законодательство; женщины; преступность; профилактика; совершенствование законодательства; правовая грамотность; правовая защита.

ENHANCING CRIMINAL PROCEDURE LEGISLATION IN THE CONTEXT OF FEMALE CRIMINALITY

Gulzoda Najiba Abdulmajid,
Dangara State University, associate professor of the Department of criminal law and anti-corruption.
Phone: (+992) 888846363

Academic specialty: 5.5.8. Criminal law and criminology; law on the execution of criminal penalties
Academic consultant: Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

The article examines the improvement of criminal procedure legislation in relation to female crime. The author analyzes the social, psychological and economic factors that influence female criminality and identifies shortcomings in the current legal framework. Drawing on national and international legal practice, the article highlights the need to enhance procedural norms, strengthen preventive mechanisms, and improve women's legal awareness. It concludes that developing legal reforms and social policy measures can contribute to reducing crime rates and strengthening the legal protection of women.

Keywords: criminal procedure legislation; women; crime; prevention; legal reform; legal awareness; legal protection.

Ҷиноятқорӣ дар миёни занон як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки бо омилҳои иҷтимоӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқаманд аст. Дар солҳои охир дар Тоҷикистон ва бисёре аз кишварҳои ҷаҳон сатҳи ҷиноятқорӣ миёни занон назар ба гузашта тағйир ёфта, шаклҳои нави ҷиноятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дарбар мегирад. Ҳолатҳои ҷиноятқорӣ, ки бо занон алоқаманданд, на танҳо ба амният ва тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мерасонанд, балки ба ташаккули оила, ба фаъолияти иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд.

Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи асосии танзимкунандаи раванди ҷиноятӣ ва таъмини адолат нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил нишон медиҳад, ки дар самти пешгирӣ, муайян ва таҳти назар гирифтани ҷиноятқорӣ дар миёни занон нуқсонҳо ва камбудиҳо мавҷуданд. Ин масъала на танҳо ба такмили механизмҳои ҳуқуқӣ, балки ба таҳкими маърифати ҳуқуқии занон ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ низ алоқаманд аст[329].

Мақсади мақола таҳлили вазъияти ҷиноятқорӣ дар миёни занон ва омӯзиши имкониятҳои такмили қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ барои пешгирӣ ва кам кардани он мебошад. Вазифаҳои мақола иборатанд аз:

Омӯзиши сабабҳо ва омилҳои иҷтимоӣ ва равонии ҷиноятқорӣ миёни занон;

Таҳлили қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ ва муайян кардани нуқсонҳои он;

Пешниҳод намудани роҳҳо ва механизмҳои такмил барои самаранокӣ ва адолатнокии мурофиа.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил ва муқоиса бо меъёрҳои байналмилалӣ, мақола кӯшиш мекунад пешниҳодҳои амалӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳвияти самаранокии мубориза бо ҷиноятқорӣ дар миёни занон пешниҳод намояд.

Ҷиноятқорӣ дар миёни занон яке аз масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки на танҳо ба ҳаёти оилаҳо, балки ба устувории ҷомеа ва рушди иқтисодиву иҷтимоии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Омори расмӣ ва таҳлили ҳолатҳои судӣ нишон медиҳанд, ки занон дар содир кардани ҷиноятҳо ҳамеша дар коҳиш ё афзоиши муайян нестанд, балки шаклҳои ҷиноят низ тағйир меёбанд. Масалан, дар солҳои охир ҷиноятҳои иқтисодӣ, муомилоти ғайриқонунӣ бо маблағ ва молу мулк, инчунин ҷиноятҳои алоқаманд ба ҳуқуқи шахс нисбат ба занон бештар мушоҳида мешаванд.

Масъалаи омилҳои ҷиноятқорӣ яке аз масъалаҳои мураккабтарин ва баҳснок дар илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир боқӣ мемонад. Дар давоми солҳои зиёд дар омӯзиши ин мушкилот натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудаанд: омилҳои асосии ҷиноятқорӣ муайян карда шуданд, таснифоти онҳо таҳия карда шуд, моделҳои назариявии сабабҳои рафтори ҷиноятӣ низ ташаккул ёфтаанд[330]. Ошкор намудани омилҳое, ки сабаби ҷиноятқори занон гаштаанд, барои муайян кардани он, ки ин таҷрибаҳо бо ниёзҳои баъд аз адои ҷазо чӣ гуна иртибот доранд, инчунин барои муайян кардани навъҳои тадбирҳо барои ислоҳшавӣ хеле муҳим мебошанд. Масъалаҳои

[329] Азизова, М. Таҳкими маърифати ҳуқуқӣ ва ҷиноятқорӣ дар миёни занон. – Душанбе, 2022.

[330] Кудрявцев В. Н. Причинность в криминологии (о структуре индивидуального преступного поведения). М., 1968. 176 с. Жубрин, Р. В. Детерминанты преступности в Российской Федерации / Р. В. Жубрин, Н. В. Колесникова, Е. П. Горшечникова // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. – 2019. – № 4(72). – С. 22-28. – EDN EDCEZJ. Кудрявцев В. Н. Правовое поведение: норма и пато логия. - М., 1982. 287 с. 3. Кузнецова Н. Ф. Проблемы криминологической де терминации. М., 1984. – 208 с.

муайян кардани сабабҳо ва шароити ҷиноятқорӣ дар маҷмуъ ва сабабҳои ҷиноятҳои алоҳида масъалаҳои муҳим, марказӣ ва методологии илми криминологӣ мебошанд[331].

Ҳамзамон барои муайян кардани сабабҳои ҳар як падида дар криминология якчанд мафҳумҳо истифода мешаванд. Масалан, мафҳуми «омил» дар маъхазҳои илмӣ хеле маъмул буда, шарт, қувваи пешбарандаи ҳар як раванд, ҳодисаро ифода мекунад. Дар криминалистика мафҳумҳои сабаб ва шароит[332], ҳодиса, пайдоиш, заминаҳо ва ғайра низ бештар истифода мешаванд. Ҳамзамон як қатор муаллифон мафҳумҳои «шароит» ва «сабабҳоро» тафовут намуда, далел меоранд, ки содир намудани ҷиноят на танҳо бо сабаби мушаххас, балки дар ҳолати ба вуҷуд омадани шароити муаян низ содир шуда метавонад[333]. Ба андешаи мо, ҷанбаҳои гуногуни робитаи сабабу натиҷаи байни падидаҳо ва равандҳоро истилоҳи «омил» пурра фаро гирифта, дар сарчашмаҳои истинодӣ чун «муқаррар намудани сабаби пайдоиши чизе» маънидод карда мешавад. Аксари криминалистҳо мафҳуми омили ҷиноятро ҳамчун падидаҳои криминогенӣ шарҳ медиҳанд, ки сабаби ҷиноятқорӣ мегарданд, эҳтимолияти рафтори ҷиноятиро зиёд мекунанд ва барои амалӣ намудани ниятҳои ҷиноятӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, аломатҳои хосси «омили» ҷиноятқорӣ инҳоянд:

- онҳо бояд хусусияти криминогенӣ дошта бошанд;

- бояд сабаби ҳам ҷиноятҳои алоҳида ва ҳам ҷиноятқории умумӣ гарданд;

- сабаби рафтори ҷиноятии шахс гардида, хусусияти оммавӣ дошта бошанд;

- барои амалисозии ниятҳои ҷиноятии шахси ҷиноятқор замина фароҳам оварда тавонанд.

Яке аз самтҳои муҳимми омӯзиши криминологӣ ин муайян кардани омилҳои ҷиноятқории занон мебошад зеро:

а) ин имкон медиҳад, ки таъсиррасионии омилҳои инфиродӣ (хусусан, ҷинсии шахс) ба майли рафтори ҷиноятӣ муайян карда шаван;

б) дар тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинии насли оянда маҳз занон нақши пешбаранда мебозанд, аз ин рӯ, ҷиноятқор шудани зан ногузир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таъсир манфӣ мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки омилҳои ҷиноятқорӣ як низоми мураккаби бисёрҷанба буда, ҷузъҳои он омӯзиш ва таҳқиқи комплексиро тақозо мекунанд. Дар аксари асарҳои криминологҳо хеле фаъолона масъалаи омилҳои дар ташаккули низоми муайянкунандаи рафтори ҷиноятии шахс бартарӣ дошта муҳокима мешаванд[334]. Ҳамзамон таснифоти чунин омилҳо

---

[331] Бахриддинов С.Э. Криминология: учебник. Общая часть. – Душанбе, 2013. – 187с.;

[332] Кузнецова Н. Ф. Проблемы криминологической детерминации. – М., 1984. – С. 44-47.

[333] Кудрявцев В. Н. Причинность в криминологии. (О структуре индивидуального преступного поведения). –М. Велби ; Проспект, 2007. – С. 140. Криминология : учебник / под ред. В. Н. Кудрявцева и В. Е. Эминова. [4-е изд., перераб. и доп. – М. : НОРМА, 2010. – С. 61.

[334] Особенности детерминации рецидивной преступности / М. А. Матинян, Т. Д. Аветикова, М. А. Голубов, М. А. Магомедов // International Law Journal. – 2025. – Т. 8, № 1. – С. 36-43., Зорина, Н. С.

аз рӯи меъёрҳои гуногун аз ҷониби муқаққиқон гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, А.В. Швец ҷунин омилҳоро иҷтимоии иқтисодӣ, ахлоқӣ психологиро ва виктимологиро ҷудо менамояд[335]. А.А. Филиппов дар баробари ин, инчунин омилҳои вобаста ба вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ, оилаю рузгор ва хусусиятҳои фаъолияти меҳнатӣ, инчунин тамоюлҳои манфии инкишофи фарҳангии ҷамъиятро қайд менамояд[336]. Дар аксари сарчашмаҳои илмӣ сабабҳои ҷиноятро омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва дигар омилҳои объективии мавҷуда медонанд, ки ҷиноятро ба вуҷуд меоранд[337]. Инчунин муаллифон афзоиши камбизоатӣ, бенавоӣ, таваррум, бекорӣ, бахусус бекории занон ва дигар оқибатҳои манфии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии ислоҳоти бозор, инчунин номутобиқатии иҷтимоӣ-психологӣ ва аномияро ба омилҳои асосии криминогении ҷиноятқории занон марбут медонанд[338].

Таҳлили хусусиятҳои сохторӣ ва ҷанбаҳои инфиродии ҷиноятқории занон ба дарки ҳамаҷонибаи ин падидаи иҷтимоӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки омилҳои асосии рафтори ҷиноятиро муайян кунем. Чунин муносибати тафриқашуда имкон медиҳад, ки байни омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равонӣ ва содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ робитаи сабабу натиҷа муқаррар карда шавад, ки барои таҳияи тадбирҳои самараноки пешгирии криминологӣ зарур аст.

Ҳамин тавр, омилҳои ҷиноятқории мард ва зан гуногун буда, ҳатто дар давраи ташаккули криминология ҳамчун илм, муҳаққиқон тафовутҳои назаррасро дар зуҳуроти рафтори девиантӣ ва ҷиноятӣ байни мардон ва занон қайд мекарданд. А.Кетле ҳангоми таҳлили қонуниятхои инкишофи ҷиноятқорӣ ба хулосае меояд, ки «майл ба ҷиноят ба синну сол, ҷинс, касбу кор, дараҷаи маълумот, вақти сол ва ғайра вобаста аст». Ҳамин тавр ҷиноятқории мард ва занро на танҳо хусусияти ҷинсӣ шарҳ дод, балки чунин рафтори онҳоро бо дур шудан аз ҳаёти ҷамъиятӣ, дар доираи вазифаҳои оилавӣ алоқаманд кард[339]. Аз ҳамон лаҳза онҳо барои омӯзиши ҷиноятқории занон ҳамчун як падидаи махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ шуруъ намуданд.

Ба андешаи баъзе муаллифон тафовутҳои ҷиноят аз рӯи ҷинсро бояд дар маҷмуи омилҳои иҷтимоии, ки рафтори марду занро муайян мекунанд,

---

Причины и факторы женской преступности / Н. С. Зорина, Д. Н. Зорин // Вестник общественной научно-исследовательской лаборатории «Взаимодействие уголовно-исполнительной системы с институтами гражданского общества: историко-правовые и теоретико-методологические аспекты». – 2021. – № 23. – С. 94-98.

[335] Швец А. В. Предупреждение мошенничеств, совершаемых женщинами: дис. … канд. юрид. наук : 12.00.08. – М., 2015. – С. 50

[336] Филиппова Е. О. Криминология: учеб. пособие. Оренбург: ОГУ, 2013. 217 с. с. 124

[337] Кудрявцев В.Н. Криминология: учеб. / под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. – М.: Норма: НИЦ ИНФРА-М, 2018. – С. 67.

[338] Авдеев Р. В. Причины преступности в России // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. 2014. № 11 (139). – С. 229-234., Корсантия А. А., Максименко И.В. Основные причины детерминации преступности в Российской Федерации // Право и безопасность. 2009. № 2 (31). С. 100-105. Номоконов В. А. Причины преступности в современной России: проблема обостряется // Всероссийский криминологический журнал. 2017. № 2. С. 247–257

[339] Кетле А. Человек и развитие его способностей. – Спб, 1865. – С 7-8.

ҷустуҷӯ кард[340]. Ҷиноятқории занон бинобар таъсири мутақобилаи мураккаби омилҳои биоиҷтимоӣ хусусияти ба худ хос дорад. Тавре Ю.М. Антонян қайд мекунад ин хусусиятҳо аз мутобиқшавии иҷтимоӣ ва меҳнатии занон, мавқеи онҳо дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ, инчунин хусусиятҳои нақшҳои анъанавии гендерӣ онҳо дар оила ва соҳаҳои касбӣ бармеоянд[341]. Мавриди зикр аст, пажӯҳишҳои илмӣ вобаста ба муаянсозии ҷиноятқории занҳо ҳануз аз асри 18-19 оғоз гардидааст. Дар ин давра вобаста ба ҷиноятқории занон якчанд назарияҳо пешниҳод шудаанд, ки дар доираи онҳо муҳаққиқон кӯшиш намуданд сабабҳои ҷиноятқории занонро ошкор созанд.

Таҳлили сабабҳо нишон медиҳад, ки омилҳои ҷиноятқорӣ миёни занон якҷоя амал мекунанд ва аз се гурӯҳи асосӣ иборатанд:

Омилҳои иҷтимоӣ: Фақру камбудиҳои иҷтимоӣ, паст будани сатҳи таҳсил ва имконоти шуғл, муносибатҳои ноустувори оилавӣ, зӯроварӣ дар оила ва ҳамзамон таъсири муҳити иҷтимоии манфӣ ба қабули қарорҳои нодуруст. Ин омилҳо ба занон имконият намедиҳанд, ки ҳаёти иҷтимоии худро бо роҳи қонунии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ идора кунанд[342].

Омилҳои равонӣ: Нокифоягии худшиносӣ, стрессҳо ва фишорҳои равонӣ, таъсири ҳамсолон ва муҳити манфӣ, ки метавонанд ба қабули қарорҳои хато ва кирдорҳои ҷиноятӣ оварда расонанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки заноне, ки ба равонӣ ва психологияи худ аҳаммият намедиҳанд, нисбат ба ҷиноятҳо осебпазиртаранд.

Омилҳои иқтисодӣ: Норасоии маблағ, бекорӣ, дастрасӣ надоштан ба сарчашмаҳои даромад ва паст будани сатҳи соҳибкории занон. Ин омилҳо занонро водор мекунанд, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои шахсӣ ва оилавӣ ба роҳҳои ғайриқонунӣ рӯ оранд.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки паст будани маърифати ҳуқуқӣ ва надонистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсӣ низ боиси афзоиши ҷиноятқорӣ дар миёни занон мегардад. Бисёре аз занон ба қонунҳо ва ҳуқуқи худ огоҳ нестанд, ки ин ҳолат имконияти пешгирии ҷиноятҳоро маҳдуд мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, барои кам кардани ҷиноятқорӣ дар миёни занон зарур аст, ки ҳукумат ва ниҳодҳои қонунӣ:

– барномаҳои тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатиро дар сатҳи давлат ва маҳал равона созанд;

– имкониятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии занонро фароҳам оваранд;

---

[340] Серебрякова В.А. Преступность среди женщин, как объект криминологического изучения // Вопросы борьбы с преступностью. – М., 1975. № 22. – С. 25.

[341] Аветикова, М.А. Голубов, М. А. Магомедов 341 Особенности детерминации рецидивной преступности – М.А. Матинян, Т. – International Law Journal. – 2025. – Т. 8, № 1. – С. 36-43., Зорина, Н. С. Причины и факторы женской преступности – Н.С. Зорина, Д.Н. Зорин – Вестник общественной научно-исследовательской лаборатории «Взаимодействие уголовно-исполнительной системы с институтами гражданского общества: историко-правовые и теоретико-методологические аспекты». – 2021. – № 23. – С. 94-98.

[342] Гулзода Н.А. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2025. №10. – С 268. issn 2413-5151.

– кумак ва дастгирии равонӣ ва иҷтимоии занонро таъмин намоянд.

Ин чораҳо метавонанд сатҳи ҷиноятқорӣ миёни занонро коҳиш диҳанд ва ба таҳкими ҷомеаи солим ва ҳуқуқбунёд мусоидат намоянд.

Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пояи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва таъмини адолат амал мекунад. Қонунҳои мавҷуда, аз ҷумла Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррароти асосиро барои пешгирӣ ва бартарафсозии ҷиноятҳо дар бар мегиранд, аз ҷумла ҷиноятҳо, ки аз ҷониби занон содир мешаванд[343].

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қонунгузорӣ дорои як қатор нуқсонҳо ва камбудиҳо мебошад, ки самаранокии онро дар пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ маҳдуд мекунанд. Аз ҷумла:

Таъриф ва таснифоти ҷиноятҳо: Қонунҳо баъзан ба таври мушаххас ҷиноятҳои хусусияти занонаро дар бар намегиранд, ки ба таҳлилу омор ва пешгирии ҷиноятҳо монеа эҷод мекунад. Масалан, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва молӣ, ки аксар аз ҷониби занон содир мешаванд, камтар дар назар гирифта шудаанд[344].

Норасоии меъёрҳои пешгирикунанда: Қонунгузорӣ бештар ба ҷазо ва муҷозот тамаркуз мекунад, на ба чораҳои пешгирикунанда ва тарбиявӣ, ки барои кам кардани ҷиноятқорӣ дар миёни занон муассиранд[345].

Дастрасӣ ба қонун ва иттилоот: Бархе аз муқаррароти қонунҳо барои шаҳрвандон, махсусан барои занон ва гурӯҳҳои осебпазир, мураккаб ва нофаҳмо мебошанд. Ин ҳолат маҳдудияти маърифати ҳуқуқиро зиёд мекунад ва имконияти истифодаи қонунро коҳиш медиҳад[346].

Муқоиса бо қонунҳои байналмилалӣ: Дар қонунгузории байналмилалӣ, аз қабили Конвенсияи СММ оид ба баробарии ҷинсҳо ва пешгирии зӯроварӣ ба занон, диққати бештар ба ҳуқуқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва баробарии имкониятҳои занон дода шудааст. Қонунҳои Тоҷикистон дар ин самт ба стандартҳои байналмилалӣ наздиканд, аммо ба таври амалӣ татбиқ ва самаранокии онҳо камтар таъмин шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки барои беҳтар кардани пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ дар миёни занон зарур аст:

такмили тафсилот ва тартибҳои ҷиноятҳои хусусияти занонаро фаро мегирад;

ҷорӣ намудани механизмҳои пешгирикунанда ва тарбиявӣ дар қонунгузорӣ;

содда ва фаҳмо кардани муқаррароти қонун барои шаҳрвандон;

---

[343] Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофияи ҷиноятӣ, ҷазо ва пешгирӣ. – Душанбе, 2022.

[344] Пархоменко С.В. Развитие знаний о женской преступности и ее современное состояние в России / С.В. Пархоменко, Д.В. Синьков. — DOI 10.17150/2411-6262.2016.7(5).14. — EDN XDETLJ // Baikal Research Journal. — 2016. — Т. 7, № 5. — С. 14.

[345] Бобоҷонзода, И.Ҳ. Қонунгузории мурофияи ҷиноятӣ: таҳлил ва такмил. – Душанбе, 2021.

[346] Насриддинзода, Э.С. Ҷиноятқорӣ ва омилҳои иҷтимоии он дар занон. – Душанбе, 2020.

мувофиқ намудани қонунҳо бо стандартҳои байналмилалӣ, бахусус дар самти баробарии ҷинс ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон.

Такмили қонунгузорӣ дар ин самт на танҳо ба коҳиши ҷиноятқорӣ мусоидат мекунад, балки сатҳи ҳуқуқшиносии занонро боло мебарад ва имкониятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳоро барои иштирок дар ҳаёти ҷомеа васеъ мекунад[347].

Мавриди зикр аст, ки дар ҳамон давра баъзе муҳаққиқон бар он ақида буданд, ки сабаби паст будани сатҳи ҷиноятқории занон, на дар хусусиятҳои биологии онҳо балки дар омори расмӣ пурра инъикос наёфтани чунин ҷиноятҳо мебошад илова бар ин, муносибати ғамхоронаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, додситонҳо ва ҷабрдидагон нисбат ба занон барои бақайдгирии боэътимоди ҷиноятҳои онҳо монеъ мешавад. Ҳамин тавр назарияи биологӣ сабабҳои ҷиноятро бо чунин омилҳо ба монанди ирсият, гормонҳо ва ҷароҳатҳои осеби майна ва ғайра шарҳ медиҳад[348].

Ба назарияи биологӣ назарияи ахлоқӣ алоқаманданд, ки дар асрҳои миёна паҳн гардида, тибқи он зан аз замони Ҳавво як махлуқи бадкирдор ва қодир ба ҳар гуна ҷиноят буд. Сарчашмаи ин қолабро дар эпосҳои мардумӣ ва маъхазҳои динӣ дидан мумкин аст. Ч. Ламброзо дар аввал иддаъо мекард, ки занон низ мисли мардон ҷиноятқор таваллуд мешаванд, аммо баъдан ақидаашро тағйир дода, пешниҳод намуд, ки аксари чунин занҳо ҷиноятқор таваллуд намешаванд. Дар баробари ин олим изҳор дошт, ки ҳиссаи таҳрифи ахлоқӣ ба ҳар зан хос аст, аммо дар шароити муқаррарӣ он дар ҳолати пинҳонӣ аст. Ҷиноятқорон дар зери таъсири шароити муайяни зиндагӣ моҳияти аслии худро баён мекунанд.

Дигар назарияҳое, ки кӯшиш мекунанд, ки ҷиноятқории занро шарҳ диҳанд, табиати равонӣ доштанд[349]. Назарияҳои равоншиносӣ назарияҳои психодинамикӣ, рушд ва омӯзишро дар бар мегиранд. Назарияҳои психодинамикӣ ба фарзия асос ёфтаанд, ки агар робитаҳои оилавии шахс ҳангоми рушди муқаррарӣ дуруст барқарор ва инкишоф наёбанд ва ё дар кӯдакӣ осеби харобиоварро аз сар гузаронанд, инкишофи муқаррарӣ ба амал омада наметавонад[350]. Дар натиҷа, онҳо аз сабаби эҳсоси гунаҳкорӣ ё аз сабаби назорати нокифояи эҳсосотҳои худ ҷиноятқор мешаванд[351].

Мушкилоти истифодаи назарияҳои психодинамикӣ ба ҷиноятқорони зан дар он буд, ки ин назарияҳо саволеро баррасӣ намекарданд, ки чаро

---

[347] Институти ҳуқуқшиносии Тоҷикистон. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ. – Душанбе, 2021.

[348] Шарофзода, Р.Ш. Маърифати ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ дар м. 348 Кудрявцев В. Н. Причинность в криминологии (о структуре индивидуального преступного поведения). – М., 1968. – 176 с. Жубрин, Р. В. Детерминанты преступности в Российской Федерации – Р. В. Жубрин, Н. В. Колесникова, Е. П. Горшечникова – Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. – 2019. – № 4(72). – С. 22-28. – EDN EDCEZJ. Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и пато логия. – М., 1982. – 287 с. 3. Кузнецова Н. Ф. Проблемы криминологической де терминации. – М., 1984. – 208 с.

[349] Серебрякова В. А. Преступность среди женщин, как объект криминологического изучения – Вопросы борьбы с преступностью. – М.,

[350] Соловьёв, А. Механизмы предотвращения преступности среди женщин. – Москва, 2018. 1975. № 22. – С. 25.

[351] Турсунзода, Ш. Системаи пешгирии ҷиноятқорӣ ва нақши занон. – Душанбе, 2021.

6. Уголовный кодекс Польши от 06 июня 1997 г. (с изменениями и дополнениями от 01 августа 2001 г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://constitutions.ru/?p=29233&ysclid=m2syzbznf7639631652 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

7. Уголовный кодекс Испании (Органический закон № 10/1995 от 23.11.1995 г. с изменениями, внесенными Органическим законом N 3/2011 от 28.01.2011г.) [Манбаи электронӣ] // URL: https://www.wipo.int/wipolex/ru/legislation/details/11871 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

8. Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии в редакции от 13 ноября 1998 г. по состоянию на 15 мая 2003 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://kartaslov.ru/книги/Уголовный_кодекс_Федеративной_Республики_Германии/8 (Санаи мурочиат: 28.10.2024).

9. Уголовный кодекс Швейцарии 21 декабря 1937 г. [Манбаи электронӣ] // URL: https://ru.ruwiki.ru/wiki/Уголовный_кодекс_Швейцарии (Санаи мурочиат: 28.11.2024).

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

МАСОИЛИ ФАРҚГУЗОРИИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС АЗ ДИГАР ҶИНОЯТҲОИ ҲАММОНАНДИ ҶИНСӢ

Рустамзода Садам Рустам,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел.: (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Ихтисоси илмӣ: 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
Муқарриз: Камолов З.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда. Дар мақола масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалӣ вобаста ба фарқгузорӣ ва бандубасти ҷиноятҳои шаҳвонии зӯроварона, аз ҷумла таҷовуз ба номус, ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракатҳои шаҳвонӣ таҳлил карда мешаванд. Таъкид мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур дорои аломатҳои умумӣ буда, аксар вақт дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ мушкилоти ҷиддии тахассусдиҳӣ ба вуҷуд меоранд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки меъёрҳои асосии фарқгузории ин таркибҳо пеш аз ҳама ба объекти таҷовуз, тарафи объективӣ ва хусусиятҳои субъекти ҷиноят вобаста мебошанд. Аз ҷумла, таҷовуз ба номус ҳамчун алоқаи ҷинсии маҷбурии гетеросексуалӣ фаҳмида шуда, ҳаракатҳои зӯроварии шаҳвонӣ дигар шаклҳои таҷовузи ҷинсиро фаро мегиранд.

Ҳамчунин, маҷбур намудан ба ҳаракатҳои шаҳвонӣ ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят бо усулҳои махсуси таъсир, аз қабили шантаж, таҳдиди зарари молумулкӣ ё истифодаи вобастагии хизматӣ ва моддӣ тавсиф мешавад. Дар натиҷа зарурати таҳияи равиши ягонаи методологӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ барои пешгирии иштибоҳҳо дар бандубасти ҷиноятҳои шаҳвонӣ асоснок мегардад.

Калидвожаҳо: ҷиноятҳои шаҳвонии зӯроварона, таҷовуз ба номус, ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, маҷбур намудан ба ҳаракатҳои шаҳвонӣ, бандубасти ҷиноят, фарқгузории таркибҳои ҷиноят, объекти ҷиноят, тарафи объективӣ, субъекти ҷиноят, иҷроб, таҳдиди молумулкӣ, вобастагии хизматӣ, амалияи судӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, қонунгузории ҷиноятӣ.

ПРОБЛЕМЫ ОТЛИЧАЮЩИЕ ИЗНАСИЛОВАНИЯ ОТ АНАЛОГИЧНЫХ ПОЛОВЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Рустамзода Садам Рустам,
Таджикский национальный университет, докторант PhD-и кафедраи уголовного права и противодействия коррупции**.**

Тел.: (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Научная специальность: 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право
Рецензент: Камолов З.А., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В статье анализируются актуальные теоретические и практические вопросы, связанные с дифференциацией и классификацией насильственных сексуальных преступлений, включая изнасилование, насильственные действия сексуального характера и принуждение к совершению сексуальных действий. Подчеркивается, что эти преступления имеют общие черты и часто создают серьезные проблемы специализации в следственно-судебной практике.

Автор указывает, что основные критерии различения этих компонентов зависят прежде всего от объекта изнасилования, объективной стороны и характеристик субъекта преступления. В частности, под изнасилованием понимается принудительный гетеросексуальный половой акт, а к насильственным сексуальным действиям относятся другие формы сексуального насилия.

Также принуждение к совершению сексуальных действий характеризуется как самостоятельный компонент преступления со специальными методами воздействия, такими как шантаж, угроза имущественного ущерба или использование служебной и материальной зависимости. В результате обосновывается необходимость разработки единого методологического подхода и совершенствования правоохранительной практики для предотвращения ошибок в классификации сексуальных преступлений.

Ключевые слова: насильственные сексуальные преступления, изнасилование, насильственные действия сексуального характера, принуждение к совершению сексуальных действий, классификация преступлений, дифференциация компонентов преступления, объект преступления, сторона преступления, субъект преступления, шантаж, угроза имуществу, зависимость от должностных лиц, судебная практика, правоохранительные органы, уголовное законодательство.

PROBLEMS OF DIFFERENTIATION BETWEEN RAPE AND OTHER COMPARABLE SEXUAL OFFENCES

Rustamzoda Sadam Rustam,
Tajik national university, PhD of the department of criminal law and anti-corruption
Tel.: (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Abstract. This article analyzes current theoretical and practical issues related to the differentiation and classification of violent sexual crimes, including rape, violent sexual acts, and coercion to commit sexual acts. It emphasizes that these crimes share common features and often create serious challenges for specialization in investigative and forensic practice.

The author points out that the main criteria for distinguishing these components depend primarily on the object of the rape, the objective aspect, and the characteristics of the perpetrator. Specifically, rape is defined as forced heterosexual sexual intercourse, while violent sexual acts include other forms of sexual violence.

Coercion to commit sexual acts is also characterized as an independent component of the crime, employing specific methods of influence, such as blackmail, threats of property damage, or exploitation of official and financial dependence. This study substantiates the need to develop a unified methodological approach and improve law enforcement practices to prevent errors in the classification of sexual crimes.

Key words: violent sexual crimes, rape, violent sexual acts, coercion to commit sexual acts, classification of crimes, differentiation of components of a crime, object of a crime, party to a crime, subject of a crime, blackmail, threat to property, dependence on officials, judicial practice, law enforcement agencies, criminal legislation.

Масъалаҳои ҷудокунии ҷиноятҳои ҷинсӣ, ки дар моддаҳои 138, 139 ва 140 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд ва мутаносибан ҷавобгариро барои таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ муқаррар менамоянд, аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Кирдорҳои зикршуда дорои як қатор аломатҳои умумӣ мебошанд, пеш аз ҳама аз лиҳози тарафи субъективӣ, инчунин аз ҷиҳати сохтори таркибҳои бандубастшаванда ва махсусан бандубастшаванда, ки аксар вақт арзёбии ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро душвор мегардонад.

Бо вуҷуди ин, ҳар яке аз ин ҷиноятҳо фарқиятҳои мустақил ва бунёдӣ доранд, ки ба тарзи содир намудани кирдор, хусусияти зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ, инчунин ба моҳияти объекти таҷовуз марбутанд. Нодида гирифтани ин фарқиятҳо метавонад ба хатогиҳо дар татбиқи қонун оварда расонад. Аз ин ҷиҳат, ба эътибор гирифтани онҳо дар фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, аз ҷумла ҳангоми ҳал намудани масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, қабули қарорҳои мурофиавӣ дар бораи ҷалби шахс ба сифати айбдоршаванда ва таҳияи хулосаи айбдоркунӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар қисми якуми м.139 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, имкон медиҳад, ки моҳияти таркиби асосии ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ муайян карда шавад. Ба чунин кирдорҳо қонунгузор алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё анҷом додани дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо роҳи иҷбор (шантаж) ё таҳдиди несту нобуд, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулк ё бо истифода аз тобеияти хизматӣ, молу мулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдидаро, мансуб медонад. Аломати ҳатмии тарафи объективии қ.1 м.138 КҶ

ҶТ бошад ин истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таъсири руҳӣ, ки дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ифода меёбад, ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он метавонад ҳам бевосита нисбат ба ҷабрдида ва ҳам нисбат ба шахси дигаре, ки амният ва саломатии ӯ барои ҷабрдида аҳамияти ҷиддӣ дорад, равона карда шавад. Роҳи алтернативии содир намудани ин ҷиноят истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида мебошад, ки бо хусусиятҳои психофизиологии ӯ вобаста аст.

Ҳангоми бандубасти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунанда дуруст муайян намудани объекти ҷиноят аҳаммияти калидӣ дорад. Бар хилофи таҷовуз ба номус, ки объекти он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии танҳо шахси ҷинси занро таъмин мекунанд, таркибе, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсони ҳар ду ҷинс ҳифз менамояд. Ин фарқият хусусияти консептуалӣ дошта, ҳангоми ҷудо намудани ҷиноятҳои мазкур бояд ҳатман ба назар гирифта шавад.

Ҷудокунии таркибҳои ҷиноятҳои мавриди таҳлил ҳамчунин аз рӯи аломатҳои тарафи объективии онҳо анҷом дода мешавад. Тибқи сохтори таркиби асосии таҷовуз ба номус, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, тарафи объективии ин ҷиноят дорои як қатор хусусиятҳои махсус мебошад.

Пеш аз ҳама, таҷовуз ба номус дар содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо ҷабрдида бар хилофи иродаи ӯ ифода меёбад, ки дар маънои физиологӣ сухан дар бораи алоқаи гетеросексуалии ҷинсӣ меравад, яъне алоқаи ҷинсии мард бо шахси ҷинси зан. Ин ҳолат аломатии асосии фарқкунанда нисбат ба дигар шаклҳои таҷовузи зӯроваронаи дорои хусусияти ҷинсӣ ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз ин, хусусияти маҷбурии алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таъсири равонӣ, ки дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ зоҳир мегардад, инчунин бо истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида муайян карда мешавад. Дар ҳолати охирин, набудани муқобилияти фаъол ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад, зеро гунаҳгор дидаву дониста аз нотавонии объективии ҷабрдида барои ҳифзи манфиатҳои худ истифода менамояд.

Ниҳоят, мувофиқи модели қонунгузории таркиби таҷовуз ба номус, зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он метавонад на танҳо бевосита нисбат ба ҷабрдида, балки ҳамчунин нисбат ба шахсони дигаре, ки бо ӯ дар муносибатҳои наздик қарор доранд ва аз лиҳози эҳсосӣ ё иҷтимоӣ барои ӯ аҳаммияти ҷиддӣ доранд, равона карда шавад.

Дар адабиёти илмӣ бо асоснокӣ таъкид мегардад, ки зери мафҳуми алоқаи ҷинсӣ дар доираи таркиби таҷовуз ба номус бояд ҳамбистарии табиии гетеросексуалии мард ва зан фаҳмида шавад. Фарқи муҳимми ин кирдор аз ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ, ки тарафи объективии таҷовуз ба номусро ташкил медиҳад, оқибатҳои биологӣ, аз ҷумла

фаро расидани ҳомиладорӣ, имконпазиранд, дар ҳоле ки чунин натиҷаҳо барои дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ хос нестанд[375].

Ин нуқтаи назар бояд асоснок ва аз лиҳози методологӣ авлотар эътироф гардад, зеро он бештар ба тавзеҳоти роҳнамоии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2004 № 16 «Дар бораи тафрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ» мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми тавсифи тарафи объективии таркиби ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бояд дигар хусусиятҳои муҳтавои таҷовуз, ки онро аз таҷовуз ба номус фарқ мекунанд, ба назар гирифта шаванд[376].

Бар хилофи таҷовуз ба номус, ки дар он алоқаи маҷбурии ҷинсӣ дар маънои физиологӣ, яъне алоқаи гетеросексуалии мард бо зан ҷой дорад, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсиро фаро мегиранд[377]. Ба онҳо, аз ҷумла, алоқаи ҷинсии мард бо мард (бачабозӣ), ҷимои зан бо зан, инчунин дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки ба қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҷинсӣ тавассути роҳҳои алтернативӣ равона шудаанд, мансубанд.

Сарфи назар аз фарқият дар шаклҳои таҷовузи ҷинсӣ, аломатҳои маҷбурӣ ҳангоми таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ аз ҷиҳати табиати ҳуқуқии худ якхел мебошанд. Онҳо дар истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таъсири равонӣ дар шакли таҳдиди воқеии истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, ё истифодаи вазъи оҷизонаи ҷабрдида ифода меёбанд. Ин ҳолатҳо унсурҳои ҳатмии тарафи объективии таркибҳои дахлдори ҷиноятҳоро ташкил дода, ҳангоми баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқии кирдор бояд ҳатман муқаррар карда шаванд. Ба назар мерасад, ки нуқтаи назаре асоснок аст, ки мувофиқи он ҳар гуна кирдорҳое, ки бо мақсади қаноатманд сохтани ниёзҳои ҷинсӣ тавассути зӯроварӣ ё дигар шаклҳои маҷбуркунӣ содир мешаванд, бояд ба ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ мансуб дониста шаванд. Дар ин замина, баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бояд нисбат ба чунин шаклҳои рафтор низ татбиқ гардад, ки дар онҳо гунаҳгор аз расонидани азобҳои ҷисмонӣ ё равонӣ ба ҷабрдида қаноатмандии ҷинсӣ эҳсос мекунад, ҳатто агар ҳаракати шаҳвонӣ дар маънои маҳдуди физиологӣ бевосита содир нашуда бошанд.

Дар баробари тарафи объективӣ, фарқиятҳои ҷиддӣ байни таркибҳои таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дар хусусиятҳои субъекти ҷиноят низ зоҳир мегарданд. Таркиби таҷовуз ба номус мавҷудияти субъекти махсусро дар назар дорад: шахси воқеии ҷинси мард, ки мукаллаф буда, ба синни чордаҳсолагӣ расидааст. Зан, ки ба ин синну сол расида ва қобили дарки масъулияти ҷиноятӣ мебошад, метавонад барои таҷовуз

---

375 Кругликов, Л.Л. Уголовное право России. Часть Особенная [Текст]: учебное пособие / Л.Л. Кругликов. – М., 2014. – С.72

376 [127].Постановление Пленума ВС РТ от 25.06.2004 № 4. «О судебной практике по делам о преступлениях против половой неприкосновенности (с изменениями внесенными постановлениями Пленума от 23 июня 2010 года, №16 и от 18 ноября 2013 года, №16) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:/ /sud.tj/uplo ad/documents/plenum/.pdf

377 Ященко А.С. К вопросу о дефинициях терминов «изнасилование» и «насильственные действия сексуального характера» и их соотношение [Текст] / А.С. Ященко // Вестник Брянского государственного университета. – 2015. – № 1. – С. 203-206.

ба номус танҳо дар ҳолати иштироки ӯ дар ҷиноят ҳамчун шарик (аз ҷумла ҳамчун ҳамиҷрокунанда, масалан, ҳангоми нигоҳ доштани ҷабрдида ё истифодаи зӯроварӣ бо мақсади бартараф намудани муқобилият), инчунин ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Бар хилофи ин, субъекти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ метавонад ҳар гуна шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, новобаста аз ҷинс, бошад. Ҳамзамон, хусусияти шакли кирдори содиршуда таъйини гендерии субъектро муайян мекунад: мард – ҳангоми содир намудани бачабозӣ, зан – ҳангоми ҷимои зан бо зан, ва шахсони ҳар ду ҷинс– ҳангоми анҷом додани дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ. Ин хусусиятҳо барои фарқгузории дурусти таркибҳои таҳқиқшавандаи ҷиноятҳо ва бандубасти дақиқи ҳуқуқии ҷиноятии онҳо аҳамияти принсипӣ доранд.

Маҷмӯи аломатҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ фарқгузории ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ аз таҷовуз ба номус аз рӯи се унсури асосии таркиби ҷиноят анҷом дода шавад: объект, тарафи объективӣ ва субъект. Маҳз ба инобат гирифтани маҷмӯии ин унсурҳо баҳодиҳии дурусти ҳуқуқии ҷиноятии кирдори содиршударо таъмин намуда, хатогиҳоро ҳангоми бандубаст истисно мекунад.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз пайдарпайии мантиқӣ ва асоснокии меъёрии назари зикршуда, дар баъзе нашрияҳои илмии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои интиқодӣ оид ба мақсаднокии чунин фарқгузорӣ баён карда мешаванд. Аз ҷумла, чунин ақида иброз мегардад, ки таҷовуз ба номус ва дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба як объекти ягонаи ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ таҷовуз мекунанд ва бинобар ин пешниҳод мешавад, ки аз тафриқаи онҳо бар асоси шаклҳои мушаххаси таҷовузи ҷинсӣ даст кашида шавад. Бар пояи чунин мавқеъ хулоса бароварда мешавад, ки ташаккули маҷмӯи ҷиноятҳо дар ин ҳолатҳо имконнопазир аст[378].

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки чунин андешаҳо бахснок буда, на ҳамеша фарқиятҳои мавҷуда дар сохтори қонунгузории таркибҳои таҳқиқшаванда, инчунин хусусияти муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшавандаро ба таври пурра ба инобат мегиранд. Ин ҳолат зарурати равиши мутавозин ва системавиро дар фарқгузории ҳуқуқии ҷиноятӣ онҳо тақозо мекунад.

Ба андешаи мо, дар ҳолате, ки шахси гунаҳгор нисбат ба як ҷабрдидаи ягона пайдарпай аввал алоқаи ҷинсии маҷбурии физиологӣ муқаррариро, ки таркиби таҷовуз ба номусро ташкил медиҳад, ва баъдан дигар ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ анҷом медиҳад, кирдори содиршуда бояд бо қоидаҳои маҷмӯи ҷиноятҳо баҳогузорӣ гардад.

Дар чунин мавридҳо, амалҳои шахси гунаҳгор бояд алоҳида тибқи м.138 КҶ ҶТ ҳамчун таҷовуз ба номус ва тибқи м. 139 КҶ ҶТ ҳамчун ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бандубаст карда шаванд. Дар айни замон, фосилаи вақтӣ байни содир гардидани ин кирдорҳо аҳамияти ҳалкунанда

[378] Маслак, С.Н. Насильственные преступления против половой неприкосновенности и половой свободы личности: проблемы уголовно-правового регулирования и квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Маслак Сергей Николаевич. – Краснодар, 2013. – С.34.

надорад ва худ аз худ ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад, ҳатто агар чунин ҳаракатҳо бевосита пайи ҳам анҷом ёбанд.

Таркиби мустақили дигари ҷиноятҳои ҷинсӣ – маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ мебошад, ки дар м. 140 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин таркиб, аз як ҷониб, бо таҷовузи ҷинсии зӯроваронае, ки қаблан баррасӣ гардиданд, монандии муайян дорад, аммо аз ҷониби дигар, дорои аломатҳои махсус мебошад, ки имкон медиҳанд онро аз таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ дақиқ фарқ намоем.

Тибқи модели қонунгузорие, ки дар қ. 1 м. 140 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ дар таъсири қасдонаи шахси гунаҳгор ба ҷабрдида бо мақсади водор намудани ӯ ба анҷом додани ҳаракатҳои муайяни шаҳвонӣ ифода меёбад. Ба чунин ҳаракатҳо дохил мешаванд: алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё анҷом додани дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки ба шаклҳои номбурда маҳдуд намешаванд.

Ҳамин тариқ, хусусияти таркиби маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ на он қадар дар шакли ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонии содиршаванда, балки пеш аз ҳама дар усули таъсир ба ҷабрдида ва хусусияти ҷалби ӯ ба чунин рафтор ифода меёбад. Маҳз ин ҳолат ба таркиби мазкур мазмуни мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида, зарурати бандубасти ҷудогонаи онро асоснок месозад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятӣ маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвониро ҳамчун шакли махсуси таъсири ғайриқонунӣ ба ҷабрдида арзёбӣ менамояд, ки бо татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ, зӯроварии равонӣ дар шакли таҳдиди истифодаи он, ё истифодаи ҳолати оҷизонаи ҷабрдида алоқаманд нест. Моҳияти ин ҷиноят дар таъсири маҷбурии ҳадафноки шахси гунаҳгор ифода меёбад, ки ба моил гардондан ё маҷбур сохтани ҷабрдида ба содир намудани яке аз ҳаракатҳои шаҳвонии дар қонун пешбинишуда равона шудааст.

Хусусияти муҳимми сохтори қонунгузории таркиби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он аломатҳои ҳатмии тарафи объективӣ – усули содир намудани ҷиноят мустақиман муқаррар шудаанд. Ин усулҳо ба таври номгӯй дар диспозитсияи меъёри дахлдори ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ нишон дода шудаанд ва аз ҷумла иборатанд аз:

–иҷъоб (шантаж);

– таҳдиди несту нобуд, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулк;

–истифода аз тобеияти хизматӣ, молу мулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдида.

Маҳз ҳамин усулҳои таъсир ба таркиби маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ мазмуни мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида, имкон медиҳанд, ки он аз дигар ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ дақиқ фарқ карда шавад.

Меъёри калидии фарқгузорӣ байни чунин ҷиноятҳои шаҳвонӣ, чун таҷовуз ба номус, ҳаракти зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, маҳз усули содир намудани

онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин хусусият ва муҳтавои таъсири татбиқшуда имкон медиҳад, ки ҳудуди ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ байни ин таркибҳо муайян гардида, бандубасти дурусти онҳо дар амалияи татбиқи қонун таъмин карда шавад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии миллӣ холигии ҷиддиро ошкор месозад, ки ба набудани таърифи меъёрии мафҳуми «иҷъоб (шантаж)» вобаста мебошад. Дар ҳолате, ки ин усули содир намудани ҷиноят аз ҷониби қонунгузор ба таври васеъ истифода шуда, дар як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ, аз ҷумла дар таркибҳои вобаста ба маҷбур кардан ба додани нишондод, иҷвои ришва ё порадиҳӣ, инчунин маҷбур кардан ба додани нишондод мустаҳкам гардидааст, мазмуни ҳуқуқии он на дар КҶ ҶТ ва на дар шарҳҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда нашудааст.

Чунин вазъият аз нигоҳи методологӣ асоснок нест ва ба фаҳмиши ягона ва татбиқи яксони қонуни ҷиноятӣ халал мерасонад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аксаран чунин мавқеъ иброз мегардад, ки таҳти шантаж бояд таҳдиди паҳн намудани маълумоте фаҳмида шавад, ки метавонад дар ҳар шакл шараф ва обрӯи ҷабрдидаро коста гардонад, ӯро дар ҳолати номусоид қарор диҳад ё ошкор гардидани онҳо боиси вайрон шудани ҷараёни муқаррарии зиндагии минбаъдаи ӯ гардад[379].

Бо вуҷуди ин, нуқтаи назари бештар асоснок ва аҳаммияти амалӣ дошта, он аст, ки ба формулаи қонунгузорӣ, ки дар қ. 1 м. 250 КҶ ҶТ (тамаъҷуӣ) мустаҳкам шудааст, такя карда шавад. Тибқи ин тариф, иҷъоб (шантаж) дар таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ифода меёбад.

Яке аз нишонаҳои дигари тарафи объективии таркиби ҷинояти мавриди таҳлил зӯроварии руҳӣ мебошад, аммо дар ин ҳолат он на дар шакли таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, балки дар шакли таъсири молумулкӣ ифода меёбад. Сухан дар бораи таҳдиди расонидани зарари моддӣ тавассути несту нобуд кардан, вайрон кардан ё ғайриқонунӣ аз они худ гардонидани молу мулки ҷабрдида меравад. Чунин шаклҳои таъсир дорои дараҷаи баланди маҷбуркунӣ буда, метавонанд ба озодии ифодаи иродаи ҷабрдида таъсири ҷиддӣ расонанд.

Дар доираи таркиби ҷинояти мавриди таҳлил, таҳдиди расонидани зарари моддӣ тавассути несту нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк, инчунин ғайриқонунӣ аз они худ гардонидани он, шакли зӯроварии равонӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби шахси гунаҳгор нисбат ба ҷабрдида татбиқ мегардад. Бо дарназардошти он, ки молу мулк яке аз шартҳои муҳими таъмини фаъолияти муътадили зиндагии инсон мебошад, таҳдид ба неъматҳои молумулкӣ қобилияти расонидани таъсири маҷбуркунандаи равонии назаррасро дорад ва ба ин васила ҷабрдида метавонад бар хилофи иродаи худ ба содир намудани ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ водор гардад.

---

379 Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник: в III томах. Том II / под общей редакцией д.ю.н., доцента Рахимзода Р. Х. – Душанбе, 2023. – С. 292.

Дар ҳолати амалӣ гардидани воқеии таҳдиди расонидани зарари молумулкӣ, кирдорҳои шахси гунаҳгор бояд баҳои мустақили ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ гирифта, аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо тибқи м.м. 140 ва 255 КҶ ҶТ бандубаст шаванд. Дар ин сурат, фосилаи вақт байни лаҳзаи изҳори таҳдид ва иҷрои он аҳамияти мустақили ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ надошта, ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад.

Нуқтаи назари монанд дар ҳолатҳое низ татбиқ мегардад, ки ҳангоми маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ шахси гунаҳгор ба таҳдиди истифодаи шаклҳои шадиди зӯроварии ҷисмонӣ, аз ҷумла ба марг ё зарари вазнин ба саломатӣ расонидан, муроҷиат менамояд. Дар чунин ҳолатҳо ҷавобгарӣ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо тибқи м.140 ва 120 КҶ ҶТ фаро мерасад.

Ба таҳдидҳои истифодаи шаклҳои зикршудаи зӯроварӣ баҳои дигар дода мешавад, агар онҳо ҳангоми таҷовуз ба номус ё ҳаракати зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ истифода шаванд. Дар чунин вазъиятҳо ин таҳдидҳо бо аломатҳои вазнинкунандаи таркибҳои мазкур фаро гирифта шуда, кирдор танҳо мутобиқи м. 138 КҶ ҶТ ё банди «в» қ. 2 м.139 КҶ ҶТ бе татбиқи иловагии дигар моддаҳо бандубаст мегардад,

Аломати дигари тарафи объективии таркиби ҷинояти баррасишаванда истифодаи вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида мебошад. Қобили зикр аст, ки аломати ҳаммонанди табиати ҳуқуқӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ низ мавҷуд буда, ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф шудааст. Аз ҷумла, банди «ж» қ.1 моддаи 62 КҶ ҶТ содир намудани ҷиноятро нисбат ба шахсе, ки дар вобастагии гунаҳгор қарор дорад, ба чунин ҳолатҳо мансуб медонад.

Дар меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ муқаррар менамояд, истифодаи вобастагии ҷабрдида ҳамчунин ҳамчун усули мустақили содир намудани ҷиноят баромад мекунад ва дар баробари дигар шаклҳои таъсири ғайриқонунӣ ҷой дорад. Дар доираи таҳқиқоти мазкур, мазмуни ин аломат дар иртибот ба тарафи объективии таркиби ҷинояти мавриди таҳлил дорои аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамзамон таъкид бояд намуд, ки худи мавҷудияти вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари як шахс аз шахси дигар ба танҳоӣ ҳанӯз таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад ва боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ намегардад. Мавҷудияти вобастагӣ имкони ифодаи ихтиёрии иродаи ҷабрдидаро истисно намекунад ва маънои манъи худкоронаи ҳар гуна пешниҳодҳои дорои хусусияти шаҳвониро надорад. Аҳамияти ҳуқуқии ҷиноятии ин аломат танҳо дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки вобастагӣ аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳамчун воситаи фишор истифода шуда, ба пахш намудани озодии иродаи ҷабрдида ва маҷбур сохтани ӯ ба анҷом додани ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ равона гардад.

Манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо ба ҳолатҳое дахл дорад, ки вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида ба сифати воситаи маҷбуркунӣ барои ворид шудан ба муносибатҳои шаҳвонӣ истифода мешавад. Чунин истифодаи вобастагӣ мавҷудияти қасди бевоситаи шахси гунаҳгорро дар назар дорад, ки ба

маҳдуд намудани озодии иродаи ҷабрдида ва маҳрум сохтани ӯ аз имконияти воқеии рад намудани ҳаракати шаҳвонӣ нигаронида шудааст.

Худи далели пешниҳоди ворид шудан ба муносибатҳои шаҳвонӣ ба шахсе, ки дар вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар қарор дорад, дар сурати мавҷуд набудани унсурҳои маҷбуркунӣ, ки бо истисмори чунин вобастагӣ ё таҳдиди оқибатҳои номатлуб алоқаманданд, аломатҳои таркиби ҷинояти маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвониро ташкил намедиҳад. Дар маънои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ вобастагӣ танҳо дар он сурат аҳаммият пайдо мекунад, ки он аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳамчун усули фишор, ҳамроҳ бо таҳдиди фаро расидани оқибатҳои номатлуби моддӣ ё дигар, ки аз мавқеи вобастагии ҷабрдида бармеоянд, истифода карда шавад.

Истифодаи вобастагии хизматӣ ё молумулкӣ маънои таҳдиди анҷом додани амалҳои муайян нисбат ба шахси вобастаро дорад, ки ба вайрон гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ оварда мерасонанд. Ба чунин амалҳо, аз ҷумла, кам кардани музди меҳнат, аз кор озод намудан, эҷоди монеаҳо барои пешрафти касбӣ ё таҳсилот, маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, ҷалби ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дигар чораҳои монанд мансуб мебошанд.

Таҳдид метавонад ҳам дар шакли ошкоро ифода ёбад ва ҳам аз худи вазъияте, ки ҷабрдида дар он қарор дорад, барояд. Барои эътироф намудани кирдор ҳамчун ҷиноят, зарур аст, ки на танҳо далели мавҷудияти вобастагӣ ва далели анҷом додани ҳаракати шаҳвонӣ, балки ҳамчунин истифода шудани чунин вобастагӣ ҳамчун воситаи маҷбуркунӣ нисбат ба ҷабрдида муайян карда шавад. Аз ин рӯ, агар як шахс аз шахси дигар вобаста бошад, аммо миёни онҳо бидуни ҳар гуна маҷбуркунӣ муносибатҳои шаҳвонӣ барқарор гардад, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ин ҳолат ба вуҷуд намеояд[380].

Таъсири равонӣ, ки ҳамчун аломати тарафи объективии маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ баромад мекунад, аз рӯи мазмун ва дараҷаи таъсир ба таври ҷиддӣ аз усулҳои таъсире фарқ менамояд, ки барои таҷовузҳои ҷинсии зӯроварона хос мебошанд. Дар ҳолати охирин, фишор ба иродаи ҷабрдида дорои хусусияти хеле шадидтар мебошад, зеро саркашӣ аз итоат ба иродаи ҷиноятии шахси гунаҳкор метавонад ба истифодаи воқеии зӯроварии ҷисмонӣ ва ба фаро расидани оқибатҳои вазнин оварда расонад. Илова бар ин, истифодаи зӯроварӣ қодир аст ҷабрдидаро комилан аз имконияти ҷисмонии канорагирӣ аз анҷом додани ҳаракатҳои шаҳвонӣ маҳрум созад.

Бо ҳамин асос, хусусиятҳои бандубасти ҷиноятии зӯроварии шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, пеш аз ҳама, бо тафовут дар аломатҳои тарафи объективии таркибҳои дахлдори ҷиноят муайян карда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ бо далел нишон дода мешавад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ миёни ин ҷиноятҳо маҳз усули маҷбуркунӣ мебошад. Нисбат ба м. 140 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери мафҳуми маҷбурнамоӣ он ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки шахси гунаҳгор яке аз усулҳои зеринро истифода менамояд:

---

[380] Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник: в III томах. Том II / под общей редакцией д.ю.н., доцента Рахимзода Р. Х. – Душанбе, 2023. – С. 93.

– шантаж;

– таҳдиди расонидани зарари молумулкӣ;

– ё истифодаи вобастагии моддӣ ё вобастагии дигари ҷабрдида.

Усулҳои дигари ба даст овардани ризоият барои анҷом додани ҳаракатҳои шаҳвонӣ, аз қабили ваъдаи бастани ақди никоҳ, беҳтар намудани вазъи молиявӣ ё баланд бардоштани мақоми касбӣ, бо аломатҳои таркиби ҷинояти мавриди баррасӣ фаро гирифта намешаванд. Дар чунин ҳолатҳо унсурҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ мавҷуд нестанд ва аз ин рӯ, ризоияте, ки дар натиҷаи созишҳои мутақобилан судманд ё ваъдаи додани манфиатҳои моддӣ ба даст омадааст, боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии фарқияти байни таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди шаҳвонӣ метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Таҷовуз ба номус дар содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо ҷабрдида бар хилофи иродаи ӯ ифода меёбад. Дар маънои физиологӣ сухан дар бораи алоқаи ҷинсии гетеросексуалӣ меравад, ки бо шахси ҷинси зан анҷом дода мешавад. Ин ҳолат аломати асосии фарққунанда буда, таҷовуз ба номусро аз дигар шаклҳои таҷовузи шаҳвонӣ ҷудо менамояд.

2. Фарқгузорӣ байни таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ аз рӯи се унсури калидии таркиби ҷиноят амалӣ мегардад: объекти ҷиноят, тарафи объективӣ, субъекти ҷиноят.

Бар хилофи таҷовуз ба номус, ки объекти он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии танҳо шахси ҷинси занро таъмин менамоянд, таркибе, ки дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсони ҳар ду ҷинс ҳифз мекунад. Ин фарқият дорои хусусияти консептуалӣ буда, ҳангоми фарқгузории ин ҷиноятҳо бояд ҳатман ба назар гирифта шавад.

Маҳз ба инобат гирифтани маҷмӯии ин унсурҳо имкон медиҳад, ки ба кирдори содиршуда баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда, иштибоҳҳо дар бандубасти ҷиноят пешгирӣ карда шаванд.

3. Дар ҳолатҳое, ки шахси гунаҳгор нисбат ба як ҷабрдида пайдарпай аввал таҷовуз ба номус (алоқаи ҷинсии маҷбурӣ дар шакли муқаррарии физиологӣ), ва баъдан дигар ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ содир менамояд, кирдори содиршуда бояд тибқи маҷмӯи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

4. Хусусиятҳои бандубасти таҷовуз ба номус ва маҷбур кардан ба ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, пеш аз ҳама, бо фарқият дар аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноятҳо вобаста мебошанд. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок таъкид мегардад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ байни ин ҷиноятҳо усули маҷбуркунӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт:

1. Кругликов, Л.Л. Уголовное право России. Часть Особенная [Текст]: учебное пособие / Л.Л. Кругликов. – М., 2014. – С.72

2. Ященко А.С. К вопросу о дефинициях терминов «изнасилование» и «насильственные действия сексуального характера» и их соотношение [Текст] /

А.С. Ященко // Вестник Брянского государственного университета. – 2015. – № 1. – С. 203-206.

3. Маслак, С.Н. Насильственные преступления против половой неприкосновенности и половой свободы личности: проблемы уголовно-правового регулирования и квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Маслак Сергей Николаевич. – Краснодар, 2013. – С.34.

4. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник: в III томах. Том II / под общей редакцией д.ю.н., доцента Рахимзода Р. Х. – Душанбе, 2023. С.292.

5. Постановление Пленума ВС РТ от 25.06.2004 № 4. «О судебной практике по делам о преступлениях против половой неприкосновенности (с изменениями внесенными постановлениями Пленума от 23 июня 2010 года, №16 и от 18 ноября 2013 года, №16) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:/ /sud.tj/uplo ad/documents/plenum/.pdf

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МАНФИАТҲОИ БЕМОРОН: ТАҶРИБА ВА МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА ХАТОГИҲОИ ТИББӢ

Нажмидинов Муслиҳиддин Маҳмараҷабович,
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи ДДБ ба номи Носири Хусрав.
Тел.: 93-723-17-17
Email: 1717-mm@mail.ru

Фишурда: Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки хатогиҳои тиббӣ дар ҳама оилаҳои ҳуқуқӣ – романӣ-олмонӣ, англосаксонӣ ва кишварҳои ИДМ ва Балтика – масъалаи ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқӣ буда, диққати махсусро талаб мекунад. Қонунгузорӣ ва амсоли судӣ ба арзёбии субъективии кирдор, сатҳи масъулияти касбӣ ва оқибатҳои хатогиҳои тиббӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Дар низомҳои романӣ-олмонӣ ва ИДМ барои хатогиҳои дағалона ва беэҳтиётӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, дар ҳолатҳое, ки оқибатҳо вазнин ба миён меоранд. Низомҳои англосаксонӣ бо чандирӣ ва мутобиқшавандагии ҳуқуқи умумӣ имконият медиҳанд, ки хатогиҳо бо эътибори воқеӣ арзёбӣ ва чораҳои пешгирӣ татбиқ гарданд. Мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва чораҳои иловагӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани ҳуқуқи идомаи фаъолияти касбӣ, ба баланд бардоштани сифати кӯмаки тиббӣ ва ҳифзи ҳаёт ва саломатии беморон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, принсипи асосӣ дар тамоми низомҳои ҳуқуқӣ чунин аст: ҷавобгарӣ барои хатогиҳои тиббӣ бояд мутаносиб бо дараҷаи гуноҳ ва оқибати кирдор татбиқ гардад, то ҳам ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои беморон таъмин шавад ва ҳам сатҳи масъулияти касбӣ тақвият ёбад.

Калидвожаҳо: хатогиҳои тиббӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, бемор, низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, ИДМ, этикаи тиббӣ, беэҳтиётӣ, амсол, қонунгузорӣ.

УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ЗАЩИТА ИНТЕРЕСОВ ПАЦИЕНТОВ: ОПЫТ И ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫЕ СТАНДАРТЫ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В ОТНОШЕНИИ МЕДИЦИНСКИХ ОШИБОК

Нажмидинов Муслихиддин Махмараджабович,
ассистент кафедры права и государственного управления факультета политики и управления Бохтарского Государственного университета им.Носири Хусрава
Тел.: 93-723-17-17
Email: 1717-mm@mail.ru

Аннотация: Анализ международного опыта показывает, что медицинские ошибки во всех правовых системах — романо-германской, англосаксонской, а также странах СНГ и Балтии — являются как социально-правовой проблемой, требующей особого внимания. Законодательство и судебные прецеденты придают большое значение субъективной оценке действий, уровню профессиональной ответственности и последствиям медицинских ошибок. В романо-германской и системах СНГ уголовная ответственность предусмотрена за грубые ошибки и халатность в случаях, когда последствия серьезны. Англосаксонские системы, благодаря гибкости и адаптивности общего права, позволяют оценивать ошибки с реальной обоснованностью и применять превентивные меры. Наличие правовых норм и дополнительных мер, включая ограничения на право продолжать профессиональную деятельность, способствует повышению качества медицинской помощи и защите жизни и здоровья пациентов. Таким образом, главный принцип во всех правовых системах заключается в следующем: ответственность за врачебные ошибки должна применяться соразмерно степени вины и последствиям деяния, чтобы обеспечить защиту прав и интересов пациентов и повысить уровень профессиональной ответственности.

Ключевые слова: врачебные ошибки, уголовная ответственность, пациент, романо-германская правовая система, англосаксонская правовая система, СНГ, медицинская этика, халатность, прецедент, законодательство

CRIMINAL LAW PROTECTION OF PATIENTS' INTERESTS: EXPERIENCE AND LEGAL STANDARDS OF FOREIGN COUNTRIES REGARDING MEDICAL ERRORS

Nazhmidinov Muslikhiddin Makhmarajabovich,
Assistant Professor, Department of Law and Public Administration, Faculty of Politics and Management, Nosiri Khusrav Bokhtar State University
Tel.: 93-723-17-17
Email: 1717-mm@mail.ru

Abstract: An analysis of international experience shows that medical errors in all legal systems—the Romano-Germanic, Anglo-Saxon, as well as the CIS and Baltic countries—are a socio-legal issue requiring special attention. Legislation and judicial precedents place great emphasis on the subjective assessment of actions, the level of professional responsibility, and the consequences of medical errors. In the Romano-Germanic and CIS systems, criminal liability is provided for gross errors and negligence in cases where the consequences are serious. Anglo-Saxon systems, thanks to the flexibility and adaptability of common law, allow for the assessment of errors with realistic

justification and the application of preventive measures. The presence of legal norms and additional measures, including restrictions on the right to continue professional activity, contributes to improving the quality of medical care and protecting the life and health of patients. Thus, the fundamental principle in all legal systems is that liability for medical errors should be proportionate to the degree of fault and the consequences of the act, in order to ensure the protection of patients' rights and interests and enhance professional accountability.

Keywords: medical errors, criminal liability, patient, Romano-Germanic legal system, Anglo-Saxon legal system, CIS, medical ethics, negligence, precedent, legislation

Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии муосири баъзе кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Австрия, Олмон ва Фаронса, танҳо ҳолатҳое боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд, ки иштибоҳи тиббӣ хусусияти ҷиддӣ ва дағалона дошта бошад. Чунин тартиб аз он сарчашма мегирад, ки муносибати табибу бемор то ҳол бештар дар доираи муносибатҳои хусусӣ ва шаҳрвандӣ баррасӣ мешавад, на ҳамчун масъалаи мустақими ҷиноятӣ.

Бо вуҷуди ин, қонунгузории ин давлатҳо меъёрҳои вижаеро низ дар бар мегирад, ки масъулиятро барои расонидани кӯмаки тиббии ғайрикасбӣ, набудани сатҳи зарурии дониш ва малака, инчунин анҷом додани амалиётҳои ҷарроҳии бе салоҳият ва таҷрибаи кофӣ пешбинӣ менамояд. Чунин муқаррарот, аз ҷумла, дар моддаҳои 856 ва 857 Кодекси ҷиноятии Австрия ба таври мушаххас инъикос ёфтааст [381].

Вазъияти марбут ба иштибоҳҳои тиббӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико солҳои охир бо равандҳои нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳамасола тақрибан 98 ҳазор нафар сокинони кишвар дар натиҷаи хатогиҳо ҳангоми расонидани кӯмаки тиббӣ фавтида мешаванд. Ин рақамҳо ишора бар он доранд, ки мушкилоти мазкур на танҳо хусусияти касбӣ, балки паёмадҳои ҷиддии иҷтимоӣ низ дорад.

Ғайр аз ин, таъсирҳои номатлуби доруҳо ва аксуламалҳои манфие, ки дар ҷараёни табобат ба амал меоянд, боиси бистаришавии шумораи зиёди беморон мегарданд. Тибқи маълумоти дастрас, хадамоти ёрии таъҷилии ИМА ҳар сол аз 3,5 то 8,8 миллион нафарро бинобар чунин ҳолатҳо ба муассисаҳои тиббӣ интиқол медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо аз густардагии мушкилот ва сатҳи баланди хавф дар низоми тандурустӣ дарак медиҳанд.

Маҷмӯи омор ва далелҳои зикршуда аҳаммияти фавқулодаи иҷтимоии масъалаи хатогиҳои тиббиро таъкид намуда, зарурати таҳлили амиқи ҳуқуқӣ ва ҷиноятии онро ба миён мегузорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи заминаҳои ҳуқуқӣ, муайян намудани ҳадди ҷавобгарӣ ва такмили

[381] Галюкова М. И. Современное уголовное законодательство зарубежных государств в сфере охраны здоровья // Особенности ответственности за причинение вреда здоровью человека в уголовном законодательстве европейских стран. — 2008. – С. 29-35.

механизмҳои назоратӣ метавонад барои коҳиш додани чунин ҳолатҳо ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои беморон мусоидат намояд.[382].

Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса мафҳуми «хато» ҳамчун як институти мустақили меъёрӣ шакл гирифта, дар сатҳи қонун ба танзим дароварда шудааст. Қонунгузор ин падидаро на танҳо аз дидгоҳи назариявӣ, балки ҳамчун омили таъсиррасон ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф намудааст.

Мувофиқи моддаи 122-3 Кодекси ҷиноятии Фаронса, агар шахс тавонад исбот кунад, ки дар натиҷаи иштибоҳи ҳуқуқие, ки дар шароити мавҷуда имкони бартараф намудани он вуҷуд надошт, амал ё рафтори худро қонунӣ меҳисобид, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Яъне, дар ҳолате, ки хато хусусияти ногузир дошта, шахс бо эътиқоди воқеӣ ба қонунӣ будани кирдори худ амал кардааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ намегардад.

Ин муқаррарот бозгӯи он аст, ки қонунгузории фаронсавӣ ба унсури субъективии гуноҳ аҳаммияти махсус медиҳад ва ҳангоми арзёбии кирдор ҳолати равонӣ ва дарки ҳуқуқии шахсро ба инобат мегирад [383]. Дар меъёри мазкур мафҳуми хато ҳамчун дарки нодуруст ё тасаввури ғалати шахс нисбат ба хусусияти ҳуқуқии амали содиркардааш тавсиф мегардад. Чунин иштибоҳ ба сифати хатои ҳуқуқӣ эътироф шуда, дар сурати мавҷуд будани шартҳои пешбининамудаи қонун метавонад ҷавобгарии ҷиноятиро пурра истисно намояд. Яъне, агар шахс бо сабаби нофаҳмии ҳуқуқӣ кирдори худро қонунӣ пиндошта бошад ва ин иштибоҳ ногузир бошад, масъалаи гунаҳгорӣ аз нав арзёбӣ мегардад.

Дар мавриди хатои воқеӣ бошад, танзими меъёрии он дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон пешбинӣ шудааст. Тибқи параграфи 16 Кодекси ҷиноятии Олмон («Хато нисбат ба ҳолатҳои воқеии кирдор»), агар шахс ҳангоми содир намудани амал ягон ҳолати воқеиро, ки ба унсурҳои таркиби ҷиноят дохил мешавад, дарк накарда бошад, чунин рафтор ҳамчун кирдори беқасд арзёбӣ карда мешавад.

Ба ибораи дигар, набудани огоҳӣ аз ҳолатҳои муҳимми воқеӣ, ки қонун онҳоро ҳамчун аломати таркиби ҷиноят муайян кардааст, қасдро истисно менамояд. Дар чунин вазъият масъулият танҳо дар сурате имконпазир аст, ки қонун барои содир кардани ҷиноят аз рӯи беэҳтиётӣ низ ҷавобгариро пешбинӣ карда бошад. Ин равиш нишон медиҳад, ки қонунгузории олмонӣ ба таҳлили дақиқи унсурҳои субъективии ҷиноят аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад[384]. Бо вуҷуди истисно гардидани қасд дар ҳолати

---

382 To Err Is Human: Building a Safer Health System: Report / Institute of Medicine. – Washington, DC: National Academy Press, 1999. – 344 p.

383 Code pénal — consolidated version as of January 1, 2014 — Article 122-3 «Erreur de droit»: N'est pas pénalement responsable la personne qui justifie avoir cru, par une erreur sur le droit qu'elle n'était pas en mesure d'éviter, pouvoir légitimement accomplir l'acte. — Париж: Légifrance / Gouvernement Франции, 2014

384 Strafgesetzbuch (StGB) der Bundesrepublik Deutschland. § 16 Irrtum über Tatumstände (Mistake of fact): “Whoever … is unaware of a fact which is a statutory element of the offence is deemed to lack intent. Any criminal liability for negligence remains unaffected.” — German Criminal Code, consolidated text. — Berlin: Bundesgesetzblatt / Bundesrepublik Deutschland, с изменениями на 1 января 2025 г.

хатои воқеӣ, ҷавобгарӣ барои кирдоре, ки аз рӯи бепарвоӣ (беэҳтиётӣ) содир шудааст, ҳамоно метавонад боқӣ монад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии рафтори шахс шакли гуноҳ — қасд ё беэҳтиётӣ — аҳаммияти калидӣ дорад ва маҳз он ба доираи масъулият таъсир мерасонад.

Мавқеи шабеҳ дар моддаи 14 Кодекси ҷиноятии Булғория низ инъикос ёфтааст. Тибқи ин меъёр, агар шахс аз ҳолатҳои воқеие, ки ба унсурҳои таркиби ҷиноят дохил мешаванд, огоҳ набошад, қасд нисбат ба чунин ҷиноят истисно мегардад. Дар айни замон, ин қоида ба кирдорҳои аз рӯи беэҳтиётӣ содиршуда низ дахл дорад, ба шарте, ки худи надонистани ҳолатҳои зикршуда шакли беэҳтиётиро ташкил надиҳад. Чунин танзим равиши тафриқавии қонунгузорро нисбат ба арзёбии тарафи субъективии ҷиноят, вобаста ба хусусият ва табиати иштибоҳи шахс, равшан ифода менамояд.

Масъалаи хатогиҳои тиббӣ бошад, дар бисёр кишварҳо боиси таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи илмии ҳуқуқшиносӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гардидааст. Нигаронӣ аз миқёс ва паёмадҳои чунин иштибоҳҳо бо маълумоти омории расмӣ тасдиқ мешавад. Аз ҷумла, тибқи иттилооти нашршуда, дар Британияи Кабир соли 2005 дар натиҷаи хатогиҳои табибон ва саҳлангории касбӣ 2 159 нафар бемор зарар дидаанд. Ин нишондиҳандаҳо аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мушкилоти мазкурро таъкид намуда, зарурати такмили механизмҳои назоратӣ ва меъёрҳои ҷавобгариро ба миён мегузоранд.[385]. Маълумот оид ба хатогиҳои тиббӣ дар Исроил низ боиси нигаронӣ мебошад: ба андешаи мутахассисон, 8–10 фоизи беморон дар беморхонаҳои Исроил дар натиҷаи хатогиҳои табибон ба ҳалокат мерасанд[386]. Дар Канада, ба ҳисоби миёна, 187 ҳазор нафар бо хатогиҳои тиббӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва тақрибан 24 ҳазор бемор дар муассисаҳои тиббии ин кишвар бинобар иштибоҳҳои касбии табибон ҷони худро аз даст медиҳанд[387]. Тибқи маълумоти матбуоти шотландӣ, соли 2004 аз кирдорҳои нодурусти кормандони тиб 21 ҳазор бемор зарар дидаанд, дар ҳоле, ки танҳо дар соли 2005 дар беморхонаҳои Шотландия ба 56 ҳазор нафар осеб расонида шудааст[388]. Маълумоти зикршуда танҳо як қисми хурди омори расмии умумии кирдорҳои номатлуби кормандони тиб дар давлатҳои хориҷӣ буда, хусусияти ҷаҳонии мушкилоти пешгирии хатогиҳои тиббиро собит менамояд.

Пешгирии ҳуқуқӣ-ҷиноятии хатогиҳои тиббӣ дар кишварҳои мансуб ба оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, одатан, тавассути муқаррароте таъмин мегардад, ки масъулиятро барои иҷрои ғайриқаноатбахши уҳдадориҳои касбӣ пешбинӣ менамоянд. Сухан дар бораи ҳолатҳое меравад, ки

---

[385] Несколько тысяч пациентов британских госпиталей ежегодно погибают по вине медицинского персонала // Сообщение АМИ - ТАСС от 04.09.2006 г.

[386] Каждый 10 больной умирает из-за ошибки врача // Сообщение информационного агентства «Курсор» от 01.02.2007 г.

[387] Национальная безопасность // Сообщение информационного агентства «Радио России» от 05.03.2006 г.

[388] Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана пациента в международном и зарубежном законодательстве. – М.

беэҳтиётӣ ё саҳлангории мутахассис ҳангоми иҷрои вазифа ба марги бемор ё расонидани зарар ба саломатии ӯ оварда мерасонад. Дар чунин низомҳо диққати асосӣ ба арзёбии шакли гуноҳ ва сатҳи эҳтиёткории касбӣ равона карда мешавад.

Намунаи равшани чунин танзимро қонунгузории Подшоҳии Нидерланд пешниҳод мекунад. Мувофиқи моддаи 307 Кодекси ҷиноятии ин кишвар, аз беэҳтиётӣ ё бепарвоӣ ба ҳалокат расонидани шахс бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то нӯҳ моҳ ё ҷаримаи дараҷаи чорум ҷазо дода мешавад.

Илова бар ин, агар чунин оқибат аз ҷониби шахсе ба амал омада бошад, ки дар доираи вазифаи мансабӣ ё фаъолияти касбии худ амал кардааст, суд метавонад ҷавобгариро шадидтар намояд. Тибқи моддаи 309 Кодекси ҷиноятии Нидерланд, дар чунин ҳолат муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад то сеяки ҳадди пешбинишуда зиёд карда шавад. Ҳамзамон, суд ҳақ дорад ҷазои иловагӣ, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайяни касбӣ ё ҳатто нашри расмии ҳукмро таъин намояд.

Ин гуна равиш нишон медиҳад, ки қонунгузории кишварҳои мазкур ба масъулияти касбӣ ва ҳифзи манфиатҳои беморон аҳаммияти ҷиддӣ дода, тавассути чораҳои ҷиноятӣ талош менамояд сатҳи эҳтиёткорӣ ва стандартҳои фаъолияти тиббиро баланд бардорад.[389]

Мавқеи нисбатан ҷиддитар дар самти арзёбии ҳуқуқӣ-ҷиноятии хатогиҳои тиббӣ, ки ба паёмадҳои вазнин барои бемор оварда мерасонанд, дар қонунгузории Ҷумҳурии Булғория таҷассум ёфтааст. Қонунгузори булғорӣ ба чунин кирдорҳо бо назардошти сатҳи хавфнокии онҳо баҳои сахттар медиҳад.

Тибқи моддаи 123 Кодекси ҷиноятии Булғория, расонидани марг дар натиҷаи надоштани дониш ё иҷрои саҳлангоронаи уҳдадориҳои касбӣ, инчунин фаъолияти дигаре, ки тибқи қонун ба танзим дароварда шуда, бо хатари баланд алоқаманд аст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад. Ин муқаррарот, аз ҷумла, ба ҳолатҳое дахл дорад, ки камбуди тахассус ё беэҳтиётӣ ҳангоми иҷрои фаъолияти тиббӣ боиси оқибати фоҷиабор мегардад.

Дар баробари ин, қонунгузор механизми фарқгузориро низ пешбинӣ намудааст. Мувофиқи қисми 2 моддаи 123, агар марг аз рӯи беэҳтиётӣ дар ҷараёни фаъолияти касбӣ ё фаъолияти дигар аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки барои анҷом додани он ҳуқуқ ё иҷозати дахлдор надоштааст, ҷазо метавонад сабуктар — то як соли маҳрум сохтан аз озодӣ — таъин гардад.

Чунин танзим нишон медиҳад, ки қонунгузории Булғория ба арзёбии тарафи субъективӣ ва шароити содир гардидани кирдор аҳаммияти махсус

---

[389] Уголовный кодекс Голландии. СПб., 2000.; Netherlands Criminal Code (Wetboek van Strafrecht). Art. 307 Causing death through negligence; Art. 309 Increase of penalty in case of professional/negligent context // Wetboek van Strafrecht (Dutch Penal Code), consolidated. — The Hague: Government of the Netherlands, latest consolidated version.

дода, вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва мақоми ҳуқуқии шахс сатҳи ҷавобгариро муайян менамояд[390].

Хусусияти фарқкунандаи қонунгузории ҷиноятии Аргентина дар он зоҳир мегардад, ки он барои фардисозии ҷавобгарӣ дар ҳолатҳои беэҳтиётии касбӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Қонунгузор кӯшиш намудааст, ки ҳангоми муайян кардани ҷазо на танҳо худи оқибат, балки дараҷаи айб, шароити содиршавии кирдор ва хусусиятҳои шахсии гунаҳкор низ ба назар гирифта шаванд.

Тибқи моддаи 84 Кодекси ҷиноятии Аргентина, шахсе, ки бар асари беэҳтиётӣ, саҳлангорӣ ё норасоии малака ва таҷрибаи касбӣ ҳангоми иҷрои фаъолияти худ боиси марги шахси дигар мегардад, метавонад ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то панҷ сол маҳкум карда шавад. Ин меъёр ба ҳолатҳое дахл дорад, ки вайрон намудани стандартҳои эҳтиёткорӣ дар фаъолияти касбӣ, аз ҷумла тиббӣ, ба оқибати фоҷиабор оварда мерасонад.

Ғайр аз ҷазои асосӣ, қонун имкони татбиқи чораҳои иловагиро низ пешбинӣ мекунад. Аз ҷумла, суд метавонад маҳдуд кардани ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайяни касбиро ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол таъин намояд. Ҳадафи чунин тадбир пешгирӣ намудани такрори қонуншиканӣ ва маҳрум сохтани шахс аз идомаи фаъолиятест, ки маҳз дар ҷараёни он ҷиноят содир шудааст.

Ин равиш гувоҳи он аст, ки қонунгузории Аргентина миёни ҷазо ва пешгирӣ тавозун барқарор намуда, ҳамзамон ба баҳои инфиродӣ ба дараҷаи гуноҳ ва вазъияти мушаххаси ҳар як парванда аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Чунин сиёсат метавонад ба баланд бардоштани масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои касбӣ аз ҷониби кормандони тиб ва дигар мутахассисон мусоидат намояд [391].

Ҳамин тариқ, холигигардида дар танзими меъёрҳои сифати фаъолияти тиббӣ дар кишварҳои оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ қисман тавассути меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ҷуброн карда мешаванд. Ин меъёрҳо бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳои касбӣ вазифаи ҳавасмандгардонии кормандони тибро барои риояи стандартҳои касбӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба уҳда мегиранд. Бо истифодаи чунин танзим, қонунгузор механизми ҳифзи беморон ва коҳиш додани хатогиҳои касбиро таъмин менамояд, ки таъсири мусбӣ ба сатҳи хизматрасонии тиббӣ дорад.

Агар ба таҳлили таҷрибаи пешгирии ҳуқуқӣ-ҷиноятии хатогиҳои тиббӣ дар кишварҳои оилаи ҳуқуқии англосаксонӣ гузарем, бояд хусусиятҳои анъанаҳои ҳуқуқии онҳо ба назар гирифта шаванд. Ба ин оила низоми ҳуқуқии кишварҳое монанди Англия, ИМА, Зеландияи Нав, Канада, Австралия, Ҳиндустон, инчунин кишварҳои собиқ мустамликаи Британиё ва чанд давлати дигар мансуб мебошанд.

---

[390] Уголовный кодекс Республики Болгария. – СПб., 2001.
[391] Уголовный кодекс Аргентины. – СПб., 2003.

Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ дар ин кишварҳо ба прецедентҳои судӣ ва қонунгузории статутӣ вобастаанд, ки аз ҷониби парламентҳо қабул карда мешаванд. Набудани меъёрҳои қатъиян кодификатсияшуда дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боиси ташаккули низоми ҳуқуқи умумӣ (common law) гардид. Дар чунин шароит, чандирӣ ва мутобиқшавандагии ҳуқуқи умумӣ имкон медиҳанд, ки низоми пешгирии хатогиҳои тиббӣ ба талабот ва шароити воқеии амалии фаъолияти касбӣ мутобиқ карда шавад ва ба ин васила сатҳи масъулият ва ҳифзи беморон баланд бардошта шавад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварҳои ИДМ ва Балтика равиши ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои беморон мушоҳида мешавад, ки аз ҷиҳати чандин ҷанбаҳо ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя наздик мебошад. Қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо асосан ба ҳифзи он манфиатҳои беморон равона шудааст, ки дар санадҳои меъёрӣ ба таври муфассал муайян гардидаанд ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва масъулияти касбиро дар бар мегиранд.

Ҳамин равишро метавон бо мисоли чанд санади қонунгузорӣ тасдиқ намуд, ки ба таъмини ҳуқуқ ва амнияти беморон равона шудаанд. Аз ҷумла:

- Асосҳои қонунгузории Украина оид ба ҳифзи саломатӣ аз 19 ноябри 1992, № 2801-XII;
- Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи тандурустӣ» аз 18 июни 1993, № 2435-XH;
- Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи ҳифзи саломатӣ» № 411-XIII аз 28 марти 1995.

Санадҳои меъёрии мазкур заминаи ҳуқуқии устувор барои ҳифзи манфиатҳои беморон фароҳам меоранд ва дар баробари он танзими муфассали масъалаҳои амнияти тиббӣ, стандарти иҷрои вазифаҳои касбӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои хатогиҳои табибонро таъмин менамоянд. Ин равиш барои коҳиш додани хатогиҳои тиббӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносии мутахассисони соҳаи тандурустӣ нақши муҳим дорад[392].

Танзими меъёрии хатогиҳои тиббӣ дар кишварҳои ИДМ ва Балтика хусусияти шабеҳ ва наздик ба қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия дорад, ки махсусан дар қоидаҳои моддаҳои 2-и 108 ва 118 Кодекси ҷиноятии ҶТ таҷассум меёбад. Кодексҳои ҷиноятии ин кишварҳо масъулияти кормандони тиббро барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳои касбӣ пешбинӣ менамоянд, ки дар натиҷаи беэҳтиётӣ метавонад ба марг ё зарар расонидан ба саломатии бемор оварда расонад.

Ба сифати мисол метавон моддаҳои зеринро ном бурд: моддаи 162 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус, моддаи 114 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, моддаи 213 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова, моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия, моддаи 130 Кодекси

[392] Ведомости Верховной Рады Украины 1993. № 4. Ст. 19.; Ведомости Верховного Совета Республики Беларусь. 1993. № 24.; Официальный монитор Республики Молдова. 1995. № 34 Ст. 373.

ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон, моддаи 140 Кодекси ҷиноятии Украина, моддаи 119 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ва моддаи 122 Кодекси ҷиноятии Туркманистон.

Пас аз таҳлили таҷрибаи кишварҳои ИДМ ва Балтика, баррасии механизмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои кам кардани хатогиҳои тиббӣ дар доираи низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ мантиқӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳам дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои ИДМ ва Балтика ва ҳам дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои мусулмонӣ, таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба хатогиҳои тиббӣ асосан бар принсипи ҷавобгарӣ барои кирдорҳои беэҳтиётона бунёд шудааст. Ин равиш ба пешгирӣ кардани зарар ба ҳаёт ва саломатии беморон равона гардида, сатҳи масъулияти кормандони тиб ва дигар мутахассисонро баланд мебардорад[393]. Вобаста ба ин, кирдорҳои нуқсондори кормандони тиб, ки бо оқибатҳои номатлуб анҷом меёбанд, дар ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои мусулмонӣ одатан таркиби мустақили ҷиноятро ташкил намедиҳанд ва аксаран дар доираи меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ ё масъулияти шаҳрвандӣ арзёбӣ мешаванд.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти муқовимат ба хатогиҳои тиббӣ нишон медиҳад, ки ин масъала хусусияти ҷаҳонӣ ва байнинизомӣ дорад ва дар маркази таваҷҷуҳи қонунгузорон, мақомоти ҳуқуқтатбиқ ва ҷомеаи илмии аксари давлатҳои ҷаҳон қарор дорад. Муносибат ба хатои тиббӣ дар тӯли таърих таҳти таъсири сатҳи рушди илми тиб, тасаввуроти динӣ ва ахлоқӣ, ҳамчунин хусусиятҳои низомҳои миллии ҳуқуқӣ шакл гирифтааст.

Қонунгузории хориҷӣ оид ба ҷавобгарӣ барои хатогиҳои тиббӣ метавонад бо истифода аз оилаҳои ҳуқуқӣ гурӯҳбандӣ карда шавад:

1. Оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ.

Кишварҳои намоянда: Олмон, Фаронса, Австрия, Булғория, Италия, Испания, Нидерланд, Белгия, Ҷопон, кишварҳои Амрикои Лотинӣ ва дигарон.

Аломатҳои хос:

- Муносибатҳои байни табиб ва бемор асосан ҳамчун муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ мешаванд.
- Ҷавобгарии ҷиноятӣ ба табиб асосан танҳо дар ҳолатҳои хатои дағалонаи тиббӣ татбиқ мегардад.
- Мавҷудияти меъёрҳои махсус оид ба хатои тиббӣ, аз ҷумла хатои воқеӣ ва хатои ҳуқуқӣ.

Намунаҳои меъёрҳои миллӣ:

- §16 КҶ Олмон – хато нисбат ба ҳолатҳои воқеии кирдор.
- м.122-3 КҶ Фаронса – хатои ҳуқуқӣ.
- м.123 КҶ Булғория – расонидани марг аз рӯи беэҳтиётӣ ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ.

[393] Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана пациента в международном и зарубежном законодательстве. С. 147.

•м.м.307 ва 309 КҶ Нидерланд – ҷавобгарӣ барои расонидани марг аз рӯи беэҳтиётӣ бо дарназардошти мақоми касбии шахс.

Ин равиш нишон медиҳад, ки дар низомҳои романӣ-олмонӣ қонунгузор кӯшиш мекунад ҳам ба ҳифзи манфиатҳои беморон аҳаммият диҳад ва ҳам сатҳи масъулияти касбии табибонро муайян созад, ки дар натиҷа хатогиҳои ҷиддӣ ва оқибатҳои номатлуби онҳо маҳдуд гарданд.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ оид ба хатогиҳои тиббӣ метавон хулосаи мукаммал чунин намуд:

Ҳатто дар шароити гуногуни низоми ҳуқуқӣ – оилаи романӣ-олмонӣ, англосаксонӣ ва кишварҳои ИДМ ва Балтика – хатогиҳои тиббӣ ҳамчун масъалаи ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқӣ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Дар низомҳои романӣ-олмонӣ, ба мисли Олмон, Фаронса, Булғория ва Нидерланд, муносибат ба хатои тиббӣ асосан субъективӣ буда, муносибатҳои байни табиб ва бемор бештар ҳамчун хусусӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ мешаванд. Ҷавобгарӣ асосан дар ҳолатҳои хатои дағалона ё беэҳтиётии ҷиддӣ татбиқ мегардад ва меъёрҳои махсус барои хатои воқеӣ ва хатои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Мавҷудияти амсолҳои судӣ, фарқгузорӣ байни хатогиҳои ҷазододашаванда ва оқибатҳои номатлуби ғайриҷиноятӣ, ҳамчунин ҷудо намудани шаклҳои беэҳтиётии даркшаванда ва беэҳтиётии даркнашаванда, нишон медиҳанд, ки қонунгузорӣ ба арзёбии субъективии кирдор аҳамияти калон медиҳад.

Дар кишварҳои оилаи ҳуқуқии англосаксонӣ (Англия, ИМА, Канада, Австралия, Зеландияи Нав ва дигарон) асоси ҳуқуқӣ ба амсолҳои судӣ ва қонунгузории статутӣ асос ёфта, чандирӣ ва мутобиқшавандагии низом ба талаботи воқеии фаъолияти касбӣ имкон медиҳад, ки хатогиҳои тиббӣ бо эътибори ҳуқуқӣ арзёбӣ ва чораҳои пешгирӣ амалӣ гарданд.

Дар кишварҳои ИДМ ва Балтика низ қонунгузорӣ ба ҷавобгарии кормандони тиб барои иҷрои номатлуби вазифаҳои касбӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дорад. Моддаҳои Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои Украина, Қазоқистон, Молдова, Латвия, Арманистон, Беларус, Қирғизистон ва Туркманистон ҷавобгариро барои хатогиҳои тиббӣ, ки бо оқибатҳои номатлуб ба бемор оварда мерасонанд, муқаррар менамоянд. Ин равиш нишон медиҳад, ки дар сатҳи миллию минтақавӣ низ самаранокии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҳифзи манфиатҳои беморон ва пешгирии хатогиҳои касбӣ ба назар гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки муносибат ба хатои тиббӣ ҳамеша дар ҳамоҳангӣ бо ахлоқи касбӣ, стандартҳои тиббӣ ва сатҳи масъулияти шахс таҳия мешавад. Ҷавобгарӣ барои кирдорҳои беэҳтиётӣ, таҳаммулнопазирии хатогиҳои дағалона ва татбиқи чораҳои иловагии пешгирӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани ҳуқуқи идомаи фаъолияти касбӣ, ба баланд бардоштани сифати кӯмаки тиббӣ ва ҳифзи ҳаёт ва саломатии беморон мусоидат мекунад.

Аслан, низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ дар кишварҳои гуногун, новобаста аз фарқиятҳои низомӣ, принсипи умумиро риоя

менамояд: пешгирӣ ва ҷавобгарӣ барои хатогиҳои тиббӣ бояд мутаносиб бо дараҷаи гуноҳ ва оқибати кирдор амалӣ гарданд, то ҳам ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои беморон таъмин шавад ва ҳам масъулияти касбӣ тақвият ёбад.

Адабиёт:

1. Code pénal: consolidated version as of January 1, 2014 — Article 122-3 «Erreur de droit». — Париж: Légifrance / Gouvernement Франции, 2014.
2. Netherlands Criminal Code (Wetboek van Strafrecht): Art. 307, Art. 309. — Гаага: Government of the Netherlands, последняя консолидированная редакция.
3. Strafgesetzbuch (StGB) der Bundesrepublik Deutschland: § 16 Irrtum über Tatumstände. — Берлин: Bundesgesetzblatt / Bundesrepublik Deutschland, с изменениями на 1 января 2025 г.
4. To Err Is Human: Building a Safer Health System: Report / Institute of Medicine. — Washington, DC: National Academy Press, 1999. — 344 с.
5. Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана пациента в международном и зарубежном законодательстве. — С. 147.
6. Ведомости Верховного Совета Республики Беларусь. 1993. — № 24.
7. Ведомости Верховной Рады Украины. 1993. — № 4. — Ст. 19.
8. Галюкова М.И. Современное уголовное законодательство зарубежных государств в сфере охраны здоровья // Особенности ответственности за причинение вреда здоровью человека в уголовном законодательстве европейских стран. — 2008. — С. 29–35.
9. Официальный монитор Республики Молдова. 1995. – № 34. – Ст. 373.
10. Уголовный кодекс Аргентины. — Санкт-Петербург: 2003.
11. Уголовный кодекс Голландии. — Санкт-Петербург: 2000.
12. Уголовный кодекс Республики Болгария. — Санкт-Петербург: 2001.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ТАЪРИХИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ОЗОДИИ ҶИНСӢ

Рустамзода Садам Рустам,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия **Тел.:** (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Ихтисоси илмӣ: 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
Муқарриз: Камолов З.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Фишурда. Дар мақола таҳлили таърихию ҳуқуқии ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии таҳаввулоти меъёрҳои ҳуқуқӣ аз давраи ибтидоии ташаккули давлатдории шуравӣ то замони муосирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар таҳқиқот муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШФСР, Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, хусусиятҳои консептуалӣ ва сохтории онҳо дар заминаи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус ошкор карда мешаванд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар давраи шӯравӣ тамоюли устувори пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус ва васеъ намудани доираи аломатҳои вазнинкунанда ба назар мерасид. Дар баробари ин, бо қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 низоми муосири танзими ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ташаккул ёфт, ки дар он таркибҳои ҷиноятҳо ба таври институтсионалӣ муттаҳид ва мушаххас гардонида шудаанд.

Муаллиф, ба хулосае меояд, ки рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа аз марҳилаи парокандагии меъёрҳо ба низоми мукаммали ҳуқуқии ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии шахсият гузариш намудааст ва ин раванд бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ идома дорад.

Калидвожаҳо: қонунгузории ҷиноятӣ, таҷовуз ба номус, озодии ҷинсӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷиноятҳои ҷинсӣ, фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломатҳои вазнинкунанда, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ.

ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРОТИВ ПОЛОВОЙ СВОБОДЫ

Рустамзода Садам Рустам,
Таджикский национальный университет, докторант PhD-и кафедраи уголовного права и противодействия коррупции
Тел.: (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Научная специальность: 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право
Рецензент: Камолов З.А., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация. В статье проведён историко-правовой анализ становления и развития уголовного законодательства Республики Таджикистан в части регулирования ответственности за изнасилование и иные преступления против половой свободы и половой неприкосновенности. Автор рассматривает основные этапы эволюции правовых норм начиная с периода становления советской государственности до современного этапа развития законодательства.

В исследовании проанализированы положения Кодекс уголовный РСФСР, Кодекс уголовный Узбекской ССР, Кодекс уголовный Таджикской ССР, Кодекс уголовный Таджикской ССР и Уголовный кодекс Республики Таджикистан, раскрываются их концептуальные и структурные особенности в контексте дифференциации уголовной ответственности за изнасилование.

Исследование показывает, что в советский период прослеживалась устойчивая тенденция к ужесточению уголовной ответственности за изнасилование и расширению круга квалифицирующих признаков. Вместе с тем принятие Уголовного кодекса Республики Таджикистан 1998 года ознаменовало формирование современной системы регулирования преступлений против половой свободы и половой неприкосновенности, в рамках которой соответствующие составы преступлений были институционально объединены и систематизированы.

Автор приходит к выводу, что развитие уголовного законодательства в данной сфере прошло путь от фрагментарного регулирования к формированию целостной правовой системы защиты половой свободы и неприкосновенности личности, и данный процесс продолжается с учётом международных стандартов и современных социальных трансформаций.

Ключевые слова: уголовное законодательство; изнасилование; половая свобода; половая неприкосновенность; половые преступления; дифференциация уголовной ответственности; квалифицирующие признаки; Уголовный кодекс РСФСР; Уголовный кодекс Таджикской ССР; Уголовный кодекс Республики Таджикистан; уголовно-правовая политика.

THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON LIABILITY FOR CRIMES AGAINST SEXUAL FREEDOM

Rustamzoda Sadam Rustam,
Tajik national university, PhD of the department of criminal law and anti-corruption
Tel.: (992) 908820123
Email: sadamjonn@bk.ru

Scientific specialty: 5.5.8. Criminal law and criminology; penal law
Reviewer: Kamolov Z.A., candidate of legal sciences, associate professor

Abstract. The article provides a historical and legal analysis of the formation and development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan in regulating liability for rape and other crimes against sexual freedom and sexual inviolability. The author examines the main stages in the evolution of legal norms, from the period of the establishment of Soviet statehood to the present stage of legislative development.

The study analyzes the provisions of the Criminal Code of the RSFSR, the Criminal Code of the Uzbek SSR, the Criminal Code of the Tajik SSR, the Criminal Code of the Tajik SSR, and the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, highlighting their conceptual and structural features in the context of differentiating criminal liability for rape.

The research demonstrates that during the Soviet period there was a consistent trend toward the tightening of criminal liability for rape and the expansion of qualifying elements. At the same time, the adoption of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in 1998 marked the formation of a modern system for regulating crimes against sexual freedom and sexual inviolability, within which the relevant offenses were institutionally consolidated and systematized.

The author concludes that the development of criminal legislation in this sphere has progressed from fragmented regulation to the establishment of a coherent legal framework for the protection of sexual freedom and personal inviolability. This process continues, taking into account international standards and contemporary social transformations.

Keywords: criminal legislation; rape; sexual freedom; sexual inviolability; sexual offenses; differentiation of criminal liability; qualifying elements; Criminal Code of the RSFSR; Criminal Code of the Tajik SSR; Criminal Code of the Republic of Tajikistan; criminal law policy.

Пас аз инқилоб дар Россия, аллакай моҳи декабри соли 1917 бо имзои В.И. Ленин декрет дар бораи ақди никоҳ ва бекоркунии он ба амал ҷорӣ карда шуд. Ин декрет ҳамаи меъёрҳои қаблии ҳуқуқиро, ки занро дар мавқеи вобастагӣ аз мард қарор медоданд, бекор намуд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият» (боби 11) бахши алоҳида «Дар бораи ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ» мавҷуд буд[394] Дар ин боб ҳам таркибҳои ҷиноятҳои безӯроварӣ, масалан, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст; алоқаи ҷинсии ҳамроҳ бо фиску фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона; фиску фасод нисбат ба ноболиғон тавассути содир намудани амалҳои фаҳш, ва ҳам ҷиноятҳое, ки бо қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ алоқаманд буданд, пешбинӣ гардида буданд.

Таҷовуз ба номус ҳамчун «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо роҳи истифода аз ҳолати оҷизонаи ҷабрдида» муайян карда мешуд[395]. Ҳамчунин, худкушии ҷабрдида ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ пешбинӣ мегардид.

Қобили зикр аст, ки дар м.167 КҶ ҶШФСР соли 1922 (таҳрири Қарори КИМ Умумииттифоқӣ аз 10 июли соли 1923) мафҳумҳои алоқаи ҷинсӣ ва қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона аз ҳам ҷудо карда мешуданд[396]. Аммо дар ҳамин модда масъалаи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида баррасӣ намегардид, зеро он ҷавобгариро барои алоқаи ҷинсӣ бо шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида, ҳамроҳ бо фиску фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона танзим мекард. Ҳамчунин қонунгузор шарҳ намедод, ки зери мафҳуми «қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона» чӣ маъно дорад.

КҶ ҶШФСР соли 1922 таркиби махсуси ҷинояти бачабозиро дар бар намегирифт. Вале, ин маънои онро надошт, ки дар шароити муайян чунин кирдорҳо ҷазонопазир боқӣ мемонданд. Азбаски дар м.169 мафҳуми «шахси ҷабрдида» бо истилоҳи «зан» мушаххас нашуда буд, зери он ҳам зан ва ҳам мард фаҳмида мешуданд. Эҳтимолан, аз нуқтаи назари қонунгузор, бачабозии зӯроварона ба мафҳуми таҷовуз ба номус дохил мешуд, дар ҳоле ки бачабозии ихтиёрӣ нисбат ба шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида тибқи м. 167 КҶ ҶШФСР бояд бандубаст мегардид.

Ҳамин тариқ, КҶ ҶШФСР соли 1922 барои бачабозии ихтиёрӣ байни шахсони болиғ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар накарда буд.

Дар таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон даврае мавҷуд буд, ки дар ҳудуди он меъёрҳои КҶ ҶШС Ӯзбекистон татбиқ мегардиданд. Ин санади меъёрӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он дар асоси Қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 16 июни соли 1926 амал мекард[397].

---

[394] Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С.45.

[395] Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С.45.

[396] Сборник законодательства СССР. – 1935. – № 19. – С. 497.

[397] Уголовный кодекс УзбССР1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – № 11. – 12. – Ст. 54. С.54.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926 бахши махсусе оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ надошт. Бо вуҷуди ин, дар боби 6 «Ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият» моддаҳое ҷой доштанд, ки ба моддаҳои КҶ ҶШФСР соли 1922 оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ монанд буданд (м.м. 211–217 КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1926). Ин қарори қонунгузор, ба андешаи муҳаққиқон, як навъ «қадами ақиб» дар ташаккули низоми ҷиноятҳо ба ҳисоб мерафт, зеро моҳияти иҷтимоии ин кирдорҳоро равшан инъикос намекард ва онҳоро дар байни дигар таҷовузҳо бар зидди шахсият «нонамоён» менамуд, инчунин дар худи қонун самти иҷтимоии онҳоро дақиқ муайян намесохт[398].

Дар мавриди танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус, дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон то ҳол меъёрҳо дар бораи ҷавобгарӣ барои қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона мавҷуд набуданд. Таркиби таҷовуз ба номус дар моддаи 214 КҶ ҶШС Ӯзбекистон пешбинӣ шуда, чунин муайян мегардид: «таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ё бо истифода аз ҳолати оҷизонаи шахси ҷабрдида»[399].

Ҷазо барои ин ҷиноят дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар гардида буд.

Дар муқоиса бо КҶ ҶШФСР, КҶ ҶШС Ӯзбекистон бо ду аломати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ пурра карда шуд: содир намудани таҷовуз ба номус нисбат ба шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст; таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби якчанд шахс содир шудааст.

Дар чунин ҳолатҳо ҷазо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол муқаррар мегашт..

Баҳсҳо дар бораи он ки зери мафҳуми «алоқаи ҷинсӣ» чӣ фаҳмида мешавад, аллакай дар ҳамон давра ба миён омада буданд. А.А. Жижиленко чунин мешуморид, ки зери алоқаи ҷинсӣ «бояд ҳам алоқаи ҷинсии табиӣ ва ҳам ғайритабиӣ, яъне дар шаклҳои бадахлоқона, фаҳмида шавад, ки муносибатҳои ҷинсӣ байни шахсони як ҷинс ва инчунин байни шахсони ҷинсҳои гуногунро дар бар мегирад, агар онҳо дар шаклҳои бадахлоқона сурат гиранд. Аммо ба ҳар ҳол, ба ин мафҳум амалҳои фаҳше дохил намешаванд, ки ба алоқаи ҷинсӣ намегузаранд ва на танҳо бе розигӣ, балки бар хилофи иродаи ҷабрдида содир карда мешаванд»[400].

Б.Н. Змиев, баръакс, танҳо алоқаи ҷинсиро, ки бо роҳи табиӣ анҷом дода мешавад, ҳамчун алоқаи ҷинсӣ эътироф менамуд ва алоқаи ҷинсӣ тавассути мақъадро ба зарари ҷисмонӣ нисбат медод[401].

Соли 1935 қабул шудани КҶ ҶШС Тоҷикистон оғози марҳилаи танзими мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар ҷумҳурӣ ифода намуд. Ин санади меъёрӣ бо Қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи соли 1935 тасдиқ гардида, аз 15 июни ҳамон сол дар

---

398 Рашад, М.П. Уголовная ответственность за изнасилование [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Полковников Рашад Михайлович. – Москва, 2010. – 37 с.

399 Уголовный кодекс УзбССР1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – № 11. – 12. – Ст. 54. – С.54.

400 Жижиленко, А.А. Преступления против личности [Текст] / А.А. Жижиленко. – М-Л.: Государственное издательство, 1927. – С.113.

401 Змиев, Б.Н. Уголовное право. Часть Особенная. Вып.1 [Текст] / Б.Н. Змиев. – Казань, 1923. – С.27.

ҳудуди ҷумҳурӣ мавриди амал қарор гирифт. Бо ҷорӣ гардидани ин кодекс, КҶ ҶШС Ӯзбекистон, ки қаблан дар ҳудуди ҷумҳурӣ амал мекард, қувваи ҳуқуқии худро аз даст дод[402].

Ин кодекс аввалин санади мукаммал ва низомёфтаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон буда, заминаҳои қонунгузории миллии ҷиноятиро гузошта, самтҳои минбаъдаи рушди онро муайян намуд. Бо вуҷуди такя ба меъёрҳои умумииттифоқӣ, ҳангоми таҳияи он хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар шароити хоси ҷомеаи тоҷик ба назар гирифта шуданд[403].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ҷиноятҳое, ки ба соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ таҷовуз мекунанд, дар боби 7 муттаҳид карда шуданд. Дар доираи ин боб қонунгузор гурӯҳи мустақили таркибҳои ҷиноятҳоро ҷудо намуда буд, ки ба ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ ва ахлоқи шахсият равона гардида буданд. Ба чунин кирдорҳо инҳо мансуб дониста мешуданд:

– алоқаи ҷинсӣ бо шахсони ба балоғати ҷинсӣ нарасида, ҳамроҳ бо фисқу фасод ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ дар шаклҳои бадахлоқона (м. 183 КҶ);

– фисқу фасод нисбат ба ноболиғон ва наврасон тавассути содир намудани амалҳои фаҳш (м. 184 КҶ);

– таҷовуз ба номус ҳамчун шакли зӯроваронаи таҷовуз ба озодии ҷинсии шахс (м. 185 КҶ);

– маҷбур намудани зан ба ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ ё қонеъ гардонидани шаҳвати ҷинсӣ бо роҳи дигар аз ҷониби шахсе, ки зан аз ӯ вобастагии моддӣ ё дигар навъи вобастагӣ дошт (м. 186 КҶ);

– маҷбуркунӣ ба машғул шудан ба фоҳишагӣ, даллолӣ, ташкил ва нигоҳдории фоҳишахонаҳо, инчунин ҷалби занон ба фоҳишагӣ (м.187 КҶ);

–ба бемории зуҳравӣ сироят намудани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки ба чунин беморӣ мубтало будани худро медонист (м. 188 КҶ).

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 дар бисёр ҷанбаҳо мавқеҳои консептуалӣ ва сохтории танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷинсиро, ки дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1926 гузошта шуда буданд, мерос гирифт, вале ҳамзамон тамоюли дақиқсозӣ ва рушди як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро нишон дод.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 умуман ҳамин номгӯйи таркибҳои ҷиноятҳоро нигоҳ дошт, ки ин аз пайдарҳамии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин соҳа шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои марбут ба ҷиноятҳои ҷинсӣ дар ин кодекс ба таври низомнок ба сохтори умумии он ворид гардида, бо сатҳи баландтари танзими ҳуқуқӣ-техникӣ фарқ мекарданд. Қонунгузор ба фарқгузории ҷавобгарӣ вобаста ба хусусияти таҷовуз, синни ҷабрдида, усули

---

[402] Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоикович. – Душанбе, 2017. С.31.

[403] Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М. Муллаев. – Сталинабад: Идво Таджик, гос. Ун¬та, 1960. С.122.

содир намудани ҷиноят ва оқибатҳои баамаломада таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд.

Дар фарқият аз КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1926, дар моддаи 185 КҶ ҶШС Тоҷикистон зери мафҳуми таҷовуз ба номус «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид, тарсондан ё бо роҳи истифода аз фиреб ва ҳолати нотавонии шахси ҷабрдида» фаҳмида мешуд. Ҳамин тариқ, таҳдид ва тарсондан ба он чизе баробар дониста мешуд, ки қаблан дар КҶ ҶШФСР соли 1922 ҳамчун зӯроварии руҳӣ зикр гардида буд.

Васеъ гардидани таркиби таҷовуз ба номус тавассути дохил намудани фиреб ҳамчун яке аз усулҳои содир намудани он баҳсҳои гуногунро дар байни муҳаққиқони ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд овард. Ин навоварӣ баҳсҳоро дар бораи ҳадду марзи тафсири ҳуқуқӣ-ҷиноятии зӯроварӣ ва ҳолати нотавонии ҷабрдида ба миён овард.

Аз ҷумла, А.А. Пионтковский ба норавшании ин мафҳум дар қонун ишора намуда, таъкид мекард, ки нисбат додани алоқаи ҷинсӣ «бо истифода аз фиреб аз ҳолати нотавонии ҷабрдида» метавонад ба хулосаи нодуруст оварда расонад, гӯё истифода аз ҳолати нотавонӣ, ки бо фиреб алоқаманд нест (масалан, аз ҳуш рафтани ҷабрдида), таркиби таҷовуз ба номусро ташкил намедиҳад. Ба ҳамин хотир, олим тафсири васеътар ва низомноки ин аломатро пешниҳод менамуд.

Аз ҷумла, ба андешаи ӯ, ба таҷовуз ба номус бояд, аввал, он ҳолатҳое мансуб дониста шаванд, ки ҷабрдида бинобар вазъи ҷисмонӣ ё равонии худ ба таври объективӣ аз имконияти муқобилият ба гунаҳгор маҳрум аст. Дуюм, ҳолатҳое, ки алоқаи ҷинсӣ тавассути чунин фиребе ба даст оварда мешавад, ки амалан занро ба вазъияте наздик ба ҳолати нотавонӣ мегузорад. Ба сифати мисол, А.А. Пионтковский ба ҳолатҳое ишора мекард, ки занро нисбат ба шахсияти шарики ҷинсӣ ба иштибоҳ меандозанд, вақте ки ба ӯ тасаввури бардурӯғ талқин карда мешавад, ки гӯё ӯ ба алоқаи ҷинсӣ бо шавҳар ё ҳамзисти худ ворид мегардад[404].

Ҳамзамон, ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ, ки бо роҳи ваъдаи бастани ақди никоҳ дар оянда ба даст оварда шудааст, ҳамчун таҷовуз ба номус эътироф намегардид, зеро чунин фиреб, тавре ки дар доктрина таъкид мешуд, занро аз қобилияти дарк намудани моҳияти амалҳои анҷомдодашаванда маҳрум намесохт ва ҳолати нотавониро ба вуҷуд намеовард[405].

Ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ дар м.185 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 инҳо пешбинӣ гардида буданд:

1) агар таҷовуз ба номус боиси худкушии ҷабрдида гардида бошад;

2) агар он нисбат ба шахсе, ки ба балоғати ҷинсӣ нарасидааст, содир шуда бошад;

3) агар таҷовуз ба номус аз ҷониби якчанд шахс содир гардида бошад (қ. 2 м. 185 КҶ).

---

[404] Пионтковский, А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. В 2 т. Т. 1 [Текст] / А.А. Пионтковский, В.Д. Меньшагин. М., 1953. С.38.

[405] Рашад, М.П. Уголовная ответственность за изнасилование [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Полковников Рашад Михайлович. – Москва, 2010. 38.

Барои таҷовуз ба номус ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар гардида буд, дар ҳоле, ки ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои вазнинкунанда ҷазо шадидтар шуда, то маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол пешбинӣ мегардид.

Бо Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 7 апрели соли 1935 «Дар бораи чорабиниҳои муборизаи ба муқобили ҷиноятҳои корӣ дар байни ноболиғон»[406] имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахсони ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида бо татбиқи ҳамаи чорабиниҳои ҷазои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ, ба истиснои ҷазои қатл, аз синни дувоздаҳсолагӣ муқаррар карда шуд. Ин меъёрҳо нисбат ба ноболиғоне татбиқ мегардиданд, ки дар содир намудани дуздӣ, амалҳои зӯроварона, расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, куштор ё кӯшиши куштор, инчунин таҷовуз ба номус гунаҳгор дониста мешуданд. Дар қисми боқимонда низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар давраи пеш аз ҷанг ташаккул ёфта буд, умуман устуворӣ худро нигоҳ дошта, баъд аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ амал мекард.

Пурзӯр гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус бо Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 4 январи соли 1949 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус»[407] амалӣ гардид. Бар хилофи муқаррароти м. 185 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935, ки ҷазои ниҳоиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол пешбинӣ менамуд, фармони мазкур ҷазоҳои хеле сахттар муқаррар кард. Аз ҷумла, барои содир намудани таҷовуз ба номус ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар лагерҳои ислоҳию меҳнатӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ сол пешбинӣ гардид. Ҳангоми таҷовуз ба номус нисбат ба ноболиғ, ҳамчунин барои кирдорҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудаанд ё ба оқибатҳои махсусан вазнин оварда расонидаанд, ҷавобгарӣ то маҳрум сохтан аз озодӣ дар лагерҳои ислоҳию меҳнатӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бист сол вазнин мегардид.

Рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи мавриди баррасӣ бо қабули Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 30 апрели соли 1954 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои одамкушии қасдона»[408] алоқаманд буд, ки тибқи он татбиқи ҷазои қатл нисбат ба шахсоне, ки кушторро дар робита бо таҷовуз ба номус содир намудаанд, иҷозат дода мешуд.

Аз 25 декабри соли 1958 қабул шудани Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ[409] боиси таҷдиди ҳадди синни ҷавобгарии ҷиноятӣ гардид. Ҳангоми баланд бардоштани синни умумии ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ то шонздаҳ сол, ҳамзамон қоидае муқаррар карда шуд, ки мутобиқи он барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла таҷовуз ба номус, ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад аз синни чордаҳсолагӣ оғоз гардад.

---

406 Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С.155.

407 Пионтковский, А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. В 2 т. Т. 1 [Текст] / А.А. Пионтковский, В.Д. Меньшагин. – М., 1953. – С.627.

408 Ведомости Верховного Совета СССР. – 1954. – № 11.

409 Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1953 - 1991 гг.: Законодательство СССР. Ч. 1 / Сост.: Н.С. Захаров, В.П. Малков; Науч. ред.: В.П. Малков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1992. – С.37.

КҶ ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 қабул гардида, аз 1 декабри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт. Ин санади меъёрӣ дар асоси принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 тасдиқ шуда буданд, таҳия гардида, ҳамин ҳолат самти консептуалӣ ва муҳтавои онро муайян намуд[410].

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 меъёрҳои махсуси ҷавобгарӣ барои зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба занонро дар шакли амалҳои ҷинсии зӯроваронае, ки аз алоқаи ҷинсии «табиӣ» фарқ мекунанд, пешбинӣ намекард.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таври институтсионалӣ ба низоми ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ворид карда шуда, бо ҳаҷми нисбатан маҳдуди танзими ҳуқуқӣ тавсиф меёфтанд. Ин кодекс ҷавобгариро танҳо барои панҷ шакли таҷовузи ғайриқонунии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ муқаррар менамуд, ки қонунгузор ба онҳо инҳоро мансуб медонист: таҷовуз ба номус, занро маҷбур кардан ба алоқаи ҷинсӣ, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун барои балоғати ҷинсӣ нарасидааст, содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба ноболиғон, инчунин бачабозӣ.

Дар ин гурӯҳи ҷиноятҳо мавқеи марказиро таркиби таҷовуз ба номус ишғол менамуд, ки муҳтавои он тавассути маҷмӯи аломатҳои таҷовузи зӯроваронаи ҷинсӣ ифшо мегардид. Дар сохтори меъёрии аз қ. 1 м. 121 КҶ соли 1961 иқтибосшуда, таҷовуз ба номус ҳамчун «алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид ё бо роҳи истифода аз вазъияти оҷизонаи ҷабрдида» маънидод мешуд[411].

Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус дар КҶ соли 1961 нисбат ба қонунҳои ҷиноятии қаблан амалкардаи шӯравӣ хусусияти бештар рушдёфта ва низомнок дошт. Он бар асоси ба назар гирифтани тавсифи криминологии ин ҷиноят сурат гирифта, фарқгузории таркибҳои оддӣ, вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаро дар назар дошт. Ҳамзамон қонунгузор доираи ҳолатҳоеро, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҷовуз ба номус вазнintар менамуданд, ба таври назаррас васеъ гардонд.

Ба қатори аломатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ, ки дар м. 121 КҶ соли 1961 муқаррар гардида буданд, аз ҷумла таҷовуз ба номусе мансуб дониста мешуд, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки қаблан чунин ҷиноятро анҷом дода буд (қ.2 м. 121 КҶ).

Ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ шадидтар мегардид, бо содир намудани таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок, ё бо ба амал омадани оқибатҳои махсусан вазнин, инчунин бо таҷовуз ба номус нисбат ба ноболиғ алоқаманд карда мешуданд. Муқаррароти зикршуда талоши қонунгузорро барои фарқгузории ҷавобгарӣ бо дарназардошти дараҷаи хавфи

[410] Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис ... д-ра. юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. С.397.
[411] Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, 1972. С.67.

ҷамъиятии шахсияти гунаҳгор ва оқибатҳои ҷиноят инъикос менамуданд (қ. 3 м. 121 КҶ).

Дар минбаъда м. 121 КҶ ҶШС Тоҷикистон борҳо тағйир ва пурра карда шуд, ки ин аз рушди динамикии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус ва ҷустуҷӯи шаклҳои оптималии муқаррароти меъёрии он шаҳодат медиҳад.

Дар оғози солҳои 1960 сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ИҶШС дар соҳаи муқовимат ба ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таври назаррас шадид гардонида шуд, ки ин раванд дар қонунгузории ҷумҳуриявӣ низ инъикос ёфт. Аз ҷумла, бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 20 феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус»[412], инчунин бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 июни соли 1962 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶШС Тоҷикистон»[413], ки барои татбиқи санади умумииттифоқӣ қабул гардида буд, таҳрири м. 121 КҶ соли 1961 аз нав дида баромада шуд. Дар натиҷа, қонунгузор бори аввал таркиби махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номусро муқаррар намуд ва ҳамзамон ҷазо барои содир намудани онро ба таври назаррас вазнintар гардонд, ки ин дар қисми сеюми моддаи зикршуда инъикос ёфт.

Рушди минбаъдаи ин меъёрҳо бо қабули Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 28 апрели соли 1980 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС “Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус”»[414] алоқаманд буд. Бо мақсади иҷрои ин санад, Фармони Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 21 июли соли 1980[415] қабул гардида, ба м. 121 КҶ тағйироти иловагӣ ворид карда шуд, ки дар дохил намудани қисми чорум ифода ёфт. Дар он ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номусе муқаррар карда мешуд, ки аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок содир гардида, ба оқибатҳои махсусан вазнин оварда расонидааст, инчунин барои таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол. Ҷазои ин меъёр маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол ё татбиқи ҷазои истисноӣ – қатлро пешбинӣ менамуд.

Таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол аз рӯи табиати худ ба қатори кирдорҳое мансуб аст, ки дар шароити махсусан вазнинкунанда содир мегарданд, зеро он метавонад ба расонидани зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида ва дар баъзе ҳолатҳо ба фавт оварда расонад, ҳамчунин ба рушди равонӣ ва ахлоқии ӯ таъсири ниҳоят манфӣ расонад. Хусусиятҳои синнусолии шахси хурдсол ба таври объективӣ имконияти дарк намудани моҳияти иҷтимоии амали ҷинсӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онро истисно менамоянд. Аз ин рӯ, набудани муқобилияти фаъол аз ҷониби ҷабрдида наметавонад ҳамчун ифодаи розигии ихтиёрӣ арзёбӣ гардад. Ин ҳолат баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии

412 Ведомости Верховного Совета СССР. – 1962. – №8. – Ст. 84.
413 Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1962. – №19. – Ст. 149
414 Ведомости Верховного Совета СССР. – 1980. – №19. – Ст. 348.
415 Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1980. –№12. –Ст. 123.

кирдорро ҳамчун таҷовуз ба номус бартараф намесозад, зеро гунаҳгор дар чунин вазъиятҳо аз ҳолати нотавонии ҷабрдида истифода мебарад[416].

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақоми олии судӣ низ аз ҳамин мавқеъ бармеомад. Аз ҷумла, Пленуми Суди Олии ИҶШС чунин тавзеҳ дода буд, ки содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо кӯдаки хурдсол дар сурати мавҷуд набудани маълумоте, ки аз дарки моҳияти амалҳои содиршаванда аз ҷониби ӯ шаҳодат диҳанд, бояд ҳамчун таҷовуз ба номус бандубаст карда шавад[417].

Дар Қарори Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 28 апрели соли 1980 «Дар бораи тартиби татбиқи моддаи 1 Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС “Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус”» шарҳ дода мешуд, ки зери мафҳуми таҷовуз ба номус нисбат ба кӯдаки хурдсол бояд таҷовуз ба номуси духтаре фаҳмида шавад, ки ба синни 14-солагӣ нарасидааст[418].

КҶ соли 1998 ҷиноятҳои ҷинсиро таҳти унвони умумии «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» муттаҳид намуд. Боби 18 КҶ низ чунин ном дошта, таркибҳои зерини ҷиноятҳоро дар бар мегирад: таҷовуз ба номус (м. 138), ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 139), маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 140), алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо

бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни 16-солагӣ нарасидааст (м. 141), ҳаракти бадахлоқона (м. 142), инчунин алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ (м.142[1]).

Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин таркиби алоҳидаи ҷиноят “алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ” (м.142[1] КҶ ҶТ) ҷойгир шудааст.

Зери ин ҷиноят “алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона, ки бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динии ҷабрдида ё дар раванди таълими динӣ содир шудааст” фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ:

1. Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули давлатдории шӯравӣ қонунгузории ҷиноятӣ бо хусусияти парокандагӣ ва набудани консепсияи ягонаи танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ тавсиф меёфт. Бо вуҷуди ин, дар тӯли солҳои дарози рушди он заминаи устувори назариявию ҳуқуқии ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии шахсият ташаккул ёфт, ки муқаррароти он то андозае рушди минбаъдаи институтҳои дахлдорро муайян намуда, дар доктринаи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос ёфтанд.

---

[416] Муллаев, М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть) [Текст] / М. Муллаев. – Душанбе, Ирфон,1988. С.99.

[417] Пленум Верховного Суда СССР Постановление от 25 марта 1964 г. №2 «О судебной практике по делам об изнасиловании» // Сборник постановлений пленума Верховного Суда СССР, 1924-1986 / под общ. ред. Председателя Верховного Суда СССР В. И. Теребилова. М.,1987. С.615.

[418] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1980. – №19. – Ст. 348.

2. Дар ҷараёни дигаргуниҳои қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ кӯшишҳои пайдарпайи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус бо дарназардошти меъёрҳои объективӣ ва субъективии хавфнокии ҷамъиятӣ амалӣ мегардиданд. Пеш аз ҳама, хусусият ва дараҷаи вазнинии оқибатҳои баамаломада, инчунин хусусиятҳои синнусолии ҷабрдида ба эътибор гирифта мешуданд, ки ин аз талоши қонунгузор барои баҳодиҳии дақиқтар ва мақсадноки ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноят шаҳодат медиҳад.

3. Умуман, барои давраи шӯравӣ тамоюли устувори пурзӯр гардондани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус хос буд, ки тавассути қабули санадҳои махсуси меъёрӣ ва васеъ намудани доираи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда амалӣ мегардид. Нисбат ба шаклҳои аз ҳама хавфноки ин ҷиноят санксияҳои ҷиноятӣ то ҳадди чораҳои ниҳоӣ, аз ҷумла татбиқи ҷазои истисноӣ – қатл, мерасиданд.

4. Таърихи рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба номус танзим менамояд, мувофиқ аст ба се марҳилаи асосӣ ҷудо карда шавад:

а) марҳилаи якум: аз соли 1917 то 1961, ки бо набудани меъёрҳои ҳамаҷониба таҳияшудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсиф меёфт. Дар ин давра барои таҷовуз ба номус чораҳои нисбатан сабуки ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ мегардиданд;

б) марҳилаи дуюм: аз 1961 то 1998, ки дар ҷараёни он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус ба таври назаррас пурзӯр карда шуд, то ҳадде ки имконияти таъйини ҷазои олӣ пешбинӣ мегардид. Ҳамзамон, ба қонунгузории ҷиноятӣ таркибҳои нави ҷиноятҳо ворид карда шуданд, аз ҷумла маҷбур намудани зан ба алоқаи ҷинсӣ, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бачабозӣ муқаррар гардид;

в) марҳилаи сеюм: аз соли 1998 то имрӯз, ки бо муқаррар намудани қонунгузории объекти намудии ҷиноятҳо тавсиф меёбад. Дар ин давра таркибҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ низомнок гардида, дар боби алоҳидаи 18 «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид карда шуданд, ки қаблан дар қонунгузории миллии ҷиноятӣ вуҷуд надошт.

Адабиёт:

1. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис ... д-ра. юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – С.397.

2. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1954. – № 11.

3. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1962. – №8. – Ст. 84.

4. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1980. – №19. – Ст. 348.

5. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1962. – №19. – Ст. 149

6. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1980. –№12. –Ст. 123.

7. Жижиленко, А.А. Преступления против личности [Текст] / А.А. Жижиленко. – М-Л.: Государственное издательство, 1927. С.113.

8. Змиев, Б.Н. Уголовное право. Часть Особенная. Вып.1 [Текст] / Б.Н. Змиев. – Казань, 1923. С.27.

9. Муллаев, М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть) [Текст] / М. Муллаев. – Душанбе, Ирфон,1988. С.99.

10. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М. Муллаев. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. Ун¬та, 1960. С.122.

11. Пионтковский, А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Особенная часть. В 2 т. Т. 1 [Текст] / А.А. Пионтковский, В.Д. Меньшагин. М., 1953. С.38.

12. Пленум Верховного Суда СССР Постановление от 25 марта 1964 г. №2 «О судебной практике по делам об изнасиловании» // Сборник постановлений пленума Верховного Суда СССР, 1924-1986 / под общ. ред. Председателя Верховного Суда СССР В. И. Теребилова. М.,1987. С.615.

13. Рашад, М.П. Уголовная ответственность за изнасилование [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Полковников Рашад Михайлович. – Москва, 2010. – 37 с.

14. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. С.155.

15. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1953 - 1991 гг.: Законодательство СССР. Ч. 1 / Сост.: Н.С. Захаров, В.П. Малков; Науч. ред.: В.П. Малков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1992. С.37.

16. Сборник законодательства СССР. – 1935. – № 19. – С. 497.

17. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, 1972. С.67.

18. Уголовный кодекс УзбССР1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – № 11. – 12. – Ст. 54. – С.54.

19. Уголовный кодекс УзбССР1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – № 11. – 12. – Ст. 54. – С.54.

20. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоикович. – Душанбе, 2017. – С.31.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)

АМАЛИШАВИИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР ДАВРАИ ОҒОЗ НАМУДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

Шерализода Миралӣ Шералӣ,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992 918150505)
Email: sobirov0505@mail.ru

Фишурда: Дар мақолаи мазкур амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ зери таҳлил қарор гирифта, муҳиммият ва аҳаммиятнокии он нишон дода шудааст. Муаллиф ишора намудааст, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки дар ҳама маврид аз бегуноҳии шахс дарак медиҳад ва ҳама маҳкумкуниҳои беасос ва ғайриқонуниро аз байн мебарад. Бинобар ин, мақомоти таъқиби ҷиноятиро зарур аст, ки ҳангоми оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ҳамчунин амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро низ аз мадди назар дур насозанд.

Калидвожаҳо: эҳтимолияти бегуноҳӣ, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, принсип, парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

РЕАЛИЗАЦИЯ ПРИНЦИПА ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ ПРИ ВОЗБУЖДЕНИИ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

Шерализода Мирали Шерали,
Таджикский национальный университет, ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук
Тел.: (+992 918150505)
Email: sobirov0505@mail.ru

Аннотация: В данной статье анализируется реализация принципа презумпции невиновности при возбуждении уголовного дела, а также показана его важность и значимость. Автор указывает, что презумпция невиновности это принцип, который во всех случаях указывает на невиновность человека и исключает все необоснованные и противоправные обвинительные приговоры. Поэтому органам уголовного преследования не

следует упускать из виду реализация принципа презумпции невиновности при возбуждении уголовного дела.

Ключевые слова: презумпция невиновности, возбуждение уголовного дела, принцип, уголовное дело, дознаватель, следователь, прокурор, суд, Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан.

IMPLEMENTATION OF THE PRINCIPLE OF PRESUMPTION OF INNOCENCE WHEN INITIATING A CRIMINAL CASE

Sheralizoda Mirali Sherali,
Tajik national university, assistant at the department of judicial law and prosecutorial supervision, candidate of law sciences
Phone.: (+992 918150505)
Email: sobirov0505@mail.ru

Abstract: This article analyzes the implementation of the principle of the presumption of innocence when initiating a criminal case and demonstrates its importance and significance. The author points out that the presumption of innocence is a principle that always indicates a person's innocence and precludes all unfounded and unlawful convictions. Therefore, criminal prosecution authorities should not lose sight of the implementation of the principle of the presumption of innocence when initiating a criminal case.

Key words: presumption of innocence, initiation of criminal proceedings, principle, criminal case, investigator, prosecutor, court, Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan.

Риоя ва амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳанӯз аз лаҳзаи дастгир намудани шахс оғоз меёбад. Яъне то оғози давраи судӣ, дар давраҳои алоҳидаи тосудӣ низ амалу иҷроиши он пурра ва ҳамаҷониба ба назар мерасад. Мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро ба уҳда доранд, муваззаф гардонида мешаванд, ки фаъолияти худро тибқи муқаррарот ба роҳ монанд. Масалан, ҳангоми ошкорнамоии ҷиноят, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ё муайян намудани айби шахс дар содир намудани ҷиноят, онҳо ногузир бояд ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Зеро, яке аз талаботҳои принсипи мазкур маҳз муайян намудани маҳакҳои зерин аст. Агар ба муҳтавои истилоҳи “тосудӣ” назар афканем тибқи он парвандаи ҷиноятӣ ҳанӯз дар пешбурди судӣ қарор надошта, аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба монанди прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда пеш бурда мешавад. Вале дар давраи мазкур ба монанди дигар давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби прокурор ва дигар субъектони мақомоти таъқиби ҷиноятӣ риоя гардида, аз ҳар гуна таҷовузҳои ғайриқонуниву маҳкумкуниҳои беасос эмин нигоҳ дошта шавад. З.Ҳ. Искандаров менависад, ки прокуратура

ҳамчун мақомоти давлатӣ ба гурӯҳи институти давлатии ҳимояи ғайрисудии ҳуқуқи инсон шомил буда дар ҷодаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва таъмини қонуният дар кишвар саҳми назаррас дорад[419]. Ба андешаи И.Т. Маҳмудов дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон таъмини реҷаи ягонаи қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти аввалиндараҷаро пайдо менамояд[420]. Бинобар ин, амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки муҳтавои онро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад, дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ вижагиҳои ба худ хос дорад. Нахуст, бо оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш функсияи ягонаи худ, яъне тафтишотро ба роҳ мемонад. Сипас, ӯ тамоми ҳолатҳои корро омӯхта, шахсонеро, ки дар содиршавии ҷиноят алоқамандӣ доранд, муайян мекунад. П.С. Абдуллоев ва Б.З. Ғулом қайд менамоянд, ки «барои қонунан, асоснок ва адолатона ҳаллу баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, ки ҳолатҳои он муайян карда шаванд, ҳамаи фактҳое, ки барои қабул намудани қарор аҳаммият доранд, дуруст муқаррар карда шаванд. Бинобар ҳамин ҳам, ба ҷавобгарӣ кашидани шахси бегуноҳро роҳ додан лозим нест»[421].

Бешак, дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бояд ба таври комил риоя ва иҷро гардида, тамоми ҷузъиёти кучаки он, ки метавонад аз бегуноҳии шахс дарак диҳад ба назар гирифта шавад.

Аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо маълум аст, ки давраи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ дар 2 шакл ифода меёбад.

1. Давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;
2. Давраи тафтишоти пешакӣ.

Мутобиқи моддаи 140-и КМҶ ҶТ давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ тибқи асосҳои зерин оғоз карда мешавад:

- ариза дар бораи ҷиноят;
- ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
- иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот; иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;
- аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.

Тибқи муқаррароти қисми 6-и моддаи 145-и КМҶ ҶТ дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани

---

[419] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2007. − С. 122-125.

[420] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Мавқеи мақомоти прокуратура дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: ҳолати кунунӣ ва дурнамо / И.Т. Маҳмудов // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (1-2-юми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 87.

[421] Абдуллоев П.С. Ҳақиқат ҳамчун мақсади исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №2 (14). − С. 86.

ҷиноят мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ё прокурор яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

- дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ;
- дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ;
- дар бораи аз рӯи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот[422].

Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ давраи нахустини мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, мазмуну моҳияти онро фаъолияти бо қонун танзимшудаи шахсони мансабдори мақомоти босалоҳияти давлатӣ (мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) оид ба қабул ва баррасии аризаву иттилоот оид ба ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда, содиршуда ва қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ фаро мегирад[423].

Хотиррасон бояд намуд, ки ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ муаммое вуҷуд дорад, ки то ҳанӯз ҳалли ҳамаҷонибаи худро наёфтааст. Яъне то кадом дараҷа ва то кадом лаҳза мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро ба инобат гиранд. Дар масъалаи мазкур андешаҳо гуногунанд, зеро аз лиҳози назариявӣ баъзе мурофиачиён принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро зарур нашуморида, амали онро нолозим медонанд[424]. Муҳаққиқони дигар бар он назаранд, ки воқеан принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ амал менамояд, вале амали он то лаҳзаи эълон намудани айб аст. Яъне ба андешаи онҳо агар нисбат ба шахс фикри айбдоркунӣ бароварда шавад, эҳтимолияти бегуноҳии ӯ ҳамон лаҳза аз байн меравад, ки ба андешаи мазкур мо чандон мувофиқ нестем. Зеро эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки ҳанӯз аз лаҳзаи дастгирнамоӣ ба вуқӯъ пайваста, минбаъд дар тамоми даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал менамояд. Бинобар ин, пас аз эълон намудани фикри айбдоркунӣ низ шахс метавонад аз ҳама имконияту шароитҳое, ки қонун барои ҳар як шахс фароҳам овардааст истифода барад ва бегуноҳии худро исбот намояд.

Далели равшани ин гуфтаҳо моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 15-и КМҶ ҶТ аст, ки новобаста ба ҳеҷ ақидаву пешниҳоде, шахсро то замоне, ки ҳукми суд набарояд, дар дилхоҳ давраи мурофиаи ҷиноятӣ бегуноҳ мепиндорад. Махсусияти принсипи мазкур низ дар ҳамин ифода меёбад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ягон давраи муайян аз байн намеравад ва то лаҳзаи охирин бегуноҳии шахсро талаб менамояд. Ҳамчунин, дар ҳошияи он андешаҳое, ки гуё эҳтимолияти бегуноҳӣ то

---

[422] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъғйиру иловаҳо аз 23.07.2016 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815

[423]Ниг.: Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Ҷалолов А.Ғ., Собиров М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нақша (қисми пешбурди тосудӣ ва судӣ). – Душанбе, матбааи ҶДММ “Нашри муборизе”, 2022. – С. 7.

[424] Ниг.: Тадевосян В.С. К вопросу об установлении материальной истины в советском процессе / В.С. Тадевосян // Советское государство и право. 1948. № 6. – С. 71., Вышинский А.Я. Революционная законность и задачи советской защиты. - М.: Редакционно-издательский сектор Мособлисполкома, 1934. - С. 18., Голунский С.А. О вероятности и достоверности в суде // Проблемы уголовной политики. Кн. 4. - М.1937. - С. 59.

лаҳзаи баровардани фикри айбдоркунӣ амал менамояд, суоле ба миён меояд, ки агар эҳтимолияти бегуноҳӣ воқеан то лаҳзаи баровардани фикри айбдоркунӣ амал намояд, пас чи гуна маълум карда мешавад, ки оё шахс гунаҳгории худро аз рӯйи ақидаву эътимоди ботинии худаш пазируфтааст ва ё зери фишанги таъсиррасонии субъекти дигар? Агар ин гунаҳгорӣ зери таъсири нафари дигар бошад, пас чи гуна метавонад эҳтимолияти бегуноҳии шахс дар даврaҳои баъдӣ амал нанамояд? Нисбат ба шахсе, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ӯро бегуноҳ медонад, кафолати бегуноҳӣ ва ҳуқуқу озодиҳояш куҷо мешавад? Мубрамияти масъалаи мазкур низ маҳз дар ҳамин нуқтаҳо ифода меёбад. Аз ин рӯ, А.М. Ларин низ хуб ишора менамояд, ки бегуноҳ эълон намудан ва ё сазовори ҷазо будани шахс танҳо салоҳияти суд аст ва ба ҷуз суд дигар ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад[425].

Ба ин минвол муайян намудани ҳақиқат ва исботи гуноҳи шахс ин уҳдадории мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аст. Зимнан бояд хотирнишон намуд, ки исбот нагардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят, маънои исботи бегуноҳии ӯ аст. Новобаста аз он ки далелҳои ҷамъовардашуда чи гунаанд ва дар кадом шароит ба даст оварда шудаанд ва назару андешаҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дар хусуси гунаҳгории шахс чӣ навъ аст, онҳо бояд талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои корро ба роҳ монанд. Барои ҳалли масъалаи гунаҳгории шахс бояд ҳама ҳолатҳое, ки ба бегуноҳии шахс ҳавола мешаванд аз байн бурда шаванд, вагарна гунаҳгории нисбати шахс татбиқшаванда тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ исботнашуда ҳисобида мешавад.

А.Н. Лиеде дуруст қайд менамояд, ки “барои мустаҳкам намудани далелҳои саҳеҳ ва қобили қабул дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ногузир бояд давраи тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ оғоз шавад”[426]. Сипас баъди ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд далелҳои манзуршудаи ҳанӯз дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ, ба таври комил ҷойи худро пайдо менамоянд.

Шоёни зикр аст, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи то судии мурофиаи ҷиноятӣ бояд ҳамчун маҳаки асосии муайянкунандаи бегуноҳии шахс дар муқобили чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ истодагарӣ намояд. П.С. Абдуллоев қайд менамояд, ки: «тибқи эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда, хулосаҳо оид ба гунаҳгории ӯ танҳо дар асоси далелҳои саҳеҳ метавонанд муайян карда шавад[427].

Зимнан бояд иброз дошт, ки амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷилову олоиши худро ҳанӯз аз лаҳзаи дастгир кардани шахс

---

[425]Ниг.: Ларин А. М. Уголовный процесс: структура права и структура законодательства. М., 1985. – С. 30.

[426]Ниг.: Лиеде А. Н. Вопросы возбуждения уголовного дела / А.Н. Лиеде // Вопросы уголовного права, процесса, кримимилистики Рига: Изд-во Латв. Гос. ун-та. 1968. № 247. - С. 144.

[427]Ниг.: Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (УПК Республики Таджикистан): дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2014. – С. 161.

пайдо менамояд. Давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ идомаи мантиқии он ба ҳисоб меравад. Тавре маълум аст ҳангоми аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастгир кардани шахс, протоколи дастгиркунӣ тартиб дода мешавад, вале далелҳои зарурие, ки гунаҳгории шахсро муайян намоянд дар он дарҷ намегардад. Зеро, ҳангоми дастгиркунии шахс, ки мутобиқи қонун ҳанӯз гунаҳгор эътироф карда нашудааст, ҳуқуқу озодиҳои ӯ маҳдуд карда шуда, муҳлати 72 соат муқаррар карда мешавад. Дар ин бобат муҳаққиқи рус С. Р. Бобилев иброз медорад, ки иштибоҳ ҳангоми дастгирнамоӣ дар бештари маврид оқибатҳои вазнинро ба бор меорад. Ҳарчанд тартиби он муайян гардидааст, вале ин тартиб на ҳама вақт риоя мегардад[428]. Бинобар ин, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакиро зарур аст, ки ҳангоми дастгир кардани шахс фавран ба прокурор хабар диҳанд ва дар кӯтоҳтарин муҳлат нисбат ба шахс чораи пешгирӣ татбиқ карда шавад ва ё шахс озод карда шавад. Меъёри мазкур ҳамчунин дар қисми 6-и моддаи 94-и КМҶ ҶТ низ зикр гардидааст. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ҳатто дар дар лаҳзаи дастгир намудани шахс низ амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ набояд сарфи назар карда шавад.

Мо низ ба ин андеша ҳамфикрем, зеро бе асоси қонунӣ дастгир намудани шахс ва ё муддати зиёд дар ҳабс нигоҳ доштан ва ё ба инобат нагирифтани муқаррароти кодекс бевосита ба маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд оварда мерасонад ва дар натиҷа эҳтимолияти бегуноҳии шахс аз байн меравад, ки дар ин сурат шахс метавонад ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрум карда шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми дастгир намудани шахс ва оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ, ҳама ҳолатҳои дар кодекс зикргардида бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар сурати ғайр, яъне ҳангоми бе асосҳои қонунӣ шахсро дастгир намудану ба сифати гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ метавонад ба эҳтимолияти бегуноҳияш ҳамчун хатари ҷиддӣ таҳдид намояд.

Воқеан, амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бисёр зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад. Дар давраи мазкур қоидаи асосии иҷроиши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар асоси фактҳои зарурие, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунад, ба роҳ монда мешавад.

Ба андешаи В.М. Биков оғози принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аст, ки дар он гумонбаршуда ва айбдоршаванда маълум аст[429]. Ҳарчанд барои амалишавии принсипи мазкур будани гумонбаршуда ва айбдоршаванда чандон муҳим нест. Ч.С. Касумов иброз медорад, ки “эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамеша дар он ҷое амал менамояд, ки агар шахс барои амали ғайриҳуқуқии худ ҷавобгар бошад”[430].

---

[428]Ниг.: Бобылев С.Р. Проблемы института задержания в уголовном процессе / С.Р. Бобылев // Судебная власть и уголовный процесс. – 2018. –·№2. − С. 284.

[429]Ниг.: Быков В. М. Препятствует ли принцип презумпции невиновности борьбе с коррупцией? / В. М. Быков // Юстиция. – 2011. – № 11. – С. 35.

[430]Ниг.: Касумов Ч. С. Презумпция невиновности в советском праве. – Баку: Элм, 1984. – С. 33.

Дарвоқеъ чунин аст! Барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ маълум будани шахси ҷиноят содирнамуда, муҳим нест. Парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳолати ҷойдошта ва ҷинояти содиршуда оғоз карда мешавад. Азбаски амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ нисбати шахсони муайян равона гардидааст, бинобар ин, дар давраи мазкур вобаста ба ҳолатҳои муайянгардида, яъне пайдо шудани шахс, амали ҳамаҷонибаи он оғоз мегардад. Агар дар ҷинояти содиргардида, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда маълум набошад, пас амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ низ номафҳум боқӣ мемонад. Вале агар ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, шахсони болозикр маълум бошанд, пас аз лаҳзаи маълум гардидани онҳо эҳтимолияти бегуноҳияшон низ ба таври мукаммал оғоз меёбад.

Бидуни тардид амалишавии эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун принсипи калидии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳар давраи мурофиаи ҷиноятӣ фарз аст. Агар принсипи мазкур рад карда шавад ва ё пурра ва холисона аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба роҳ монда нашавад, ин ба хулосаҳои нодуруст ва айбдоркунии беасос бурда мерасонад. Дар чунин сурат, тибқи талаботи КМҶ ҶТ парванда бояд барои тафтиши пурра ё ба тафтишоти иловагӣ фиристонида шавад, ё дар сурати дарёфт накардани далелҳои зарурӣ қатъ карда шавад. Бешак, нақши прокурор дар ба танзимдарорӣ ва назорати ҳама гуна амалҳои мурофиавии таҳқиқбаранда ва муфаттиш ва дар маҷмуъ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ калон аст. Бинобар ин Раҳмон Ю.А. низ хуб зикр менамояд, ки: «прокурор вазифадор аст, ки ҳолати қабул, бақайдгирӣ ва ҳаллу фасли ариза дар бораи ҷиноят, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, дар ҳолати ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтишот андешида шудани чораҳо барои муқаррар намудани ҳодисаи ҷиноят ва шахси онро содиркарда, ба қонун мутобиқ будани қарорҳои дар рафти тафтиши пешакӣ қабулшуда, риоя гаштани тартиб ва шартҳои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ, риоя намудани ҳуқуқҳои ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар субъектони мурофиаи судии ҷиноятиро назорат намояд[431].

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки дар ҳама маврид аз бегуноҳии шахс дарак медиҳад ва ҳама маҳкумкуниҳои беасос ва ғайриқонуниро аз байн мебарад. Инчунин исботи гуноҳи шахсро низ ба зиммаи мақомоте мегузорад, ки ӯро дар содир намудани ҷиноят гумонбар ва ё айбдор донистааст. Чунки шахс уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд. Чезарре Беккариа иброз медорад, ки "... айбдоршавандаро ба ташвиш андохтан лозим нест, зеро тибқи қонун ҳанӯз ҷинояткор будани ӯ исбот нагардидааст, ӯ бегуноҳ дониста мешавад[432]. Дар масъалаи мазкур дар замони Шуравӣ андешаҳо гуногун буданд. Баъзе олимон аз қабили И.И. Малхазов исботи айбро ба ҳар гуна шакле бар зимаи айбдоршаванда

[431] Ниг.: Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 210.
[432] Ниг.: Беккариа Ч. О. Рассуждения о преступлениях и наказаниях. - СПб., 1803. – С. 98.

вогузор мекарданд[433]. Ба андешаи Н.Н. Розин шахсе, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд ягон ҳолати маълумро исбот намояд, субъекти исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Уҳдадории исботи айб бар зиммаи касе ҳаст, ки манфиати ӯ мавриди исбот қарор гирифтааст...[434]. Ба андешаи О. В. Овчинникова субъектони ҷамъоварии далелҳо ба мазмуни томи худ мақомоти давлатӣ маҳсуб меёбад[435].

Дарвоқеъ, амали эҳтимолияти бегуноҳӣ нисбат ба шахсони болозикр асар дорад. Зеро агар принсипи мазкур нисбат ба шахс кафолат дода нашавад, пас ӯ маҷбур мешавад, ки ба айби эълонгардида, муқобилият нишон дода, онҳоро рад намоянд. Ҳарчанд айби тарафи муқобил, бештаран ақидаи субъективии онҳо аст ва барои тарафи ҳимоя муҳим нест. Онҳо тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ бояд ба ҳар василае танҳо пайи исботи бегуноҳии худ бошанд.

Ҳамин тариқ, давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо баровардани қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё рад кардан аз оғози он ба охир расида, сипас давраи тафтишоти пешакӣ ба вуқуъ мепайвандад.

Адабиёт:

1. Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (УПК Республики Таджикистан): дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2014. – С. 161.
2. Абдуллоев П.С. Ҳақиқат ҳамчун мақсади исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №2 (14). − С. 86.
3. Беккариа Ч. О. Рассуждения о преступлениях и наказаниях. - СПб., 1803. − С. 98.
4. Бобылев С.Р. Проблемы института задержания в уголовном процессе / С.Р. Бобылев // Судебная власть и уголовный процесс. – 2018. –·№2. − С. 284.
5. Быков В. М. Препятствует ли принцип презумпции невиновности борьбе с коррупцией? / В. М. Быков // Юстиция. – 2011. – № 11. – С. 35.
6. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. Душанбе: Эҷод, 2007. − С. 122-125.
7. Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Ҷалолов А.Ғ., Собиров М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нақша (қисми пешбурди тосудӣ ва судӣ). – Душанбе, матбааи ҶДММ “Нашри мубориз”, 2022. − С. 7.
8. Касумов Ч. С. Презумпция невиновности в советском праве. – Баку: Элм, 1984. – С. 33.

[433] Ниг.: Малхазов И. И. Перемещение обязанности доказывания» и советский уголовный процесс / И. И. Малхазов // Ученые записки Ростов, ун-та. - Т. 59: Труды юрид. факта. - Вып. 3. - Ростов-на-Дону: Изд-во Ростов, ун-та, 1957. − С. 174-175.

[434] Ниг.: Розин Н. Н. Уголовное судопроизводство: пособие к лекциям. СПб., 1914. − С. 352.

[435] Ниг.: Овчинникова О.В. Проблемы собирания электронных доказательств стороной защиты / Вестник ЮУрГУ. серия «Право». 2018. т. 18, № 3. − С. 28.

9. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъғйиру иловаҳо аз 23.07.2016 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815

10. Ларин А. М. Уголовный процесс: структура права и структура законодательства. М., 1985. − С. 30.

11. Лиеде А. Н. Вопросы возбуждения уголовного дела / А.Н. Лиеде // Вопросы уголовного права, процесса, кримимилистики Рига: Изд-во Латв. Гос. ун-та. 1968. № 247. - С. 144.

12. Малхазов И. И. Перемещение обязанности доказывания» и советский уголовный процесс / И. И. Малхазов // Ученые записки Ростов, ун-та. - Т. 59: Труды юрид. факта. - Вып. 3. - Ростов-на-Дону: Изд-во Ростов, ун-та, 1957. − С. 174-175.

13. Маҳмудов И.Т. Мавқеи мақомоти прокуратура дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: ҳолати кунунӣ ва дурнамо / И.Т. Маҳмудов // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (1-2-юми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 87.

14. Овчинникова О.В. Проблемы собирания электронных доказательств стороной защиты / Вестник ЮУрГУ. серия «Право». 2018. т. 18, № 3. − С. 28.

15. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. − С. 210.

16. Розин Н. Н. Уголовное судопроизводство: пособие к лекциям. СПб., 1914. − С. 352.

17. Тадевосян В.С. К вопросу об установлении материальной истины в советском процессе / В.С. Тадевосян // Советское государство и право. 1948. № 6. − С. 71., Вышинский А.Я. Революционная законность и задачи советской защиты. - М.: Редакционно-издательский сектор Мособлисполкома, 1934. - С. 18.

18. Голунский С.А. О вероятности и достоверности в суде // Проблемы уголовной политики. Кн. 4. - М.1937. - С. 59.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

МАФҲУМ ВА МАВҚЕИ ҲУҚУҚИИ ШОҲИД ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафиева Муборак Сафиевна,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ.
Тел.: (+992 908688877)

Фишурда: Дар мақолаи мазкур мафҳум ва мавқеи ҳуқуқии шоҳид дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашида шуда, дар он фикру андешаҳои як зумра муҳаққиқоне, ки дар самти мазкур таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, таҷассум гардидааст. Гузашта аз ин, дар мақолаи мазкур муаллиф аз муҳиммияти шоҳид ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ишора намуда, тартиби дуруст ва ҳамаҷонибаи нишондод додан ва пурсиши ӯро инъикос намудааст.

Калидвожаҳо: шоҳид, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ, парвандаи ҷиноятӣ, мурофаи ҷиноятӣ.

ПОНЯТИЕ И ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ СВИДЕТЕЛЯ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Сафиева Муборак Сафиевна,
Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора
Тел.: (+992 908688877)

Аннотация: В этой статье анализируется понятие и правовая позиция свидетеля в уголовном процессе Республики Таджикистан, и в ней воплощаются мнения ряда исследователей, которые провели научные исследования в данном направлении. Кроме того, в данной статье автор указал на важность свидетеля как участника уголовного процесса и отразил правильный и всеобъемлющий порядок его дачи показаний и допроса.

Ключевые слова: свидетель, дознаватель, следователь, прокурор, суд, Уголовно-процессуальный кодекс, другие участники уголовного процесса, уголовное дело, уголовный процесс.

CONCEPT AND LEGAL STATUS OF A WITNESS IN THE CRIMINAL PROCEEDINGS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Safieva Muborak Safievna,
Tajik National University, Senior Lecturer at the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision
Phone.: (+992 908688877)

Abstract: This article analyzes the concept and legal position of a witness in the criminal process of the Republic of Tajikistan, and it embodies the opinions of a number of researchers who have conducted scientific research in this area. In addition, the author points out the importance of a witness as a participant in the criminal process and describes the correct and comprehensive procedure for their testimony and interrogation.

Keywords: witness, investigator, prosecutor, court, Criminal Procedure Code, other participants in the criminal process, criminal case, criminal process.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ шоҳид ҳамчун иштирокчии дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ баромад намуда, дар дилхоҳ давраи мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нақши муассир дорад. Зеро маҳз тавассути нишондоди ӯ ин ё он ҳолати барои парванда муҳим, ки ба ӯ маълум аст ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва ё суд расонида шуда, ҳолатҳо муайян ва паҳлуҳои гуногуни ҷиноят кушода мешаванд. Қабл аз оне, ки падидаи шоҳидро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем, моро зарур аст, ки нахуст мафҳум ва хусусиятҳои онро муқаррар намоем.

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шоҳид ба таври зайл инъикос гардидааст. Мувофиқи моддаи 56 КМҶ ҶТ “шоҳид ин шахсест, ки барои додани нишондод даъват карда шудааст ва ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият дошта маълум аст[436].

Тавре иброз доштем шоҳид тибқи муқаррароти КМҶ ҶТ ба сифати иштирокчии дигари мурофиаи ҷиноятӣ баромад намуда, ба монанди иштирокчиёни дигар аз қабили коршинос (эксперт), мутахассис, шахси холис ва тарҷумон ҳуқуқу уҳдадориҳои муайяни худро дорад. Агар мафҳуми шоҳид ва фаҳмиши ҳамаҷонибаи онро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳем, пас гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба ин олимону муҳаққиқон андешаҳои якзайл надоранд ва ҳар кадоме вобаста ба дарку фаҳмиши худ мафҳуми онро ҳаргуна баён намудаанд.

Агар фикру андешаҳои олимонеро, ки дар ин самт то андозае таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд манзур созем, пас Л.Е. Владимиров мафҳуми шоҳидро чунин иброз медорад: “шоҳид шахсест, ки ба суд барои нодурустӣ ва дар асоси

[436] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – м.819; – 2010. – №7. – м.551; – 2011. – №3. – м.159; – №7-8. – м.626; ҚҶТ аз 16. 04. 2012. – №809; ҚҶТ аз 03.07.2012. – №864; ҚҶТ аз 01.08.2012. – №878; ҚҶТ аз 28.12.12. – №927. – №932).

тасаввуроти шахсӣ вобаста ба ягон ҳолате, ки мавзуи тафтишот аст, маълумот пешниҳод мекунад”[437]. Д.Г. Талберг мафҳуми шоҳидро ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда, таваҷҷуҳро ба дарки шахсӣ менамояд. Тибқи андешаи ӯ: “шоҳидон гуфта шахсонеро меноманд, ки дар суд вобаста ба мушоҳидаҳои шахсии худ дар бораи ҳолатҳои воқеии парванда нишондод медиҳанд...”[438]. Вобаста ба ин зайл андешаҳо гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми шоҳид бо ин ки шоҳид худаш шахсан мушоҳида намуд ва яқинан медонад, маҳдуд мегардад. Аз рӯйи ин нуқтаи назар шоҳид набояд такя ба дастуру супоришҳои суд ва дигар мақомоти таъқиби ҷиноятӣ амал намояд. Чунки ҳар дид ва маълумоте, ки ӯ дорад ба як паҳлуи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва дар маҷмуъ таъмини адолати судӣ асар мегузорад. Дилхоҳ маҳдуднамоӣ ва дахолат ба нишондоди ӯ хатар ба ҳуқуқу озодиҳои шахс мегардад. Олими рус Н.Е. Павлова низ дар ҳамин андеша аст, ки “ба сифати шоҳид натанҳо шахсе, ки ҳодисаро шахсан мушоҳида намудааст баромад менамояд, инчунин нафароне, ки ба оқибати ҷиноят рӯ ба рӯ гардидаанд ва ё нафароне, ки аз қарзи шаҳрвандии худ истифода бурда, шахси содиркунандаи ҷиноятро дастгир менамояд онҳо низ ҳамчун шоҳид эътироф карда мешаванд[439].

Қобили зикри хос аст, ки шоҳид мутаваллиди ҳодисоти зиндагӣ аст. Яъне ӯ шаҳодатгӯи ҳолати рухдода маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин, ҳамеша ҳаст нафаре, ки вобаста ба ҷинояти содиршуда ва ё ҳодисоти рухдода мухталиф маълумоти марбут ба онро дода тавонад. Чунин шахс метавонад ба пурасрортарин ҳолатҳо ва ториктарин рӯзҳои зулмонӣ бо расонидани дилхоҳ маълумоте нуру сафо бахшад. Вале бояд иброз намуд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ мафҳум ва фаҳмиши падидаи шоҳид андак васеътар аст. Дар мурофиаи ҷиноятӣ шоҳид шахси тасодуфии ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ воридшуда нест, балки як иштирокчии мустақиле маҳсуб мешавад, ки тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳуқуқу уҳдадориҳо муқаррар карда шудааст.

Дар давраи шуравӣ олимон таърифҳову мафҳумҳои гуногуни шоҳидро вобаста ба дарки ҳуқуқӣ ва фаҳмиши илмиашон пешниҳод намудаанд то ки ҷомеа бидонад, ки гап сари кадом масъала меравад ва зери ин истилоҳ чӣ фаҳмида мешавад. Зимни таҳлилҳо пайхас гардид, ки баъзе олимону мутафаккирон ҳангоми пешниҳоди таърифи шоҳид бештар ба муносибати шоҳид ба парвандаи зери тафтишот қарор дошта тамарқуз намудаанд. Ба унвони мисол М.Л. Яқуб шахсеро ҳамчун шоҳид мепиндошт, ки агар ӯ аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва ё суд барои иштирок дар парванда даъват шуда бошад ва маълумотҳои ба онҳо маълумбударо дар бораи ҳолатҳои воқеӣ, ки қаблан медонист ва метавонад барои парванда аҳаммият дошта бошанд пешниҳод кунанд ба шарте, ки агар дар парванда ҳамчун ҷабрдида, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда иштирок накарда бошад[440].

---

[437] Владимиров Л.Е. Учение об уголовных докозательствах. Тула, 2000, с.342.
[438] Тальберг Д.Г. Русское уголовное судопроизводство. Пособие для практиков. М., 1911, с.6
[439] Павлов Н.Е. Долг свидетеля. - М., 1989. С. 5-6. с. 42
[440] Якуб М.Л. Показания свидетелей и потерпевших. М.,1968. С.82

Андешаи мазкур низ чандон қобили қабул нест, зеро дар ин ҳолат агар мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба нафаре, ки аз ҳолати кор комилан бохабар аст ва ё дар кадом шакле дар содир шудани ҷиноят таъсиргузор аст, метавонад ӯро на ҳамчун шоҳид, балки ҳамчун нафари гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда даъват кунад. Дар андешаи болозикр сухан танҳо дар хусуси даъват меравад, ки мо низ такя ба ҳамин нуқта намудем. Гузашта аз ин, бояд хотирнишон сохт, ки тақрибан дар ҳамаи фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон ва инчунин муқаррароти моддаи 56-и КМҶ ҶТ нишондоди шоҳид бо даъвати мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд ҳамчун нишонаи ҳатмӣ инъикос мегардад. Ҳарчанд ин муқаррарот аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ дуруст аст, вале ҳолати мазкур метавонад пайомади дигар низ дошта бошад. Яъне дар чунин маврид мавқеи шоҳидон дар доираи даъвати мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд маҳдуд мегардад ва ин ҳолат метавонад василаи он гардад, ки майлу хоҳиши шахсони бо ташаббуси худ ва ба таври ихтиёрӣ омада нишондод диҳанда то андозае аз байн бурда шавад. В.И. Смислов низ изҳор медорад, ки "шоҳид ин шахсест, ки бо аввалин дархости мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва суд вазифадор аст, ки дар вақт ва макони таъйиншуда ҳозир шавад ва ҳангоми пурсиш дар бораи ҳолатҳои ба ӯ маълум ва барои парванда аҳаммиятнок нишондоди дуруст диҳад[441]. Дар андешаи мазкур ҳарчанд аз ихтиёран нишондод додани шоҳид ишора намегардад, вале бисёр оқилона ишора шудааст, ки шоҳид пеш аз ҳама бояд нишондоди рост ва ё дуруст диҳад, ки ин қобили ситоиш ва дастгирӣ аст. Зеро ҳарчанд калимаи дуруст чандон ба назар намерасад, вале дар муқобили он тамоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, мурофиаи судӣ ва дар маҷмуъ адолати судӣ меистад. Бинобар ин, шоҳид низ ба монанди ҷабрдида ва дигарон ҳуқуқи додани нишондоди бардуруғро надорад ва хуб аст, ки дар сурати ғайр нисбати ӯ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар асл мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ кори саҳлу осон нест ва бе нишондоди дурусти шоҳид низ ба марҳилаи дахлдор ва зарурӣ расидан имконнопазир аст. Аз ин хотир, шоҳидро мебояд дар ҳама ҳолат нишондоди дуруст диҳад, зеро нишондоди бардуруғи ӯро метавон ҳамчун ҷиноят муқобили адолати судӣ маънидод намуд. Дар ин хусус Ю.И. Кулешова мазмунан менависад, ки зимни таҳқиқоти парвандаҳои ҷиноятӣ, кам набуданд ҳолатҳое, ки шоҳидон дар суд аз нишондоди аввалини худ, ки дар давраи тафтишоти пешакӣ дода буданд, даст кашидаанд. Ба андешаи ӯ сабаби ин ҳама таъсирҳо ва фишори руҳиву ҷисмонӣ ба шоҳид амали ғайриқонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад[442]. А.В. Победкин ва В.А. Гавриков дуруст ишора менамояд, ки: "қобилияти дуруст дарк кардани далелҳо ва қобилияти дуруст маълумот додан вобаста ба он, ин ду унсури мустақили қобилияти додани нишондод мебошад ва набудани ҳатто яке аз онҳо шоҳидро аз додани нишондод маҳрум месозад[443]. Аз ин рӯ, додани нишондоди дуруст ва пурсиши дуруст ҳамчун унсури калидӣ дар ҳама давраи мурофиаи ҷиноятӣ, ки метавонад барои баровардани ҳукми қонунӣ ва асоснок замина

[441] Смыслов В.И. Свидетель в советском уголовном процессе: Учебное пособие. – М., 1973. – С.47.
[442] Научный журнал «Эпомен» №64, 2021. – С.101-102
[443] Победкин А,В, Гавриков В.А. Допустимость показаний лица, страдающего психическим заболеванием, в уголовном процессе // Государство и право. 1999. №8. – С.72-73.

гузорад бисёр зарур ва муҳим аст. М.М. Шейфер пешниҳод менамояд, ки: зери фаҳмиши шоҳид набояд шахс танҳо зери пурсиш қарор дода шаваду халос, балки ӯ бояд дар амалҳои тафтишотӣ ба монанди: рӯ ба рӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва дигар амалҳои тафтишотӣ даъват карда шавад[444]. Ҳарчанд андешаи мазкур аз ҷониби баъзе аз олимону муҳаққиқон мавриди пазироиш қарор мегирад, вале ба андешаи мо чандон қобили қабул нест. Чунки шахсе, ки ба сифати шоҳид баромад мекунад ӯ ба ҳеҷ вақҳ бояд дар амалҳои тафтишотӣ иштирок накунад то замоне ки ӯ вобаста ба ҳолати кор нишондод надиҳад. Зеро ҳар як назар ва диди ӯ метавонад ба андешаву эътимод ва эътиқоди ботинии ӯ халал эҷод намояд ва фикрияту зеҳнияти ӯро дигар созад. Яъне шоҳид дар сурате метавонад дар амалҳо ва ё ҳаракатҳои тафтишотӣ ширкат варзад, ки ӯ аллакай ҳамчун шоҳид пурсида шуда бошад.

Зимни таҳлил ва мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки ҳанӯз аз замонҳои қадим то инҷониб вобаста ба мафҳуми шоҳид ва дарку фаҳмиши ҳамаҷонибаи он аз ҷониби олимону мутахассисони соҳа андешаҳои якзайлу якмаъно ҷой надорад ва ҳамин аст, ки то имрӯз масъалаи мазкур ҳамоно баҳсбарангез боқӣ мемонад. Ҳамчунин боиси тазаккур аст, ки функсияи мурофиавии шоҳид чандон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Мафҳуми он бошад дар илми мурофиаи ҷиноятии муосир дақиқиро тақозо менамояд, зеро зимни аксарияти он назарҳову андешаҳо, ки мо онҳоро дар ин ҷо овардаем анқариб дар ҳама мавридҳо таваҷҷуҳ ва мақсад танҳо гирифтани маълумот аз шоҳид буда, кам мавридҳоеро дарёфтем, ки нахуст шоҳидро ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб донанд, ки ин албатта боиси нигаронӣ ҳам аст.

Қобили зикри хос аст, ки шоҳид дар мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи ба худ хосро дорад ва ба ҳеҷ арзиши дигар бадал намешавад. Маълумотҳое, ки барои муайян кардани парванда, яъне ҳолатҳои барои парванда аҳаммият дошта заруранд, танҳо дар ихтиёри ӯ буда метавонанд. Қонунгузор доираи амали шоҳидро ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муайян намудааст. Ин доираи амал дар ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки КМҶ ҶТ нибати шоҳид муайян намудааст, таҷассуми худро меёбад. Яъне шоҳид низ монанди дигар иштирокчиёни мурофиаи чиноятӣ дорои як қатор ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

Шоҳид дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад:

- бо забони модарӣ ё бо забони дигаре, ки медонад нишондод диҳад;
- аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;
- ба тарҷумоне, ки дар пурсиши ӯ иштирок мекунад, раддия изҳор намояд;
- бо дасти худ дар протоколи пурсиш нишондодаашро сабт кунад;
- оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ тибқи муқаррароти моддаи 12 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ дархост пешниҳод намояд;
- аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя шикоят кунад.

Дар баробари ин шоҳид дорои чунин вазифаҳо мебошад:

- бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир шавад,
- ҳамаи он чизеро, ки оид ба парванда барояш маълум аст, саҳеҳ иттилоъ диҳад ва ба саволҳои гузошташуда дуруст ҷавоб диҳад;

---

444 Шейфер М.М. Социальный и правовой статус свидетеля и проблемы его реализации в уголовном судопроизводстве России. Автореферат дисс. к.ю.н. – Самара, 2005. – С.6

- бе иҷозати пурсишкунанда маълумоти оид ба ҳолатҳои парванда ба ӯ маълумро фош накунад;

- тартиби муайяншудаи пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси судро риоя кунад.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар баробари гуфтаҳои боло ҳамчунин, дар қисми 2 моддаи 56 ҳолатҳое муайян гардидааст, ки дар ҳолати ҷой доштани яке аз онҳо шахс ба сифати шоҳид ба мурофиа ҷалб карда намешавад. Ҳолатҳои номбаршуда ҳолатҳои истисноӣ мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

- шахсоне, ки бо сабаби норасоиҳои ҷисмонӣ ё руҳӣ қобилият надоранд, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршударо яъне он ҳолатҳое, ки бояд муқаррар карда шаванд дуруст дарк ва барқарор намоянд;

- адвокат ва ёрдамчии ӯ барои аниқ намудани маълумоте, ки мумкин аст ба онҳо ба сабаби муроҷиат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ё расонидани чунин ёрӣ аён гардидааст;

- хешовандони наздики гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ба шарте, ки онҳо барои пурсиш ба сифати шоҳиди парвандаи мазкур розӣ нашуда бошанд (яке аз меъёрҳои диспозитивии мурофиаи чиноятї мебошад)[445];

Як нуқтаи дигарро набояд фаромӯш сохт, ки нишондоди шоҳидон ба ҳеҷ ваҷҳ бояд бо якдигар мухолифат накунанд, чунки ҳолатҳои мазкур ба номукаммалии пешбурди парванда ва мутлақо вайроншавии мурофиаи ҷиноятӣ бурда мерасонад. А.В. Ендолтсева, О.В. Химичева ва Е.Н. Клешина низ ба ҳамин нуқтаи назаранд, ки "барои беғаразона ва одилона баррасӣ гардидани парванда, раисикунанда то оғози пурсиш шоҳидонро аз толори маҷлиси судӣ берун мекунад. Берун кардани шоҳидон аз толори маълиси судӣ танҳо ба он хотир аст, ки гузаронидани пурсиши онҳо дар ғоибии дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ сурат гирад ва онҳо вобаста, ба ҳар ҳолате ки ба онҳо маълум аст, нишондоди дуруст диҳанд"[446]. Дар ин хусус олими ватанӣ М.Ш. Шерализода низ ба маврид қайд менамояд, ки "дар ин ҷараён ҳамчунин суд уҳдадор аст, ки барои бо дигар шоҳидони қаблан пурсидашуда, гуфтугӯ накардани шоҳидони пурсиданашуда чораандешӣ кунад, то дар зеҳну фикри онҳо костагӣ ва ё духуррагӣ пайдо нашавад ва инчунин онҳо тавонанд озодона вобаста ба ҳолатҳои кор фикру андешаҳои худро иброз доранд[447]".

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва таҳлилу омӯзиши мафҳуми шоҳид ва фаҳмиши он аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки бинобар сабабе ки мафҳуми комил ва якзайли шоҳид дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷой надорад, масоили мухталифи баҳсбарангезе, ки ҳангоми нишондоди шоҳид дар рафти тафтишоти пешакӣ ва суд ба вуҷуд меоянд, ҳамоно бечавоб боқӣ мемонанд. Илова бар ин, як қатор масъалаҳои баҳсталабу номаҳфум вобаста ба вазъи ҳуқуқии шоҳид ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ҳалли худро ба таври дахлдор наёфтаанд. Тарзи пурсиши шоҳид, тартиби гузаронидани он тибқи

---

[445]Ниг: Ҳуқуқи мурофиавии чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳ. Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013. – С.49.

[446]Ниг.: Ендольцева А.В., Химичева О.В., Клещина Е.Н. Уголовно-процессуальное право: учебник для студентов вузов, обучающихся по направлению подготовки «Юриспруденция». – М.: Юнити-Дана, 2017. – С. 250.

[447]Ниг.: Шерализода М.Ш. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2024. – С. 127.

муқаррароти меъёрҳои КМҶ ҶТ, муносибат дуруст ва одилона бо ӯ ва як зумра ҳолатҳои дигари ба ин монанд дар мавриди нишондоди шоҳид ва мавқеи ӯ дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ислоҳоти мукаммал ва такмили ҷиддиро тақозо менамояд.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – м.819; – 2010. – №7. – м.551; – 2011. – №3. – м.159; – №7-8. – м.626; ҚҶТ аз 16. 04. 2012. – №809; ҚҶТ аз 03.07.2012. – №864; ҚҶТ аз 01.08.2012. – №878; ҚҶТ аз 28.12.12. – №927. – №932).
2. Владимиров Л.Е. Учение об уголовных докозательствах. – Тула, 2000, – с.342.
3. Тальберг Д.Г. Русское уголовное судопроизводство. Пособие для практиков. – М., 1911, – с.6
4. Павлов Н.Е. Долг свидетеля. – М., 1989. – С. 5-6.
5. Якуб М.Л. Показания свидетелей и потерпевших. М.,1968. с.82
6. Смыслов В.И. Свидетель в советском уголовном процессе: Учебное пособие. – М., 1973. – С.47.
7. Научный журнал «Эпомен» №64, 2021. – С.101-102
8. Победкин А,В, Гавриков В.А. Допустимость показаний лица, страдающего психическим заболеванием, в уголовном процессе // Государство и право. 1999. №8. – С.72-73.
9. Шейфер М.М. Социальный и правовой статус свидетеля и проблемы его реализации в уголовном судопроизводстве России. Автореферат дисс. к.ю.н. – Самара, 2005, – С.6
10. Ҳуқуқи мурофиавии чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳ. Н.А. Қудратов. Душанбе, 2013. С.49.
11. Ендольцева А.В., Химичева О.В., Клещина Е.Н. Уголовно-процессуальное право: учебник для студентов вузов, обучающихся по направлению подготовки «Юриспруденция». – М.: Юнити-Дана, 2017. – С. 250.
12. Шерализода М.Ш. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2024. − С. 127.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

МАФҲУМИ СУПОРИДАНИ ШАХС ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатзода Муҳаммадҷон Сайфиддин,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ.
Тел.: (+992) 558000008
E-mail: m.davlatzoda20@gmail.com

Фишурда: Дар мақолаи мазкур масъалаи пешбини гардидани супоридани шахс дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо шалҳои гуногун истифода мегардад мавриди тадқиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, кӣ ин мафҳум дар Конститутсияи ҶТ, шартномаҳои байналмилалии ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо бо шаклҳои гуногун пешбинӣ карда мешавад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи гуногун шаклии ин мафҳум дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба вуҷуд омадани фаҳмишҳои гуногуни он мегардад. Пешниҳод мегардад, ки ҳадди аққал дар қонунгузории миллӣ оид ба ин масъала як мафҳуми умумиэътирофгардида истифода карда шавад.

Калидвожаҳо: санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, супоридан, супурдани ҷинояткор, супоридани шахс, истирдод, экстрадитсия, экстрадитсияи (додани) ҳуқуқвайронкунандагон, боздодани ҷинояткор, супурдани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд.

ПОНЯТИЕ СДАЧИ ЛИЦА В НОРМАТИВНЫХ ПРАВОВЫХ АКТАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Давлатзода Мухаммаджон Сайфиддин,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры судебного права и прокурорского надзора.
Тел.: (+992) 558000008
E-mail: m.davlatzoda20@gmail.com

Аннотация: В данной статье рассматривается вопрос сдачи лица в правовых актах Республики Таджикистан, применяемых в различных формах. Отмечается, что данное понятие предусмотрено в различных формах в Конституции Республики Таджикистан, международных договорах Республики Таджикистан, конституционных законах, кодексах и нормативных актах. Исследование показывает, что разнообразное использование этого понятия в нормативно-правовых актах Республики Таджикистан приводит к возникновению различных его толкований.

Предлагается использовать в национальном законодательстве по данному вопросу как минимум одно общепризнанное понятие.

Ключевые слова: нормативно-правовые акты, уголовное судопроизводство, экстрадиция, экстрадиция преступника, сдачи лица, экстрадиция, экстрадиция (сдача) правонарушителей, экстрадиция преступника, экстрадиция иностранных граждан и лиц без гражданства.

THE CONCEPT OF SURRENDER OF A PERSON IN THE REGULATORY LEGAL ACTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Davlatzoda Muhammadjon Saifiddin,
Tajik National University, Faculty of Law, applicant of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision.
Phone.: (+992) 558000008
E-mail: m.davlatzoda20@gmail.com

Abstract: This article examines the issue of surrender in various forms of legal acts of the Republic of Tajikistan. It is noted that this concept is provided for in various forms in the Constitution of the Republic of Tajikistan, international treaties of the Republic of Tajikistan, constitutional laws, codes, and regulations. The study shows that the varied use of this concept in legal acts of the Republic of Tajikistan leads to various interpretations. It is proposed to use at least one generally accepted concept in national legislation on this issue.

Keywords: legal acts, criminal proceedings, extradition, extradition of a criminal, surrender of a person, extradition, extradition (surrender) of offenders, extradition of a criminal, extradition of foreign citizens and stateless persons.

Супоридани шахс яке аз мафҳумҳои калидӣ ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Супоридани шахс яке аз падидаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ буда, гарчанде мафҳуми шахсро фаро гирифта бошад ҳам он танҳо нисбати шахсӣ воқеи истифода мегардад. Чи тавре ки дар Конститутсия ҶТ ин мафҳум дар меъёрҳои гуногун ба таври зерин пешбини гардидааст, аз он ҷумла, “ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд...”, “ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад..” (м.19), “ҳар шахс ҳуқуқи ...” (м.38), “ҳар шахс дар...”(м.39), “ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона... (м. 40), “ҳар шахс вазифадор аст...” (м. 42) аз мӯҳтавои муқаррароти конститутсиони бар меояд, ки сухан оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон меравад[448]. Мутобиқан супоридани шахс ин мазмуни супоридани инсонро дорад.

[448] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо он тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016// https://mmk.tj/content/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%81%D1%82%D0%B8%D1%82%D1%83%D1%82%D1%81%D0%B8%D1%8F%D0%B8-

Новобаста аз таҷрибаи чанд ҳазорсолаи ин мафҳум шуруъ намуда аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ то назарияҳои илмӣ истифодаи ягонаи ин мафҳум ҷой надорад.

Моддаи 16-уми Конститутсияи ҶТ пешбинӣ менамояд, “шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ғиноятқор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад”. Яъне Конститутсияи ҶТ мафҳуми супоридани ғиноятқорро истифода менамояд.

Дар шартномаҳои байналмилалии ҳуқуқии ҶТ низ мафҳуми супоридани шахс бо шаклҳои гуногун истифода карда мешавад. Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба пасдиҳӣ аз 15 –уми июни соли 2000, ки бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст. Мафҳуми пасдиҳиро истифода менамояд. Аз муҳтавои шартномаи мазкур бар меояд, ки сухан оид ба супоридани шахс меравад[449].

Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ғиноятӣ, маданӣ ва оилавӣ аз 22 январи соли 1993 фасли IV ёрии ҳуқуқӣ оид ба павандаҳои ғиноятӣ қисми 1 фасли мазкур супоридан ном дорад[450].

Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ғиноятӣ, маданӣ ва оилавӣ аз 7-уми октябри соли 2002 фасли IV ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба павандаҳои ғиноятӣ қисми 2 фасли мазкур супоридан ном дорад[451].

Аммо мафҳуми супоридани ғиноятқор дар ин шарномаҳо низ вомехӯрад, ки моҳиятан ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мухолифат дорад, зеро ҳангоми супоридан эҳтимоли содир нанамудани ғиноят аз ҷониби шахс зиёд мебошад. Инчунин, дар таҷрибаи ҷаҳони низ кам нестанд ҳолатҳое, ки шахс дар содир намудани ғиноят гунаҳгор набуда сафед карда мешавад[452]. Масалан, қ. 1 моддаи 103-юми Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ғиноятӣ, маданӣ ва оилавӣ аз 7-уми октябри соли 2002 давлатҳои аъзоро вазифадор менамояд, ки предметҳое, ки хусусияти далелнокиро оид ба парвандаи ғиноятӣ доранд бояд бо дархости якдигар бидиҳанд. Ин предметҳо дар ҳолате дода мешаванд, ки супоридани

%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD

449 Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан "О ратификации Договора между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан о выдаче" от 28 февраля 2001 года № 251// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2001 г. № 2

450 Конвенция о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам (Минск, 22 января 1993 г.) // АМО РТ. – 1993. – №14. – Ст. 303.

- Япония. УПК (1948, с изм. 2016) в ст. 60–61 предусматривает строгий судебный контроль, с максимальным сроком до 23 дней до обвинения и обязательным пересмотром каждые 10 дней[495]. Это наиболее жесткая регламентация среди анализируемых стран.

[495] Уголовно-процессуальный кодекс Китая : от 01.07.1979 (с изм. 2018) // Criminal Procedure Law of the People's Republic of China. Beijing: National People's Congress, 2018.

Ныже анализируем практику применения в Китае, Индии и Японии:

- Китай. В 2019 году под стражей находились 35% подозреваемых (420 000 из 1,2 млн), с активным использованием домашнего ареста (25% случаев в нетяжких делах). Однако прокурорский контроль доминирует, что снижает независимость решений.

- Индия. В 2020 году под стражей находились 30% подозреваемых (140 000 из 470 000), благодаря системе залога, применяемой в 60% дел о нетяжких преступлениях. Переполненность СИЗО (150% в 2018 году) остается проблемой.

- Япония. В 2020 году под стражей находились 15% подозреваемых (7 500 из 50 000), с использованием электронных браслетов в 30% нетяжких дел. Низкая переполненность СИЗО (10%) и оперативное судопроизводство (2–3 месяца) делают японскую модель наиболее эффективной.

Все три страны формально признают международные стандарты, однако их соблюдение различается:

- Китай. Слабый судебный контроль и избыточное применение меры в особых делах нарушают принцип минимального вмешательства. Условия в СИЗО не соответствуют стандартам ООН.

- Индия. Переполненность СИЗО и дискриминация малоимущих при залоге противоречат принципу равенства перед законом. Судебные задержки нарушают право на оперативное разбирательство.

- Япония. Строгий судебный контроль и короткие сроки обеспечивают соответствие международным стандартам. Однако давление на обвиняемых для получения признательных показаний вызывает критику.

Азиатский опыт предлагает следующие уроки для реформ в Таджикистане, где заключение под стражу применяется избыточно:

1. Китай. Внедрение домашнего ареста для нетяжких преступлений (до 3 лет лишения свободы) может сократить переполненность СИЗО в РТ и РФ, где альтернативные меры используются менее чем в 5% случаев. Однако необходимо усилить судебный контроль, чтобы избежать прокурорского доминирования, как в Китае.

2. Индия. Система залога, применяемая в 60% нетяжких дел, предлагает модель для РТ, но требует адаптации к экономическим условиям, чтобы избежать дискриминации малоимущих.

3. Япония. Строгие сроки (23 дня до обвинения) и электронные браслеты (30% нетяжких дел) могут быть внедрены в РТ для минимизации заключения под стражу. Обязательное мотивирование судебных решений, как в Японии, устранит формальность продления сроков в РТ.

Сравнительный анализ показывает, что Япония демонстрирует наиболее эффективную модель благодаря строгому судебному контролю и минимальному использованию заключения под стражу (15% подозреваемых в 2020 году). Китайская модель предлагает домашний арест, но страдает от слабого судебного контроля. Индийская система залога эффективна, но ограничена переполненностью СИЗО и дискриминацией. Для Таджикистана наиболее применимы японские сроки и электронные браслеты, а также

индийский залог, адаптированный к местным условиям. Реализация этих мер требует инвестиций в инфраструктуру и обучения судей.

Литература:

1. Буланова Н.В. Заключение под стражу при предварительном расследовании преступлений: проблемы совершенствования законодательной регламентации и правоприменения. Москва : Юрлитинформ, 2004. 50 с.

2. Всеобщая декларация прав человека: принята Генеральной Ассамблеей ООН 10.12.1948 // Российская газета. 1995. № 67.

3. Dhami M.K. A Multi-disciplinary and Comparative Approach to Evaluating Pre-trial Detention Decisions: Towards Evidence-Based Reform // Frontiers in Psychology. 2022. Vol. 13. P. 1–12.

4. Kleinberg J. Global Pretrial Detention Use: A Cross-National Analysis // CUNY Academic Works. 2018. P. 1–250.

5. Кобилов Б.К. Некоторые проблемы применения мер пресечения в уголовном процессе Республики Таджикистан. Худжанд : Изд-во ТГУ, 2010. 118 с.

6. Международный пакт о гражданских и политических правах: принят Генеральной Ассамблеей ООН 16.12.1966 // Бюллетень Верховного Суда РФ. 1994. № 12. С. 1–12.

7. Минимальные стандартные правила ООН в отношении мер, не связанных с тюремным заключением (Токийские правила): приняты Генеральной Ассамблеей ООН 14.12.1990 // Документы ООН. 1991. A/RES/45/110.

8. Morgenstern C. Pre-trial/remand detention in Europe: facts and some evidence // Justice pénale. 2014. № 21. P. 153–174.

9. Обидов Д.С. Ханафитская правовая школа и ее значение в суннитском направлении исламского права : автореф. дис. … канд. юрид. наук. Душанбе, 2008. 24 с.

10. Penal Reform International. International standards [Электронный ресурс]. URL: https://www.penalreform.org/issues/pre-trial-justice/4716-2/ (дата обращения: 20.10.2025).

11. Постановление Европейского Суда по правам человека по делу "Копаницин против России" от 12.03.2015 // Бюллетень Верховного Суда РФ. 2016. № 12. С. 10–25.

12. Рекомендация Комитета министров Совета Европы Rec(2006)13 о применении мер пресечения в виде заключения под стражу // Документы Совета Европы. 2006.

13. Уголовно-процессуальный кодекс Индии : от 02.04.1974 (с изм. 2020) // Code of Criminal Procedure. New Delhi: Government of India, 2020.

14. Уголовно-процессуальный кодекс Китая : от 01.07.1979 (с изм. 2018) // Criminal Procedure Law of the People's Republic of China. Beijing: National People's Congress, 2018.

15. Уголовно-процессуальный кодекс Японии : от 10.07.1948 (с изм. 2016) // Japan Penal Code. Tokyo: Government Printing Office, 2016.

16. United Nations Office on Drugs and Crime. The United Nations Standard Minimum Rules for the Treatment of Prisoners [Электронный ресурс]. URL: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Nelson_Mandela_Rules-E-ebook.pdf (дата обращения: 20.10.2025).

17. Van der Beken C. A Decade of Reform in Europe and Japan: Comparative Views of Japanese Criminal Justice // U.S.-Asia Law Institute Proceedings. 2021. P. 1–15.

18. World Prison Brief. Pre-trial detention [Электронный ресурс]. URL: https://www.prisonstudies.org/ten-country-prisons-project/pre-trial-detention (дата обращения: 20.10.2025).

19. Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод: заключена в Риме 04.11.1950 // СЗ РФ. 2001. № 2. Ст. 163.

20. Cunniffe M. The Warren Court in East Asia: A Comparative Perspective on Pretrial Detention // Asian Journal of Comparative Law. 2021. Vol. 16. № 1. P. 45–62.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)

АСОСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО АССАМБЛЕЯИ ПАРЛАМЕНТИИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ

Идизода Файзалӣ Фузайлшо,
Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.
Тел: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Ихтисоси илмӣ: 5.5.10**.** Ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо
Муқарриз: Қодирқулов Х.Р., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур дар мадди аввал муҳиммияти масъалаи ҳамкорӣ вобаста ба ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Илова бар ин, заминаҳои ҳуқуқии пайдош ва ташаккули Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки дар фазои давлатҳои пасошуравӣ созмон ёфта, мақсади он таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар минтақа ҳисоб меёбад, баррасӣ шудаанд. Дар мақолаи мазкур оид ба муҳиммияти ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сиёсати хориҷии кишвар маълумоти мухтассар оварда шудааст. Барои дастрасии мақола дар он оид ба асосҳои ҳуқуқии созмондиҳӣ ва фаъолияти Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва сохтори дохилии идоракунии он маълумот манзур мегардад. Инчунин, дар мақола заминаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии пайдоишу ташаккули ҳамкории Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: ҳамкории вобаста ба ҳуқуқи байналмилалӣ, Оинномаи СММ, Санади хотимавии Машварати амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Ассамблеяи Парламентӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламент, Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, конститутсия, қонуни конститутсионӣ, консепсияи сиёсати хориҷӣ, Дастури Маҷлиси миллӣ, Дастури Маҷлиси намояндагон, эъломия, амнияти дастаҷамъӣ, сулҳу амният, робитаи беруна.

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ПАРЛАМЕНТСКОЙ АССАМБЛЕЕЙ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Идизода Файзали Фузайлшо,
Председатель Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры международного права.
Тел: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Научная специальность: 5.5.10. Международное право, Европейское право
Рецензент: Кодиркулов Х.Р., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В настоящей статье, прежде всего, проанализированы актуальные вопросы сотрудничества в международном праве. Также, в статье характеризируются правовые основы становления и развития Организации договора о коллективной безопасности, созданной на постсоветском пространстве. Коротко затрагивается актуальность сотрудничества Республики Таджикистан с Организацией договора о коллективной безопасности, на основании нормативных актов, регулирующих внешние связи государства. С целью общего раскрытия содержания статьи в ней рассмотрены правовые основы организации и деятельности Парламентской Ассамблеи Организации договора о коллективной безопасности, а также её внутренняя управленческая структура. Далее в статье освещаются международные правовые, а также национальные основы становления и развития сотрудничества Парламентской Ассамблеи Организации договора о коллективной безопасности с Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Ключевые слова: сотрудничество, международное право, Устав ООН, Заключительный акт совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе, Организация договора о коллективной безопасности, Парламентская Ассамблея, Парламент, Маджлиси Оли, Маджлиси милли, Маджлиси намояндагон, конституция, конституционный закон, концепция внешней политики, Регламент Маджлиси милли, Регламент Маджлиси намояндагон, коллективная безопасность, мир, безопасность, внешние сношения.

INTERNATIONAL LEGAL FOUNDATIONS OF COOPERATION BETWEEN THE MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PARLIAMENTARY ASSEMBLY OF THE COLLECTIVE SECURITY TREATY

Idizoda Faizali Fuzailsho,
Chairman of the Majlisi namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Tajik national university, law faculty, associate professor of the department of international law.
Tel: (+992) 988-98-31-98
E-mail: faizali.idiev@gmail.com

Abstract: In this article, the relevance of cooperation in international law is first of all analyzed. The article also analyzes the legal foundations of the formation and development of the Collective Security Treaty Organization, which was established in the post-Soviet space. Briefly informs about the relevance of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Collective Security Treaty Organization, referring to the regulatory acts governing the country's foreign relations. In order to provide a general understanding of the article, it also provides information about the legal foundations of the organization and activities of the Parliamentary Assembly of the Collective Security Treaty Organization, as well as its internal management structure. Later, the article examines the international and national foundations of the establishment and development of cooperation between the Parliamentary Assembly of the Collective Security Treaty Organization and the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan.

Keywords:international law, the UN Charter, the Final Act of the Conference on Security and Cooperation in Europe, the Collective Security Treaty Organization, the Parliamentary Assembly, the Parliament, Majlisi Oli, Majlisi Milli, Majlisi Namoyandagon, Constitution, Constitutional Law, Foreign Policy Concept, Regulations of the Majlisi Milli, Regulations of the Majlisi Namoyandagon, collective security, peace and security, and foreign relations.

1. *Масъалаҳои назариявии ҳамкорӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ*

Дар замони муосир ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва тавассути он сулҳу амнияти байналмилалӣ пойдор гашта, робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангии байни халқу давлатҳо ташаккул меёбанд.

Ба ақидаи Лукашук И.И. самтҳои асосии ҳамкории байни давлатҳоро масъалаи дастгирии сулҳу амният, эҳтироми умумии ҳуқуқҳои инсон,

амалисозии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникӣ, тиҷорат, ҳамкорӣ бо СММ ва ғ. ташкил медиҳанд[496].

С.А. Раҷабов бар он ақида аст, ки пешрафти илму техника боиси ба миён омадани тақсимоти байналмилалии меҳнат, ташаккули робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дигар робитаҳо гардид. Дар ин вазъият зарурати рушди иқтисодиву сиёсии давлатҳо ва вусъат ёфтани ҳамкорӣ байни давлатҳо ба амал омад, ки дар навбати худ, ба пайдоиши принсипи ҳамкории давлатҳо, ҳамчун принсипи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ замина гузошт[497]. Дар ҳақиқат чунин аст, зеро зимни таъсис додани аввалин созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шудааст. Дар муқаддимаи Оинномаи Лигаи Миллатҳо аз 10 январи соли 1920 дарҷ гардидааст, ки «Тарафҳои олии аҳдкунанда ҷиҳати рушди ҳамкории байни халқҳо ва кафолати сулҳу амнияти онҳо муҳим мешуморанд, ки баъзе уҳдадориҳо қабул карда, ба ҷанг даст назананд, муносибатҳои байналмилалии дар заминаи адолат ва шараф асосёфтаро комилан ошкоро нигоҳ доранд,...»**[498].** Раҷабзода М. Н., Одинаева Н.Ҳ. ва Исматзода И.Б. чунин меҳисобанд, ки «Ҳамкорӣ байни кишварҳо ҳатман бояд ба дастрасии мақсадҳои муайян нигаронида шаванд, аз ҷумла бо мақсади дастгирии сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, мусоидат ба таъмини инкишофу суботи иқтисоди байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи умумии зиндагии милал» ба роҳ монда шавад.[499]

Масъалаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) ба ҳисоб меравад. Дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ амалӣ гардондани ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ тавассути тавсеаи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, забон, дин ва ғайра ба ҳисоб меравад.[500]Ҳамкории давлатҳо принсипи фаъолияти СММ низ ба ҳисоб меравад. Эъломия «Дар бораи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ» аз 24 октябри соли 1970 давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки тибқи Оинномаи СММ бо ҳам ҳамкорӣ ба роҳ монанд.[501] Ҳамзамон, дар Эъломияи мазкур дарҷ гардидааст, ки давлатҳо, сарфи назар аз тафовути низомҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии худ,

---

[496] Международное право. Общая часть : учеб. для студентов юрид. фак. и вузах / И.И. Лукашук; Рос. акад.наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. — Изд. 3е, перераб. и доп. — М. : Волтерс Клувер, 2005. – С. 320.

[497] Раджабов С.А. Международное право: учебное пособие. 3- е изд. – Душанбе:ТГПУ, 2022. – С. 32-33.

498 Устав Лиги Наций от 10 января 1920 года//Версальский мирный договор. Полный перевод с французского под редакцией Ю.В. Ключникова и А.Сабанина. – М.: Издание Литиздата НКИД, 1925. – С 7-15.

[499] Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Воситаи таълимӣ./ Муҳаррирони масъул: Қодиркулов Х.Р., Қодиров Н.А. – Душанбе, «Аршан», 2024. – С.89

[500] Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи мурочиат: 5 ноябри соли 2023)

[501] Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: ttps://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml (санаи мурочиат: 10 ноябри соли 2023)

уҳдадоранд бо ҳамдигар дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ бо мақсади ҳифз намудани сулҳу амнияти байналмилалӣ ва мусоидат ба суботу рушди иқтисоди байналмилалӣ баҳри саодатмандии умумии халқҳо ҳамкорӣ намоянд.

Ҳамкории давлатҳо дар Санади хотимавии Машварати амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо аз 1 августи соли 1975 низ дарҷ шудааст. Дар санади мазкур қайд мегардад, ки давлатҳои иштироккунанда ҳамкории худро бо якдигар ва тамоми давлатҳо дар ҳамаи соҳаҳо мувофиқи мақсаду принсипҳои Оинномаи СММ инкишоф медиҳанд[502]. Ҳамкорӣ ягона воситаи қонунии амалигардонии манфиатҳои давлат мебошад. Дар марҳилаи ҳамгироӣ ягон давлат наметавонад дар шароити муҳосираи иқтисодиву сиёсӣ «зинда монад». Баръакс, маҳрум намудани давлат аз ҳамкорӣ яке аз намудҳои муҷозоти сангин тибқи Оинномаи СММ мебошад[503]. Ҳамкориро инкишоф дода, давлатҳо бояд ҳамдигарфаҳмиву боварӣ, муносибатҳои дӯстонаро байни худ нигоҳ доранд ва ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқҳо мусоидат намоянд[504].

Ба назари мо, ҳамкории байни давлатҳо яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалии муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, дар замони муосир ягон давлат наметавонад тамоми масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву техникӣ ва ғайраро бе ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар, ҳамчунин созмонҳои байналмилалӣ, ҳаллу фасл намояд. Мавриди тазаккур аст, ки бо назардошти муҳиммияти ҳамкории давлатҳо барои таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ, эҳтирому ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва ҳалли масъалаҳои муҳимми замони муосир, масъалаи мазкур ҳамчун принсипи аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ пазируфта шуда, иҷрои он уҳдадории ҳар як давлат маҳсуб меёбад.

Дар мақола заминаҳои ҳуқуқии ҳамкории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ҳамкорӣ бо Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти хориҷии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015 чунин дарҷ гардидааст: «Дар шароити густариши босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии ҳамкории бисёрҷониба бо созмону ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад». Дар санади зикргардида мушаххас карда мешавад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон... узвияташро дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ мешуморад.

---

[502] Совещание по безопасности и сотрудничеству в Европе. Заключительный акт. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи мурочиат: 15 ноябри соли 2023)

[503] Учебник «Международное право»(общая часть) для студентов – бакалавров 3 курса / под .ред. Н.М. Имомовой. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – С.97.

[504] Чепурнова Н.М. Международное право: Учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – С.33.

Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ин Созмон ҳадафи эҷоди василаҳои самарабахши муборизаи бар зидди таҳдидҳои ҷаҳони муосирро пайгирӣ мекунад. Аз ин рӯ, узвияти кишвар дар Созмон аз омилҳои муҳимми таъмини амнияти кишвар ва ҳифзи субот дар минтақа маҳсуб меёбад»[505].

Аз ин ру, масъалаи баррасишаванда яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти дохилӣ ва байналмилалии кишвар бо назардошти мушкилоти вазъи сиёсӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

2. Ҷанбаҳои ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва АссамблеяиПарламентии он

Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ 15 майи соли 1992 аз ҷониби сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ –Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расонда шудааст. Ба шартномаи мазкур моҳи сентябри соли 1993 Ҷумҳурии Озарбойҷон ва моҳи декабри ҳамон сол ҷумҳуриҳои Гурҷистон ва Беларус ҳамроҳ шуданд. Шартномаи болозикр соли 1994 мавриди амал қарор дода шуда, муҳлати амали он панҷ солро ташкил медод. Моҳи апрели соли 1999 Протокол дар бораи тамдид намудани муҳлати Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро 6 давлат ба имрзо расонданд. Ҷумҳуриҳои Гурҷистон, Озарбойҷон ва Ӯзбекистон ба протоколи мазкур имзо нагузоштанд.[506]

Соли 2002 аз ҷониби давлатҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Тоҷикистон Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (минбаъд-САД) таъсис дода шуд. Оинномаи САД 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидааст. Моҳи июни соли 2006 Қарор «Дар бораи барқарор намудани узвияти Ӯзбекистон дар САД» қабул гардида буд, вале соли 2012 узвияти давлати мазкур бозdошта шуд.

Тибқи моддаи 3 Оинномаи мазкур таҳкими сулҳ, амнияти байналмилаливу минтақавӣ ва субот, дар асоси дастаҷамъӣ ҳифзи мустақилӣ, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии давлатҳои аъзо мақсадҳои асосии САД ба ҳисоб меравад. Номгӯй мақомоти САД дар моддаи 11 Оинномаи созмон қайд мегардад. Дар ин модда Ассамблеяи Парламентии САД ҳамчун мақоми ҳамкории байнипарламентии созмони мазкур дарҷ карда шудааст.

Соли 1999 Шурои Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ қарори махсусеро қабул намуд. Тибқи қарори мазкур ҳайатҳои парламентии Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ, ки аъзои Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ мебошанд, дар доираи Ассамблеяи мазкур масъалаҳои

---

[505] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи мурочиат: 2 марти соли 2026.)

[506] Организация Договора о коллективной безопасности (справка). Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://www.mid.ru/ru/foreign_policy/integracionnye-struktury-prostranstva-sng/1710399/ (санаи мурочиат 17 феврали соли 2026)

амалисозии Шартномаи амнияти дастаҷамъиро баррасӣ менамоянд.[507] Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ мақоми ҳуқуқии сохтори созмони Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро соли 2000 дар ҷаласаи созмони мазкур, ки дар шаҳри Бишкек барпо карда шуд, соҳиб гардид. Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ барои таҳияи қонунҳои моделӣ ва тавсияҳо оиди ягонасозӣ ва мутобиқгардонии қонунгузории давлатҳои аъзои Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ шуруъ аз соли 2000 вазифадор гардида буд. 23 ноябри соли 2001 дар ҷаласаи нахустини худ Шурои Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ аз ҷумлаи давлатҳои аъзои Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ Нақшаи чорабиниҳои асосӣ дар бораи низоми амнияти дастаҷамъии давлатҳои аъзои Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ барои солҳои 2001-2005-ро қабул намуд, ки он ҳамчун заминаи фаъолияти минбаъдаи аъзои парламентҳо амал намуд.

Баъдан, дар баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба миён омадани зарурати дар шакли ниҳоди алоҳидаи парламентӣ фаъолият намудан дар СААД, раисони парламентҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар ҷаласаи худ дар шаҳри Санкт-Петербург 16 ноябри соли 2006 қарор оиди таъсиси Ассамблеяи Парламентии Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро қабул карданд.[508] Сиюми марти соли 2007 ҷаласаи ҳайатҳои парламентии СААД баргузор гардид ва масъалаи асосии рузномаи онро ташкили Ассамблеяи парламентии СААД ташкил медод. Дар ин вохӯрӣ Гризлов Б.В. –Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Россия, раиси Ассамблеяи Парламентии СААД интихоб гардид.[509] Заминаи ҳуқуқии фаъолияти Ассамблеяи Байнипарламентӣ Низомномаи муввақатии Ассамблеяи Байнипарламентии СААД аз 30 марти соли 2007 (Минбаъд - АП СААД) шуморида мешавад.[510] Тибқи моддаи 3 Низомномаи мазкур АП СААД салоҳияти зерин дорад:

а) масъалаи ҳамкории давлатҳои аъзои СААД-ро дар самтҳои байналмилалӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва соҳаҳои дигар баррасӣ намуда, пешниҳодҳои худро дар ин хусус ба Шурои амнияти дастаҷамъӣ, мақомоти дигари созмон, ба парламентҳо (давлатҳои аъзо- иловаи И.Ф.Ф.) вобаста ба моҳияти масъалаи баррасишаванда ирсол менамояд;

---

[507] Постановление Совета Межпарламентской Ассамблеи государств - участников Содружества Независимых Государств О порядке обсуждения вопросов межпарламентского взаимодействия в рамках Договора о коллективной безопасности от 15 октября 1999 года № 44. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://paodkb.org/uploads/document/file/75/postanovlenie-soveta-mpa-sng_o-poryadke-obsuzhdeniya-voprosov-mezhparlamentskogo-vzaimodeystviya-v-ramkakh-dogovora-o-kollektivnoy-bezopasnosti.pdf(санаи мурочиат 17 феврали соли 2026)

[508] Организация Договора о коллективной безопасности. Парламентская Ассамблея Сомонаи расмии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://odkb-csto.org/authorized_organs/parliamentary_assembly/ (санаи мурочиат 17 феврали соли 2026).

[509] Игнатов. В. С. Парламентская Ассамблея ОДКБ: процесс становления. Управленческое консультирование. 2009. № 4(36) - С.47.

[510] Временное положение о Парламентской Ассамблее Организации Договора о коллективной безопасности. Принято на заседании парламентских делегаций государств - участников МПА СНГ - членов ОДКБ 30 марта 2007 года. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://paodkb.org/documents/vremennoe-polozhenie-o-parlamentskoy-assamblee-organizatsii-dogovora-d266ba32-b0b9-4724-8556-e81b466637f5 (санаи мурочиат 21 феврали соли 2026)

б) масъалаҳоро бо пешниҳоди Шурои амнияти дастаҷамъии САД баррасӣ намуда, тавсияҳои худро вобаста ба онҳо ба Шурои амнияти дастаҷамъӣ ва дигар мақомоти САД ирсол менамояд;

в) тавсияҳоро оиди наздиксозии қонунгузории давлатҳои аъзои САД вобаста ба масъалаҳои байналмилалӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар самтҳо қабул менамояд;

г) қонунҳои моделиро бо мақсади танзими муносибатҳо дар самтҳои фаъолияти САД қабул намуда, бо тавсияҳои дахлдор ба парламенти давлатҳои аъзои САД ирсол менамояд;

д) ҷиҳати ҳамоҳангсозии расмиёти тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби парламентҳо дар доираи САД баста шудаанд, тавсияҳо қабул менамояд;

е) тавсияҳоро ҷиҳати мутобиқ гардондани қонунгузории давлатҳои аъзои САД ба меъёрҳои шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби ин давлатҳо дар доираи САД баста шудаанд, қабул менамояд;

ж) барои табодули маълумоти дорои хусусияти ҳуқуқӣ дар байни давлатҳои аъзои САД мусоидат менамояд;

з) ҳамкориро бо созмонҳои дигари байналмилалии дорои хусусияти парламентӣ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ тибқи мақсадҳои фаъолияти худ амалӣ месозад;

и) масъалаҳои дигари ҳамкории байнипарламентиро баррасӣ менамояд.

Аз таҳлили меъёрҳои мазкур чунин бармеояд, ки АП САД ба зиммаи худ салоҳияти қабули қонунҳои моделӣ ва тавсияҳоро ҷиҳати наздиксозии қонунгузории давлатҳои аъзои созмон қабул менамояд. Маврид ба зикри хос аст, ки қабули қонунҳои моделӣ ва тавсияҳо дар заминаи Барномаи фаъолияти АП САД оиди наздиксозӣ ва мутобиқгардонии қонунгузории давлатҳои аъзои созмони мазкур сурат мегирад. Охирин чунин барнома 8 декабри соли 2025 барои солҳои 2026-2030 дар шаҳри Маскав қабул гардидааст.[511]

АП САД се комиссияи доимиро дар бар мегирад.

1. Комисия оид ба масъалаҳои амният ва мудофиа;
2. Комиссия оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ;
3. Комиссия оид ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ.

Фаъолияти ташкилии АП САД аз ҷониби раис ва Шуро, ки ба ҳайати он раисони парламентҳои давлатҳои аъзо шомиланд, амалӣ гардонда мешавад. Ба ҳайати Шуро ҳамчунин раисони комиссияҳои доимии ПА САД бо ҳуқуқи овози машваратӣ шомил мебошанд (моддаи 4 Низомномаи муваққатӣ). Дар таҷрибаи ҷойдошта раисии ПА САД-ро

[511] Программа деятельности Парламентской Ассамблеи Организации Договора о коллективной безопасности по сближению и гармонизации национального законодательства государств – членов ОДКБ на 2026–2030 годы. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://paodkb.org/documents/programma-deyatelnosti-parlamentskoy-assamblei-odkb-po-sblizheniyu (санаи мурочиат 21 феврали соли 2026)

Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Россия бар уҳда дошта, қароргоҳи он дар шаҳри Санкт-Петербург ҷойгир мебошад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи санадҳои меъёрии зикргардида ПА СААД ташкил шуда ва фаъолият намуда, ҳар сол ду маротиба ҷаласаҳои Шурои он баргузор мегарданд ва масъалаҳои муҳимми фаъолияти он мавриди таҳлилу барррасӣ қарор дода мешавад.

3. Заминаҳои ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули ҳамкории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо АП СААД

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Эъломияи Истиқлолияти давлатии худро қабул намуда, аз он лаҳза узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар изҳорот оиди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 дарҷ гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро барои бевосита ба имзо расондани созишномаву шартномаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи мутақобилаи баробарҳуқуқ бо ҳамаи шарикон бе ягон шарти ибтидоӣ эълон менамояд.[512]

Барои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бори нахуст дар шароити истиқлолияти давлатӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ба сифати субъекти мустақил амал намудан дар арсаи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пазируфт. Конститутсияи мазкур ба ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Дар он вазъи ҳуқуқии мақомоти олии идоракунии мамлакат дар шароити истиқлолияти давлатӣ муайян гардид.

Заминаи ҳуқуқии иштироки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалии мамлакат, пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ тавассути қабули қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ба тасвиб расондани шартномаҳои байналмилалии мамлакат дар татбиқи сиёсати хориҷии кишвар ва дипломатияи парламентӣ иштирок менамояд.

Яке аз заминаҳои марказии ҳуқуқии ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалии Маҷлиси Олӣ - Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000 мебошад. Моддаи 19 Қонуни конститутсионии мазкур ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ бахшида шуда, дар он оиди ба роҳ мондани ҳамкории байнипарламентӣ меъёри мушаххас муқаррар нагардидааст. Танҳо дар банди 6 моддаи мазкур чунин қайд мешавад: «Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.». Моддаи 24 Қонуни конститутсионии мазкур ба танзими салоҳияти Раиси Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар

[512] Заявления о Государственной независимости Республики Таджикистан от 9 сентября 1991 года. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.)/Сост. Ф.Т.Тахиров.- Душанбе:Типография ТНУ,2019.- С.801-802

баробари танзими дигар масъалаҳо дар сатҳи ҳамкории байналмилалӣ чунин меъёр муқаррар менамояд: «6) Маҷлиси миллиро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад; 7) ба созишномаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ имзо мегузорад; (ҚКҶТ аз 25.06.2021с. №1798)». Ҳамчунин, дар моддаи 28 Қонуни конститутсионии мазкур салоҳияти Шурои Маҷлиси миллӣ зикр гардида, банди 8 ба масъалаи ташкили робитаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ бахшида шудааст.

Айнан бо чунин мазмун дар Қонуни конститутсионии мазкур вобаста ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон, салоҳияти Раиси Маҷлиси намояндагон ва Шурои Маҷлиси намояндагон меъёр муқаррар гардидааст. Маврид ба зикри хос аст, ки илова бар ин Маҷлиси намояндагон салоҳияти тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доро мебошад.

Ҳаминро бояд илова намуд, ки фаъолияти байналмилалии ҳар ду палатаи Маҷлиси Олӣ – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон тавассути Дастури палатаҳои мазкур танзим мегардад.

Дар Дастури Маҷлиси миллӣ, ки бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2020, №103 тасдиқ шудааст, масъалаи ҳамкорӣ бо парламентҳои хориҷӣ ва созмонҳои дорои хусусияти байнипарламентӣ ба таври мушаххас танзими худро ёфтааст. Банди 71 Дастури мазкур ба салоҳияти кумитаҳои Маҷлиси миллӣ бахшида шудааст. Салоҳияти кумитаҳои Маҷлиси миллӣ, ки ба мавзуи баррасишаванда робита доранд, зербандҳои 5 ва 8 мансубанд. Тибқи зербанди 5 Кумитаҳои Маҷлиси миллӣ «лоиҳаи санадҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар созмонҳои байналмилалии парламентиро баррасӣ мекунанд ва ба онҳо таклифу пешниҳодҳо ирсол менамоянд, инчунин таҳлил ва бо тартиби муайянгардида мутобиқ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба қонунҳои намунавии созмонҳои мазкур анҷом медиҳанд». Ҳамчунин дар зербанди 8 чунин қайд мегардад: Кумитаҳои Маҷлиси миллӣ «робитаҳои байнипарламентӣ ва ҳамкориро бо кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори ..., Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, дигар созмонҳои байналмилалии парламентӣ ва парламентҳои давлатҳои хориҷӣ ба роҳ мемонанд».

Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамкории байналмилалии палатаи поёнии парламентро танзим менамояд. Дар ҳуҷҷати мазкур чунин дарҷ гардидааст: «Маҷлиси намояндагон метавонад бо парламентҳои давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалии парламентӣ дар бораи ҳамкории байнипарламентӣ созишнома имзо кунад, тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ бо дигар парламенту созмонҳо ҳамкорӣ намояд».

Тавре қайд гардид, АП СААД аз се комиссияи доимӣ иборат мебошад. Дар Комисия оид ба масъалаҳои амният ва мудофиа Парламенти

Ҷумҳурии Тоҷикистонро раиси Кумитаи амният ва мудофиаи Маҷлиси намояндагон Маҳмудзода Насрулло Аҳмадҷон ва Шоҳмурод Рустам, раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон намояндагӣ мекунанд. Маҷлиси намояндагонро дар Комиссия оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалии АП СААД вакилон Имомзода Нилуфар Муҳаммадюсуф ва Дустмуродзода Сурайё муаррифӣ мекунанд. Дар Комиссия оид ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқии АП СААД вакилони Маҷлиси намояндагон Набизода Тоҳир Толиб, Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ ва Ғанизода Шуҳрат Абдулмаҷид парламенти мамлакатро намояндагӣ мекунанд.[513] Ҳаминро бояд илова намуд, ки дар сохтори АП СААД мансаби Намояндаи ваколатдори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АП СААД мавҷуд буда, вазифаи асосии он ба роҳ мондан, инчунин густариш додани ҳамкории тарафайн ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ҳамкории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар заминаи Оинномаи СААД, Низомномаи муваққатии Ассамблеяи Байнипарламентии СААД ва дигар санадҳои дар доираи созмони мазкур қабулгардида ба роҳ монда шудааст. Самарабахшии ҳамкории мазкур тавассути қабули қонунҳои моделӣ ва тавсияҳои АП СААД, мутобиқгардонии қонунгузории давлатҳои аъзои созмон амалӣ карда шуда, ба таҳкими амнияту субот дар минтақа, рушди муносибатҳои байнипарламентӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзо мусоидат менамоянд.

Дар ҷараёни амалисозии ҳамкорӣ Маҷлиси Олӣ тариқи иштирок дар ҷаласаҳо, баррасии масъалаҳои муҳимми амният ва ҳамкорӣ дар таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ саҳмгузор буда, фаъолияти Ассамблеяи Парламентӣ барои густариши муколамаи сиёсӣ, табодули таҷрибаи қонунгузорӣ ва тақвияти робитаҳои байни давлатҳои аъзои Созмон нақши муҳим мебозад. Таҳлили таҷрибаи АП СААД дар ин самт собит менамояд, ки дар сурати ба миён омадани низоъ байни давлатҳои алоҳидаи созмон, механизмҳои амалкунандаи пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо ноқисӣ дошта, ба талаботи воқеии замон пурра мутобиқат намекунанд. Аз ин рӯ, бознигарӣ намудани механизмҳои мазкур барои таҳкими низоми амнияти дастаҷамъӣ, рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ аҳаммияти басо муҳим дорад.

Адабиёт:

Санадҳои ҳуқуқӣ:

1. Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2020, №103;
2. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 10 апрели соли 2023. Душанбе. «Шарқи Озод» – 202 с.

[513] Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2025, №58. Манбаъ: Бойгонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Временное положение о Парламентской Ассамблее Организации Договора о коллективной безопасности. Принято на заседании парламентских делегаций государств - участников МПА СНГ - членов ОДКБ 30 марта 2007 года. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://paodkb.org/documents/vremennoe-polozhenie-o-parlamentskoy-assamblee-organizatsii-dogovora-d266ba32-b0b9-4724-8556-e81b466637f5 (санаи мурочиат 21 феврали соли 2026)

4. Заявление о Государственной независимости Республики Таджикистан от 9 сентября 1991 года. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.)/Сост. Ф.Т.Тахиров.- Душанбе:Типография ТНУ,2019.- 839 с.;

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи мурочиат: 2 марти соли 2026.);

6. Постановление Совета Межпарламентской Ассамблеи государств - участников Содружества Независимых Государств О порядке обсуждения вопросов межпарламентского взаимодействия в рамках Договора о коллективной безопасности от 15 октября 1999 года № 44. [Захираи электронӣ].Манбаидастрасӣ:URL:tps://paodkb.org/uploads/document/file/75/postanovlenie-soveta-mpa-sng_o-poryadke-obsuzhdeniya-voprosov-ezhparlamentskogo-vzaimodeystviya-v-ramkakh-dogovora-o-kollektivnoy-bezopasnosti.pdf(санаи мурочиат 17 феврали соли 2026);

7. Программа деятельности Парламентской Ассамблеи Организации Договора о коллективной безопасности по сближению и гармонизации национального законодательства государств – членов ОДКБ на 2026–2030 годы. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://paodkb.org/documents/programma-deyatelnosti-parlamentskoy-assamblei-odkb-po-sblizheniyu (санаи мурочиат 21 феврали соли 2026)

Монография, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ.

8. Международное право. Учебник для вузов. Ответственные редакторы - проф. Г. В.Игнатенко и проф. О. И. Тиунов. - М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА • М, 1999. - 584 с.;

9. Международное право. Особенная часть: учеб. для студентов юрид. фак. и вузов / И.И. Лукащук; Рос. акад. наук, Инт государства и права, Академ. правовой унт. - Изд. 3е, перераб. и доп. - М. :Волтерс Клувер, 2005. - 544 с.;

10. Раджабов С.А. Международное право: учебное пособие. 3- е изд. – Душанбе:ТГПУ, 2022.- 368 с.;

11. Рачабзода М.Н., Одинаева Н.Ҳ. ва Исматзода. Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ/ Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Воситаи таълимӣ./ Муҳаррирони масъул: Қодирқулов Х.Р., Қодиров Н.А.– Душанбе, «Аршан», 2023.- 320 с.;

12. Чепурнова Н.М. Международное право: Учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – 295 с.;

13. Учебник «Международное право» (общая часть) для студентов – бакалавров 3 курса / под .ред. Н.М. Имомовой. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 248 с.;

Мақола ва захираҳои интернетӣ

14. Игнатов. В. С. Парламентская Ассамблея ОДКБ: процесс становлен. Управленческое консультирование. 2009. № 4(36) - С.46-51.ISSN: 1726-1139eISSN: 1816-8590;

15. Организация Договора о коллективной безопасности. Парламентская Ассамблея Сомонаи расмии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:URL: https://odkb-csto.org/authorized_organs/parliamentary_assembly/ (санаи мурочиат 17 феврали соли 2026)

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

МЕЖДУНАРОДНОЕ АНТИТЕРРОРИСТИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО: ОТ УНИВЕРСАЛЬНЫХ КОНВЕНЦИЙ ООН К ПРАКТИЧЕСКИМ МЕХАНИЗМАМ ИНТЕРПОЛА И РЕГИОНАЛЬНЫХ СТРУКТУР БЕЗОПАСНОСТИ

Джураев Мухаммаджон Толибович,
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, юридический факультет, ассистент кафедры международного права
Тел.: (+992) 300-22-07-99
E-mail: dzuraevm289@gmail.com

Аннотация: В данной статье анализируются исторические и идеологические основы формирования террористических и экстремистских организованных группировок. Рассматривается сотрудничество Интерпола с Организацией Объединённых Наций и другими международными и региональными организациями в сфере противодействия, пресечения и расследования террористических актов, а также их финансирования различными преступными способами. Выносятся на обсуждение вопросы, возникающие при применении международных нормативно-правовых актов, направленных на противодействие проявлениям терроризма, подчёркивается юридическая и организационно-методическая важность антитеррористической деятельности, осуществляемой МОУП- Интерпол и структурами ООН. Отмечается, что международные правовые системы государств-участников не являются идентичными и в отдельных случаях содержат внутренние противоречия, что осложняет применение норм устава. Указанная проблема требует согласованных действий со стороны государств, строго соблюдающих требования устава Интерпола, что отражено в статье. Дополнительно рассматриваются стратегии Республики Таджикистан в сфере борьбы с терроризмом и экстремизмом. Целью исследования является оценка роли Интерпола в противодействии международному терроризму на современном этапе.

Ключевые слова: международное сотрудничество, противодействие преступлениям, экстремизм, терроризм, угроза, государство, международные организации, борьба с преступлениями, Интерпол, Европол, финансирование, транснациональная преступность, международные организации, Европейский Союз, Республика Таджикистан, ООН, резолюции, глобализация, международная безопасность, координатор.

ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗИДДИТЕРРОРИСТӢ: АЗ КОНВЕНСИЯҲОИ УМУМИҶАҲОНИИ СММ ТО МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИИ ИНТЕРПОЛ ВА СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ АМНИЯТӢ

Ҷураев Муҳаммадҷон Толибович,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
Тел: (+992) 300-22-07-99
E-mail: dzuraevm289@gmail.com

Аннотатсия: Дар ин мақола асосҳои таърихӣ ва идеологии ташаккули гурӯҳҳои муташаккили террористӣ ва экстремистӣ таҳлил карда мешаванд. Инчунин, ҳамкории Интерпол бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи муқовимат, таҳқиқ ва тафтиши амалҳои террористӣ, алалхусус маблағгузории онҳо тавассути воситаҳои гуногуни ҷиноӣ баррасӣ мешавад. Масъалаҳое, ки ҳангоми татбиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба муқовимат ба зуҳуроти терроризм нигаронида шудаанд, барои муҳокима пешниҳод карда мешаванд ва аҳаммияти ҳуқуқии ташкили-методологии фаъолияти зиддитеррористӣ, ки аз ҷониби Созмони байналмилалии полиси ҷиноӣ ва сохторҳои СММ қабул мешаванд, барраси мегардад. Қобили зикр аст, ки низомҳои ҳуқуқии байналмилалии давлатҳои узв якхела нестанд ва дар баъзе мавридҳо зиддиятҳои дохилӣ дошта, татбиқи оинномаро душвор мегардонад. Ҳалли ин муаммо дар чорабиниҳои ҳамоҳангшавии давлатҳо иникос ёфта бе чуну чаро риояи талаботи оинномаи Интерполро талаб менамояд, ки ҳаллу фасли масъалаи мазкур дар мақола инъикос ёфтааст. Илова бар ин, стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва экстремизм баррасӣ мешаванд. Ҳадафи асосии таҳқиқот арзёбии нақши Интерпол дар муқовимат бо терроризми байналмилалӣ дар замони муосир мебошад.

Калидвожаҳо: ҳамкории байналмилалӣ, муқовимат ба ҷиноятҳо, экстремизм, терроризм, таҳдид, давлат, созмонҳои байналмилалӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, Интерпол, Европол, маблағгузорӣ, ҷинояткории фаромиллӣ, созмонҳои байналмилалӣ, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, СММ, қатъномаҳо, ҷаҳонишавӣ, амнияти байналмилалӣ, ҳамоҳангсоз.

INTERNATIONAL COUNTER-TERRORISM COOPERATION: FROM UNIVERSAL UN CONVENTIONS TO PRACTICAL MECHANISMS OF INTERPOL AND REGIONAL SECURITY STRUCTURES

Juraev Muhammadjon Tolibovich,
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,

Faculty of Law, Assistant of the Department of International Law
Phone: (+992) 300-22-07-99
E-mail: dzuraevm289@gmail.com

Annotation: This article analyzes the historical and ideological foundations of the formation of terrorist and extremist organized groups. It examines the cooperation of Interpol with the United Nations and other international and regional organizations in the field of countering, suppressing, and investigating terrorist acts, as well as their financing through various criminal methods. The article discusses issues arising in the application of international legal instruments aimed at combating manifestations of terrorism and highlights the legal and organizational-methodological significance of the counterterrorism activities carried out by the International Criminal Police Organization and UN structures. It is noted that the international legal systems of the participating states are not identical and, in some cases, contain internal contradictions, which complicates the application of the Charter's provisions. This problem requires coordinated action by states that strictly comply with the requirements of the Interpol Constitution, as reflected in the article. The strategies of the Republic of Tajikistan in the field of combating terrorism and extremism are also examined. The purpose of the study is to assess the role of Interpol in countering international terrorism at the present stage.

Keywords: international cooperation, crime prevention, extremism, terrorism, threat, state, international organizations, crime control, INTERPOL, Europol, financing, transnational crime, international organizations, European Union, Republic of Tajikistan, United Nations, resolutions, globalization, international security, Coordinator.

Международный терроризм продолжает приносить людям по всему миру страх и страдания. Практически каждую неделю в разных регионах совершаются террористические акты, уносящие жизни невинных людей. Борьба с этим явлением представляет общий интерес для всех государств и уже на протяжении нескольких десятилетий остаётся одним из ключевых направлений деятельности Организации Объединённых Наций и Интерпола.

Современное мировое сообщество сталкивается с комплексом угроз, требующих консолидации усилий государств для выработки эффективных механизмов противодействия международной организованной преступности. Особое место среди них занимают преступления террористического и экстремистского характера, представляющие серьёзную опасность как для международной, так и для национальной безопасности.

Приобретая транснациональный характер, терроризм подрывает международный мир и стабильность, нарушает основы межгосударственного сотрудничества и функционирование правопорядка, выступая значимым дестабилизирующим фактором развития международных отношений.

Актуальность проблемы подчёркивается и в научной литературе, где, по мнению Е. С. Зайцевой, «терроризм в современных условиях представляет

собой одну из наиболее серьёзных угроз международной безопасности, что обусловливает необходимость активизации международного сотрудничества и совершенствования деятельности международных организаций, в том числе Интерпола, в сфере противодействия этому явлению»[514]. Данная позиция акцентирует важность международных институтов в укреплении правопорядка и координации усилий государств в борьбе с терроризмом.

Террористическая активность тесно связана с радикальными проявлениями сепаратизма, а также политического, идеологического, религиозного, этнического, националистического, социального и экономического экстремизма.

При этом сепаратизм сам по себе не является противоправным явлением, так как международное право признает право народов на самоопределение, закрепленное в Уставе ООН и ряде универсальных договоров. Однако реализация этого права должна осуществляться исключительно в правовых рамках и без применения насилия.

Именно используемые методы определяют: «Трансформируется ли сепаратистское движение в экстремистское или террористическое?».

Дар таҳсили касбии идоравии ҳифзи ҳуқуқӣ ба МКД ҶТ имконият медиҳад, ки истилоҳи «иқтидори кадрӣ»-ро васеъ истифода баранд. Ӯ ҳамчун маҷмуи интегралии хусусиятҳои шахсии курсантон, шунавандагон, дониши махсус, маҳорати касбӣ ва малакаҳои амалии онҳоро, инчунин имкониятҳои эҳтимолиро муайян мекунад, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ метавонанд барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳалли мушкилотҳои дар назди давлат қарордошта фаъолона истифода шаванд[547].

Ин мавқеъ ба таҳлили сохтори захираҳои инсонӣ, ки ҳам ҷузъҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ дорад, асос ёфтааст. Арзиши миқдорӣ шумораи воқеии одамон мебошад, ки бо мақсадҳои умумӣ дар иҷрои вазифаҳои умумӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ муттаҳид шудаанд ва онҳоро метавонем ҳамчун «захираҳои инсонӣ»

---

[544] Гончаров, И.В., Барбин, В.В., Киричёк, Е.В. Обеспечение прав и свобод человека и гражданина в деятельности органов внутренних дел / под ред. И.В. Гончарова. – М.: Академия управления МВД России, 2015. – С. 5.

[545] Клочко, И.В. Теоретико-методологические основы проблемы формирования правосознания учащейся молодежи / И.В. Клочко // Мир науки, культуры, образования. – 2013. – № 6 (43). – С. 12.

[546] Носкова, Л.Г. Формирование человеческого капитала как проблема организации эффективного общения руководителя органа внутренних дел / Л.Г. Носкова // Труды Академии управления МВД России. – 2014. – № 2 (30). – С. 92.

[547] Николаенко, Е.А. Кадровый потенциал органа внутренних дел как важный ресурс территориального органа МВД России / Е.А. Николаенко // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2018. – № 2. – С. 36.

тавсиф кунем. Аммо худи ин категория имкониятҳои идоракунии захираҳои инсониро пурра тавсиф карда наметавонад ва бинобар ин хусусияти сифатии онҳо — «иқтидори инсонӣ» нақши ҳалкунандаро мебозад.

Ҳамзамон, чунон ки муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, «...дар баробари мафҳуми иқтидори инсонӣ сармояи инсонӣ низ зикр мегардад, ки шакли зуҳуроти иқдидори инсонӣ мебошад. Ӯ дар баҳогузории захираҳои инсонӣ аҳамияти муҳим дорад ва бо ноил шудан ба натиҷаҳои муайян ба туфайли самаранокии идоракунии касбӣ ва инкишофи иқдидори инсонӣ алоқаманд мебошад»[548].

Бо шарти идоракунии самаранок иқтидори кадрӣ захираи стратегӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ба миён гузошташуда ва нисбат ба низоми МКД, ки фаъолиятро оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, огоҳонӣ, пешгирӣ ва ошкор кардани кирдорҳои ҷиноятӣ амалӣ мекунад - захираи стратегӣ оид ба таъмини амнияти миллии мамлакат мебошад.

Таҳлили нуқтаи назари кормандони илмӣ ба таври боварибахш шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар сурате самарабахштар шуда метавонад, ки агар дар раванди амалигардонии он тағйиротҳои зарурӣ дар тарбияи касбӣ ва маънавии кадрҳо пешбинӣ карда шаванд[549]. Муҳиммияти такмили таҳсили кормандони ояндаи МКД аз зарурати ташкили низоми навшудаи тайёр кардани кадрҳо ба миён омадааст, ки он ба зеҳникунонии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, тарбияи мутахасисони ташаббускори эҷодкорона, ки дорои сатҳи баланди зеҳнӣ ва маданияти ахлоқӣ мебошанд, нигаронида шудааст.

Дуруст қайд карда мешавад, ки меъёрҳои салоҳиятнокии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд на танҳо ба даст овардани дониши зарурӣ, балки сифатҳои навро низ дар бар гиранд: қобилияти муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои мақомот, дарки заминаи сиёсӣ ва омилҳои институтсионалӣ, ки ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ хос мебошад[550].

Вобаста ба ин, аксарияти муаллифон ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки мубрамшавии раванди тарбия дар маҷмуи таълимӣ, салоҳиятҳои ҳамаҷониба асосан аз фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Ин зарурати гуманизатсияи таълими махсуси милитсияро дар назар дорад, зеро тарбияи ватандӯстӣ дар курсантони сохторҳои қудратии давлат бояд самти афзалиятноки мавқеи шаҳрвандии фаъол бошад ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар фаъолияти ҳаррӯзаи ҳифзи ҳуқуқ дуруст иҷро кунанд[551].

---

[548] Школа, О.В. Современные проблемы оценки кадрового потенциала органов внутренних дел / О.В. Школа // Вестник Московского университета МВД России. – 2014. – № 8. – С. 222.

[549] Олейников, В.С. Системно-деятельностный подход в исследовании профессионально-нравственного воспитания сотрудников органов внутренних дел / В.С. Олейников, А.С. Душкин, М.Е. Гурьев // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2016. – № 1 (69). – С. 184.

[550] Мирзорустамов, М.М. Совершенствование кадрового обеспечения как стратегическое направление деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан / М.М. Мирзорустамов // Труды Академии управления МВД России. – 2015. – № 4 (36). – С. 70.

[551] Шинкевич, В.Е. О некоторых проблемах организации профессиональной подготовки кадров: по материалам IV всероссийской научно-практической конференции «Профессиональное образование в

Баррасии адабиёти махсус дар бораи ҷустуҷӯ ва истифодаи фаъолонаи имкониятҳои низоми интихоб, ташкили раванди таълим ва такмили доимии касбии кормандон, ки вазифаи ҳифзи ҳуқуқро амалӣ менамоянд, нишон медиҳад[552]. Аз ҷониби мутахассисон зарурати тағйир додани ҳадафҳои таълими муосир қайд карда мешавад. Сабаби асосии номукаммалии низоми мавҷудбудаи таълим, чунон ки тадқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, камбудиҳо дар парадигмаи маориф мебошад[553]. Худи ташкили раванди таълим дар бар мегирад:

– додани дастурҳои тайёр ба таълимгирандагон; хулосаҳои умумӣ оид ба соҳаҳои донишҳои илмӣ бидуни дохил намудани аналитика (таҳлил, мантиқи расмӣ);

– асосҳои тафаккури масъалавӣ ва интиқодӣ; ҳалли масъалаҳои мураккаби амалияи иҷтимоӣ.

Аз ин рӯ, ба таври намоён ҷудо шудани раванди додани дониш аз воқеияти амалия, мувофиқат накардани назарияи «хушк» бо душвориҳои хизмат дуруст қайд карда мешавад. Корманди ҷавон баъд аз хатми донишгоҳ диплом гирифта, дар оянда дониши худро дар амалия дуруст истифода бурда наметавонад[554]. Ғайр аз ин, дар раванди таълим ба моҳияти инсондӯстонаи фаъолият, ки пеш аз ҳама ба ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ нигаронида шудааст, аҳаммияти зарурӣ дода намешавад.

Ба ин тамоюлҳои ташвишовар, ки ба арзишҳои анъанавии иҷтимоию гуманитарӣ таҳдиди эҳтимолӣ мерасонанд, мусоидат мекунанд: бартарияти равиши технологӣ; тамоюл на ба таълими бунёдӣ, балки ба таълими касбӣ ва амалӣ; тиҷоратикунонии психология ва ба соҳаи маориф гузаштани муносибатҳои бозорӣ (худи мафҳуми «таълим» бо ибораи «хизматрасонии таълимӣ» иваз карда шудааст); виртуализатсияи босуръати афзоянда бо ҷаҳони махсуси шабакавии худ, ки фаъолияти он таҳдидҳо ва хатарҳои ниҳонӣ дорад.

Ин метавонад боиси дур шудани таълимгирандагон аз равандҳои иҷтимоишавӣ, бегона шудани онҳо аз дониши афзалиятҳои умумии фарҳангӣ гардад[555].

Баъзе олимон қайд мекунанд, ки раванди такмили таҳсилоти олӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ вақтҳои охир хеле муҳим мебошад ва ин бо зарурати эътинои саривақтӣ ва самаранок ба хатару таҳдидҳо ба амнияти миллӣ вобаста аст. Инчунин қайд карда мешавад, ки «...дар баробари зарурати рушди заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимие, ки

сфере национальной безопасности» / В.Е. Шинкевич // Вестник Сибирского юридического института ФСНК России. – 2016. – № 4 (25). – С. 72.

[552] Бавсун, И.Г., Гусев, В.А. Проблемы стандартизации высшего образования в системе подготовки кадров для органов внутренних дел Российской Федерации / И.Г. Бавсун, В.А. Гусев // Труды Академии управления МВД России. – 2019. – № 3 (51). – С. 153-159.

[553] Воскобоев, А.И., Головко, В.А. Воспитание как комплексная дидактическая проблема: традиционные и инновационные интерпретации / А.И. Воскобоев, В.А. Головко // Философия права. – 2016. – № 3 (76). – С. 100.

[554] Муртазин, А.И. Преступность сотрудников органов внутренних дел / А.И. Муртазин // Вестник Уфимского юридического института МВД России. – 2017. – № 1. – С. 50.

[555] Колесникова, Е.Ю. Общие социогуманитарные константы российского образования в системе институциональных факторов его реформирования / Е.Ю. Колесникова // Философия права. – 2016. – № 2 (75). – С. 127, 130.

барои вазорату идораҳои қудратӣ мутахассис тайёр мекунанд, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълимӣ, гуманитаризатсияи таҳсилоти олӣ аҳамияти муҳим дорад».

Дуруст қайд карда мешавад, ки «...дар низоми тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи амнияти миллӣ аҳаммият надодан ба таъсири иттилооти ҷаҳонӣ ба таълимгирандагон (хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) аз ҷониби объекти иҷтимоии эҳтимолии фаъолияти касбӣ (рақиб, муҳити ҷиноятӣ) мушоҳида мешавад». Андешаи зерин тасдиқ карда мешавад, ки «...сифати таҳсилоти касбӣ имрӯз асоси ҳар гуна фаъолият мебошад». Он инчунин барои ВКД Федератсияи Россия, ки субъекти сершумортарини таъмини амнияти миллӣ мебошад, аҳаммияти махсус дорад».

Чунин ташвиш дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки дар баробари дигар хатару таҳдидҳо дар соҳаи ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик, дигаргуншавии механизмҳои иттилоотии оммавӣ бо сабаби инҳисори (монополияи) васоити ахбори омма, бе назорат васешавии бахши ВАО-и хориҷӣ дар фазои иттилоотии миллӣ бо мақсади зарар расонидан ба қобилияти мудофиавӣ ва амнияти давлат, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ ҷудо карда мешавад[556].

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ воридшавии барқасдона ба фарҳанги миллӣ унсурҳои бегона мушоҳида мешавад, барои ҳамин, рӯй овардан ба таърих, худшиносӣ барои ҳар як инсон, бахусус наврасону ҷавонон хеле муҳим ва ҳатто ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми омӯхтани равандҳои иҷтимоии ҳуқуқии ҷавонони таҳсилкунанда, ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоию демографӣ, бояд хусусиятҳои хоси ин табақаро, ки ба дарки воқеият дар насли наврас таъсир мерасонанд, ба назар гирифт. Пеш аз ҳама ба он ҳолат диққат додан лозим аст, ки шуури ҳуқуқии ҷавонон ташаккул ёфта истодааст, хусусияти гузаранда дорад, бо хусусияти бисёрсамтаи худ, нопурра будани ташаккули қисмҳои асосии он фарқ мекунад.

Асоси рушди иҷтимоишавии ҳуқуқии насли наврасро низоми муносибатҳои ахлоқию маънавӣ ташкил мекунад, ки дар ибтидо бо дарки анъанаҳои оилавӣ ҳамчун қоидаҳои рафтори дуруст, тарбияи мактабӣ ташаккул ёфта, тадриҷан ба сатҳи ҳуқуқӣ ва эътиқоди ҷаҳонбинии шахс мегузарад[557].

Дар асоси ҷаҳонбинӣ самтҳои арзишии шахсият ташаккул меёбанд, ки асоси онро зеҳн, шуури ҳуқуқии фардӣ ва рафтори ҳуқуқбунёд, эътиқоди

---

[556] Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри с. 2003, № 1175 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?.

[557] Правовые и организационные основы обеспечения общественной безопасности в Российской Федерации: монография / И.Е. Ильичёв, Э.В. Богмацера, К.В. Буняева [и др.]; под общ. ред. И.Е. Ильичёва. – Белгород: Белгородский юридический институт МВД России имени И.Д. Путилина, 2018. – С. 23.

қавӣ ба зарурати эҳтироми категорияҳои ҳуқуқии мавҷудбуда, эътирофи дурустии онҳоро ташкил медиҳанд[558]. Ин нақшаи оддӣ дар бораи зарурати ислоҳи ҷиддии муносибат ба инкишофи зеҳнӣ, тарбияи касбию ахлоқӣ дар тайёр кардани мутахассисони ояндаи сохторҳои хифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

Дар адабиёти махсуси педагогӣ чунин ақида асоснок карда шудааст, ки мувофиқи он «раванди дарки муносибатҳои арзишӣ, ки баъдан дар байни ҷавонон ба баҳодиҳии аҳаммиятнокӣ табдил мешаванд, дар он сурат муваффақ хоҳад шуд, ки агар шароити иҷтимоию фарҳангӣ ва равонӣ-педагогии таълим бо шароитҳои ҳиссиётӣ-иродавӣ ва шахсӣ-сифатии таълимгирандагон дар раванди аз худ намудани донишҳои умумӣ ва махсус зич алоқаманд бошанд»[559].

Барои шахс табдили арзишҳои инсондӯстона ба низоми муносибатҳои дохиликоллективӣ арзиши ангезавӣ дорад ва аз нуқтаи назари рушди фардӣ метавонад ба таҳкими амнияти миллӣ мусоидат кунад. Эътиқоди муаллифони рус дар бораи он асоснок мебошад, ки ҳангоми хизмати бошуурона ва содиқона ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, ташаккули арзишҳои анъанавии маънавию ахлоқӣ дар кормандон, ки асоси давлатдории миллиро ташкил медиҳанд ва табақаҳои васеи аҳолиро муттаҳид мекунанд, бояд дар муҳити баланд бардоштани дарк ва муҳокимаи арзишҳо, инчунин кори якҷояи (умумии) фаъолонаи амалӣ ва тарбиявию педагогӣ сурат гирад[560].

Дар раванди пурсиши сотсиологӣ оид ба нақши МКД дар муқовимат бо таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз нисфи пурсидашудагон комилан розӣ ҳастанд, ки дар айни замон низоми тайёр кардани кадрҳои МКД бояд ба зеҳнигардонии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ равона карда шавад – 58,46%, қисман розӣ ҳастанд – 30,1%, розӣ нестанд – 5,06%. Моҳиятан, чи хеле ки олимон дуруст қайд мекунанд, вазифаи давлатӣ оид ба муқарраркунӣ, ташкил ва амалӣ кардани сиёсати тарбияи инсон ба педагогӣ табдил меёбад, зеро инкишофи шахсият дар ҷанбаҳои зеҳнӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ вазифаи асосии фаъолияти педагогӣ мебошад[561].

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷанбаҳои касбӣ, ахлоқӣ, зеҳнии таълим бояд категорияи марказии педагогикаи ҳуқуқӣ гардад. Мутафаккири бузурги немис Г. Гегел чунин қайд намудааст: «Педагогика -

---

[558] Клочко, И.В. Теоретико-методологические основы проблемы формирования правосознания учащейся молодежи / И.В. Клочко // Мир науки, культуры, образования. – 2013. – № 6 (43). – С. 132.

[559] Бутинов, К.В. Роль гражданско-патриотических ценностей в подготовке офицера полиции / К.В. Бутинов // Вестник Казанского юридического института МВД России. – 2016. – № 1 (23). – С. 116-118.

[560] Бутинов, К.В., Тагиров, З.И. Универсальные духовно-нравственные ценности сотрудников правоохранительной системы как основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / К.В. Бутинов, З.И. Тагиров // Совершенствование деятельности органов государственной власти, местного самоуправления и институтов гражданского общества в сфере обеспечения национальной безопасности: сборник материалов XVIII международной научно-практической конференции «Экстремальные ситуации, конфликты, социальное согласие» (Москва, 24 ноября 2016 г.). – М.: Академия управления МВД России, 2016. – С. 67.

[561] Бобров, В.В., Сердюк, Н.В. Сущность и содержание социально-педагогических аспектов сотрудничества органов внутренних дел с общественностью / В.В. Бобров, Н.В. Сердюк // Труды Академии управления МВД России. – 2017. – № 2 (42). – С. 93.

ин санъати одамонро боодоб кардан мебошад: вай одамро ҳамчун мавҷудоти табиӣ мешуморад ва роҳеро нишон медиҳад, ки ҳангоми риоя кардан ӯ аз нав таваллуд мешавад, табиати ибтидоии худро ба табиати дуюм, маънавӣ табдил медиҳад ва ҳамин табиати маънавӣ барои ӯ муқаррарӣ мешавад»[562].

Чи тавре, ки олимон қайд мекунанд, дар вазъиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ, ки дар он моҳияти таҳдидҳои амниятӣ пурра омӯхта ва дарк карда нашудааст, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҷбур мешаванд, ки малакаи касбии худро истифода баранд, яъне корманди касбӣ ба маҳорати касбӣ, доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ такя карда, дар доираи қонун ҳуқуқтадбиққуниро бо таври «дар ҳолати дастӣ» амалӣ намояд. Дар он ҷойе, ки бо ин ё он сабаб дар низоми ҳуқуқӣ «халиҷҳои ҳуқуқӣ» ҳангоми иҷрои вазифаи ҳифзии худ мавҷуданд, шахсони мансабдори ваколатдор дар рафтори хизматии худ ба принсипҳои масъулияти маънавӣ, мантиқ ва рӯҳияи қонуният, адолат ва инсондустӣ, ки дар ҳуқуқ мавҷуд мебошад, риоя мекунанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки аҳамияти салоҳияти касбӣ дар пешгирии таҳдидҳо ба амнияти миллӣ меафзояд[563].

Дар хулоса бояд қайд кард, ки вазифаҳо, ки дар назди муассисаҳои таълимии тахсилоти олии касбии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудаанд, аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони илмӣ-педагогӣ тахассуси баланди мувофиқ, худомӯзии доимӣ ва пайвастаро талаб мекунанд.

Донистани вазъияти муосири ҷиноятӣ, вазифаҳои аввалиндараҷа, ки дар назди мақомоти корҳои дохилӣ гузошта шудааст, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсус дар таъмини амнияти миллӣ, инчунин навсозии ҷанбаи таълимию методии раванди таълим, додани ба ӯ самти касбӣ ва ахлоқӣ, чузъҳои асосии фаъолияти пурмаҳсули профессорону омӯзгорон ва дар натиҷа кори бомуваффақияти мактаби олӣ мебошад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо кадрҳои баландихтисос таъмин менамояд.

Дар давраи ҳозираи рушди Тоҷикистон ба соҳаҳои илм ва маориф аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад, барои он ки онҳо дар кори мустаҳкам намудани асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ нақши муҳимро ишғол мекунанд. Хавфу хатарҳои сершуморе, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар умум дучор мешавад, то рафт хусусияти мураккаб ва маҷмӯиро дар бар мегирад. Танҳо мутахассисони ҳаматарафа омодашуда ва босавод, ки бо эътиқоди ҳатмӣ будани риоя ва эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчун шарти асосии фаъолияти худ тарбия ёфтаанд, ба ин хавфу хатарҳо дуруст ҷавоб гардонида метавонанд.

Касбият аз ҷузъҳои зиёди салоҳияти хизматӣ иборат мебошад, ки он аз худ кардани донишҳои фаннӣ дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ, малака ва маҳорат дар соҳаҳои ташкилӣ, идоракунӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва педагогиро дар бар мегирад.

---

562 Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Пер. с нем.] / Георг Вильгельм Фридрих Гегель; [Автор вступительного слова и примеч. В. С. Нерсесянц]. – М.: Мысль, 1990. – С. 205-206.

563 Шаранов, Ю.А., Иваницкий, А.Т. Устойчивость правоохранительной системы в условиях гибридных угроз / Ю.А. Шаранов, А.Т. Иваницкий // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2016. – № 1 (69). – С. 222.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро бо тайёр кардан, такмил додани ихтисос, бозомӯзии кадрҳо дар шакли таҳсили рӯзона ва ғоибона амалӣ менамояд. Таҳлили ихтисосҳо, номгӯйи мутахассисон, ки барои низоми ҳифзи ҳуқуқи ВКД заруранд, дар бораи самти умумии раванди таълим дар Академия оид ба аз худ кардани шаклу усул ва воситаҳои навтарини муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ба амнияти миллӣ равшан шаҳодат медиҳад.

Муҳиммтарин ҷузъи ҷараёни таълим ташаккули малакаҳои амалӣ ва амалҳои бомаҳорат, тарбияи эҳтиёҷоти дохилӣ барои иҷрои онҳо дар татбиқи вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва назоратии МКД мебошад. Истифодаи муқаррароти ҳуқуқӣ на танҳо аз сифати қонунҳо, балки аз дарк ва шарҳи дурусти меъёрҳо аз ҷониби шахсони татбиққунандаи онҳо низ вобаста мебошад. Дар вазъиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ, ки дар он моҳияти таҳдидҳои амниятӣ пурра омӯхта ва дарк карда нашудааст, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҷбур мешаванд, ки малакаи касбии худро истифода баранд.

Тавре ки таҳлили ташаккули иқдидори касбии кадрии МКД нишон медиҳад, на ҳамаи имкониятҳое, ки ба баланд бардоштани сифати кадрҳо нигаронида шудаанд, пурра истифода мешаванд. Сабабҳои эҳтимолии ин вазъият инҳо мебошанд:

– камбудиҳо дар қонунгузорӣ;
– вайронкуниҳо ва дуршавии мунтазам аз талабот нисбат ба номзадҳо барои хизмат дар милитсия ҳангоми интихоби пешакӣ;
– сатҳи нокифояи зеҳнии ҷавонон, ки ба хизмат омадаанд;
– бепарвоӣ дар кори кадрӣ.

Дар муҳити илмӣ одилона қайд карда мешавад, ки дар низоми тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият надодан ба таъсири иттилоотии ҷаҳонӣ ба таълимгирандагон (курсантон, шунавандагон, хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) аз ҷониби объекти иҷтимоии эҳтимолии фаъолияти касбӣ (рақиб, муҳити ҷиноятӣ) мушоҳида мешавад, инҳисори (монополияи) васоити ахбори омма аз ҳисоби бе назорат васешавии бахши ВАО-и хориҷӣ дар фазои иттилоотии миллӣ, воридшавии барқасдонаи унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ, ба қобилияти мудофиавӣ ва амнияти давлат зарар мерасонад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи ташаккули салоҳиятҳои зарурии касбӣ дар кормандони ояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои салоҳиятҳои зарурии касбӣ мебошанд, бояд ҳангоми ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ба таври васеъ ва ҳамаҷониба технологияҳои гуногуни инноватсионии педагогӣ ва методикаҳоро ворид кардан лозим аст, ки мазмуни онҳо дар ин ё он дараҷа ба ташаккули мустақилияти донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои тахассусӣ нигаронида шуда бошанд; истифодаи ҳамгироии байнисоҳавӣ, технологияи модулии раванди таълим, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҷрибаи хизматӣ, усули портфолио, ки барномаҳои рейтингиро назорат мекунад, низомҳои тестии омӯзишӣ ва назораткунанда, воридшавии фаъол ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафи ташаккули салоҳиятҳои зарурии касбӣ дар кормандони ояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои салоҳиятҳои касбии зарурӣ мебошанд, бояд ҳангоми ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ба таври васеъ ва ҳамаҷониба технологияҳои гуногуни инноватсионии педагогӣ ва методикаҳоро ворид кардан лозим аст, ки мазмуни онҳо дар ин ё он дараҷа ба ташаккули мустақилияти донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои тахассусӣ нигаронида шуда бошанд; истифодаи ҳамгироии байнисоҳавӣ, технологияи модулии раванди таълим, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҷрибаи хизматӣ, усули портфолио, ки барномаҳои рейтингиро назорат мекунад, низомҳои тестии омӯзишӣ ва назораткунанда, воридшави фаъол ба фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ ва дигар навигариҳои педагогӣ маҳсуб меёбанд.

Адабиёт:

1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри с. 2003, № 1175 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?.
2. Барномаи рушди милитсия барои солҳои 2014-2020: бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи с. 2014, № 296 тасдиқ шудаст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.police-reform.tj/index.php/ru/k2/programm.
3. Бавсун, И.Г., Гусев, В.А. Проблемы стандартизации высшего образования в системе подготовки кадров для органов внутренних дел Российской Федерации / И.Г. Бавсун, В.А. Гусев // Труды Академии управления МВД России. – 2019. – № 3 (51). – С. 153-159.
4. Бобров, В.В., Сердюк, Н.В. Сущность и содержание социально-педагогических аспектов сотрудничества органов внутренних дел с общественностью / В.В. Бобров, Н.В. Сердюк // Труды Академии управления МВД России. – 2017. – № 2 (42). – С. 92-95.
5. Бутинов, К.В. Роль гражданско-патриотических ценностей в подготовке офицера полиции / К.В. Бутинов // Вестник Казанского юридического института МВД России. – 2016. – № 1 (23). – С. 116-118.
6. Бутинов, К.В., Тагиров, З.И. Универсальные духовно-нравственные ценности сотрудников правоохранительной системы как основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / К.В. Бутинов, З.И. Тагиров // Совершенствование деятельности органов государственной власти, местного самоуправления и институтов гражданского общества в сфере обеспечения национальной безопасности: сборник материалов XVIII международной научно-практической конференции «Экстремальные ситуации, конфликты, социальное согласие» (Москва, 24 ноября 2016 г.). – М.: Академия управления МВД России, 2016. – С. 66-69.
7. Воскобоев, А.И., Головко, В.А. Воспитание как комплексная дидактическая проблема: традиционные и инновационные интерпретации /

А.И. Воскобоев, В.А. Головко // Философия права. – 2016. – № 3 (76). – С. 99-103.

8. Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Пер. с нем.] / Георг Вильгельм Фридрих Гегель; [Автор вступительного слова и примеч. В. С. Нерсесянц]. – М.: Мысль,1990. – 504 с.

9. Гончаров, И.В., Барбин, В.В., Киричёк, Е.В. Обеспечение прав и свобод человека и гражданина в деятельности органов внутренних дел / под ред. И.В. Гончарова. – М.: Академия управления МВД России, 2015. – 324 с.

10. Клочко, И.В. Теоретико-методологические основы проблемы формирования правосознания учащейся молодежи / И.В. Клочко // Мир науки, культуры, образования. – 2013. – № 6 (43). – С. 131-134.

11. Колесникова, Е.Ю. Общие социогуманитарные константы российского образования в системе институциональных факторов его реформирования / Е.Ю. Колесникова // Философия права. – 2016. – № 2 (75). – С. 126-130.

12. Мирзорустамов, М.М. Совершенствование кадрового обеспечения как стратегическое направление деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан / М.М. Мирзорустамов // Труды Академии управления МВД России. – 2015. – № 4 (36). – С. 68-70.

13. Морозов, В.А. Государственно-правовые аспекты формирования личностно-профессионального отношения сотрудника полиции к профессиональной деятельности / В.А. Морозов, Б.А. Федулов, Ю.Н. Чернов // Алтайский юридический вестник. – 2016. – № 2 (14). – С. 45-49.

14. Муртазин, А.И. Преступность сотрудников органов внутренних дел / А.И. Муртазин // Вестник Уфимского юридического института МВД России. – 2017. – № 1. – С. 49-53.

15. Николаенко, Е.А. Кадровый потенциал органа внутренних дел как важный ресурс территориального органа МВД России / Е.А. Николаенко // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2018. – № 2. – С. 35-39.

16. Носкова, Л.Г. Формирование человеческого капитала как проблема организации эффективного общения руководителя органа внутренних дел / Л.Г. Носкова // Труды Академии управления МВД России. – 2014. – № 2 (30). – С. 91-93.

17. Олейников, В.С. Системно-деятельностный подход в исследовании профессионально-нравственного воспитания сотрудников органов внутренних дел / В.С. Олейников, А.С. Душкин, М.Е. Гурьев // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2016. – № 1 (69). – С. 183-188.

18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26-уми декабри с. 2019 // [Манбаи электронӣ]. – Речаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/19839.

19. Правовые и организационные основы обеспечения общественной безопасности в Российской Федерации: монография / И.Е. Ильичёв, Э.В. Богмацера, К.В. Буняева [и др.]; под общ. ред. И.Е. Ильичёва. –

Белгород: Белгородский юридический институт МВД России имени И.Д. Путилина, 2018. – 169 с.

20. Шаранов, Ю.А., Иваницкий, А.Т. Устойчивость правоохранительной системы в условиях гибридных угроз / Ю.А. Шаранов, А.Т. Иваницкий // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2016. – № 1 (69). – С. 218-224.

21. Шинкевич, В.Е. О некоторых проблемах организации профессиональной подготовки кадров: по материалам IV всероссийской научно-практической конференции «Профессиональное образование в сфере национальной безопасности» / В.Е. Шинкевич // Вестник Сибирского юридического института ФСНК России. – 2016. – № 4 (25). – С. 70-73.

22. Школа, О.В. Современные проблемы оценки кадрового потенциала органов внутренних дел / О.В. Школа // Вестник Московского университета МВД России. – 2014. – № 8. – С. 221-224.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 5.5.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.12)

ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ КРИМИНАЛИСТИКА: АЗ ҚАДИМ ТО ЗАМОНИ МУОСИР

Назаров Аваз Қувватович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: 907-69-74-76
Email: avazjonn@mail.ru

Фишурда: Дар мақола таҳаввулоти таърихӣ ва методологии криминалистика аз қадим то замони муосир баррасӣ шудааст. Он нишон медиҳад, ки илми криминалистика аз мушоҳидаи рафтори инсон ва аломатҳои физиологӣ дар замонҳои қадим то усулҳои антропометрӣ, дактилоскопия ва истифодаи технологияҳои муосир барои ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳо рушд кардааст.

Калидвожаҳо: криминалистика, таърих, усулҳои тафтиш, мушоҳидаи рафтор, антропометрия, дактилоскопия, далелҳои моддӣ, технологияҳои муосир, адолат, амнияти ҷомеа

ИСТОРИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ И МЕТОДОЛОГИЯ КРИМИНАЛИСТИКИ: ОТ ДРЕВНОСТИ ДО СОВРЕМЕННОСТИ

Назаров Аваз Кувватович,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности, доктор юридических наук, профессор
Тел.: 907-69-74-76
Email: avazjonn@mail.ru

Аннотация: В статье рассматривается историческую эволюцию и методологию криминалистики от древности до современности. Показано, что наука развивалась от наблюдения за поведением человека и физиологических признаков в древние времена до антропометрии, дактилоскопии и использования современных технологий для раскрытия и расследования преступлений.

Ключевые слова: криминалистика, история, методы расследования, наблюдение за поведением, антропометрия, дактилоскопия, вещественные доказательства, современные технологии, правосудие, безопасность общества

HISTORICAL EVOLUTION AND METHODOLOGY OF CRIMINOLOGY: FROM ANCIENT TIMES TO THE PRESENT

Nazarov Avaz Quvvatovich,
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminalistics and Forensic Activity, Doctor of Law, Professor.
Phone.: 907-69-74-76
Email: avazjonn@mail.ru

Annotation: The text examines the historical evolution and methodology of criminology from ancient times to the present. It shows that the science developed from observing human behavior and physiological signs in early societies to anthropometry, fingerprinting, and the use of modern technologies for detecting and investigating crimes.

Keywords: criminology, history, investigation methods, behavior observation, anthropometry, fingerprinting, physical evidence, modern technologies, justice, public safety

Пайдоиш ва ташаккули илми криминалистӣ ба давраҳои хеле қадимаи таърихи башарият, аз ҷумла ба аҳди Қадим, марбут дониста мешавад. Ин андеша бо мавҷудияти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмие, ки ба таҳлили равандҳои ибтидоии таҳқиқи ҷиноятҳо бахшида шудаанд, асоснок карда мешавад. Гарчанде, ки он давра мафҳуми «криминалистика» ҳамчун соҳаи мустақили илм ҳанӯз ташаккул наёфта буд, заминаҳои назариявӣ ва амалии он дар доираи таҷрибаҳои амалии тафтиши ҷиноятҳо ба вуҷуд омада буданд.

Зарурати омӯзиши падидаҳо ва таълимоти марбут ба ошкорсозӣ ва тафтиши кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, дар асл, аз худи ҳодисаи содиршуда сарчашма мегирад. Инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ маҷбур буд дар муҳити ҳамзистӣ бо дигарон зиндагӣ ва рушд намояд. Чунин ҳамзистӣ, ба таври табиӣ, боиси ба вуҷуд омадани ҳодисаҳо ва барҳӯрдҳои гуногун мегардид. Дар ҳолатҳое, ки ин ихтилофҳо бо роҳҳои осоишта ҳал намешуданд, онҳо метавонанд ба рафторҳои ба ҷамъият хавфнок ва ҳатто содиршавии ҷиноятҳо оварда расонанд.

Маҳз ҳамин ҳодисаҳо ҷомеаро водор сохт, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти ҷомеа механизмҳои муайянсозии ҳодсаҳоро ташаккул диҳад. Бо гузашти замон, ин механизмҳо такмил ёфта, ба шаклҳои муназзами таҳқиқи ҳодисаҳои ҷиноятӣ мубаддал гардиданд. Ҳадафи асосӣ аз чунин назарияҳо на танҳо барқарор намудани

адолат, балки инчунин қалби шахсони гунаҳкор ба қавобгарӣ ва таъмини татбиқи қазои сазовор буд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мумкин аст хулоса кард, ки криминалистика ҳамчун низоми донишҳои илмӣ дар ҳали мушиклотҳои воқеии қомеа ташаккул ёфта, решаҳои он ба таҷрибаи таърихии инсоният пайванди амиқ дорад[564].

Таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии Чини қадим нишон медиҳад, ки дар раванди муқовимат ба ҷиноятқорӣ таваҷҷуҳи махсус ба ҳолати равонӣ ва физиологии гумонбаршудагон зоҳир мегардид. Дар доираи чунин таҷрибаҳо усулҳое истифода мешуданд, ки ба арзёбии аксуламалҳои табиии организм дар шароити изтироб асос меёфтанд. Яке аз чунин усулҳои маъмул ин буд, ки ба нӯги забони шахси гумонбар миқдори ками биринҷ мегузоштанд ва баъдан ҳолати он таҳти мушоҳида қарор мегирифт. Агар биринҷ хушк боқӣ мемонд, чунин ҳолат ҳамчун нишонаи эҳтимолии гуноҳ арзёбӣ мешуд. Баръакс, тар гардидани он ба нафъи шахс маънидод мешуд, ки ин як шакли исботи гуноҳи шахсро дар содир кардани ҷиноят пешниҳод мекард.

Асоси назариявии ин амал ба фарзияи вобастагии равандҳои физиологӣ аз ҳолати равонии инсон такя мекард. Мувофиқи ин назария, шахси бегуноҳ дар шароити санҷиш раванди табиии ҷудошавии оби даҳонро нигоҳ медорад, дар ҳоле, ки шахси гунаҳкор, бинобар изтироб ва ташвиши дохилӣ, бо коҳиши муваққатии ин раванд рӯ ба рӯ гардада даҳони ӯ хушк боқӣ мемонд.

Бо вуҷуди соддагии зоҳирӣ, чунин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто дар марҳилаҳои ибтидоии рушди тафаккури ҳуқуқӣ қомеаҳо мекӯшиданд аломатҳои рафторию физиологиро ҳамчун манбаи иттилоот барои ошкор намудани ҳақиқати ҳодисаи ба ҷамъият хавфнок истифода намоянд. Ин назария, ҳарчанд аз нигоҳи илмии муосир комилан дақиқ маҳсуб намегардад, ҳамчун қадами ибтидоӣ дар ташаккули усулҳои равоншиносӣ ва физиологӣ дар таҳқиқи ҷиноятҳо аҳаммияти таърихӣ дорад[565].

Дар низоми ҳуқуқии Ҳиндустони қадим нишонаҳои ташаккули усулҳои муайянсозии рафтори гумонбарон ба назар мерасанд. Ин таҷрибаҳо бар асоси мушоҳидаи робитаи миёни ҳолати рӯҳии шахс ва аксуламалҳои зоҳирии ӯ ба роҳ монда шуда, ба дарёфти аломатҳое равона буданд, ки метавонанд изтироб ё нооромии дохилиро инъикос намоянд.

Тибқи яке аз чунин назарияҳо, ба шахси гумонбар саволҳое пешниҳод мегардиданд, ки қисме аз онҳо мазмуни бетараф доштанд ва қисми дигар ба ҷузъиёти эҳтимолии ҳодисаи ҷиноятӣ марбут буданд. Аз ӯ талаб карда мешуд, ки ба ҳар савол бидуни андешаи тӯлонӣ, бо аввалин калимае, ки ба хотир мерасад, ҷавоб диҳад. Ҳамзамон ӯ бояд бо шиддати нисбатан яксон

---

564 Гуринская А.Л. Полицейская деятельность в Великобритании до создания полиции: середина XVIII-XIX вв // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. 2015. № 5 (46). С. 32-37).

565 Торвальд, Ю. Век криминалистики [Текст] / Ю. Товальд. – М.: Прогресс, 1991. – 323 с.

ва ором ба саволҳо дар муҳлати кутоҳтарин ҷавоб пешниҳод мекард. Мушоҳидаҳо бештар ба тағйироти ларзиши садои инсон ва ҷазобии содо нигаронида мешуданд. Агар ҳангоми шунидани саволи дорои аҳаммияти махсус ларзиши садои инсон халал меёфт ё зарба қавитар мегардид, чунин ҳолат ҳамчун нишонаи эҳтимолии нооромии дохилӣ арзёбӣ мешуд. Гумон мерафт, ки чунин тағйирот метавонад ба робитаи савол бо маълумоти пинҳонкардаи шахс ишора намояд.

Гарчанде ин усул аз нигоҳи меъёрҳои илмии имрӯза асоси илмии кофӣ надорад, он барои замони худ кӯшиши ҷиддӣ ҷиҳати дарёфти роҳҳои муайян намудани ҳақиқат ба шумор мерафт. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҷомеаҳои қадим низ ба мушоҳидаи нозуки рафтори инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кушиш мекарданд аз аломатҳои зоҳириро барои дарки ҳолати ботинии шахс истифода баранд. Метавон хулоса кард, ки чунин назарияҳо марҳилаи муҳим дар рушди тафтиши амалияи ҷиноятҳо маҳсуб гардида, заминаи таҷрибаи минбаъдаи ҳуқуқиро фароҳам овардаанд[566].

Дар низоми ҳуқуқии Рими қадим яке аз нахустин санадҳое, ки унсурҳои амалии тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар мегирифт, Қонуни ҷавали XII ба шумор меравад (451-450 то м.). Гарчанде ин санади ҳуқуқӣ пеш аз ташаккули илмҳои муосири криминалистӣ қабул гардида буд, дар баъзе муқаррароти он метавон нишонаҳои тавсияҳои дорои хусусияти тактикӣ, аз ҷумла вобаста ба тартиби гузаронидани кофтуковро мушоҳида кард. Мутобиқи санади мазкур ҳангоми анҷом додани кофтуков шахсе, ки онро мегузаронд, ҳуқуқ надошт либоси муқаррарӣ ба бар дошта бошад, бо назардошти ин ӯ танҳо бо банди матоъӣ дар даст баста ва дар даст косае нигоҳ медошт. Мазмуни чунин талабот, ба эҳтимоли зиёд, ба таъмини шаффофият ва пешгирии ҳар гуна сӯистифода равона шуда буд. Бо ин роҳ имкони пинҳонӣ ворид намудани ашё ё далелҳои сохтакорона ба маҳалли кофтуков ғайри имкон мегардид.

Ин меъёр исботи онро дорад, ки қонунгузории римӣ ҷиҳати ҳифзи адолат ва коҳиш додани хатари сохтакории далелҳо равона карда шудааст. Баъзе муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ низ ишора мекунанд, ки ба истилоҳ «сохтакории далелҳо» ё қасдан ҷойгир намудани далели бардурӯғ дорои таърихи қадима буда, қонунгузорӣ ҳатто дар марҳилаҳои аввалини рушд кӯшиш мекард механизмҳои пешгирии онро пешбинӣ намояд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи тафтиши ҷиноятии Рими қадим нишон медиҳад, ки масъалаи эътимоднокии далел ва поквиҷдонии шахси ваколатдор ҳанӯз дар даврaҳои бостонӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор доштааст. Ин омил, дар навбати худ, заминаи ташаккули минбаъдаи принсипҳои криминалистӣ ва меъёрҳои тактикии фаъолияти тафтиширо фароҳам овардааст[567].

Дар Қуръони Карим ба хусусияти беназир ва фарқкунандаи ангуштон ишора шудааст. Масалан, оятҳо он нишон медиҳанд, ки ҳар шахс дорои

[566] Торвальд, Ю. Век криминалистики [Текст] / Ю. Товальд. – М.: Прогресс, 1991. – 323 с.
[567] Торвальд, Ю. Век криминалистики [Текст] / Ю. Товальд. – М.: Прогресс, 1991. – 323 с.

аломатҳои нодир ва фарқкунандаи худ мебошад, ки ба шакли ангуштон ва изи онҳо инъикос мешавад. Ин маъно ба он ишора мекунад, ки изи ангуштон ҳамчун аломати фарқкунандаи шахсият аз ҷониби Қуръон эътироф гардидааст ва ду шахс наметавонанд аз ҳама ҷиҳат яксон бошанд.

Бо ибораи дигар, Қуръон ба инсоният нишон медиҳад, ки ангуштон ва хатҳои нохунакҳо нишонаи айниятии инсон ва пояи шинохти ӯ мебошанд, ки дар замони имрӯз ин дар илми криминалистӣ ва тафтишотии ҷиноятҳо низ ба ҳайси далели фарқкунандаи шахс истифода мешаванд.

Дар кишварҳои пешрафтаи капиталистӣ криминалистика ҳамчун самти мустақили илмӣ дар нимсолаи дуюми асри XIX бо шиддат гирифтани мухолифатҳои иҷтимоӣ ва афзоиши сатҳи ҷиноятқорӣ ташаккул ёфт. Ин марҳала бо афзоиши ниёз ба усулҳои ошкорсозии ҷиноятҳо ва муайян намудани шахсони гунаҳкор алоқаманд буд. Яке аз асосгузорон дар рушди назарияи айнияткунонӣ ва таҳлили иттилооти криминалистӣ Алфонс Бертилион мебошад. Ӯ усули антропометрӣ, ки бо номи «бертилонаж» маъруф аст, ҷорӣ намуд. Мақсади асосии ин назария таъсис додани низоми муайян кардани нишонаҳои зоҳирии шахсият буд.

Ба ақидаи Алфонс Бертилион пешниҳод кард, ки шахсият бояд тавассути 15 нишондиҳандаи аломатҳои анатомӣ таҳлил ва сабт карда шавад. Ба ин нишондиҳандаҳо дохил мешуданд: дарозии ангушти калони даст ё ангушти хурд (мизинец), андозаи сар, паҳноии пешонӣ, паҳнӣ ва дарозии дастҳо ва дигар андозаҳои хаттӣ ва андозагирии анатомии ҷисми инсон.

Ҳамин тавр, усули антропометрӣ на танҳо ба ташаккули назарияи айнияткунонии шахсият ва ба роҳ мондани ҳисоботи систематикӣ дар криминалистика мусоидат намуд, балки заминаи илмӣ ва методологиро барои таҳия ва такмил додани усулҳои дақиқи тафтишот ва бақайдгирии ҷиноятҳо фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки андозагирии баъзе қисматҳои анатомии шахсони гуногун метавонад ба ҳам мутобиқат кунад, аммо эҳтимолияти яксон будани чаҳор ё панҷ нишонаҳои анатомии ҷисмонӣ дар як шахс хеле кам мебошад. Ин назария имконият медиҳад, ки тавсифи ҷисмонӣ дар маҷмӯъ ҳамчун аломати фарқкунандаи шахс истифода шавад ва хатари хато ё мушкилоти айнияткуниро кам намояд. Бояд қайд кард, ки як қатор муҳаққиқон истифодаи усули антропометриро ҳанӯз ҳам дар раванди ошкорсозӣ ва тафтиши намудҳои гуногуни ҷиноятҳо нисбатан муфид мешуморанд. Аз назари онҳо, ин ақида, гарчанде бо вуҷуди маҳдудиятҳои муайян, метавонад ҳамчун маълумоти иловагӣ барои айнияти шахсият ва таҳлилҳои муқоисавӣ дар равандҳои тафтишӣ ҳодисаи ҷиноят хизмат намояд[568].

Илова бар ин набояд, ки мавқеи Уилям Хершелро дар рушди илми криминалистика фаромӯш кард. Ӯ дар Ҳиндустон таҳқиқотиҳои илмиро дар самти дактилоскопия ба роҳ монда, дар навбати худ ҳамчун асосгузори

[568] Балычев С.Ю., Соловьева Н.А., Васюков В.Ф., Арсаханова З.А. История внедрения антропометрического метода Альфонса Бертильона в практику раскрытия и расследования преступлений экономического и личностного характера // Вопросы истории. 2021. № 4-2. С. 231-237.

дактилоскопия ба ҳисоб меравад. Муаллиф гипотезаи муҳимми устувории намунаи папиллярии рӯи ангуштони дастҳои инсонро таҳқиқ намуд ва низоми бақайдгирии ангуштони дастро роҳандозӣ кардааст. Дар доираи ин низом, Уилям Хершел кортҳоро таҳқиқ мекард, ки ба онҳо изи ангуштҳои шахсон гузошта мешуд. Ин назария заминаи илмии ташаккули дактилоскопия ва истифодаи кортҳои ангуштнамоҳоро ҳамчун аломати муайянкунандаи шахсият инъикос кардааст[569]. Бо иборaи дигар, ӯ нахустин низоми бақайдгирии дактилоскопии криминалистиро ҷорӣ намуд. Ҳамзамон, Генри Фолдс, духтури шотландӣ, ки дар Токио кор мекард, саҳми назаррас дар рушди дактилоскопия гузошт. Талошҳои ӯ барои муайян кардани намуди умумии намунаи ангуштҳо равона карда шуда буд. Ба ақиди ӯ дар тӯли тамоми умр акси хатҳои папилярии ангуштони дасти инсон тағйир намеёбад ва бинобар ин метавонад барои айнияткунони нисбат ба аксҳо самараноктар хизмат кунад. Дар доираи фаъолияти худ Генри Фолдс низ кортҳои мушобеҳи изи ангуштҳоро нигоҳ медошт, ки аҳамияти калидӣ барои ошкор ва исботи шахсони гунаҳкор дошт. Ин таҷриба заминаи илмӣ ва амалии истифодаи дактилоскопияро дар тафтиши ҷиноят тақвият дод[570].

Асосгузори илми криминалистика ҳамчун соҳаи мустақил ба Ганс Гросс, таҳқиқгари австриявӣ, нисбат дода мешавад. Ӯ яке аз аввалин олимоне буд, ки таваҷҷуҳро ба аҳамияти далелҳои моддӣ дар ошкорсозии ҷиноятҳо равона намуда, истифодаи воситаҳо ва усулҳои илмӣ-техникии фанҳои дақиқро барои ошкор ва тафтиши ҷиноят пешниҳод кард. Аввалин асари ӯ бо номи «Дастур барои муфаттишон» ҳамчун як дастури амалӣ ва илмӣ дар илми криминалистика машҳур шуд.

Криминалистика дар Австрия асосан бо номи Ганс Гросс алоқаманд дониста мешавад, ки ҳамчун шахсияти бо таҷриба ва донишманд дониста мешавад. Да асари ӯ таҳияи усулҳои муосири тафтишоти ҷиноятӣ заминаи илмӣ ва методологӣ фароҳам оварда шудааст, ки ин саҳми Ганс Гроссро дар ташаккули назарияи муосири криминалистика ҳамчун илм арзёбӣ мекунад[571]. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот муаллиф ба соҳаҳои махсуси техникаи криминалистӣ, аз қабили омӯзиши силоҳ ва хосиятҳои он, ки дар ошкор ва тафтиши далелҳои ҷиноятӣ аҳаммияти калидӣ доранд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона шудааст. Ин назария ба таъмин намудани шаффофият дар тафтишоти ҷиноят, ҳамчунин ба баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти криминалистӣ мусоидат мекунад[572]. Илова бар ин, Ганс Гросс диққати махсусро ба таҳқиқ ва

---

[569] Herschel W.J. The Origin of Finger-Printing / Humphrey M. Oxford: Oxford University Press, 1916. URL: https://galton.org/fingerprints/books/herschel/herschel-1916-origins-1up.pdf (дата обращения: 22.02.2026).

[570] Пинчук П. В. Дактилоскопия: исторические аспекты и роль в решении идентификационных задач на современном этапе ее развития // ПЭМ. 2001. №2-2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/daktiloskopiya-istoricheskie-aspekty-i-rol-v-reshenii-identifikatsionnyh-zadach-na-sovremennom-etape-ee-razvitiya (дата обращения: 18.02.2026).

[571] Агалец Н.А., Родевич Л.И. Ганс Гросс о памяти свидетеля и современность // Вестник Белгородского юридического института МВД России имени И.Д. Путилина.2005. № 2 (6). С. 38-42.

[572] Гросс Г. Руководство для судебных следователей как система криминалистики. - Новое изд., перепеч. с изд. 1908 г. М.: ЛексЭст, 2002.

ошкорсозии намудҳои гуногуни ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои муқобили шахсият, молу мулк ва дигар категорияҳои ҳуқуқвайронкунӣ равона намуд. Ҳамзамон, ӯ ба таҳлили криминалистии хусусиятҳои хос ва диагностикаи ҷиноятҳо аҳамияти ҷиддӣ медод, ки имкон медод механизмҳои муайянкунии далелҳо ва рафтори гунаҳкоронро муайян кунад. Ин ҷанбаъҳо саҳми ӯро дар ташаккули методологияи муосири тафтишоти ҷиноятӣ ва таҳлили криминалистӣ тақвият мебахшанд[573]. Аз ин рӯ, дар як қатор кишварҳо бисёре аз олимони криминалистӣ Ганс Гроссро ҳамчун асосгузори илм ва фанни таълимии криминалистика мешуморанд, ки ҳоло дар донишгоҳҳои ҳуқуқӣ ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маводи таълимӣ асарҳои ӯ пешниҳод мешавад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки на ҳама идеяҳо ва нуқтаи назари ӯ аз ҷониби олимони криминалисти қабул карда шудаанд, баъзе мавқеъҳои методологӣ ва назариявии ӯ баҳсҳои ҷиддиро ба бор меоварданд[574].

Дар давлатҳои Ғарби Аврупо криминалистика асосан ҳамчун фанни амалӣ ва техникии амалкунанда, ки фаъолиятҳои полисро, ки қонун мустақиман танзим намекард, муттаҳид месохт. Хусусияти муҳимми рушди илми криминалистикии хориҷӣ дар он аст, ки қариб корҳои назариявӣ ва методологӣ дар бораи заминаҳои илмии фан зиёд ба назар мерасанд. Аз ин ҷиҳат, дар аксари кишварҳои капиталистӣ криминалистика ҳамчун фанни мустақил эътироф мешавад. Доираи масъалаҳои криминалистика ба маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои махсуси техникӣ маҳдуд карда намешавад, баракс криминалистика ҳамчун фанни амалие баррасӣ мегардад, ки вазифаи он таҳияи тавсияҳои техникӣ, тактикии ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳоро фароҳам меорад.

Ҳамин муносибат боиси он шудааст, ки дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар ИМА, криминалистика дар тамоми донишгоҳҳои ҳуқуқӣ ҳамчун фан омӯхта мешавад ва ҷойгоҳи он махсус боқӣ мемонад.

Аввалин марҳалаи рушд ва ташаккули криминалистикаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ пас аз инқилоби Октябр (1918-1940) хусусияти возеҳан амалиро дошт. Дар ин давра таҷрибаи истифодаи усулҳо ва воситаҳо, ки баъди таҳриру такмил аз дигар соҳаҳои дониш гирифта мешуданд ё мустақилона аз ҷониби криминалистҳо таҳия гардида буданд, ҷамъбаст карда мешуд. Ҳамзамон идомаи тарҷума ва истифодаи осори муаллифони хориҷӣ, махсусан дар соҳаи техникаи криминалистӣ, ба назар мерасид.

Аввалин кушиш барои муайян намудани мавзуъ ва мазмуни криминалистикаи шӯравӣ соли 1921 аз ҷониби Г.Ю. Манс анҷом дода шуд. Ӯ қайд мекард, ки криминалистика усулҳои содир намудани ҷиноят,

---

573 Соколова О.А. Значение работы Ганса Гросса «Руководство для судебных следователей как система криминалистики» в диагностике человека в раскрытии и расследовании преступлений // Сб. мат. 8-й (внеочередной) Международной научно-практической конференции «Криминалистика и судебная экспертиза: наука, обучение, практика» (18-19 июня). СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского государственного университета, 2012. – С. 11-118.

574 Сокол В.Ю. Ганс Гросс – основатель современной криминалистики // Вестник Краснодарского университета МВД России. 2012. № 3 (17). – С. 39-51.

рафтори ҷиноятқорон, роҳҳои таҳқиқ ва айниятқунии онҳо, инчунин дигар масъалаҳои марбут ба тафтишотро меомӯзад. Дар он давра криминалистика ҳамчун яке аз илмҳои ҳуқуқӣ-техникӣ эътироф мешуд ва бо ҷараёни тфтиши ҷиноят равона карда шуда буд.

Марҳалаи ибтидоии давраи шуравӣ бо фаъолияти илмӣ ва амалии чунин олимон ба монанди И.Н. Якимов, В.И. Громов, П.С. Семеновский, С.А. Голунский ва С.М. Потапов алоқаманд буд. Онҳо таҷрибаи мубориза бо ҷиноятқориро хуб медонистанд ва онро ҷамъбаст намуда, барои такмили усулҳои ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо истифода мебурданд.

Соли 1935-1936 аввалин дастури таълимӣ оид ба криминалистика нашр гардид, ки дар он бахшҳо оид ба техника ва тактикаи тафтиши ҷиноят, инчунин методикаи тафтиши ҷиноятҳо фаро гирифта шуда буданд. Дар ин асар сатҳи ҷамъбастшудаи илм дар он давра таҳлил ва ба низом дароварда шуда буд.

Соли 1950 профессор А.И. Винберг криминалистикаро ҳамчун фанни таҳқиқ ва таҳлили ҷиноятҳо таъриф намуд. Ба таърифи ӯ, криминалистика илмест оид ба усулҳо, техника ва тактикаҳои бозёфт, нигоҳдорӣ, сабт ва таҳлили далелҳои судӣ, ки барои ошкорсозӣ ва исботи ҷиноятҳо, муайян кардани гунаҳкорон ва таҳияи воситаҳои пешгирии ҷиноят истифода мешаванд. Ин таъриф нуқтаи назар ва мақсади умумии фанро равшан мекунад ва заминаи методологӣ барои таҳқиқоти амалӣ ва таълимиро фароҳам меорад[575].Бо назардошти ин, соли 1967 профессор Р.С. Белкин криминалистикаро ҳамчун илм таъриф намуд, ки ба таҳқиқи пайдоиш, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, арзёбӣ ва истифодаи далелҳо равона шудааст. Ба таърифи ӯ, дар асоси фаҳмиши хусусиятҳои далелҳо коркарди воситаҳо, роҳҳои татбиқи тадқиқоти судӣ ва ҳамчунин чораҳои пешгирии ҷиноят амалӣ карда мешаванд. Ин таъриф равиши комплексӣ ва ҳамоҳангро барои таҳқиқоти амалии криминалистӣ, таҳияи методикаҳо ва баланд бардоштани самаранокии тафтишот муқаррар менамояд[576].

Дар маҷмӯъ, рушди криминалистика ҳамчун илм ва фанни таълимӣ натиҷаи рушди ҷомеа ба баланд бардоштани амният, адолат ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, ҳамзамон бо пешрафти босуръати технологӣ ва ниёз ба усулҳои муассири тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Дар шароити рушди технологӣ ва тағйирёбии шаклҳои ҷиноятқорӣ, криминалистикаи муосир бо чолишҳо ва имкониятҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Омилҳои асосии рушди криминалистика дар замони ҳозира дар тағйирёбии методологияи таҳқиқ, истифодаи технологияҳои пешрафта, аз ҷумла трансформацияи рақамӣ, тақвияти ҳамкории байналмилалӣ ва талабот ба стандартҳои баланд дар таъмин намудани мустақилияти таҳқиқоти криминалистӣ таҷассум меёбанд.

---

[575] Криминалистика. Часть I. Под ред.А.И. Винберга и С.П.Митричева. Госиздат. Юрид. лит-ры. М., 1950. с. 4.

[576] Белкин Р.С., Краснобоев Ю.И. О предмете советской криминалистики. Правоведение. Известия высших учебных заведений. Изд-во Ленинградского университета. Ленинград. 1967. №4. -С. 94.

М.В. Жижин рушди ҷории криминалистикаро дар истифодаи маводҳои инноватсионӣ, таҳияи технологияҳои нав ва қарорҳои нав мебинад. Ин усулҳо дар корҳои экспертизаи криминалистӣ васеъ истифода мешаванд. Масалан, коршиносони криминалистӣ бо истифодаи методҳои нави таҳлил муваффақиятҳои назаррасро дар таҳлили объектҳои биологӣ, синтетикӣ ва дигар намудҳо ба даст оварданд. Аз солҳои 2000-ум ба амалиёти экспертиза усулҳое ба монанди таҳлили атомӣ-абсорбсионӣ, микроанализи лазерӣ ва дигар технологияҳои пешрафта татбиқ шуданд[577].

Рушди криминалистика дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва пасошӯравӣ ба таҳлили таҷрибаи тафтишотӣ, нашри дастурҳои таълимӣ ва истифодаи усулҳои техникӣ равона гардида, ҳамзамон ба омӯзиши ҷиноятқорӣ, психологияи ҷиноятқор ва методологияи таҳқиқот низ аҳаммият дод.

Имрӯз криминалистика бо таҳаввулоти босуръати технологияҳо ва рақамисозӣ, истифодаи усулҳои экспертизаи мураккаб, ҳамкории байналмилалӣ ва талаботи баланд ба эътимоднокӣ ва мустақилияти таҳқиқот рӯ ба рӯ аст.

Таҳаввулоти илми криминалистика собит мекунад, ки ин илм дар таъмини адолат ва амнияти ҷомеа нақши калидӣ дорад. Аз ибтидои замонҳои қадим то имрӯз он ҳамеша бо мақсади беҳтар намудани усулҳои ошкорсозӣ ва таҳқиқи ҷиноятҳо рушд ёфта, таҷрибаҳои амалӣ ва техникаи навро муттаҳид намудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳаввулоти таърихӣ ва методологии криминалистика нишон медиҳад, ки рушди илми мазкур ҳамеша ба эҳтиёҷоти ҷомеа, рушди илм ва технология, тафтиши ҷиноятҳо вобаста буда, ҳамзамон барои баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии тафтишот замина фароҳам овардааст.

Адабиёт:

1. Herschel W.J. The Origin of Finger-Printing / Humphrey M. – Oxford: Oxford University Press, 1916. URL: https://galton.org/fingerprints/books/herschel/herschel-1916-origins-1up.pdf (дата обращения: 22.02.2026).

2. Агалец Н.А., Родевич Л.И. Ганс Гросс о памяти свидетеля и современность // Вестник Белгородского юридического института МВД России имени И.Д. Путилина. 2005. № 2 (6). – С. 38–42.

3. Балычев С.Ю., Соловьева Н.А., Васюков В.Ф., Арсаханова З.А. История внедрения антропометрического метода Альфонса Бертильона в практику раскрытия и расследования преступлений экономического и личностного характера // Вопросы истории. 2021. № 4-2. – С. 231–237.

4. Белкин Р.С., Краснобоев Ю.И. О предмете советской криминалистики // Правоведение. Известия высших учебных заведений. – Ленинград: Изд-во Ленинградского университета, 1967. № 4. – С. 94.

[577] Жижина, М. В. Инновационное развитие криминалистики на современном этапе / М. В. Жижина // Lex Russica (Русский закон). – 2012. – Т. 71, № 1. – С. 117-120.

5. Гросс Г. Руководство для судебных следователей как система криминалистики. – Новое изд., перепеч. с изд. 1908 г. – М.: ЛексЭст, 2002.

6. Гуринская А.Л. Полицейская деятельность в Великобритании до создания полиции: середина XVIII–XIX вв // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. 2015. № 5 (46). – С. 32-37.

7. Жижина М.В. Инновационное развитие криминалистики на современном этапе / М.В. Жижина // Lex Russica (Русский закон). 2012. Т. 71, № 1. – С. 117–120.

8. Криминалистика. Часть I / под ред. А.И. Винберга и С.П. Митричева. – М.: Госиздат Юрид. лит-ры, 1950. – С. 4.

9. Пинчук П.В. Дактилоскопия: исторические аспекты и роль в решении идентификационных задач на современном этапе ее развития // ПЭМ. 2001. № 2-2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/daktiloskopiya-istoricheskie-aspekty-i-rol-v-reshenii-identifikatsionnyh-zadach-na-sovremennom-etape-ee-razvitiya (дата обращения: 18.02.2026).

10. Сокол В.Ю. Ганс Гросс – основатель современной криминалистики // Вестник Краснодарского университета МВД России. 2012. № 3 (17). – С. 39–51.

11. Соколова О.А. Значение работы Ганса Гросса «Руководство для судебных следователей как система криминалистики» в диагностике человека в раскрытии и расследовании преступлений // Сб. мат. 8-й (внеочередной) Международной научно-практической конференции «Криминалистика и судебная экспертиза: наука, обучение, практика» (18–19 июня). – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского государственного университета, 2012. – С. 11–118.

12. Торвальд Ю. Век криминалистики [Текст] / Ю. Торвальд. – М.: Прогресс, 1991. – 323 с.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ТАҲЛИЛИ КРИМИНАЛИСТИИ ХУСУСИЯТҲОИ ШАХСИЯТИ ЗАНОНИ ҷИНОЯТКОР

Ашуралиева Моҳдона Дилшодовна,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ.
Тел.: 001101449
Email. Boboshoev0809@icloud.com

Фишурда: Омӯзиши шахсияти ҷинояткор, хусусан занон, дар криминалистика як самти муҳимми таҳқиқот мебошад, ки ба таҳлили хосиятҳои биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Мақсади ин мақола таҳқиқи хусусиятҳо ва омилҳои ҷиноякторияи занон бо такя ба усулҳои криминалистӣ таҳлил ва ташаккули портрети шахсияти занон мебошад.

Калидвожаҳо: Шахсияти ҷинояткор, занон ва ҷиноякторияи занон, портрети криминалистии зан, таҳлил ва омӯзиш, омилҳои биологӣ ва психологӣ, криминалистика, психологияи ҷинояткор, таъқиби ҷиноят, модели шахсияти ҷинояткор, рафтори ҷинояткор.

КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ОСОБЕННОСТЕЙ ЛИЧНОСТИ ЖЕНЩИН-ПРЕСТУПНИЦ

Ашуралиева Моҳдона Дилшодовна,
Таджикский национальный, университет, юридический факультет, ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертное деятельности
Тел.: 001101449
Email. Boboshoev0809@icloud.com

Аннотация: Изучение личности преступников, особенно женщин, является важным направлением исследований в криминалистике, уделяющим особое внимание анализу их биологических, психологических, социальных и нравственных особенностей. Целью данной статьи является изучение особенностей и факторов женской преступности на основе криминалистических методов анализа и формирования портрета женской личности.

Ключевые слова: личность преступника, женщины и женская преступность, криминалистический портрет женщины, анализ и исследование, биологические и психологические факторы, криминалистика, криминальная психология, уголовное преследование, модель личности преступника, преступное поведение.

FORENSIC ANALYSIS OF THE PERSONALITY OF FEMALE CRIMINALS

Ashuralieva Mokhdona Dilshodovna
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of Criminalistics and Forensic Activity,
Tel.: 001101449
Email: boboshoev0809@icloud.com

Annotation: The study of the personality of criminals, especially women, is an important area of research in forensics, which pays special attention to the analysis of their biological, psychological, social and moral characteristics. The purpose of this article is to study the characteristics and factors of female crime based on forensic methods of analysis and formation of a portrait of women's personality. Keywords: Criminal personality, women and female crime, forensic portrait of women, analysis and study, biological and psychological factors, forensics, criminal psychology, criminal prosecution, criminal personality model, criminal behavior.

Барои таҳқиқи тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, маълумот дар бораи шахсияти ҷиноятсодиркарда аҳаммияти махсуси илмӣ-амалӣ дорад. Ин имкон медиҳад, ки робитаҳои қонунии байни хосиятҳои инфиродии ӯ ва амали содиршударо ошкор кунад. Ин робитаҳо дар гуногунии ақидаҳо, ки натиҷаи амали ғайриқонунӣ ва барои ҷамъият хавфнок мебошанд, ифода меёбанд. В.К. Гавло дуруст қайд мекунад, ки дар криминалистика "шахсият бояд ҳамчун объекти тавлидкунандаи пайҳо, манбаи маълумот дар бораи ҷиноят ва воситаи ошкор кардани он баррасӣ карда шавад"[578]. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар ин ҳолат ба фарқиятҳои байни шахсияти занон ва мардон, калонсолон ва ноболиғон ва ғайра диққат дода намешавад, яъне хусусиятҳои ҷинсӣ ва синну сол ба назар гирифта намешаванд. Омӯзиши криминалистии шахсияти ҷиноятқор, ба андешаи А.М. Кустов, “яке аз ҳолатҳои махсуси омӯзиши инсон ва ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ӯ" мебошад. Вай дар навбати худ қайд мекунад, ки “қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ истилоҳи “инсон”-ро истифода намебарад, балки танҳо бо истилоҳи “шахсият” амал мекунад." Ӯ махсус таъкид мекунад, ки ин истилоҳ бояд истифода шавад, аз ҷумла ба он "ҳам хосиятҳои инсон ҳамчун фард ва ҳам хосиятҳои хоси шахс”[579].

Яке аз соҳаҳои муҳимми таҳқиқоти криминалистии шахсияти ҷиноятқор, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи зиёдро ба худ ҷалб кардааст,

[578] Гавло В.К. Теоретические проблемы и практика применения методики расследования отдельных видов преступлений. – С. 197.
[2] Кустов А.М. Криминалистика и механизм преступления. – С. 111.

омӯзиши шахсияти занони ҷиноятқор мебошад. Аммо, таҳқиқоти илмии портрети криминалистии занон, ки ҷиноят содир мекунанд, то ҳол мавриди таваҷҷуҳи хосса карор нагирифтааст. Ин метавонад ба он марбут бошад, ки занон нисбатан камтар ҷиноятҳои силсилавӣ, махсусан ҷиноятҳои ҷинсӣ, содир мекунанд.

Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки амалҳои зӯроварии ҷинсӣ бештар бо қонуниятҳои психологии-психиатрӣ иртибот доранд. Зуроварии ҷинсӣ дар намуди садизми давомдор (силсилавӣ) аз рӯйи нақшаи психологӣ-психиатрӣ муайян карда мешавад (чунин садизм ҳамчун як шакли ғайримуқаррарӣ барои ҳаллу фасли низоъҳои гуногуни фардӣ ва байнишахсӣ, инчунин, бартараф намудани ноумедиҳои музмин, баланд бардоштани эътимод ба худ ва тасдиқи танумандии шахс интихоб карда мешавад).

Тавре ки маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ин гуна ҷиноятҳо (ба вижа кушторҳои ҷинсӣ) бештар аз ҷониби мардон содир мешаванд. Зуҳуроти садизм дар байни занон хеле кам ва ҳолатҳои куштори садистӣ ё некрофилия дар асл ангуштшумор ҳастанд. Бар асоси тадқиқоти В.Ф. Коржевская ва А.Л. Протопопов, занон дар аксар ҳолатҳо кушторро бо сабабҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ, на бо манфиатҳои шахсӣ ва молиявӣ, содир мекунанд. Бо вуҷуди ин, таъкид кардан ба маврид аст, ки дар чанд соли охир ангезаҳои ҷиноятҳои куштори занон бо хусусиятҳои хатарнокии бештар ва таъсири иҷтимоии зиёд рӯ ба инкишофёбӣ доранд[580].

Таҳлили вазъи кунунии ҷиноятқории занон нишон медиҳад, ки дар солҳои охир афзоиши назарраси ҷиноятқории занон ба мушоҳида мерасад. Ҷиноятқории занон, ки як қисми таркибии ҷиноятқории умумӣ ба шумор меравад, зери таъсири омилҳои умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ, ки ба раванди ҷиноятқорӣ таъсир мерасонанд, рушд мекунад. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки омӯзиш, пешгирӣ ва тафтиши ҷиноятҳое, ки аз ҷониби занон содир мешаванд, бояд як самти муҳим ва афзалиятнок дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳисобида шавад. Ин зарурати диққати вижа ба хатарҳои махсуси ҷамъиятии ин категорияи ҷиноятқориро нишон медиҳад, ки бо тағйироти иҷтимоии занон ва дуршавии онҳо аз нақши анъанавии биологӣ ва иҷтимоии худ махсусан нақши модар ва нигоҳубини оила алоқаманд аст. Иштироки занон дар ҷиноятқории муосир бо ҳамин ҷанбаи иҷтимоӣ ва эволютсионии маъруфи ҷиноятқории онҳо тавзеҳ ёфта, хосияти хатарноки онро муайян мекунад.[581]

Портрети криминалистии зане, ки ҷиноят содир мекунад, як таркиби муҳим барои муайян кардани хусусиятҳои шахсиятии зан-ҷиноятқор аст, ки бо роҳи таҳқиқи муносибатҳои мушаххаси криминалистии шахсияти ӯ ва механизми амалҳои ҷиноятқоронааш ба

---

580 Агеева Ю. Женская преступность: современное положение и причины // Российский следователь. - 2002. - №4. – С. 16; Шиян В.И. Предупреждение корыстных преступлений, совершаемых женщинами : монография /под ред. В.И. Филимонова. – М., 2006. – С.3.

581Смолина Т.А. Женская преступность, связанная с незаконным оборотом наркотических средств : автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Тюмень, 2005. – С. 3.

таври аниқ ва ҳамоҳанг ба назар мерасад. Портрети мазкур ҳамчун як модел барои ҷустуҷӯ ва таҳлил, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои амалии марбут ба таҳқиқоти ҷиноятӣ ва иҷрои амалҳои тафтишотӣ барои ба даст овардани маълумотҳои муфид дар бораи ҷиноятқорон ва омилҳои содир кардани ҷиноят истифода мешавад, амал мекунад.

Ба вазифаҳои аслии ташаккули чунин портрети криминалистӣ дохил мешаванд:

а) Ҷамъоварӣ, таҳлил ва ба низомдарории унсурҳои асосии шахсияти зани ҷиноятқор, ки бо аломатҳои муҳим ва шаклҳои механизми ҷиноят, ки ба амал овардани ҷиноят боиси содир кардани он мешаванд, муайян карда мешаванд. Ин унсурҳо барои ҷустуҷӯ ва боздошти ҷиноятқор муҳим мебошанд;

б) Пешгӯии рафтори ояндаи зан, ки ҷиноят содир мекунад, ба хотири таҳияи чорабиниҳои тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар амалҳои криминалистии муҳим. Ин чорабиниҳо ва комбинатсияҳои оперативӣ-тактикӣ бояд ба пешгирии ҷиноятҳои минбаъда ва кам кардани хатарҳои ҷиноятии имконпазир равона шаванд.

Дар асоси таснифоти ҷинояти занон, меъёрҳои гуногуни муайян баррасӣ карда мешаванд. Яке аз таснифкунандаҳои муҳим барои криминалистика ин механизми содиршавии ҷиноят аст. Истифодаи ин механизми таснифӣ имкон медиҳад, ки робитаи функсионалӣ байни шахсияти ҷиноятқор, мавзӯи ҷиноят, тарзи содир ва пайҳои ҷиноят барқарор шавад. Илова бар ин, ин таснифбандӣ ба муайян кардани аломати ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки намуди ҷинояти содиршуда аз ҷониби занонро фароҳам меорад, кӯмак мекунад. Бо ин роҳ, заминаи иттилоотӣ барои таҳияи усулҳои пурра ва таҳлили амиқи ҷустуҷӯии ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби занон ташкил дода мешавад.

Таснифи занони ҷиноятқорро аз рӯи механизм ва намуди ҷиноят ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

а) Заноне, ки ҷиноятҳои зӯроварӣ содир мекунанд;

б) Заноне, ки ҷиноятҳои худхоҳона содир мекунанд;

в) Заноне, ки ҷиноятҳои мансабӣ содир мекунанд;

г) Заноне, ки дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷиноят содир мекунанд.

Чунин таснифот имкон медиҳад, ки хусусиятҳои кирдори ҷиноятӣ ошкор ва исбот шаванд, зарари ҷиноятӣ муайян гардад ва дар натиҷа портрети криминалистии зане, ки на танҳо ҷиноятҳои як навъ, балки ҷиноятҳои категорияҳои гуногунро содир мекунад, ташаккул ёбад.

Истифодаи чунин гурӯҳбандӣ на танҳо ба таҳлили амиқи ҷиноятқорӣ кӯмак мекунад, балки имконияти таҳияи роҳҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятҳои минбаъда барои ҳар як гурӯҳи ҷиноятқорон фароҳам меорад.

Таҳияи портрети криминалистии занони ҷиноятқор барои таҳқиқи амиқ ва самараноки ҷиноятқории занон бо сабабҳои асосии зерин муҳим аст:

- Паҳншавии назарраси ҷиноятҳои занон: Яке аз сабабҳои муҳим, ки ба таҳияи портрети криминалистии занон, ки ҷиноят содир мекунанд, мепардозад ин афзоиши миқдори ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби занонро ташкил медиҳад. Ин муаммо дар ҷомеа таваҷҷӯҳ ва тадқиқоти махсусро талаб мекунад. Хатари махсуси ҷамъиятӣ, ки бо нақши анъанавии зан дар ҷомеа алоқаманд аст. Нақши анъанавии занон дар ҷомеа, пеш аз ҳама нақши модар, таъсири махсус ва хатарнок ба худи ҷиноят ва хатарҳо барои ҷомеа дорад. Таҳқиқи ин хатар дар контексти таҳияи портрети криминалистии занон дарк кардани таҳаввулот ва таъсироти иҷтимоии ҷиноятқории занон муҳим аст.

- Мавҷудияти хусусиятҳои психофизиологӣ ва психологӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни ҷиноятқории занон намоён мешаванд: Хусусиятҳои психофизиологӣ ва психологӣ, ки дар марҳилаҳои омодагӣ, содир ва пинҳон кардани ҷиноятҳо ва инчунин дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва судӣ мушоҳида мешаванд, низ дар таҳияи портрети криминалистии занон муҳим мебошанд. Масалан, хирадмандӣ, ихтироъкорӣ, майл ба дурӯғгӯӣ, мутобиқат ва дигар хислатҳо метавонанд дар рафтори ҷиноятқоронаи занон таъсир гузоранд.

А.С. Кривошеев пешниҳод мекунад, ки маълумоти шахсӣ дар бораи ҷиноятқорон ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим карда шавад:

- Сифатҳои биологии шахсияти ҷиноятқор: Темперамент, намуди системаи асаб, қобилияти табиӣ ва хусусиятҳои ҷисмонии шахсияти ҷиноятқор.

Сифатҳои иҷтимоии шахс: Мақоми иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ, манфиатҳо, хоҳишҳо ва самти шахсӣ, ки дар дарки рафтор ва қарорҳои тафтишотӣ аҳамияти калон доранд.

- Таҷрибаи инсон: Маҷмӯи дониш, малака, истеъдод, одатҳо ва қобилиятҳое, ки шахс дар ҷараёни ҳаёт касб кардааст ва барои таҳлили рафтори ҷиноятқорона муҳим мебошанд.

-Хусусиятҳои равандҳои алоҳидаи равонии шахс: Дарк, диққат, хотира, тафаккур, сухан, хаёлот, ҳиссиёт ва ирода, ки метавонанд дар марҳилаҳои гуногуни ҷиноятқории занон таъсир дошта бошанд[582]. Аз як тараф, П.П. Светков бар ин назар аст, ки таҳқиқи шахсияти ҷиноятқор бояд танҳо ду унсурро дар бар гирад:

Маълумоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки шомили маълумоти муқарраршуда, аломатҳои ҳуқуқии ҷиноятии айбдоршаванда, ҷаҳонбинӣ, рафтори ӯ ва хусусиятҳои психологӣ мебошад; маълумоти табиӣ-биологӣ, ки вобаста ба хосиятҳои биологӣ ва ҷисмонии шахс дар бораи ӯ мебошад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар ин вазъ чунин ба назар мерасад, ки муттаҳид кардани ҳамаи маълумоти дар бораи шахсияти ҷиноятқор ба ду категорияи аслӣ иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва табиӣ-биологӣ метавонад мушкилоти муайянкунӣ ва тақсими

[582] Белов В.Ф. Криминологические особенности преступности в отношении семьи и несовершеннолетних // Следователь.-2006.- №1.-С.23.

дуруст ва мантиқии меъёрҳои ҷудоиро ба вуҷуд оварад. Ин таснифоти якҷояи унсурҳои гуногун, ба монанди хусусиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва психологиро дар як категория гузоштан то ҷойе, ки эҳтимолан бо муаммо ва нофаҳмиҳои иловагӣ дар таҳқиқи шахсияти ҷиноятқор сурат мегирад. Ҳамин тариқ, ин ташаккулдиҳии зоҳиран соддакардашуда метавонад баъзе масъалаҳоро хеле мураккаб ва номаълум созад.

Аз тарафи дигар, И.А.Матусевич пешниҳод мекунад, ки таҳқиқи шахсияти ҷиноятқор бояд ҳамаи ҷузъҳои зеринро дар бар гирад:

1. Маълумоти фардӣ, ки шахсияти ҷиноятқорро муайян мекунад, аз ҷумла хусусиятҳои табиӣ-биологӣ;
2. Хусусияти ҷамъиятии айбдоршаванда, ки шомили мақом ва нақши иҷтимоии ӯ дар ҷомеа мебошад;
3. Равиш ва муносибати шахс ба ҷинояти содиршуда ва рафтори ӯ дар ҷараёни тафтишот, ки нишондиҳандаи тасмимҳо ва амалҳои ӯ дар марҳилаҳои мухталифи ҷиноятқории худ мебошад;
4. Хусусиятҳои психологии айбдоршаванда, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва психологиро ба таври амиқ таҳлил мекунад[583].

В. Н. Кудрявцев, Н. Н. Кондрашков, Н. С. Лейкина ва дигар муаллифон пешниҳод мекунанд, ки шахсияти ҷиноятқорро тавассути маҷмӯи аломатҳои зерин таҳлил намудан лозим аст:

1. Хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ҳуқуқии ҷиноятқор;
2. Зуҳроти иҷтимоии шахс дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ;
3. Сифатҳои ахлоқӣ, ки ташаккули дурусти маънавии шахсияти ӯро дар бар мегиранд;
4. Хусусиятҳои психологӣ ё психологияи шахсияти ҷиноятқор[584].

Илова бар ин, дар адабиёти криминалистӣ алгоритми таҳияи портрети психологии ҷиноятқор пешниҳод шудааст, ки се усули асосиро дар бар мегирад:

1. Усули таҷдиди механизми ҷиноятии криминалистӣ, ки муваффақ мешавад ба таҳқиқи амиқ ва таҷдиди рафтори ҷиноятқор дар марҳилаҳои гуногун;
2. Усули модели психологии рафтори ҷиноятқор, ки роҳнамоӣ мекунад барои шиносоии рафтори ҷиноятқор ва таҳлили амиқи ҳаракатҳои ӯ;
3. Усули тафсири психологии рафтори ҷиноятқор, ки ба шарҳу фаҳмидани амалҳои ҷиноятқор ва таҳқиқи таъсири психологӣ ба рафторҳои ӯ кӯмак мекунад.

---

583 Гавло В.К., Ким Д.В. Применение метода психологического портрета при расследовании преступлений // Проблемы уголовно-процессуального права / отв. ред. А.Н. Ахпанов. - Караганда, 2006. - Вып. 5. - С. 55.

7Протасевич А.А. Поисковый портрет преступника как интегративная система. С. 89.

Ба андешаи А. А. Протасевич, таҳияи модели шахсияти ҷиноятқори номаълум бо такя ба чаҳор синфи асосӣ бояд сурат гирад:

1. Модели хосиятҳои иҷтимоии шахсияти ҷиноятқор — таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятии шахсияти ҷиноятқор, ки нишон медиҳад, чӣ гуна рафторҳои ӯ дар муҳити иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ шакл мегиранд;

2. Модели хосиятҳои психологии шахсияти ҷиноятқор — таҳқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти ҷиноятқор, ки ба кӯшишҳои ӯ барои содир кардани ҷиноят ва рафтори минбаъдаи ӯ таъсир мерасонанд;

3. Модели хосиятҳои биологии шахсияти ҷиноятқор — омӯзиши аломатҳои биологӣ, аз қабили генетикӣ ва физиологӣ, ки метавонанд дар шаклгирии шахсияти ҷиноятқор ва мантиқии рафтори ҷиноятии ӯ нақш дошта бошанд;

4. Модели умумӣ, ки ҳамаи се синфи қаблӣ (иҷтимоӣ, психоологӣ ва биологӣ)ро ба якҷо меорад ва ташаккули шахсияти ҷиноятқорро ҳамчун як раванди мураккаб ва бисёрҷабҳа мебинад[585].

Бо таваҷҷуҳ ба муҳиммияти тактикии таҳқиқи занон, ки ҷиноят содир кардаанд, зарур аст, ки хусусиятҳои шахсияти онҳо аз назари криминалистикаи практикӣ ва методикаи муфассал таҳлил шаванд. Зеро ин хусусиятҳо барои иҷрои фаъолиятҳои ҷустуҷӯӣ, боздошт ва амалҳои тафтишотӣ, ба монанди пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва шиносоии ҷиноятқор, аҳамияти хоса доранд.

Бар асоси назарияи муаллифон, якчанд ҷузъи асосии шахсияти зане, ки ҷиноят содир кардааст, ҷудо кардан мумкин аст:

1. Хусусиятҳои биологӣ — аз қабили генетикӣ ва физиологӣ, ки метавонанд таъсир гузоранд ба хулосагирии шахсияти зан, инчунин дар ташаккули рафтори ҷиноятии ӯ нақши муҳим дошта бошанд;

2. Хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ — таҳлили маком, гурӯҳ ва вазъияти иҷтимоии зан, ки метавонад манбаъи таъсир ба қарорҳои ҷиноятқоронаи ӯ гардад;

3. Хусусиятҳои механизми ҷиноят — якчанд омилҳое, ки ба механизми рафтори ҷиноятқор, тарзи содир кардани ҷиноят ва шароити муташаккилшудаи он, вобаста ба одатҳо, ниёзҳо ва дигар хусусиятҳои шахсияти зан, таъсир мерасонанд;

4. Сифатҳои ахлоқӣ — таъсири рафтори ахлоқӣ ва маънавии зан, ки метавонад барои муайян кардани мантиқи амалҳои ҷиноятқоронаи ӯ, аниқ кардани муносиботи иҷтимоии ӯ ва сабабҳои равонӣ муфид бошад.

Омӯзиши шахсияти ҷиноятқор, хусусан занон, дар криминалистика ҳамчун як самти муҳим ва мураккаб ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи шахсияти зан, ки ҷиноят содир мекунад, на танҳо барои ҳалли масъалаҳои техникӣ ва амалии ҷустуҷӯ ва тафтишот муҳим аст, балки ба таҳлили иҷтимоӣ, психология ва биологии шахсияти ӯ низ вобаста аст.

---

[585]Гавло В.К. Теоретические проблемы и практика применения методики расследования отдельных видов преступлений. С. 197.

Ҳисоб кардани шахсияти занон дар раванди ҷиноятқорӣ бояд бо назардошти хосиятҳои биологӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва ахлоқии онҳо сурат гирад. Аз як тараф, хусусиятҳои биологӣ, аз қабили генетикӣ ва физиологӣ, метавонанд ба рафтори ҷиноятқорона таъсир расонанд. Аз тарафи дигар, амали зӯроварии садистӣ ва ҷиноятҳои ҷинсӣ дар занон камтар вомехӯранд, ки ин, бо назардошти муомилот ва равишҳои психо-математикӣ, як нишондиҳандаи муҳими таҳқиқи психологияи занони ҷиноятқор аст.

Муҳимияти таҳқиқи шахсияти занон дар маҷмӯъ дар таҳлил ва пешгӯии рафтори ҷиноятқорона, аниқ кардани сабабҳои эҳтимолии содир кардани ҷиноятҳо, омилҳои иҷтимоии марбут ба мақом ва шароити онҳо дар ҷомеа мебошад. Ба ин манзур, таҳлили шахсияти ҷиноятқорро метавон тавассути ташаккули як модели криминалистии мукаммал ва интегратсионӣ анҷом дод, ки хосиятҳои биологӣ, психологӣ ва иҷтимоии шахсияти занро муттаҳид созад.

Илова бар ин, таҳқиқи портрети криминалистии зане, ки ҷиноят содир мекунад, ба марҳилаҳои мукаммали фаъолияти тафтишотӣ, пурсиш, шиносоии ҷиноятқор ва амалҳои оперативӣ кӯмак мерасонад.

Адабиёт:

1. Агеева Ю. Женская преступность: современное положение и причины // Российский следователь. – 2002. - №4. – С. 16;
2. Белов В.Ф. Криминологические особенности преступности в отношении семьи и несовершеннолетних // Следователь.-2006.- №1. – С.23.
3. Гавло В.К. Теоретические проблемы и практика применения методики расследования отдельных видов преступлений. – С. 197.
4. Гавло В.К. Теоретические проблемы и практика применения методики расследования отдельных видов преступлений. – С. 197.
5. Гавло В.К., Ким Д.В. Применение метода психологического портрета при расследовании преступлений // Проблемы уголовно-процессуального права / отв. ред. А.Н. Ахпанов. – Караганда, 2006. - Вып. 5. – С. 55.
6. Кустов А.М. Криминалистика и механизм преступления. – С. 111.
7. Протасевич А.А. Поисковый портрет преступника как интегративная система. – С. 89.
8. Смолина Т.А. Женская преступность, связанная с незаконным оборотом наркотических средств : автореф. дис. ...канд. юрид. наук. - Тюмень, 2005. – С. 3.
9. Шиян В.И. Предупреждение корыстных преступлений, совершаемых женщинами : монография /под ред. В.И. Филимонова,- М., 2006. – С.3.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 25.02.2026
Аз тақриз баргашт: 20.03.2026
Ба чоп тавсия шуд: 27.03.2026

ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

Тақриз ба «Ёддоштҳо»-и олими варзидаи тоҷик, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Ятимов С.С. (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. Хуҷанд: «Ношир», 2025. – 672 с.)

Чанде пеш қисми якуми асари тозанашри донишманди тавонои тоҷик, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ятимов Саймумин Сатторович «Ёддоштҳо» дастрасамон гардид. Асари мазкурро бо камоли майл хондам. Бояд иқрор шавам ки аз сарфаи вақт дар ин бобат пушаймон нестам, зеро аз мутолиаи асар як ҷаҳон таассуроти амиқ бардоштам, лаззати маънавӣ бурдам, бо симову чеҳраҳои нав ошноӣ пайдо кардам ва дарки масъалаҳои зиёдеро барои худ кашф сохтам.

Чун қоида дар «Ёддоштҳо» ҳамчун жанри адабии насрӣ муаллиф оид ба саҳифаҳои хотирмону дурахшони зиндагиномаи худ, вазъи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии давраи муайя, рушду тараққиёт ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият дар марҳилаҳои муайян ҳикоят мекунад.

Қаблан дар бораи мазмуну моҳияти ин жанри адабӣ, яъне насри ёддошт тавассути мутолиаи «Ёддоштҳо»-и сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва «Достони зиндагӣ»-и донишманди мумтози тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойназар Асозода баҳравар шуда будем.

Назар ба андешаи олимону донишмандон «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ беҳтарин намунаи насри муосири тоҷик буда аз боби қафомондагии иқтисодӣ, аҳволи ногувори зиндагии халқ, тақдири фоҷеавии равшанфикрону бузургони аҳли адаб ва бедоршавии шуури омма дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ҳикоят мекунад.

Дар «Достони зиндагӣ», ки аз шаш ҷилд иборат аст, китоб аз боби фаъолияти илмиву омӯзгории профессор Худойназар Асозода дар

марҳилаҳои муайян дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар нақл карда, доир ба ҳаёти илмиву фарҳангӣ ва адабии эшон ба хонанда маводи зиёди арзишмандеро пешниҳод менамояд.

Мусаллам, ки ҳар як асар аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, фарогирии ҳодисаву воқеаҳо, тарзи нигориш ва сабку услуби баён ҷойгоҳи махсуси худро дошта, арзишманд ва беназиранд.

Аз ҳамин нигоҳ, ҷоиз ба таъкид аст, ки «Ёддоштҳо»-и донишманди шуҳратёр С. Ятимов аз лиҳози муҳтаво, моҳият, мазмун, соддагиву фаҳмо будани забон, сабку услуби навишт, баёни хронологии ҳодисаҳо, ҷаззобияту таъсирбахшии он аз беҳтарин асари насрии даврони Истиқлол ба ҳисоб рафта, дар қиёс бо дигар асарҳои насри адабии ёддошт камназир аст.

Муҳтавои асари мазкурро тавре ки худи муаллиф бамаврид таъкид мекунад, сахифаҳои рангини воқеияти зиндагӣ, масири пурпечутоби ҳаёт ва ёддоштҳои як фарди одӣ аз деҳаи дурдаст дар бораи падару модар, хоҳару бародар, деҳа, омӯзишгоҳи ҳамагонии меҳнати бачагӣ ва наврасӣ, мактаб, ёру дӯстон, донишгоҳ, аскарӣ ва хизмати хоксорона бо амри тақдир дар масъулиятҳои гуногун фаро мегирад.

Бо вуҷуди фарогирии масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ, бояд ёдрас шуд ки ҷавҳари асосии асарро дар умум мавзӯҳои тарбиявӣ, ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, илму маърифат, ҳикмату донишандӯзӣ, китобхонӣ, эҳтироми падару модар, арҷгузорӣ ба устод ва роҳбар, таъмини амнияти давлат, эҳтироми инсон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, садоқат ба Ватан ва роҳбари давлат, ҳифзи якпорчагии кишвар, муқовимат бо зуҳуроти номатлуб ва заҳмату меҳнати пайваставу хастанопазир ташкил медиҳанд.

Дар пайвандӣ ба ҳамин масъала дар қисмати муқаддимавии асар ишора мешавад, ки сарчашмаи тағйироти табиат, ҷамъият ва тафаккур талаботи одам тавассути маърифат ва иродаи ӯст. Аз ин рӯ, муаллиф мақсад аз иншои ёддоштҳоро ба наслҳои имрӯзу оянда расонидани ҳамин ҷараён бо умеди пешравӣ, осудагӣ ва озодагӣ мебинад.

Хотирнишон бояд сохт, ки асари мазкур ифодакунандаи танҳо зиндагинома, ҳаёту фаъолият ва корномаҳои як нависанда нест. Баракс, асар мазмуни фаротарро касб намуда, тавассути мутолиаи он хонанда на танҳо дар бораи худи муаллиф, балки дар бораи деҳа, маҳал, ноҳия, вилоят, наздикону пайвандон ва аҳли хонадон, ёру дустон, чеҳраҳои тобноки аҳли илму адаб, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва нишондиҳандаҳои рушду тараққиёти ҷумҳурӣ ва собиқ давлати абарқудрати Шуравӣ дар солҳои 60-ум ва 80-уми садсолаи гузашта маълумоти ҷолибро пайдо менамояд.

Дар қисми 1 - уми асар аз нигоҳи хронологӣ асосан воқеаву ҳодисаҳо ва паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи муаллиф аз замони таваллуд то замони бозгашт аз курсҳои олии мактаби Кумитаи давлатии бехатарӣ дар шаҳри Минск, яъне 1 январи соли 1981 инъикос шудаанд.

Асари мазкур аз 10 боб иборат мебошад. Ҳар як боб ҳамчунин аз зербоб ё ин ки сарлавҳаҳо иборат мебошанд, ки дар онҳо бобати таҳкими фикру андеша ва муъҷазу дилчасп гардонидани онҳо аз зарбулмасалу мақолаҳо ва эҷодиёти ҳамашумули классикони илм ва адабиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла тоҷик истифода шудаанд.

Бо вуҷуди гуногунрангӣ, сермаъно ва серпаҳлу будани мазмуни асар мо азм кардем то диду назари хешро оид ба баъзе аз масъалаҳое, ки барои рушду пешрафти давлатдории мо ва тарбияи ҷавонон дар шароити кунунӣ заруранд, баён намоем.

Омузишу таҳлили асар собит менамоянд, ки даврони кудакиву наврасии муаллиф ба мисли ҳазорон кудакону ҷавонони солҳои 60-ум ва 70-уми асри гузашта бо меҳнату заҳмат паси сар шудааст. Нависанда таъкид менамояд, ки давоми дувоздаҳ моҳ вақти хешро барабас масраф накарда, мо кудакон ҳамроҳи калонсолон ба кор фаро гирифта мешудем. Аз ҷумла, дар ин муддат ба кофтану тоза кардани ҷую заҳбурҳо, шудгори заминҳо, коштани тухми пахта, каланд кардан, об додани зироат, чиниши ҳосили пахта, баъдан ҷамъоварию бурдани гӯзапоя ба хона ва шудгори пешакии заминҳо ҷалб мешудем (саҳ. 249). Маҳз шуғлмандӣ ба меҳнат ва

дилбастагӣ ба кор минбаъд яке аз омил ва сабабҳои асосии ташаккули шахсияти минбаъдаи муаллифи асар мегардад.

Яке аз мавзуҳои меҳварии асарро масъалаи эҳтироми падару модар ташкил медиҳад. Оид ба саҳми боризи падари меҳрубон амаки Абдусаттор ва модари азиз холаи Зебуниссо дар тарбияи муаллиф дар асар маълумоти ҷолиби диққат пешниҳод шудаанд. Дар умум, нависанда эътироф менамояд, ки падару модар ҳамчун чароғи равшан, офтоби тобон ва шамъи фурӯзон ҳамеша дар равшан ва мунаввар сохтани роҳи минбаъдаи пешрафти ӯ хизматҳои мондагорро анҷом додаанд.

Дар робита ба ин масъала муаллиф бо ифтихор таъкид менамояд, ки: «Бузургтарин намунаи пайравӣ ва шахсияте, ки дар ташаккули ман ҳамчун инсон муассир буд, падарам ва муҳити оилавии мо буд» (саҳ. 57).

Ё ҷойи дигар ҳамчун нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба хизматҳои мондагор ва беназири онҳо дар тарбия ва рушуд камоли фарзанд чунин менигорад: «Волидайнам барои ман аввалин муаллимони зиндагӣ ҳастанд. Ман ҳама вақт ҳоло ҳам ниҳоят кӯшиш мекунам, ки ба онҳо монанд бошам» (саҳ. 86)

Муаллиф симо ва ё портрети падари худро дар асар чунин тавсиф менамояд: «Падарам марди қоматбаланд, газгӯшт, бо дасту панҷаи мустаҳкам, чашму абрусиёҳ, рӯйи гирд, бинии баланди теғадор, пешонивасеъ, манаҳи бидуни аломатҳои хос ва дар пойинтар аз рухсораи чапаш як холи ноаёни гӯштӣ, овози боқувват ва моил ба иродатмадию фармонфармоӣ дошт» (саҳ. 87).

Назар ба андешаи нависанда, беҳтарин хислати падар меҳнатқаринӣ, кордустӣ, мушкилнописандӣ, ростқавлӣ, адолатхоҳӣ, ҷавонмардӣ, ғаюриву далерӣ ва садоқати беандоза ба дӯстони покниҳод буд.

Ҳамзамон, муаллифи «Ёддоштҳо» бо ҳисси тафохур аз хизматҳои беназири модари азизу мушфиқу ғамхори худ ёддоварӣ намуда, нақши ин олиҳаи раҳму шафқат ва идомадиҳандаи ҳаётро дар рӯйи замин дар тарбияи маънавию ахлоқӣ ва рушду пешрафти хеш бисёр арзанда ва шоиста арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, дар асар ҳикоёти хело ҷолиберо

вомехӯрем, ки дар он хизматҳои шоёни модар нахуст дар масъалаи ҷустуҷӯву пайдо кардани киоби «Алифбо» аз даруни лингчаи пурчангу хок аз болои боми шиферпӯш, баъдан ба низом ва тартиб даровардани варақаҳои канда ва паҳну парешонгаштаи ин китоб, саҳифабандӣ кардани он, ва ниҳоят ба ҳайси аввалин муаллим ба муаллиф ёд додани хондану навиштанро аз рӯйи ҳамин китоб бо ифтихор тасвир шудаанд (сах. 47-52).

Мавзуи дигари марказии асарро масъалаи мактабу маориф, китобхониву илмомӯзӣ ташкил медиҳад. Мусаллам аст, ки дар рушду пешрафти давлат, таъмини зиндагии шоиста, ба камол расидани инсони комил ва тарбияи инсони дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ нақши илму маориф беназир аст.

Ба андешаи муҳаққиқ бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст.

Назар ба андешаи ӯ мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд. Бо он фахр доранд, ки чӣ қадар шогирд тарбия кардаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш будаанд. Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт аз мундариҷа, муҳтаво, сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст (саҳ. 161).

Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф аввалин муассисае, ки чашм кушода дидааст ва дар хотирааш якумра нақш бастааст, мактаб буд. Муҳимитарин муассиаи хотирмон, ҳаётбахш ва умеду орзуи худро мактаби деҳаи Ориён меҳисобад (саҳ. 41- 44).

Муаллиф вазъи онрӯзаи мактаби Ориёнро чунин тасвир мекунад: «Мактаби ибтидоӣ,, чорсола ва аз ҳашт синфхона иборат буд. Албатта, деворҳои он аз лой бунёд гашта, фаршаш замини одӣ ва сақф, боми мактаб бо чӯбу хас пӯшонида шуда, аз болояш андова дошт» (саҳ. 42).

Гузашта аз он, назар ба гузориши муаллиф он солҳо дар деҳа ҳеҷ кас дар бораи барқ ва системаи ягонаи гармидиҳӣ андеша ва орзу ҳам

намекард. Ба деҳаи Ориён аввалин маротиба тобистони соли 1967, замоне, ки муаллифи асар дар синфи панҷум мехонд, барқ омад.

Вале бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта дарсҳо он замон дар сатҳи баланд мегузаштанд, муаллимон бо дарки масъулият вазифаи худро анҷом медоданд, хонандагон бо баҳои хубу аъло таҳсил мекарданд, беҳтарин шогирдон ва кадрҳо омода мегардиданд ва муҳимтар аз ҳама мактаб маркази асосии амалӣ намудани тарзи ҳаёти солим ва дунявӣ маҳсуб мегашт.

Дар чунин шароит ҳам, ин мактаби аз обу гил сохташуда на танҳо маркази таълиму тарбия, балки меҳвари аслии ташвиқу тарғиби сохти давлатдорӣ, маркази маорифу маданият, тарзи ҳаёти нав ва гарави пешравии ҷомеа эътироф мегардид (саҳ. 44).

Аз ин рӯ, насли имрӯз ва ҷавонони саодатманди кишвар бояд аз он шоду сарфароз ва шукргузору ифтихорманд бошанд, ки маҳз бо шарофати касби Истиқлоли давлатӣ, аз баракати ваҳдати миллӣ дар заминаи сиёсати созанда ва бобарори маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо дар кишвар беҳтарин шароити таҳсилу илмандузӣ фароҳам оварда шудаанд. Ҳамасола дар тамоми ҳудуди мамлакат муассисаҳои нави таълимӣ муҷаҳҳаз бо тамоми шароити зарурӣ, технологияи иттилоотиву иртиботӣ ва айёният сохта ба истифода дода мешаванд. Ҷавонони муҳтарами мо бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз ёфта, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Нависандаи асар чунин хулосабарорӣ мекунад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ, офарандаи фазо ва амаликунандаи мақсадноки тарбия аст. Бинои ҳозиразамони мактаб, васоити техникӣ, синфҳои компютерӣ, майдончаҳои барҳавои варзишӣ гарчанде муҳимманд, аммо нақши марказонидашудаи муаллим - меҳвари

муайянкунандаи ҷарёни маърифаткунони бунёдии ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ мемонад (саҳ. 162).

Дар ҳамин замина, муаллиф барои исбот дар асар аз хизматҳои як қатор муаллимони шуҳратёру хизматнишондодаи мактаби миёнаи деҳа, ба монанди муаллими аввалини хеш, мудири мактаб Ғоибназар Забиров, муаллими фанни таърих ва ҷуғрофия Усмон Раҳимов, муаллими фанни забони тоҷикӣ Амонулло Саидов, муаллими фанни адабиёт Саид Шарифов замони таҳсили худ бо камоли ифтихор ёддовар шуда, саҳми онҳоро дар таълиму тарбияи шогирдон баланд арзёбӣ мекунад (саҳ. 157-225).

Масъалаи дигари муҳиме, ки дар асар зиёд ва ҷиддӣ ба мушоҳида мерасад, ин масъалаи рӯй овардани ҷавонон, донишҷуён, хонандагон ва тамоми қишрҳои ҷомеа ба китобу китобхонӣ аст. Дар замони муосир мусаллаҳ будан ба иттилоот, илму маърифат ва донишҳои фаррох кафолати таъмини пешравии давлат ва ҳифзи манфитаҳои миллӣ маҳсуб меёбад.

Зеро бузургони мо беҳуда нагуфтаан: «Тавоно бувад, ҳарки доно бувад». Ё ин ки ба андешаи шоири шаҳир:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,

В-аз ҳама бад бар тани ту ҷашан аст.

Дар пайвандӣ ба масъалаи мавзуи мавриди назар муҳаққиқ чунин менависад: «Маро як умр, ҳама вақт, дар ҳама ҷо – дар хона, дар роҳ, дар сафар, дар дохил ва хориҷи кишвар, зиёдтар аз пойбанди эҳсоси гушнагӣ, ташнагӣ, завқ, шавқ, тамоюл ба ниёз мисли зарурати кашидани нафас, сарфи лаҳзаи муҳимми зиндагӣ, дидори дӯсти азизе, ки муошират бо онаш эҳсоси хастагӣ наорад ва орзуи озодӣ аз банди муҳосирааш ба хотир наояд, хондани китоб буд» (саҳ.46).

Вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф аз замони донишҷуйии хеш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ ёддовар шуда, таъкид менамояд, ки солҳои ҳафтодуми садсолаи гузашта беҳтарин давраи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ ва фарҳангии мамлакат буд. Истилоҳоти «китоб», «донишҷӯ», «аспирант», «докторант», «тадқиқоти

илмӣ», «кашфиёти илмӣ-техникӣ», «баландшавии некуаҳволии мардум» вирди забони ҳокимони давр ва худи мардум буданд (саҳ. 375-376).

Муаллиф ба он назар аст, ки беҳтарин сифати замон – парастиши китоб ва манзалати маориф буд. Сифати давлату давлатдорӣ, инсон ва ҷомеа аз муносибат онон ба китоб ва илму маърифат муайян мешавад.

Мавриди зикри хос аст, ки муаллиф масъалаи ҷойгоҳ ва нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва саҳми олимону омӯзгорони донишманду масъулиятшиноси ин боргоҳи илму маърифатро дар таълиму тарбия ва ба камол расидани хеш ба ҳайси як мутахассиси соҳибкасб дар асар махсус таъкид менамояд.

Ӯ аз таҳсил дар ин муассисаи таълимии кишвар бо вуҷуди дурдаст, музофотӣ ва боиси муқоисаву баробарвазн набуданаш бо дигар донишгоҳҳо он замон изҳори қаноатмандӣ ва ризоият менамояд (саҳ. 376).

Муҳаққиқи соҳибназар менависад, ки солҳои таҳсили онҳо донишгоҳ ҳатто як доктори илм ва ё профессор низ надошт. Аксарияти омӯзгорон дорои дараҷаи номзади илм, омӯзгорон ва муаллимони калон буданд. Вале дар ҷодаи соҳибкасб гардидани донишҷуён тамоми омӯзгорон сидқан бо дарки масъулияти баланд заҳмат мекашиданд. Онҳо бо донишҳои воқеан илмӣ, касбияти баланди омӯзгорӣ, интихоби дурусти роҳ, усул ва методикаи таълим, рафтори намунавӣ ва ибратбахш талаботи бузурги сохтани мутахассисро барои илму маорифи мамлакат таъмин мекарданд (саҳ. 376- 377).

Дар асар муаллиф аз хизматҳои беназир, талошҳои хастанопазир, масъулият ва донишу ҷаҳонбинии васеи як зумра устодони донишгоҳ, ба монанди декани факултет Қодир Рустамов, муаллими фанни «Муқаддимаи забоншиносӣ» Иззатулло Тамлихоев, муаллими фанни методикаи таълими забони модарӣ Қаюм Сангов, муаллими фанни грамматикаи забони тоҷикӣ ва грамматикаи забони русӣ Рустам Ҷураев ва муаллими фанни адабиёти тоҷик Ёралӣ Содиқов ёддоварӣ намуда, ба онҳо ташаккур изҳор менамояд. Мавсуф устодони болозикрро ҳамчун олимони дорои донишҳои бунёдии тахассусӣ, масъулиятнок, сахтгир, серталаб, принсипнок, ба навъи

аҳсан бархӯрдор будан аз мазмуну моҳияти фан ва сарчашмаҳои илмӣ, инчунин ҳамчун шахсиятҳои муътабар эҳтиром ва эътироф менамояд.

Шоистаи таъкид аст, ки аз рӯзҳои аввали касби Истиқлолияти давлатӣ масъалаи дастгирӣ ва таъмини пешрафти соҳаи маориф ва илм, дастгирии олимону омӯзгорон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, ба таври пайваста доир шудани мулоқоту вохӯрии Пешвои муаззами миллат бо аҳли зиё ва илму маорифи кишвар, фароҳам овардани беҳтарин шароити кору фаъолият, сол аз сол боло бурдани музди маоши омӯзгорону кормандони соҳаи илму маориф, андешидани чораҳо ҷиҳати тақвияти мақом ва манзалати омӯзгор, таъсиси ҷоизаҳои муайян дар соҳаи илму техника барои олимони ҷавон шаҳодати равшани эътирофи олимону донишмандон ва зиёиён ҳамчун захираи бузурги зеҳнии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати мамлакат ва Сарвари давлат дар ин соҳа, мо олимону омӯзгорон ва донишмандону муҳаққиқонро зарур аст, ки бо пуштибонӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани сифати таълим, тарбияи мутахассиони асил ва анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ софдилона ва содиқона хизмат менамоянд.

Эътироф бояд кард, ки дар асар аз ҷониби муаллиф бо мақсади бештар гардонидани ҷаззобият ва шукӯҳу шаҳомати асар барои хонанда зимни ифшои ҳолат, сабаб, ҳодисаву воқеаҳо ва муаррифию шиносоии чеҳраҳои алоҳида жанрҳои гуногуни насри адабӣ ва бо касбият ва сатҳу сифати баланд истифода шудаанд. Ҳамзамон истифодаи маълумотҳои мӯътамад ва мушаххас бо зикри дақиқи рӯз, моҳ ва сол аз саҳифаҳои гуногуни фаъолияти муаллиф дар асар аз хотираи қавӣ ва қобилияти фавқуллодаи ташкилотчигиву ҳуҷҷатнигории ӯ шаҳодат медиҳад. Пеши назари мо симои нависандаи таҷрибадор ва нафари аз нозукиҳову касбияти баланд бархӯрдор ҷилвагар мешавад.

Масалан симои декани факултет Қодир Рустамовро муаллиф чунин тасвир мекунад: «Ӯ як марди қоматбаланди қоқина бо чашмони туркӣ-тоҷикӣ, нигоҳи ҷиддӣ ва умқӣ, бинии теғадор, абрувони тунук ва муйи сиёҳи қисмати пеши сараш то ҳадди чашмрас камшуда, шонаҳои андак барҷаста ва қомати моил ба хамидан дошт. Рӯяш бо мурури замон ва мувофиқи синну солаш ожангдор. Бо шиму костюми сиёҳи хокистарӣ, куртаи сафеди тозаи обшуста ва бодиққат дарзмолгардида, кафши сиёҳи поккарда» (саҳифаи 365). Бо ҳамин монанд дар дохили асар мисолҳои зиёдеро вохӯрдан мумкин аст, ки ба тавсифу муаррифии портрет ва шахсиятҳои алоҳида бахшида шудаанд. Чунин тарзи нигориши масъала ва корбурди бамаврид ва васеи жанрҳо на дар ҳама асарҳои насрӣ ба мушоҳида мерасанд.

Ҳамин тариқ, пас аз мутолиаи асари мазкур метавон чунин хулосабарорӣ кард: 1) он яке аз беҳтарин асари насрии даврони Истиқлол дар жанри ёддошт маҳсуб меёбад; 2) Ёддоштҳо аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва ба таври фарогир огоҳ будан аз нозукиҳо ва қонунмандиҳои эҷоди асари насрӣ иншо шудааст; 3) асар ҷанбаи баланди ахлоқӣ ва тарбиявӣ дошта дар рӯҳияи давлатмеҳварӣ ва ҳифзи арзишҳои Истиқлоли давлатӣ эҷод шудааст; 4) он ҳамчун роҳнамо барои ҷавонон ва насли имрӯзу оянда дар самти аз худ кардани илму маърифат ва донишҳои замонавӣ хизмат менамояд; 5) асоси пешрафт ва расидан ба саодату хушбахтиро барои инсон муаллиф танҳо дар меҳнати пайваста, заҳмат, хондани китоб ва бархурдор будан аз илму маърифат медонад; 6) Ёддоштҳо барои мутолиаи қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла наврасону ҷавонон тавсия дода мешавад; 7) бо вуҷуди анҷом додани рисолати баланд дар умури идории давлат пешбурди фаъолияти илмиву эҷодӣ аз ҷониби муаллиф шоистаи таҳсин ва қобили пайравист; 8) мутолиаи он ба иштирокчиёни Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар номинатсияи асарҳои насри муосир тавсия дода мешавад.

Дар фарҷом мехоҳам барои хонанда таъкид намоям, ки маҳз дар натиҷаи заҳмату талоши пайваста, меҳнати фидокорона, хизматҳои ҷавонмардона, бо шарофати сифатҳои наҷиб, амалҳои пазируфта, ҳисси баланди масъулиятшиносиву меҳанпарастӣ, садоқат ба арзишҳои Истиқлоли давлатӣ ва ҳамчун дастпарвари мактаби давлатдории Пешвои миллат муаллифи асари мазкур ҳамчун зода ва парваридаи як деҳаи дурдасти кишвар то ба сатҳи ходими намоёни сиёсиву ҷамъиятӣ, олими маъруф, роҳбари оқилу дурандеш, сиёсатмадор ва дипломати барҷаста, ҳуқуқшиноси шоиста, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба воя расида, миёни аҳли ҷомеа ва доираҳои сиёсиву илмӣ маҳбубияту эҳтироми хосро бархӯрдор шудаанд.

Мо шарафмандем, ки Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар масири солҳои Истиқлоли давлатӣ дар заминаи сиёсати бобарор ва ҳадафмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини амният, ҳифзи оромӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, сарҳадот, тартиботи дохилӣ ва мубориза ба таҳдиду хатарҳои фаромиллӣ хизматҳои арзанда ва назаррасро анҷом дода истодааст.

Аминем, ки дар муҳлатҳои кутоҳтарин қисматҳои дигари асари мазкурро дастрас намуда, бо шавқи баланд онро мутолиа мекунем ва олами маънавии хешро ғанӣ мегардонем.

Дар фарҷом бо камоли эҳтиром ба муаллиф тандурустиву саодати рӯзгор, илҳоми баланди илмию эҷодӣ ва дар амри иҷрои масъулияти баланди давлатӣ барори кор ва комёбиҳои беназирро орзу дорам.

Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва
назорати прокурории факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т.

НОВЫЕ ПОДХОДЫ К ИЗУЧЕНИЮ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОГО РЕЖИМА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ И ОХРАНЫ НЕМАТЕРИАЛЬНЫХ БЛАГ

(Рецензия на монографию Яценко Т.С. Гражданско-правовой режим использования и охраны нематериальных благ. Москва: Статут, 2025.)

